# ВАҚТЕ КИ ИМОН МАНЪ ШУДААСТ

## 40 РӮЗ БО МАСЕҲИЁНИ ТАЪҚИБШУДА

Тодд Неттлтон

# Шарҳи китоб *«Вақте ки имон манъ шудааст»*

«Дар давоми ду соли дар Туркия зиндонӣ буданам, ман аз ҳаёти масеҳиёне он қувват мегирифтам, ки ба таъқиботҳо тоб оварда, ба Масеҳ вафодорона хизмат мекарданд. Рӯйхати нафароне, ки барои имон доштан ба Исои Масеҳ азоб кашидаанд, дароз аст. Баъзеҳо аз дигарон дида бисёртар мубориза бурдаанд, — албатта ман ҳам мубориза бурдам албатта — лекин аз ҳама муҳимаш истодагарӣ кардан аст. Ба ин монанд ҳикояҳое, ки Тодд дар ин китоб ҷамъ овардааст, барои тайёр кардани мо ба даъвати нав арзиши зиёд доранд. Агар мо низ даъват шуда бошем, ки номамон дар ин рӯйхати дароз навишта шавад, ин ҳикояҳо ба мо ёрӣ медиҳанд. Ва ман боварӣ дорам, ки тайёрӣ дидани мо бисёр муҳим аст».

**ШУБОН ЭНДРЮ БРАНСОН** | Собиқ зиндонӣ барои Масеҳ дар Туркия

«Ман бо як шавқи деринтизор китоби «*Вақте, ки имон манъ шудааст*»-ро хондам. Ва он маро ноумед накард. Китоб хонандаро аз тамошобине, ки дур аз имондорони таъқибшуда бароҳат зиндагӣ мекунад, ба иштирокчии ранҷу азобҳои онҳо табдил медиҳад ва моро аз дилсӯзӣ ба онҳое, ки барои имонашон азоб мекашанд, ба ҳамкории фаъол ва ҳақиқӣ бо онҳо мебарад. Тодд хонандаро ба воситаи равшанӣ андохтан ба ҳаёти имондороне, ки таъқибот барояшон як ҳодисаи муқаррарии ҳаррӯза аст, ба ҳикояи худ даъват мекунад. Дуоҳои навишташудааш, ки бо ҳикояҳои шахсиятҳои алоҳида алоқамананд, барои мулоҳизаронӣ ва рушди рӯҳонӣ имконият фароҳам меоранд. Қайд намуда пешниҳод карда мешавад, ки хонанда андешаҳои шахсии худро нависад. Ҳикояҳо дар бораи имондорони таъқибшуда ба мо имкон медиҳанд ба ҳаёти боимонашон назар кунем, ки дар он шаҳодат ва таъқибот дугониканд. Ман дуо мекунам, ки хонандагон ин китобро барои беҳтар кардани хидмати худ ба Худованд истифода баранд. «*Вақте, ки имон манъ шудааст*» ин тӯҳфаи фиристодаи Худо ба оилаҳоест, ки барои ибодати оилавашон ягон мавод меҷӯянд».

**НИК РИПКЕН** | Собиқадори миссия бо 35 соли таҷрибаи корӣ; муаллифи китоби *Девонагии Худо*

«Вақте ки мо масеҳиён дар Ғарб «Ман қарор додам, ки пайрави Исо шавам» месароем, мо на ҳама вақт дарк мекунем, ки ин гуна садоқат аз мо чиро талаб карда метавонад. Лекин бисёр пайравони Масеҳ дар тамоми ҷаҳон барои ин қарор шуда ҳаёташонро аз даст медиҳанд. Мо бояд ҳатман қиссаҳои калисои таъқибшударо шунавем. Он ба мо имтиёзи дуо карданро, барои бародарону хоҳаронро медиҳад ва тортанакҳои серталабӣ ва хоболудиро аз калисои Ғарб рӯфта мебарад. Шиносномаи худро гиред, тасмаи бехатариро бандед ва ҳамроҳи Тод ба сафар бароед, то ки дар бораи пайрави асили Масеҳ будан тасаввуроти умумиҷаҳонӣ пайдо кунед. Он гоҳ имони шумо бетағйир нахоҳад монд».

**ҶАНЕТ ПАРШАЛ** | Муаллиф ва барандаи минбари гуфту шунид

«Ҳамчун роҳбар дар Осиёи Миёна буда, ман шахсан дидам, ки чӣ тавр Тод ҳикояи таъқиботро гирифта, барои доираи васеи хонандагон мутобиқ мегардонад, то ки онҳо фаҳманду шавқ пайдо кунанд. Ман шахсан худам ӯро зиёда аз даҳ сол

мешиносам ва ӯ солҳо боз ҳикояҳои моро сабт мекунад ва ҳатто якчандтоашро дар китоби зебои худ дарҷ кардааст. Ҳар бор ки ҳикояҳои Тодро мехонам илҳом мегирам ва бори дигар дар ман оташи азоб кашидан бо ҳамроҳи масеҳиёни таъқибшуда авҷ мегирад. Ман миннатдорам, ки ӯ ҳаёти худро барои сабт кардани чунин ҳикояҳо бахшидааст, чунки онҳо на танҳо ба шумо таъсир мерасонанд, ҳамчунин мегузоранд, ки Рӯҳулқудс дар ҳаёти шумо кори наверо оғоз намояд. Чӣ гуна имони худро дар дунёи хоболуди бароҳат фаъол кардан мункин аст? Чӣ гуна рӯҳи бепарвогиро ғалаба кардан мумкин аст? Бовар дорам, ки китоби ӯ ба шумо умед мебахшад ва дар шумо оташеро бармеангезад, ки даъвати худро иҷро кунед».

**РОҲБАРИ БЕНОМИ КАЛИСО ДАР ШАРҚИ НАЗДИК**

«Китоби охирини Тод «*Вақте ки имон манъ шудааст*» дар ҳақиқат илҳомбахш аст ва дунёи хонандаро таккон медиҳад. Тақрибан ду даҳсола дар байни ҷисми таъқибшудаи Масеҳ хизмат карда, Тодд дар байни ин одамон ва баъзан ба воситаи онҳо зиндагӣ мекард. Ҳикояҳои навиштаи ӯ танҳо шаҳодат нестанд, онҳо нишон медиҳанд, ки Худо ба имондорони таъқибшудааш, ки аз сабаби ба ин ҷаҳон мувофиқат накарданашон азоб мекашанд. Он ҳаёт, табассум ва шодмонӣ мебахшад. Ҳар як масеҳие, ки мехоҳад дар Исои Масеҳ ҳаёти худотарсӣ дошта бошад, бояд ин китобро бихонад».

**БОБ ФУ** | Муассис ва президенти миссияи «Ассотсиатсияи кӯмак ба Хитой» ва собиқ маҳбус барои Масеҳ

«Ман Тоддро чандин сол боз мешиносам ва ӯ қобилияти хеле хуби ҳикоянақлкунӣ дорад. Ва кадом қиссаҳо беҳтар аз шаҳодатҳо дар бораи муқаддасони зафармандии замони мо буда метавонад? Ба шарофати Тодд ин «достонҳои ғалаба» номаълум намонданд. Онҳо оличанобанд ва маро ба ДУО кардан водор мекунанд!»

**ГРАСИА БЕРНХЭМ** | Миссионерзан ва ҳамкори миссияи Ethnos360, муаллифи китоби «*Дар ҳузури душманонам*»

«Ҳангоми хондани «*Вақте ки имон манъ шудааст*», ман ҳис мекардам, ки дар замини муқаддас қадам мезанам. Ҳикояҳо дар ин китоби ҷолиб шуморо ба муҳити баъзе аз кишварҳои хатарноктарини ҷаҳон барои масеҳиён мебаранд. Аммо ғолибоне, ки Тодд Нетлтон дар бораашон менависад, дар таъқибот на танҳо зинда мемонанд, балки дар он рушд мекунанд. Масеҳ дар онҳо чунон ташаккул ёфтааст, ки онҳо як қувваи боздоштнашаванда барои Подшоҳии Худо гаштаанд. Ташаккур ба шумо Тодд, ки моро ба ин сафари ҳаяҷонбахши чиҳилрӯза бурдед! Ман ин китобро дӯст медорам ва хондани онро ба дигарон ҳатман тавсия медиҳам. Ман аз вохӯрдан бо ин бародарону хоҳарон, ки омодаанд барои Исо азоб кашанд ва ҳатто ҷони худро фидо кунанд, илҳом гирифтам. Наҷотдиҳандаи мо аҷиб аст ва айнан ин муқаддасон низ, ки ба ҳар нархҳо нигоҳ накарда, Ӯро пайравӣ мекунанд!»

**ТОМ ДОЙЛ** | Директори генералии Uncharted Ministries ва бо Ҷоан Дойл ҳаммуаллифи «*Занҳое, ки таваккал мекунанд: Агентҳои махфии Исо дар олами мусулмонӣ*»

«Ман боварӣ дорам, ки маҳз Худованд ба Тодд барои навиштани ин китоб имконияти беназир ва супориш додааст. Китоби Муқаддас моро огоҳ мекунад, ки бо

наздик шудани замони охир таъқибот ҳатто дар кишварҳои ғарбӣ низ ба монанди ИМА афзоиш хоҳад ёфт. Аслан, он аллакай оғоз шудааст. Аз ин рӯ, барои мо, ки дар Ғарб зиндагӣ мекунем, ҳикояҳои ин китоб на танҳо имони моро барои наздиктар бо Худованд роҳ рафтан мустаҳкам мегардонад, балки ҳамчун намуна низ хизмат мекунанд, то донем, ки ҳангоми таъқиботе, ки имрӯз (2 Тим. 3:12) ё фардо (Матто 24:9) бо он дучор мешавем чӣ гуна рафтор кунем».

**ГОРМОЗ ШАРИАТ** | IranAlive.org

«Пайваст кардани нуқтаҳо байни рӯйдодҳои ҷорӣ, одамони беному бечеҳра ва дили шумо метавонад душвор бошад. Шаҳодатҳои калисои таъқибшударо шунида, дилсӯзӣ ба онҳо пайдо кунем ҳам, онҳо ба мо наздик намешаванд. Мо ҳангоми ибодат аксар вақт суруди «дили маро аз муҳаббат пур намо» месароем, аммо оё мо дарк мекунем, ки ин чӣ маъно дорад? Мутолиаи «Вақте ки имон манъ шудааст» шуморо ба сафаре бурда, ёрӣ мерасонад ин корро кунед. Шаҳодатҳои дар ин ҷо навишташуда ба мо онро ёдрас мекунанд, ки Худо кист ва дар байни бесарусомониҳои ин ҷаҳон, Ӯ чи тавр амал карда истодааст; онҳо ба мо ёдрас мекунанд, ки Бадани Масеҳ дар кадом ҳолат қарор дорад ва мӯҳри ангуштонеро, ки Худо дар ҳаётамон гузоштааст, нишон медиҳад. Аз ин шаҳодатҳо рӯҳбаландӣ гиред, зеро онҳо нишон медиҳанд, ки шамол ба ҳамаи гӯшаву канори ҷаҳон тағиротҳо оварда истодааст. Шуморо на танҳо ин ҳикояҳо, ва мулоҳизаҳои Тодд Неттлтон балки қайдҳои шахсии худатон ба дуо кардан водор месозанд. Ин лоиҳаро «Даъвати имон» номидан мумкин аст. Фикр намекунам, ки аз хондани ин китоб шумо мисли одаме, ки пештар будед ҳамон тавр мемонд, агар самимона дар давоми чил рӯз бо дуо дар сафар иштирок кунед».

**РУТ КРАМЕР** | Продюсер ва барандаи «Mission Network News»

«Барои Масеҳ, барои фиристодагон, барои калисои зафарманд ва сукут, барои калисои мубориз ва миссионер инчунин барои бародарону хоҳарони мо дар тамоми ҷаҳон... ҳамавақт пеш аз ҷалол азоб меояд. Масеҳияти бесалиб ва бедарду беазоберо, ки Ғарб сесад соли охир таҷриба мекунад — гумроҳии тулёфтаест, ки ба наздикӣ ба поён мерасад. Китоби «*Вақте ки имон манъ шудааст*» ба мо масеҳияти солим ва он чи, ки ҳамаи моро дар оянда пеш аз омадани Худовандамон Исо интизор аст, хотиррасон мекунад».

**ДИК БРОГДЕН** | Ҳаммуассиси ҳаракати Live Dead, Ҷидда, Арабистони Саудӣ

«Мо бо ҳамаи оилаамон зуд-зуд масеҳиёни таъқибшударо дар дуоҳоямон ба ёд оварда, ҳақиқати Китоби Муқаддасро мефаҳмем, ки агар як узви бадан азоб кашад, мо низ даъват шудаем, ки бо онҳо азоб кашем. Акнун, ба шарофати ин китоб мо имконияти беҳамтои бо онҳо вохӯрданро дорем. Ҳамроҳи Тодд ба Хитой, Шарқи Наздик, Африқо ва дигар ҷойҳо сафар карда, ҳамроҳи масеҳиёне, ки бо шодмонӣ ҳама чизро барои пайрави Масеҳ шудан қурбон кардаанд, сари як пиёла чой барои суҳбат нишинед. Воқеаҳои имони онҳо, ба имони шахсиатон даъват мепартоянд. Ин сафари чилрӯзаро анҷом диҳед, то ки, бо дигар аъзоёни оилаи рӯҳониамон шинос шуда, аз онҳо рӯҳбаланд гардем».

**БЕНҶАМИН ВАТСОН** | Муаллиф, фаъоли ҷомеа, собиқ узви «NFL»

# ВАҚТЕ КИ ИМОН МАНЪ ШУДААСТ

## 40 РӮЗ БО МАСЕҲИЁНИ ТАЪҚИБШУДА

Тодд Неттлтон

Originally published in English under the title
*When Faith is Forbidden* by Voice of the Martyrs with Tod Nettleton
Copyright © 2021 by Voice of the Martyrs, Inc.

© 2022 by Voice of the Martyrs, Inc. for the Tajik edition.
Translated by permission. All rights reserved.
ISBN: 978-617-503-251-0

eBooks for download:
*https://www.vom-ru.org*

© 2021 Садои Уқубаткашон
Ҳамаи ҳуқуқҳои муаллиф ҳимоя шудааст. Истифода ва афзун кардани маводҳои нашр-шуда бе иҷозатномаи хаттии нашриёт манъ аст, ба ғайр аз порчаҳои кӯтоҳ дар ҳолатҳои зарури ва нақли мухтасари мақолаҳо.

Суратҳо: ҳуқуқи муаллифӣ © 2011 FreeTransform/iStock (115905400)
© 2016 by gurkoao/iStock (504182338)
© 2019 by Fourleaflover/iStock (1165723077)
© 2019 LifeofRileyDesign/iStock (1185821355)
© 2012 crossbrain66/iStock (171580669)
© 2016 lukbar/iStock (599273638)
Ҳамаи ҳуқуқҳо ба суратҳо маҳфуз шудаанд.
Муаллифи сурат: Кори Лак

Матни ин китоб аз аслиаш мутобиқ шудааст, аслан нашр шудааст бо «Садои уқубаткашон» дар бюллетени моҳонаи ба забони англисӣ ва дар сайти ташкилот.
Ҳамаи рӯйдодҳо, ки дар китоб тавсиф шудаанд, боэътимод мебошанд, лекин баъзе номҳои муайянкунандаи қаҳрамонон тафсилот тағйир шудаанд бо мақсади бехатарӣ.

Иқтибоси Китоби Муқаддас аз тарҷумаи Синодалӣ оварда шудаанд.

Китоб барои фуруш муқаррар нашудааст. Дар ҳолати фуруш илтимос хабар расонед ба суроғаи дар поён зикршуда.

«Садои уқубаткашон» як созмони ғайритиҷоратӣ ва миссионерии байнимазҳабист, ки ба масеҳиёни таъқибшуда дар саросари ҷаҳон кӯмаки амалӣ ва рӯҳонӣ пешкаш мекунад. Дар соли 1967 таъсис ёфта, «Садои уқубаткашон» ба илҳом бахшидани имондорон ба ӯҳдадории амиқтар ба Масеҳ ва иҷрои супориши бузурги Ӯ, новобаста аз арзиши он, бахшида шудааст.

Ба вебсайти мо ба забони русӣ дароед — *www.vom-ru.org*

Бахшида шудааст ба Шарлотта:
Ҳар як ҳикоя дар ин варақҳо, ҳар як сафар ба Бангалур, Пекин ё Боку маънои онро дошт, ки ту дар он рӯзҳо модари танҳо будӣ ва шабҳоро дар танҳоӣ мегузарондӣ. Бо вуҷуди ин, ҳамеша ту маро гусел мекардӣ ва маро ба ғамхории Худо супорида, барои хизмати Ӯ фиристода, ҳангоми рафтанам бароям дуо мекардӣ. Ман қурбонии туро мебинам. Падари мо низ онро мебинад. Ин шаҳодатҳо — самари хизмати мост, чунки ту дар ҳар қадами он ҳамкори бевоситаи ман будӣ ва ҳастӣ.

Барои ҳамаи онҳое, ки мехоҳанд барои Масеҳ зиндагӣ кунанд ва омодаанд, новобаста ба ин душвориҳо нарх супоранд. Умед дорам, хонандаи азиз, ки шумо низ хоҳиш пайдо мекунед, ки номатон дар ин рӯйхат дохил шавад. Зеро Ӯ бешубҳа арзандаи ин аст!

## РӮЗИ САФАР



# ТАФТИШИ РӮЙХАТИ ЧИЗҲОИ ЛОЗИМӢ ПЕШ АЗ ПАРВОЗ

«Ҳамаи ин шахсон имонашонро то дами марг нигоҳ дошта рафтанд. Гарчанде онҳо диданд, ки ваъдаи Худо на дар замони онҳо, балки дар оянда иҷро мешавад, шод шуданд. Ҳамин тавр онҳо иқрор намуданд, ки дар рӯйи замин ғариб ва бегонаанд. Онҳое, ки ин тавр мегӯянд, аниқ нишон медиҳанд, ки дар ҷустуҷӯйи ватан ҳастанд. Агар онҳо ватани тарккардаашонро ёд мекарданд, фурсати ба он ҷо баргаштанро доштанд. Вале, чунон ки мебинем, онҳо муштоқи ватани беҳтаре, яъне ватани осмонӣ буданд. Бинобар ин, Худо ҳазар намекунад, ки онҳо Ӯро Худои худ хонанд, чунки барояшон шаҳре тайёр намудааст».

**ИБРИЁН 11:13–16**

.............................................................

*«Мо пас аз бисту панҷ дақиқа ба фурудгоҳ меравем. Умедворам, ки тайёред».*

Ман дар хона ин тарафу он тараф медавам ва дар фикр задаам, ки чӣ гуна ҷомадони лабрезамро маҳкам кунам ва кадом чизҳо шояд ба ман дар ин сафар лозим намешаванд. Бори дигар дар телефонам боду ҳаворо хабар мегирам: курткаи гарм аз ҳад зиёд ҷойро мегирад. Шояд он ба ман лозим наояд? Оё барои ба калисо рафтан туфлиҳои нав даркор? Оё дар калисо гарданбанд пӯшидан шарт аст?

Ҳар чизи иловагӣ аз таҳлили хурди «гирам нагирам» мегузарад. Бале, хуб мебуд агар меҳмонхона маркази фитнес дошта бошад, пойафзоли варзишӣ гирам. Аммо онҳо ҷойи зиёдро мегиранд. Ҳа, ман мехоҳам Китоби Муқаддаси шахсиамро гирам, лекин Аҳди Нави сайёҳиам майдатар ва сабуктар аст ва агар тамоми Китоби Муқаддас лозим шавад, он дар телефонам ҳаст. Ва ман ҳамеша умед дорам, ки дар ҷомадонам каме ҷойи холӣ монам, чунки дар вақти бозгашт барои занам, писаронам ва келинҳоям ягон тӯҳфа меорам. (Вақте писаронам хурд буданд, тӯҳфаи дӯстдоштаи онҳо шамшер, корд ё ягон намуди яроқча буд).

Ман фарзанди миссионерҳо ҳастам ва албатта дар оилае калон шудам, ки бисёр сафар мекард. Қоидаи ғунучин кардани ҷомадон одӣ буд: агар онро худат ғунҷонда ва кашонда натавонӣ, онро бо худ нагир. Инро мо бисёр вақт дар амал месанҷидем, масалан вақте ки ба Папуа Гвинеяи Нав барои дувоздаҳ нафар дар бағоҷи дастӣ зарфҳои нуқрагин бурда будем. Ман то ҳол ин қоидаро риоя мекунам: як ҷомадони миёнаҳаҷм, як бағоҷи дастӣ, ки дар он камера, гушмонак, китоби электронӣ, симҳои гуногуни адаптерҳои энергетикӣ, ягон чизи хӯрданӣ ва куртаи иловагӣ мегузорам, чунки ҳеҷ гоҳ намедонед, ки ҷомадонатон дар вақташ расида меояд ё не.

*Пас аз даҳ дақиқа мошин расида меояд. Метавонӣ ин ҷойи ҷомадонро зер кунӣ, то ман онро хуб маҳкам карда тавонам?*

Дар солҳои аввали хидматам дар «Садои Уқубаткашон», тасаввуроти ман дар бораи хабар гирифтани масеҳиёни таъқиб-

шуда тамоман фарқ мекард. Ёд дорам, ки дар сафари аввалам ба Хитой ҳамчун коргари «Садои Риёзаткашон», дастаи мо бояд бо шубоне вомехӯрд, ки дар давоми се моҳи охир якчанд маротиба ҳабс шуда буд. Ӯ роҳбари калисои масеҳиёне буд, ки қайди давлатӣ надошт ва дар рӯзҳои сешанбе вомехӯрд. Мақомоти пулис ва Кумитаи Дин ҳар саҳари сешанбе ӯро ҳабс мекарданд, то ки ӯ ҷамоати парастишро гузаронда натавонад. Онҳо ӯро рӯзи дароз ё ҳатто шабона нигоҳ медоштанд ва сипас озод мекарданд, танҳо ба хотире, ки ӯ рамаи афзуншаванда-ашро роҳбарӣ карда натавонад.

Инак вақте, ки дар роҳ будем, ман дар пеши назари худ як шубони бечора ва азиятдидаро тасаввур мекардам. Ман фикр мекардам, ки чӣ гуна омадани хориҷиҳо ва рӯҳбаландкунии онҳо барояш баракат хоҳад буд, чунки ӯ аниқ худашро рӯҳаф-тода ҳис мекунад. Фикрҳои ман аз воқеият хеле дур буданд!

Вақте ки мо ба хонааш расидем, вай хеле хурсанд буд ва табассум мекард. Ӯ хурсанд буд, ки одамон дар минтақаи ӯ бо Исои Масеҳ шинос мешуданд ва рамаи ӯ меафзуд. Агар нархи хизмати таъсирбахш якчанд ҳабси ночиз бошад, ҳеҷ гап не. Аз ҳама муҳимаш, ки ки ҳаёти одамон иваз мешавад ва подшоҳии Масеҳ паҳн мегардад.

Хуб ёд дорам вақте ӯ ҷувздонеро, ки бо худ ба калисо ме-бурд, нишон дод: ӯ дар он курпаи майда ва либоси иловагӣ дошт. Ин ҷувздон барои ҳабсхона буд ва ӯ ҳама вақт тайёр буд.

Вақте ки сари як пиёла чой менишастем, ман ба шубон ишора карда аз занаш пурсидам: «Шумо барои ӯ хавотир нестед?»

«Барои чӣ хавотир бошам?! — ҷавоб дод зан ба воситаи тарҷумон — Зеро худи Худо ба ӯ ғамхорӣ мекунад!».

*Худо ба ӯ ғамхорӣ мекунад. Худо инчунин ба мо ҳам ғамхорӣ мекунад.*

Пас аз он сафар, фикри ман дар бораи сафарҳоям иваз шуд. Гарчанде масеҳиёни таъқибшуда аз сӯҳбат бо дигар имондорон лаззат мебаранд, онҳо мӯҳтоҷи он нестанд, ки ман онҳоро рӯҳ-

баланд кунам. Дар асл, бисёр вақт дар ҳузури онҳо, ман орзу мекунам ҳамон шодиеро, ки дар рӯйи онҳо ва ҳаёташон мебинам, дошта бошам. Ман барои шунидани саргузаштҳои онҳо меравам. Ман ҳамчун шогирд ба он ҷо меравам ва мехоҳам дар бораи имони онҳо ва ин сафари онҳо ба сӯйи хона — «хонаи беҳтар, яъне хонаи осмонӣ» бисёртар фаҳмам. Ва вақте ки ба хонаи заминиам бармегардам, мехоҳам дар бораи имони аҷоиби онҳо нақл кунам.

*Аз тиреза нигоҳ карда бин, ки мошинамон омад ё не?*

Чун ба хондани ин китоб оғоз мекунед, шумо якҷоя бо ман ба сафар мебароед. Мо дар давоми чил рӯз ба ин давлатҳои барои Инҷил дарбаста сафар карда ба аёдати нафароне меравем, ки ба ин шубони хитой ва ҳамсари ӯ монанд ҳастанд. Хурсанд аз онам, ки дар шунидани шаҳодатҳои бародарону хоҳарони таъқибшуда, ки дар давоми бисту се соли ҳаётам вохӯрдаам, маро ҳамроҳӣ мекунед.

Агар шумо пайрави Масеҳ бошед, онгоҳ шумо бешубҳа пеш аз кушодани ин китоб дар сафари ба ин монанд будед. Дар бисёр ҷойҳои Китоби Муқаддас, мисли порчае, ки имрӯз аз он сар кардем, пайравони Масеҳ ба мусофирон, ғарибон ва ҳатто «бегонагон» монанд карда шудаанд. Ин ҷо хонаи мо нест, чунки мо аз ин дунё нестем. Мо танҳо дар сафар ҳастем ва ба сӯйи хонаи ҳақиқии худ, яъне ба осмон равонаем.

Ва инак, чун ба ин сафари вохӯрӣ бо масеҳиёни таъқибшуда якҷоя оғоз мекунем, умед дорам, ки дар бораи сафари дигари муҳими худ якчанд ҳақиқатро меомӯзем: сафари муҳимтаре, ки моро ба осмон мебарад.

Чун ба фурудгоҳ сафар мекунем, дарси аввал чунин аст: ҷомадонатонро сабук кунед.

Бисёр масеҳиён сафари зиндагии худро бо бори зиёдатӣ мегузаронанд. Онҳо аз он чӣ лозим аст, зиёдтар бор мекашонанд. Ба ҷойи он ки як ҷомадони калон ва як бағоҷи дастӣ гиранд, онҳо кӯшиш мекунанд шаш ҷомадони калон ва се

боғоҷи дастии калон ҳамроҳ гиранд. Онҳо аробаи фурудгоҳро чунон пур мекунанд, ки ҳатто пеши худро дида наметавонанд, ки ба куҷо рафта истодаанд. Онҳо ба ҷойи он ки дар бораи хатти марра дар оянда фикр кунанд, бисёртар дар бораи он фикр мекунанд, ки худи ҳозир дар куҷоянд, бори онҳо аз ҳад зиёд аст. Ва чунон ки фурудгоҳ барои бори зиёдатӣ пул мегирад, ин имондорон ҳам барои кашондани бори зиёдатиашон нарх месупоранд.

Шояд бори зиёдатии шумо набахшидани ягон кас бошад, шумо дар худ кинаеро кашонда истодаед, ки боратонро аз ҳад вазнин карда истодааст. Шояд ин ягон гуноҳи иқрорнашуда бошад. Ё шояд шумо аз ҳад зиёд бойигарии замини кашонда истодаед, ки шуморо намегузорад дар бораи хонаи аслиатон фикр кунед. Ё шояд аз ҳад зиёд банд ҳастед, шумо доим чунон банд ҳастед, ки як лаҳза истода аз ҷойҳое, ки сафар мекунед, ҳаловат бурда наметавонед.

*Ана мошин ҳам расида омад.*

Чун ба фурудгоҳ равона мешавем, ва ба ин сафар якҷоя мебароем, дар дуо аз Худо пурсед, ки мабодо дар ин сафари зиндагиатон аз ҳад зиёд бор кашонда истода бошед. Умедворам, ки шаҳодатҳои аъзои оилаи таъқибшудаамон бароятон як баракат мешавад ва ба фикр кардан водор месозанд. Ва умедворам, ки ин ҳикояҳо шуморо водор месозанд, ки дар бораи хонаи аслии мо ва пайраҳае ки шуморо ба он ҷо бурда истодааст фикр хоҳед кард.

Шиносснома? Ҳаст!

Хатсайрро чоп кардам? Бале!

Пулҳо? Гирифтам!

Хуб, мо тайёр ҳастем.

Сагро сила кунед, ҳамсар ва кудаконатонро бибӯсед.

Рафтем!

# БАРОИ МУЛОҲИЗА

Оё шумо ҳама вақт дар ёд доред, ки дар ин замин «бегона ва мусофир» ҳастед ва хати марраи шумо «ватани беҳтар» аст? Оё донистани ин ҳақиқат, имрӯз ба тарзи ҳаёти шумо чӣ тавр таъсир расонда метавонад? Оё дар ин сафар ба сӯйи хона боратонро сабук кардаед? Оё ягон бори зиёдатии нолозим бо худ накашонда истодаед, ки танҳо ҷой мегираду боратонро вазнин мегардонад?

Дар бораи ин саволҳо фикр карда, дар дафтари шахсиатон ба ин саволҳо ҷавобҳои худро нависед (дар поин). Чӣ шуморо маҷбур карда метавонад, ки ин чизҳои нодаркорро монда равед?

## Дуои пеш аз парвоз

«Худовандо, моро дар ин сафар ҳамроҳӣ намо. Илтиҷо мекунам, диламро нисбати одамоне, ки дар роҳ вомехӯрем гарм намо ва онҳоро барои нишон додани ҳақиқатҳоят истифода бар. «Ватани беҳтар», хонаи аслии маро ба ман зуд-зуд хотиррасон кун ва то ба он ҷо сиҳату саломат бурда расонданат, ҳамроҳам бош. Бори зиёдатии нолозимро, ки кашонда истодаам ба ман нишон деҳ ва ёрӣ деҳ, ки худро аз онҳо канда тавонам. Омин».

## *Дафтари қайди ёддошти шумо*

## *Аз дафтари қайди ёддошти ман*

19 октябри соли 1998 (пеш аз сафари аввал бо дастаи «Садои уқубаткашон» ба Судон).

Пас аз як ҳафта, ман ҳаёти бароҳат, хуб, ва зебои худро дар Бартсвил гузошта, даҳ рӯз дар кишвари Судон хӯрок ва Китоби Муқаддас тақсим мекунам... тақрибан шонздаҳ ҳазор километр дуртар аз минтақаи бароҳати ман.

Ман дар бораи ин сафар ва он чӣ эҳтимол рӯй доданаш мумкин аст, бароям тасаввур кардан шавқовар буд. Пеш аз ҳама бояд дар бораи он фикр мекардам, ки шояд баргашта натавонам. Судон ҷойи хатарнок аст ва ба ростӣ афсарони давлатӣ метавонанд ба бадани мани амрикоии ранггурӯпарида бе ягон чуну чаро тир паронанд.

Дарк кардани он ки шояд барнагардам, ба рӯзҳои охири пеш аз сафарам як шиддатнокӣ мебахшад. Ман мехоҳам ҳар як лаҳзаи худро бо Шарлотта ва бачаҳоям гузаронам, то ки шавҳар ва падари намунавӣ бошам. Ман мехоҳам ғамхор ва меҳрубон бошам. Мехоҳам телевизорро хомӯш кунам ва бисёртари вақтро дар сӯҳбат ва ба гӯш кардани онҳо гузаронам. Мехоҳам онҳоро бисёр оғӯш кунам ва ба ҳар яки онҳо дар як рӯз тақрибан бисту панҷ маротиба гуям, ки онҳоро сахт дӯст медорам.

Лекин баъд ба хиҷолат афтодам. Чаро ман ҳамин хел ҳар рӯз зиндагӣ намекунам? Чаро танҳо аз сабаби ин сафар ба Судон ман мехоҳам марде бошам, ки бояд 365 рӯз дар як сол бошам? Оё ман фикр мекунам, ки дар Африкои ҷангзада осебпазирам у дар Амрико шикастнопазир? Оё ман намедонам, ки фардо дар ҳамин Амрико, ронандаи маст аз пешам гузашта истода, ҳодисаи таҷовузкории тасодуфӣ ё садамаи автомобили метавонад ҳаёти маро ба хотима расонад. Чаро ман ҳама вақт барои мурдан тайёр зиндагӣ намекунам, балки фақат пеш аз парвози байналмилалӣ?

Шояд ин дарси асосӣ аст, ки бояд аз ин сафари ҳоло рух надода ёд гирам. Азояндаи худ бепарво набошам, лекин ҳар рӯз барои падрӯд гуфтани ин дунё ва қадам гузоштан ба абадият тайёр бошам.



# РӮЗИ 1-УМ




# БЕРУН АЗ ИДОРАИ МО

«Одам дар дил нақшаҳо мекашад, вале Худованд қадамҳои ӯро равона мекунад».

**МАСАЛҲО 16:9**

.................................................

## Йей, Судон, соли 1998

Дар рӯзи аввали сафари байналмиллалӣ соати 2:30 ё 3:00-и шаб бедор истодан чизи ғайриоддӣ нест. Ман дар бораи бартараф кардани нороҳатии пас аз парвози дароз назарияҳои гуногунро шунидам, лекин то ҳозир ягонтои онҳо ёрдам намекунанд. То имрӯз ин ҳолатро ғолиб омада наметавонам. Дар давоми рӯз ҳар қадар ки тавонад дар нурҳои офтоб гардед. Аз ин чиз фақат гузаштанатон лозим аст.

Дастаи мо ҳангоми дар Судон буданамон ҳамон замон ба Йей рафтанӣ набуд. Лекин дарси аввали саёҳат маҳз ҳамин аст, ки баъзан вақт бисёр чизҳо аз рӯйи нақшаҳои мо намеравад. Мо дар аввал нақша доштем ба Туралей равем.

Маҳз дар Айен, қишлоқе назди Туралей, шубон Иброҳим Як Денг ҷамоати масеҳиёнеро, ки аз чор донишҷӯ масеҳиёни судонӣ иборат буд. Китоби Муқаддаси майдаҳаҷми сурхи кисагааш ягона нашри Навиштаи Муқаддас дар тамоми ҷамъомад буд. Вақте ки қаблан аз ин дастаи «Садои Уқубаткашон» шумораи зиёди қуттиҳои Китоби Муқаддасро ба Туралей оварданд, шодии Иброҳим ҳадду канор надошт. Фикре, ки ҳар оила дар калисои ӯ имконият пайдо кард, ки Китоби Муқаддаси худро дошта бошад, ӯро ба ҳаяҷон овард.

Яке аз узви дастаи «Садои Уқубаткашон» аз Иброҳим пурсид, кадом оят ба ӯ бештар писандида аст ва ӯ аз Румиён 6:23 гуфт: «Оқибати гуноҳ марг аст, лекин тӯҳфаи Худо — ҳаёти абадӣ аст, ки ба воситаи Худовандамон Исои Масеҳ дода мешавад».

Чор рӯз пас аз он сӯҳбат бо Иброҳим ва овардани Китобҳои Муқаддас, гурӯҳи ифротгароии муҷоҳидони исломи ба Айен ҳуҷум карданд. Муҷоҳидон Китобҳои Муқаддаси нававардаро сӯзонданд, зиёда аз бист нафарро аз қишлоқ duздиданд ва шубон Иброҳимро ба сараш паронда куштанд.

Якчанд моҳ пас аз ин ҳуҷуми ваҳшиёна, дастаи мо нақша дошт боз Китобҳои Муқаддасро бар ивази нобудшудаҳо ба он қишлоқ баранд. Аммо боронҳои сел дар Туралей ду тарафи хати парвозро аз об пур карданд. Ҳавонавардон боварӣ надоштанд, ки қисми хушки роҳ дар мобайни хати парвоз барои фуруд ва баъд барои парвози ҳавопаймо кофӣ аст, мо тайёраи ду муҳаррикаи руссии Антоновро, барои расондани кумак ба иҷора гирифта будем.

Бинобар ин роҳбари дастаи мо қарор дод, ки тартиби сафари моро иваз кунад. Мо аввал ба Йей рафтем ва умед доштем, ки пас аз якчанд рӯз ба Туралей равем. Вале акнун мо дар Йей ҳастем ва ягон нақлиёт ёфта натавонистем. Мо Китобҳои Муқаддас дорем, ки бояд ба афсарони АМОС (Артиши мардумии озодибахши Судон) дар хати ҷанг буда мебурдем, лекин мошини боркаше, ки ба иҷора гирифтани будем, банд буд.

Боз як нақлиёти дигар ҳаст, лекин онҳо интизори сӯзишворӣ ҳастанд. Мо дар хонаи миссионерҳои хеле меҳрубон истодаем, ки моро хуб меҳмондорӣ мекунанд, лекин мо он корхоеро ки бояд ба охир расонем, анҷом надода истодаем.

Ниҳоят мо фаҳмидем, ки дигар коргарони миссия ба самти ба мо зарур рафта истодаанд ва ба онҳо ҳамроҳ шудем. Лекин пас аз ду соати сафарамон фаҳмидем, ки кӯпруки дарёе, ки дар харита қайд нашудааст, шикаста буд. Мошини пеш аз мо мерафта ба об даромад ва хост дарёро убур кунад. Вақте ки мошин ба мобайни дарё расид, ҷараёни аз оби борон пур шуда мошини чор чархаш ҳаракат мекардаро қариб буд барад. Ҳамкорони мо аз тиреза ба боми мошинамон баромаданд ва мо тавонистем ба онҳо бандеро партоем ва мошинро аз лағжидан боздорему онҳоро сиҳату саломат баргашта ба соҳил баровардем.

Инак ба ҷойи он ки Китобҳои Муқаддасро ба сарбозон бурда расонем, мо дар ин ҷо дармондем ва интизори паст шудани сатҳи дарё ҳастем, то ки мошинро аз дарё барорем.

«*Худовандо, чӣ кор карда истодаӣ?* Ман дуо кардам. *Охир мо ба Ту хизмат мекунем! Мо мехоҳем Китобҳои Муқаддаси нобудшударо ҷуброн кунем. Наход Ту ақаллан боронро муваққатан манъ карда натавони, то ки хати парвоз хушк шавад. Наход Ту ақалан ба мо натавони дар вақти зарурӣ бароямон як мошини боркаш таъмин кунӣ? Оё Ту натавони сатҳи обро андозае паст нигоҳ дорӣ, то ки мо дарёро гузашта тавонем?*»

Албатта Худо ҳар чӣ хоҳад, Ӯ карда метавонад. Ӯ метавонад боронро манъ кунад ё фиристад. Ӯ метавонад дарёҳоро лабрез ё хушк кунад. Лекин дар вақти сафари ман ба Судон, ягон чиз мувофиқи нақшаҳои хуб тартибдодашудаи мо рӯй надод. Барои чӣ?

Кош ба ин савол ҷавоб дода метавонистам. Кош метавонистам ягон чизи хеле муҳимро хабар дода метавонистам «Ана

барои чӣ Худо иҷозат дод, ки борон борад». Кош дар бораи ягон сарбозеро мисол оварда тавонам, ки мо ба дасти ӯ Китоби Муқаддасро дода бошему, вай дар навбати худ Били Греҳеми Судон шуда бошад. Мо ба ҳар ҳол Китобҳои Муқаддасро бурда расондем, гарчанде лозим буд, баъзеи онҳоро пеш аз хондан аввал бояд дар офтоб хушк кунем. Мо ба ҳар ҳол хӯрокворӣ тақсим мекардем, инчунин ба як дармонгоҳ омехтаи ғизои аз протеин бойро ба кудаконе, ки аз ғизои солим маҳрум буданд, бурдем, дар он ҷо ба кӯдакони аз ғизо танқисӣ дошта нигоҳубин мекарданд. Мо бо миссионерҳое, ки моро меҳмонӣ карданд сӯҳбат кардем ва умедворам, ки сафари мо барояшон баракат ва рӯҳбаланд гардидааст.

Аммо бо сабаби вазъияте, ки аз мо вобаста набуд, нақшаҳоеро, ки доштем иҷро карда натавонистем.

*Берун аз назорати мо.* Ман ин суханонро дӯст намедорам. Ман мехоҳам ҳама чиз таҳти назорати ман бошад. Мехоҳам қарор қабул карда онро иҷро намоям. Мехоҳам нақша тартиб диҳам ва бинам, ки чӣ хел он ҷомаи амал мепӯшад. Мехоҳам натиҷаашро донам. Ман назорат кардан мехоҳам!

Агарчӣ мо саҳари интихоб дошта бошем, ки барои ноништа тухмбирён бихӯрем ё нону равған, оё мо ҳодисаҳои қисми боқимондаи рӯзро назорат карда метавонем? Он берун аз назорати мост. Оё тамоми маънии зиндагии масеҳият дар он нест, ки тамоми идораи зиндагиашро ба дасти Падари меҳрубон ва пок супорад, ки Ӯ сафари зиндагиамонро барои беҳбудии мо идора мекунад? Чунон ки Сулаймон гуфт: Дили одам роҳи ӯро нақша мекашад, вале Худованд қадамҳои ӯро равона менамояд (Мас. 16:9). Оё шумо ба ин бовар доред? Оё ман ба ин бовар дорам?

Агар ягон чиз ба хости мо нашавад ва мувофиқи нақшаи мо наравад, мо даррав зиқ мешавем: хати парвози зери обмонда, тайёрае, ки дар вақташ наомад; дар тамоми шаҳр, барои мошини боркашон сӯзишворӣ ёфт намешавад.

Ё ин ки дар хона: ягон воқеъаи ғайриинтизорӣ дар ҷойи кор; беморӣ; Фарзанде, ки роҳи каҷро интихоб мекунад.

Ҳаёт берун аз назорати мост. Марг берун аз назорати мост. Бинобар ин мо бояд ба он худро мутобиқ кунем. Мо бояд тайёр бошем бо хурсандӣ самти худро иваз намоем. Ба нақшаҳои Ӯ иҷозат диҳем то, ки аз нақшаҳои мо баландтар истанд. Мо на ҳама вақт мефаҳмем, барои чӣ. Лекин Ӯ инро медонад ва ин берун аз назорати мост.

## БАРОИ МУЛОҲИЗА

Оё дар зиндагии шумо ягон соҳае ҳаст, ки онро шумо кӯшиш мекунед таҳти назорати худ дароред, лекин шумо бояд иқрор шавед, ки он берун аз назорати шумо аст? Ин кадом соҳаҳо аст? Барои даст кашидан аз хоҳиши назорат кардани ҳаётатон ба шумо чӣ лозим мешавад?

Дар дафтари шахсиатон дар бораи яке аз ин соҳаҳои ҳаётатон, ки назорат мекунед ва чӣ гуна метавонед ин ҳафта назорати онро ба дасти Падари меҳрубон супоред ва иҷозат диҳед, ки Ӯ қадамҳои шуморо равона кунад, нависед.

### Дуо

«Падарҷон, ман иқрор мешавам, ки мехоҳам ҳама чизро таҳти назорати худам нигоҳ дорам. Ман мехоҳам нақшаҳои худамро кашам ва интизорам, ки Ту он чиро, ки ман мехоҳам баракат медиҳӣ. Ёрӣ деҳ, ки ба Ту таваккал карданро ёд гирам, чунки Ту он чизҳоеро, ки ман намебинам, мебинӣ. Ёрӣ деҳ, ки аз хоҳиши назорат кардани ҳаётам даст кашам ва иҷозат диҳам, ки Ту идоракунандаи ҳаёти ман бошӣ ва бовар дошта бошам, ки нақшаҳои Ту барои беҳбудии ман аст. Ёрӣ деҳ, ки ҳар рӯз ҳузури Ту ва иродаи Туро ҷӯям ва ба Ту иҷозат диҳам, ки дар ман ва ба воситаи ман кор кунӣ, то ки нақшаҳоеро, барои ман ва одамони гирду атрофам дорӣ иҷро шаванд. Омин».

## *Барои қайди дафтари шахсии шумо*

## *Аз дафтари шахсии ман*

31-уми октябри, 1998 с, Йей, Судон (ба занам Шарлотта)

«...Лекин ман барои ту дуо кардам. Ман аз Худо хоҳиш кардам, ки фариштагони Худро барои иҳота кардани хонаамон фиристад, то ки аз ҳуҷуми душман ва ҳар чӣ ки сабаби ғаму андӯҳ буда метавонад муҳофизат кунад».

Боқимондаи ҳикоя: дар яке аз шабҳое, ки дар Судон будам, занам, ки дар набудани ман бемор буд, нисфи шаб бедор шуд. Ӯ аз ҷойгаҳи худ, аз паси пардаи тунуки ду тиреза сояи мардро дид. Ӯ аз ҷо хеста аз тиреза нигоҳ кард, лекин ҳеҷ касро дар берун надид. Лекин ба ҷойи тарсидан, ӯ пурра оромиро ҳис кард, дарҳол ба ҷойгаҳ даромаду хоби сахту ширинаш бурд.

Мо ҳарду бо занам ба фариштаҳо бовар дорем.



# РӮЗИ 2-ЮМ



# «МАН ПЕШТАР ӮРО ЛАТУКӮБ МЕКАРДАМ»

«Аз Худованди мо Исои Масеҳ, ки ба ман қувват додааст, миннатдорам. Ӯ маро шахси вафодор ҳисобида, барои хизмати эълони хушхабар таъйин кард. Ман бошам, пештар аз рӯйи нодонию нобоварӣ Ӯро дашному озор медодам ва ба пайравонаш зӯроварӣ мекардам. Вале Худо ба ман раҳм кард! Файзу меҳрубонии Худо ба ман чунон фаровон буд, ки Ӯ маро аз имон ба Худ ва муҳаббат ба дигарон пур кард. Ин имон ва муҳаббат аз ҷониби Исои Масеҳ меояд. «Исои Масеҳ барои наҷот додани гунаҳкорон ба ҷаҳон омад». Ин суханон дурустанд ва ҳама бояд онҳоро қабул кунанд! Ман — Павлус дар байни гунаҳкорон шахси бадтарин будам».

**1 ТИМОТИЮС 1:12–15**

.................................................

## Назди Аллава, Эфиопия, октябри 2005 сол

Мо бо шубоне шинос шудем, ки лақабаш «Ҳоҷӣ» буд, дар хонаи бомаш алафпӯш карда дар қисмати ҷанубии Эфиопия қарор дорад, минтақае, ки дар он гурӯҳҳои ифротгарои исломӣ ба масеҳиён ва ҷамоатҳои онҳо таҳдид мекунанд. Аз беруни хона нишонаҳои сухтор дар девор монда буд. Як ҳафта пеш аз ин мусулмонҳои ифротгаро кӯшиш карданд, ки хонаи Ҳоҷиро оташ зананд. Худоро шукр, ӯ оташро дар вақташ хомӯш карда тавонист.

Чун мо нишаста, нӯшокиҳои афлесуни газнокро, ки Ҳоҷӣ ба мо дароз кард, оҳиста менӯшидем, пай бурдем, ки аз сӯрохиҳои боми алафпӯш кардаи хона нурҳои офтоб мегузаштанд. Сӯрохиҳо аз он сабаб пайдо шуданд, ки ҳамсояҳои мусулмон ба хонаи ӯ аз бомаш санг мепартофтанд ва ба Ҳоҷӣ ва оилаи ӯ фишор меоварданд, ки аз ин ҷо кӯчида раванд ё ба ислом баргарданд. Хушбахтона ҳамон вақт, ягон кас аз оила осебе надид.

Ҳоҷӣ нафрати мусулмоҳои ифротгаронро хуб мефаҳмад. Ӯ худаш ҳам пештар яке аз онҳо буд! Ӯ чунон диндори сахт буд, ки барои гузаштани омодагии махсус ӯро ба Арабистони Саудӣ фиристода буданд.

Чун берун аз хонаи ӯ меистодем, Ҳоҷӣ ба башоратчие, ки моро наздаш оварда буд, ишора кард ва суханеро, гуфт, ки ҳеҷ гоҳ фаромӯш намекунам.

Ӯ гуфт: «Ман паштар ӯро латукӯб мекардам».

*Чӣ?*

«Ман паштар ӯро латукӯб мекардам» Ҳоҷӣ такрор карду баъд дар бораи он нақл кард, ки ӯ яке аз гуруҳҳои ифротгароии исломиро, ки аз ҷавонон иборат буд роҳбарӣ мекард ва яке аз вазифаҳои муқаддаси онҳо ба Пайғамбарашон, ҳуҷум ва озор додани масеҳиён ҳисоб мешуд. Яке аз нафароне, ки онҳо озор медоданд, ҳамин башоратчӣ буд, шахсе ки акнун наздаш

истода табассум мекард ва Ҳоҷи бо муҳаббати бародарона ӯро ба оғӯш мегирифт.

Ба вуҷуди латукӯбҳо, башоратчӣ нафратро нисбати озордиҳандагонаш пеша накард. Баръакс, ӯ ба онҳо муҳаббат нишон медод, онҳоро баракат медод ва ба онҳо хушхабар мерасонд. Ҳоҷӣ ин гуна рафторро фаҳмонда наметавонист. Чӣ гуна шахсе, ки ӯро мезанӣ ба ту муҳаббат нишон медодааст? Чӣ гуна ӯ ба хашм намеомад ва дар ҷавоб ҳеҷ кор намекард?

Ниҳоят Инҷил ва муҳаббати ин масеҳии башоратчӣ, ки ӯро озор медод, дили Ҳоҷиро ба масеҳият майл кард. Ӯ хашм ва зӯроварии исломро аз барои осоиштагие, ки фаҳмишаш боло меистод, тарк кард.

Дӯстони мусулмони Ҳоҷӣ аз қарори ӯ ба ғазаб омаданд. Ӯ як солро дар ҳабс гузаронд ва худаш бо чунон азобҳое рӯ ба рӯ шуд, ҳамон тавре, ки масеҳиёнро озор медод. Акнун боми хонаи ӯро сангборон мекарданд ва хонаашро оташ гирифт. Лекин Ҳоҷӣ ҳатто фикр накард аз имон ба Исои Масеҳ даст кашад.

Бори дигар ман аз шодие, ки дар зиндагии бародарону хоҳарони таъқибшудаамон мебинам дар ҳайратам. Ҳоҷӣ одами хушбахт аст. Ӯ доим табассум мекунад ва он самимӣ аст. Ӯ аз таҳти дил ва тез-тез механдад. Ин он одаме нест, ки дар тарс зиндагӣ кунад, гарчанде таҳдидҳо бар зидди вай воқеӣ ва пайдарҳаманд. Ин одам аз ҳаёташ ҳаловат мебарад ва ба Шоҳи бузург хизмат мекунад.

Ҳоҷӣ бо саъю кӯшиш ва муваффақият Подшоҳии Худоро сохта истодааст. Ягон кас беҳтар ба мусулмонон дар бораи илоҳияти Исо фаҳмонда наметавонад ба ғайр аз он нафаре, ки худаш сафари ҳаҷ карда бошад ва чунон мусулмони вафодор буд, ки ба Арабистони Саудӣ барои омодасозии махсус рафтааст. Ӯ метавонад фарқро байни ду Худо фаҳмонад: худое, ки корҳои хуб ва бади туро баркашида баъд қарор мекунад, ки ту ҳаққи ба биҳишт даромаданро дорӣ ё не ва Худое, ки медонад,

ки шумораи корҳои хуби мо ҳеҷ гоҳ аз табиати гуноҳолуди мо зиёд шуда наметавонад ва бинобар ин Писари Худашро фиристод, то ки нархи корҳои бади моро супорад ва бо хуни Худ ворид шудани моро ба биҳишт харад.

Қиссаи Ҳоҷӣ ягона нест. Яке аз миссионерҳои аввалини калисо марде буд, ки барои динаш пурғайрат буд ва хоҳиш мекард, ки ба ӯ вазифаи таъқиб кардани масеҳиёнро диҳад. Лекин баъд он одам бо ҳамон нафаре вохӯрд, ки Ӯро таъқиб мекард ва абадан иваз шуд.

Яке аз коргарони «Садои Уқубаткашон» дар Колумбия мегуфт: «Аспӣ тозон ба ҳар самт бо як суръат медавад». Оне ки барои гуноҳ ҷидду ҷаҳд мекард одатан барои Масеҳ низ ҷидду ҷаҳд мекунад. Оне ки масеҳиёнро латукӯб мекунад, бо мурури замон ба хотири хизмат ба Шоҳи худ хурсандона латукӯби дигаронро қабул мекунад.

Ба дигарон бо чашми болоназорона нигоҳ кардан ва худро аз дигарон муқаддастар донистаю онҳоро рӯҳан поймол кардан осон аст. Ӯ чунон дилсахт аст, ки хушхабарро қабул намекунад. Вай чунон дар гуноҳ ғӯтидааст, ки ҳеҷ гоҳ аз он баромада наметавонад. Лекин шаҳодати шубон Ҳоҷӣ ва фиристода Павлус оз он иборат аст, ки файзу раҳми Худо ба ҳамаи мо дастрас аст. Аммо онҳое, ки бисёр ба онҳо бахшида шудааст, одатан апони тозоне ҳастанд, ки барои Масеҳ аз ҳама тезтар ва дуртар медаванд ва дигаронро назди Ӯ бисёртар меоранд.

«Пештар ман ӯро латукӯб мекардам» — бо табассум гуфт собиқ мусулмони ашадӣ ва акнун шубон, масеҳии таъқибшуда, хизматгузори Подшоҳии Худо.

## БАРОИ МУЛОҲИЗА

Оё шумо ягон касро медонед ва шумо ӯро рӯҳан ҳурмат намекунед, одамоне, ки ба фикри шумо Худо набояд файзу раҳми

Худро ба онҳо нишон диҳад ва ӯ сазовор нест, ки шумо вақтатонро ба ӯ сарф кунед? Кӣ дар гирду атрофи шумо «ҳақоратчӣ, таъқибкунанда ва озордиҳанда»-и Исои Масеҳ ва Хушхабари Ӯст? Шояд Худо шуморо даъват кардааст, ки маҳз ҳамин одамро дӯст дореду ба вай шаҳодат диҳед. Шояд Худо мехоҳад, ки онҳо Павлус ё Ҳоҷие бошанд, ки корҳои бузург барои Подшоҳии Ӯ мекунанд. Шумо чӣ кор карда метавонед то, ки муҳаббати Масеҳ ба воситаи шумо дурахшон гардад?

Номи он шахс ва қадамҳоеро, ки ин ҳафта барои сохтани кӯпруки башоратдиҳӣ мегузоред, нависед.

## Дуо

«Падари Осмонӣ, ман бо қуввати худам ин шахсро дӯст дошта наметавонам. Баъзан вақт ҳатто бо вай дар як хона буда наметавонам. Илтиҷо мекунам, ба ман нисбати ин одам муҳаббати Худро деҳ. Ёрӣ деҳ, ки онҳоро бо чашмони Ту бинам ва Рӯҳулқудсро фирист, ки дили онҳоро мулоим гардонад. Омин».

## *Барои қайди дафтари шахсии шумо*

## *Аз дафтари шахсии ман*

Дар вақти ин сафар мо инчунин бо дувоздаҳ масеҳиёне вохӯрдем, ки пештар мусулмон буданд. Ин ҷавонмардонро волидонашон аз хона пеш карданд. Ҳоло онҳо дар оилаҳои масеҳӣ зиндагӣ мекунанд, ки онҳоро қабул карданд ва кӯшиш карда

истодаанд таълим доданро давом диҳанд. Ба онҳо дар як моҳ 4 ё 5 доллар барои хона ва хӯрока лозим аст.

Тасаввур карда метавонед, агар падару модари худатон шуморо аз хона пеш мекарданд? Имрӯз ҳамин гуна воқеъа бо як духтараки сенздаҳ сола рӯй дод, ки ӯро воқеъан дар кӯча монданд.

Мо бо якчанд ҷавонмардонро вохӯрдем, ки занонашон чун фаҳмиданд, ки шавҳаронашон масеҳӣ шуданд, онҳо шавҳарони худро тарк карданд.

## БАРОИ МАСЕҲИЁНИ ТАЪҚИБШУДА ДУО КУНЕД

Яке аз сӯҳбатҳои муҳиме, ки собиқ мусулмонон ва навимонон дар Масеҳ доранд (мисли дӯсти эфиопии мо, Ҳоҷӣ) ин якумин бор ба каси наздикашон шаҳодат доданд, ки онҳо дигар мусулмон нестанд, балки пайрави Исо ал Масеҳ ҳастанд.

Ин сӯҳбат метавонад сабаби марги бародар ё хоҳари навимони мо шавад.

Он инчунин метавонад дарро барои маъвизаи Инҷил кушояд.

**ИМРӮЗ ДУО КУНЕД**, барои навимонони тамоми дунёи исломӣ, то хирад дошта бошанд, кай ва бо кӣ ин сӯҳбати ҳаётан муҳимро гузароната.



# РӮЗИ 3-ЮМ



# «МО БА ҲЕҶ ЧИЗ МӮҲТОҶ НЕСТЕМ»

«Инро на барои он мегӯям, ки муҳтоҷӣ мекашам, зеро ман дар ҳама гуна шароит қаноатмандона зиндагӣ карданро ёд гирифтаам. Камбағалиро ҳам дидааму серию пуриро ҳам. Ҳама гуна ҳолатро аз сарам гузарондаам. Ҳам ба сериву гуруснагӣ ва ҳам ба нодориву фаровонӣ тайёр ҳастам. Ба воситаи Масеҳ, ки ба ман қувват мебахшад, дар ҳама гуна вазъият тоқат мекунам... Худои ман ҳар эҳтиёҷи шуморо низ аз сарвати азими Худ ба воситаи Исои Масеҳ қонеъ хоҳад гардонд».

**ФИЛИППИЁН 4:11–13, 19**

.............................................

## Наздикии Эрбиля, Ироқи Шимолӣ, моҳи январи 2016 сол

Мо дар хайма дар ӯрдугоҳ барои шахсони оворагон дар шимоли Ироқ нишаста будем. («Оворагон» шахсоне мебошанд,

ки маҷбур буданд хонаҳои худро тарк кунанд, вале сарҳади миллии давлати худро убур накардаанд. «Гурезаҳо» одамоне ҳастанд, ки хонаҳои худро тарк карда, ҳоло берун аз ватани худ қарор доранд).

Вақте ки ҷангиёни ДИИШ дашти Ниневаро тасаруф карданд, даҳҳо ҳазор нафар — масеҳиён, язидҳо, мусулмонони шиаҳо ва ҳатто ҳаммазҳабони ДИИШ, мусулмонони сунитҳо фирор карданд. Ҳангоми сафари мо ба шимоли Ироқ аксари онҳо дар хаймаҳои ӯрдугоҳ алоҳида аз рӯи равия зиндагӣ мекарданд: сунниҳо дар як ҷо, шиаҳо дар он ҷо, масеҳиён дар як қисмати алоҳидаи он ҷо. Хаймае, ки мо дар он нишастаем, дар қисмати суннимазҳабон воқеъ аст — дар ин ҷо беш аз ҳазор хонаводаи суннимазҳабон ҳастанд.

Дар хайма моро Муҳаммад ном марде меҳмон кард. Масеҳиёнеро, ки Муҳаммад ном доранд, дӯст медорам. Моҳи январ берун хунук аст. Як ду рӯз пеш барф борида буд ва акнун ҳама кӯчаҳои аз хок иборатбуда ба лой табдил ёфта шуда буд. Шамоле, ки ба назар аз ҳар тараф мевазид, ба таври шаддид сахт хунук буд. Оташдони керосинӣ хунукии дохили хаймаро каме ҳам бошад бартараф мекард, лекин ман тамоми вақт, он ҷо будам, палтоямро накашидам.

Ватани Муҳаммад ва занаш аз Мосул ҳастанд, шаҳри калонтарин дар Ироқи шимолӣ ва дар он вақт шаҳри калонтарине, ки ДИИШ забт карда буд. Ӯ мусулмони суннимазҳабӣ буд ва тақрибан даҳ сол пеш аз вохӯрданамон Исои Масеҳро дар хоб дид, ки омада бо ӯ шахсан гап зад. Баъд аз он хобаш ӯ қарор дод, ки пайрави Масеҳ мешавад, Оне ки беғаразона омада бо ӯ шахсан гап мезанад.

Дар аввал зани Муҳаммад ғамгин шуд, ки шавҳари суннимазҳаби ғаюраш аз динаш гашта кофир шуд. Чӣ гуна ӯ тавонист имони ҳақиқиро тарк кунад? Лекин тақрибан пас аз сеюним моҳ ӯ худаш ҳамон хоберо дид, ки Муҳаммад ба вай нақл карда буд. Исо наздаш омада бо вай ҳам шахсан гап зад.

Вақте ки зан бедор шуд, ӯ ба мисли шавҳараш ба қароре омад, ки пайрави Исои Масеҳ шавад.

Пас аз шунидани шаҳодати Муҳаммад, ман аз занаш пурсидам, ки оё ӯ дар шавҳараш ягон дигаргуниро пас аз он хоб дид ё не. Зан бо ёрии тарҷумон дар ҷавоб гуфт: «Бале, ӯ дигар маро намезанад». «Албатта — фикр кардам ман, — дар ин роҳи имон ин қадами аввалине, ки ӯ гузошт хеле аҷиб аст».

Вақте ки Муҳаммад имон оварда, наҷот ёфт, ӯ ба ҳама ҳамсояҳояш дар Мосул нақл мекард. Акнун вай на танҳо худаш аз динаш рӯй гардонда буд, балки дигар мусулмонҳоро фаъолона даъват мекард, ки аз динашон гарданд. Аз ин сабаб хонаи онҳоро оташ заданд. Пулис ваъда дод, ки «тафтишот» гузаронида мешавад, лекин тааҷҷубовар набуд, ки гумонбарон ҳеҷ гоҳ ёфт нашуданд. Муҳаммад ва оилааш ба хонаи нав кӯчиданд ва даррав бо ҳамсоягони нав дар бораи Масеҳ нақл мекарданд.

Дар соли 2014, ки ҷангиёни ДИИШ қариб буд шаҳрро гирад, Муҳаммад фаҳмид, ки ӯ бояд оилаашро аз он шаҳр берун кунад. ДИИШ на танҳо хонаашонро месӯзонад. Онҳо ба Муҳаммад як имконият медоданд, ки ба ислом баргардад ва баъд агар барнагардад, ба қатл мерасонданд. Тамоми оилааш аз Мосул гурехтанд ва пас аз чанде ба ин ӯрдугоҳи назди Эрбиля омаданд. Азбаски дар шиносномаи Муҳаммад «суннимазҳаб» навишта шуда буд, ӯ ва оилаашро ба ин ӯрдугоҳи суннимазҳабон ҷойгир карданд.

Аммо акнун он ӯрдугоҳ дигар пурра суннимазҳаб набуд. Аз вақти омадани оилаи Муҳаммад, онҳо бо занаш, боз аъзои ду оилаи дигар Масеҳ оварданд. Ҳатто дар ӯрдугоҳ ҳам онҳо башорат доданро бас накарданд. СММ ба оилаи онҳо (ки панҷ фарзанд доранд) дар ҳамон қитъаи хурди замине, ки барои онҳо ҷудо шуда буд, ду хайма дод ва онҳо қарор доданд, ки дар якеаш зиндагӣ мекунанду дар дигараш бошад, барои ҷамъомади дуохони ва гурӯҳҳои омӯхтани Китоби Муқаддас мегузоранд. Онҳо дар ҷамъияти ӯрдугоҳи суннимазҳаб таъсир

хеле калон доштанд, лекин он таъсир нонамоён намонда буд. Муҳаммад ба мо гуфт, ки ё ӯ ё занаш ҳама вақт дар хайма бояд бошанд. Онҳо мешавaанд, ки суннимазҳабоне, ки аз имони онҳо ба хашм омадаанд, метавонанд хаймаҳои онҳоро дар набуданашон сӯзонанд.

Ҳузури мо, ҳамчун хориҷиҳо дар ин ҷо диққати атрофиёнро ҷалб карданро сар кард; мо фаҳмидем, ки дар ин ҷо зиёд истода наметавонем. Пас аз шунидани шаҳодати Муҳаммад, ман аз ӯ пурсидам: «Дар бораи чӣ шумо дуо мекунед? Аз Худо чӣ пурсида истодаед?»

Ӯ ҷавоб дод ва баъд тарҷумон сухани ӯро тарҷума карда гуфт: «Ба мо аз Худо ҳеҷ чиз пурсидан лозим нест. Мо ба ҳеҷ чиз мӯҳтоҷ нестем. Мо хушбахтем!»

Дар аввал хостам бо Муҳаммад баҳс кунам: *«Гӯш кун бародарам Муҳаммад. Ту ҳамроҳи панҷ фарзандат дар як хайма зиндагӣ дорӣ. Баъзе ҳамсоягонат мехоҳанд туро кушанд! Чӣ гуна гуфта метавонӣ, ки ту ҳама чиз дорӣ, ба шумо чӣ лозим?»*

Дар он лаҳза, Рӯҳулқудс маро фош кард гуфт: *Бисёртар гӯш кун. Камтар гап зан.*

Дар суханони Муҳаммад ҳақиқати бузург пинҳон аст: «*Мо мӯҳтоҷи ҳеч чиз нестем*. Сарпаноҳ дорем. Ризқу рӯзии имрӯзаро дорем. Ва ба ҳар ҷо ки равем, майдони хизмат дорем. Боз чӣ лозим аст?»

Муҳаммад ва оилааш *ҳар рӯз* такякунон ба Худо зиндагӣ мекунанд. «Ризқу рӯзии имрӯзаамонро ба мо бидеҳ!». Онҳо ҳар рӯз аз бо ҳамин дуо зиндагӣ мекунанд. Онҳо аз рӯйи он чи Павлус навишта буд, зиндагӣ мекунанд: *«ман дар ҳама гуна шароит қаноатмандона зиндагӣ карданро ёд гирифтаам»*.

Ман фикр мекунам, ки ҳар рӯз такякунон ба Худо зиндагӣ кардан санҷиши ҳақиқист. Ба фикрам барои ҳама сокинони кишварҳои Ғарб ҳам душвор аст. Дар охир, мо дар фарҳанги ҳамаашро худат ба даст ор калон шудаем. Миёнатро маҳкам

баста аз пайи кор шав! Агар хуб меҳнат кунӣ, ҳама кор аз дастат меояд ва ба ман ин тарзи фикрронӣ маъқул аст.

Лекин чӣ мешуд агар мо ҳар рӯз ба Худо таваккалкунон зиндагӣ мекардем? Чӣ мешуд агар ба ҷойи «Ҳамааш бо ирода ва кӯшишу ғайрати худам аз дастам меояд» мо қаноатманд буданро ёд мегирфитему мегуфтем: «ҳамааш аз дастам меояд бо мадади Масеҳ, ки маро қувват мебахшад»?!

## БАРОИ МУЛОҲИЗА

Шумо ҳар рӯз ба чӣ такя мекунед? Ба маоши худ, кори худ, донишу малакаи худ, оилаи худ? Ё ба Худо? Оё шумо дар ҳама эҳтиёҷоти худ, аз боми хона сар карда то интихоби сухани дуруст дар сӯҳбат ба Ӯ умед мебандед?

Шахс ё чизеро, ки шумо ба он бештар аз ҳама такя карда зиндагӣ мекунед нависед ва сипас тасвир кунед, ки чӣ гуна шумо метавонед ҳар рӯз ба Худо такя карда зиндагӣ кунед.

### Дуо

«Худованд Исо, ман дарк мекунам, ки ба ҷойи он ки ба Ту умед бандам, ман бештари вақт ба ______________________________ умумӣ ва абадӣ ба Ту имон дошта бошам, балки ҳамарӯза, дам ба дам ба нақшаи Ту такя кунам ва эътимод дошта бошам, ки Ту барои ман ва оилаам ҳама чизи лозимиро таъмин мекунӣ. Ёрӣ деҳ, то қадамҳоеро, ки имрӯз барои ман тайёр кардаӣ бубинам ва ташаккур, ки дар Ту ҳама чизе, ки ба ман лозим аст, дорам! Омин».

### *Барои қайди дафтари шахсии шумо*

## *Аз дафтари шахсии ман*

Вақте ман аз Муҳаммад пурсидам: «Дар бораи чӣ дуо мекунед? Аз Худо чӣ талаб мекунед?», ӯ дар ҷавоб гуфт: «Мо аз Худо ҳеҷ чиз талаб надорем. Мо ҳама чизи лозимиро дорем. Мо хушбахт ҳастем».

Ман худро бо ӯ муқоиса карда ба худ савол медиҳам, оё ман ягон хусусияте дорам, ки онро имон номидан мумкин бошад.

Агар дар шумо ягон савол ба миён ояд, ки барои чӣ ман ин корро мекунам ва ними дунёро сайр карда мегузарам... Ҳамааш аз барои имконияти дар хаймаҳо ҳамроҳи пайравони Исо ба мисли ин мард ва оилааш нишастан аст. Бесаброна интизори ба хона баргаштану ба дигарон нақл кардани ин шаҳодатҳои имон ҳастам.



# РӮЗИ 4-УМ

# «ҲАТТО ДАР ҲАМОМ ҒАРҚ ШУДА МЕТАВОНАМ»

Лекин сахт вазидани шамолро дида тарсид ва қариб ғарқ шуда фарёд зад: «Хоҷа, маро наҷот деҳ!» Исо зуд дасташро дароз карда, Петрусро дошта гирифт ва гуфт: «Ин қадар имонат суст аст? Чаро шубҳа кардӣ?»

**МАТТО 14:30–31**

.....................................................

**Ҳусейн, қисми 1**
**Номи кишвар нашр намешавад, соли 2009**

Ҳусейн номи аслии ӯ нест. Ӯ дар Эрон зиндагӣ мекунад, лекин мо дар дигар давлат вохӯрдем, ки ҳам ба эрониҳо ва ҳам ба амрикоиҳо раводид (виза) медиҳад.

Ҳусейн дар хонаи исломии сахтгир калон шуд. Модараш мусулмони содиқ буд, Қуръон мехонд ва аз рӯйи қоида дар як рӯз аз рӯи тартиб панҷ карат намоз мехонд. Вале падараш он қадар мисли модараш одами худотарс набуд, лекин агар ягон кас мегуфт, ки ӯ он қадар мусулмони содиқ нест, ӯ метавонист ба хашм ояд ва зӯровариро пеша кунад. Падараш аксар вақт модари Ҳусейнро мезад. Издивоҷи онҳо дар остонаи вайроншавӣ буд.

Пас аз адои хизмати ҳарбӣ ба ватан, Ҳусейн ба хона баргашт. Кор ёфтан осон набуд. Ӯ ба ҷойи он ки кор ёбад, ҳамроҳи як дӯсти деринааш ба тиҷорати пулҳои қалбакӣ машғул шуд, ҷинояте, ки барои он тибқи қонуни Эрон ҷазои қатл пешбинӣ шуда буд. Лекин ӯ ва дӯсташ боздошт нашуданд ва даромади Ҳуссейн рӯз аз рӯз зиёд шудан гирифт. Ҳаёташ аз фисқу фуҷур пур шуда буд: занҳо, нашъа, фасодкориҳо. Ин гуна машғулиятҳо дардашро муваққатан пахш мекарданд, лекин ягонтоаш холигиеро, ки дар дилаш ҳис мекард, пур карда наметавонист.

Ҳангоме, ки байни ӯ ва дӯсташ нофаҳмие ба миён омад ва Ҳусейн дигар бо ин кор машғул нашуд ва ӯ яку якбора аз даромад маҳрум шуд. Лекин бо тамом шудани даромадаш, вобастагии ӯ аз нашъа тамом нашуд.

Ҳусейн хору зор шуд. Ӯ бо ҷидият ба фикр афтод, худро бо худкушӣ аз ҳаёт маҳрум кунад. «Ман мурдан мехостам», ӯ ба ман гуфт, «лекин намехостам, ки бароям дарднок бошад». Барои ҳамин ӯ қарор дод, ки то дараҷаи беҳушӣ нашъа кашад ва сипас аз боми бинои баланд худро партояд. Ӯ бинои мувофиқ ва ҳатто роҳи ба боми он баромаданро ёфт. Акнун ба ӯ танҳо нашъа лозим буд.

Дар ҳамон вақт, як ҳамхизмати деринааш номи вай ҳам Ҳусейн аст, мехост ба шаҳри дӯсташ ташриф оварад ва ба ӯ таклиф дод бо ӯ вохӯрад. Сари қаҳва нишаста, дӯсти Ҳуссейн гуфт, ки ӯ *як чизи наверо* ёфтааст.

Ҳамон дам Ҳусейн ҳушёр шуд. Ӯ фикр кард, ки дӯсташ ягон навъи нави маводи мухаддирро ёфтааст ва Ҳусейн худаш дар ҷустуҷӯйи нашъа буд. Лекин баҷои ин дӯсташ гуфт, ки ӯ Масеҳро ёфтааст.

Он дӯсташ ба Ҳуссейн Аҳди Навро фиристод ва ӯ китоби Матторо пурра хонд. Лекин хониши якум ба Ҳуссейн он қадар таъсир накард. Вақте ки дӯсташ ба он шаҳр баргашта омад, ӯ дигар масеҳиёнро ҳамроҳаш овард, ки бо Ҳуссейн вохӯранд. Онҳо дар яке аз рӯзҳои зебову офтобӣ дар як боғи маҳаллӣ вохӯрданд. Дар байнашон Падина ном зане буд, ки як замоне бо нашъа ва андӯҳ мубориза мебурд ва ҳам ният дошт, ки худкушӣ кунад. Масеҳиён меҳрубонона ба дарди Ҳуссейн гӯш мекарданд ва ба ӯ ҳамдардӣ баён менамуданд.

Падина рост ба чашмони Ҳусейн нигоҳ карду ба ӯ пешниҳод кард, тамоми дардашро ба Исо супорад.

Ҳусейн медонист: ӯ ягон чизро аз даст намедиҳад. Ӯ қарор кард, ки агар Исо ҳеҷ кор карда натавонад, ӯ ба ҳар ҳол метавонад дертар худкушӣ кунад. Пас чаро ҳоло бо онҳо дуо накунад? Аз ин чӣ зараре дидан мункин аст? Лекин вақте ки Ҳусейн ба Исо дуо карда, аз Ӯ хоҳиш кард, ки зиндагии ӯро идора кунаду ҳама дардашро гирад, чизи ҳайратовар рӯй дод. Дарҳол, ӯ худро комилан дигар хел ҳис кард. Ҳуссейн ба ман нақл кард, ки пас аз дуо ҳамон дам ӯро «хушбахтии тасвирнашаванда» фаро гирифт.

Ҳаёти Ҳусейн тағйир ёфтанро сар кард. Ӯ аз нашъамандӣ, нӯшидан ва тамокукашӣ даст кашид. Вақте ки бародару хоҳараш ин дигаргунии шадидро дар ӯ диданд, онҳо низ Масеҳро қабул карданд. Роҳбарони калисо пай бурданд, чӣ гуна Ҳусейн башорат медиҳад, ӯро ба иштироки хизмати пешвоёни калисо даъват карданд. Ҳуссейн даъвати Худоро ба ин хизмат эҳсос кард, гарчанде дар аввал бар зидди он мубориза мебурд ва намехост.

Бо мадади Худо ӯ аз вобастагии маводи мухаддир халос шуд ва ҳаёти одилонаро пайдо кард. Ӯ кори хуб ва қонунӣ дошт. Ӯ мошин ва хонаи худро дошт. Ӯ омода буд ба Худо қисман хизмат кунад. Магар ӯ наметавонист ба Худованд хизмат кунад ва даромади хубу доимиашро нигоҳ дорад? Калисо ҳатто метавонист дар хонаи ӯ вохӯрад.

Ҳаждаҳ моҳ пас, Ҳусейн бо узви гурӯҳи масеҳиён ба баҳр равона шуданд.

Баҳр ҷойи дӯстдоштаи Ҳусейн набуд. Ӯ боре дар бораи малакаи шиноварияш бо тамасхӯр ба ман гуфт: «Ман ҳатто дар ҳамом ҳангоми шустушӯй ғарқ мешавам!»

Вақте ки ӯ назди соҳили зебо меистод, об ором ва на он қадар чуқур менамуд ва ӯ пояшро як қадам гузошт. Баъд ӯ дарунтар ва дарунтар даромадан гирифт. Ногаҳон Ҳуссейнро мавҷи баҳр фаро гирифт ва ӯ зери об шуд. Ӯ ба даҳшат афтода барои ҳаёташ мубориза мебурд. Ӯ дар таҳлукаи худ хомӯшона ба Худо дуо кард ва иқрор шуд, ки мурдан намехост, чунки ӯ ба даъвати хизмати пурра ба Худо ҳанӯз ҷавоб нагуфтааст. Марде, ки боре мехост аз болои бинои баландошёна партояд акнун аз Худо илтиҷо мекунад ҳаёти ӯро наҷот диҳад.

Худо ба дуои Ҳусейн ҷавоб дод. Ҳусейн гуфт, ӯ дастони нонамоёнро ҳис кард, ки ӯро ба болои об бароварданд ва сарашро болои об нигоҳ доштанд.

Ваҳму ҳароси Ҳусейнро дида, се наҷотдиҳанда ба об даромада ӯро наҷот дода ба соҳил бароварданд. Пас аз он, чун ӯ зери курпае назди соҳил ларзида меистод, наҷотдиҳандаҳо ба ӯ гуфтанд: «Мо дидем, ки сари шумо болои об буд ва фаҳмидем, ки шумо шиновари хуб ҳастед. Агар шумо чунин шиновари хуб намебудед, мо аз паси шумо рафта наметавонистем, чунки шумо моро ҳам ба зери об мекашидед.

Ҳусейн дар ҷавоб хомӯш монд. Ӯ барои ёрии онҳо миннатдор буд, лекин ӯ медонист, ки дар асл чӣ рӯй дод: Худо ӯро аз марг наҷот дод.

Ҳусейн ба даъвати Худо, барои пурра ба Ӯ хизмат кардан ҷавоб дод. Вақте ки ӯ бори аввал дар ин бора ба роҳбарони калисо гуфт, онҳо ба ӯ гуфтанд, ки ӯ шояд аз сабаби воқеаи рӯйдода дар ҳаяҷон аст ва ба ӯ маслиҳат доданд, ки интизор шавад ва пеш аз он ки ба ягон қарори аниқ биёяд, дар ин бора якчанд ҳафта дуо кунад. Ҳусейн исрор мекард, ки ӯ барои ҳама чизро аз даст додан тайёр аст, то ки ба Худованд хизмат кунад. Ӯ бо вуҷуди он ки роҳбараш ба вай вазифаи баландтар пешниҳод кард ӯ аз кораш баромад. Ӯ мошинашро фурӯхта, қарзҳояшро баргардонд ва пурра ба хизмат даромад. Роҳбарияти калисо ҷидди будани қарори ӯро диданд ва ба таълим додани ӯ оғоз карданд. Дар давоми си рӯз, ӯ ҳамроҳи роҳбари калисо ва ҳамсари ӯ вақт мегузаронд ва кори онҳоро мушоҳида мекард.

Худо дарҳол даъвати Ҳусейнро тасдиқ кард. Чун ӯ ва ду хизматгузори дигар дар як хона меҳмон шуданд, духтари он оила гиря кард. Вақте ки ӯ ором шуд, ӯ гуфт, ки шаби гузашта ӯ Масеҳро дар хобаш дид ва ӯро назди мизе оварда ҳамроҳи се нафар шинонд. Ҳоло ҳамон се нафар ба хонаи ӯ омаданд. Барои ӯ ин тасдиқи ҳақиқат будани Инҷил буд. Барои Ҳусейн бошад ин тасдиқи он буд, ки Худо ӯро даъват кардааст ва хизматашро баракат медиҳад.

## Барои Мулоҳиза

Оё шумо ягон бор бо Худо баҳс кардаед? Шояд шумо даъвати Ӯро барои иҷрои кори бештар ва амиқтар ҳис кардаед, лекин хавотир ҳастед, агар даъвати Ӯро қабул кунед, ҳаёти шумо душвортар мешавад. Шояд шумо ҳоло бо Ӯ ҳатто баҳс карда истодаед?

Он чиро, ки шуморо аз қабул кардани даъвати Ӯ бозмедорад навишта гиред: шояд муносибат, дорой ё тарзи ҳаёте, ки аз намехоҳед даст кашед. Интизор шуда наистед, то ки мавҷҳо

шуморо фаро нагиранд ва имконият аз даст равад. Нақшаи Худо барои беҳбудии худи шумост. Ба он чизе, ки Худо шуморо даъват кардааст, худи ҳозир «*бале!*» гӯед.

## Дуо

«Худованд Исо, маро барои лаҳзаҳое, ки ҳаёти бароҳати худро аз даъвати Ту дида баландтар медорам, бубахш. Ба ман ёрӣ деҳ, то бе ягон чуну чаро дарҳол даъвати Туро қабул кунам ва Подшоҳии Туро аз ҳаёти бароҳатам болотар гузорам. Ёрӣ деҳ, ки ба Ту ва ба нақшаҳои Ту барои ман «***бале!***» гуфта тавонам. Омин».

## *Барои қайди дафтари шахсии шумо*

## *Аз дафтари шахсии ман*

Падина ва шавҳараш инҷоянд. Онҳо аз Эрон омаданд. Падина он занест, ки ман... [маконаш ба хотири бехатарӣ навишта нашудааст] бо ӯ соли 2004 мусоҳиба доштам ва дар бораш навишта будам: «Сахт мӯҳтоҷи Худо аст». Модари ӯ аз вохӯрдан бо ман ЧУНОН ХУРСАНД буд ва миннатдорӣ баён кард, ки дар бораи ҳаёти Падина навиштам!

Ӯ инчунин гуфт, чизе ки бо ман навишта шуда буд фақат «боби якум» буд, ва ҳоло давоми ин воқеа вуҷуд дорад.



# РӮЗИ 5-УМ

# «КАДОМАШ БАДТАР АСТ?»

«...зеро медонам, ки дуои шумову кӯмаки Рӯҳи Исои Масеҳ маро наҷот медиҳад. Умеди зиёд дорам, ки дар ягон ҳолат шарманда намешавам. Баръакс, ҳоло низ мисли ҳамеша бо камоли далерӣ сухан гуфтанро давом медиҳам, то ки хоҳ дар ҳаётам бошад, хоҳ дар маргам бузургии Масеҳ дар ман афзунтар гардад. Зеро Масеҳ барои ман ҳаёт аст ва марг бароям фоида аст».

**ФИЛИППИЁН 1:19–21**

## Ҳусейн, қисми 2
## Номи давлат махфист, соли 2009

Хизмат дар Эрон нархи гарон аст. Аз он лаҳзае, ки Ҳусейн худро ба хизмати Худо пурра супорид, ҳамагӣ як чанд моҳ гузашт. Як рӯз вақте Ҳусейн дар хонааш омӯзиши Китоби Муқаддас мегузаронд, ки пулис ба хонааш даромад. Ба Ҳусейн ва дигар имондорон панҷсад Китоби Муқаддас оварда буданд, ки онҳоро дар се қуттии калон дар яке аз ҳуҷраҳои хона гузошта буданд.

Пулис тамоми хонаро кофтуков кард ва ҳама чизро ба мобайни хона ҷамъ оварданд. Ҳатто расмҳоро аз деворҳо канданд ва ба ҳамон тудаи чизҳо партофтанд. Ҳусейн гуфт, ки яке аз милисаҳо ҳатто сӯзанеро байни ду тахтаи фарши хона ёфта бардошт, лекин ба таври мӯъҷизаосо онҳо се қуттии калони Китобҳои Муқаддасро, ки дар байни хонаи хоб буданд, надиданд.

Пулис ба ҳар ҳол Ҳусейн ва ду бонуеро, ки дар хизмат ҳамкор буданд, дастгир карданд. Онҳо ӯро ба як ҳабсхонаи калон оварда, чашмонашро бастанд ва ба дигар мошин шинонда, ба дигар ҷой бурданд. Ҳусейн ҳайрон буд, чӣ ҷавоб диҳад ва аз худ мепурсид, ки чаро аз кори хуб ва ҳаёти бароҳаташ даст кашидааст.

Ӯро дар камераи якнафарае, ки ду бар се метр буд, ҷо карданд. Дар он шабу рӯз фурӯзонаки калон сахт рӯшноӣ мекард. Вақте Ҳусейн хоҳиш кард, ки онро хомӯш кунанд, посбон гуфт: «Инҷо ба фикри ту меҳмонхона аст?»

Дар майнаи сари Ҳусейн саволҳои зиёде чарх мезаданд. Он бонувони ҳамкораш ба чӣ иқрор шуданд? Ӯ ба пулис чӣ ҷавоб медиҳад? Чанд вақт ӯро дар ин ҷо бозмедоранд? Ва агар падару модараш фаҳманд, ки ӯ дар ҳабс аст, чӣ фикр мекарда бошанд?

Рӯйи фарши сахти камерааш нишаста, ӯ бо Исои Масеҳ рӯ ба рӯ вохӯрд. Дертар Ҳусейн ба ман нақл кард, ки ӯ овози Худоро ҳамон тавре шунид, ки ҳангоми кушодани ҷумаки об, садои оби равонро мешунавем. Ӯ гуфт: «Ман чунон ҳис кардам, ки Исо тамоми кори дунёро як тараф гузошта назди ман омад то, ки бо ман гап занад». Ҳусйн дуо карданро сар кард. Ногаҳон, ҳамаи ғамҳо ва саволҳое, ки ӯро парешон карда буданд гум шуданд, вале дилаш ва тамоми камера аз оромии Худо пур шуд.

Ӯ ҳис кард, ки Масеҳ аз ӯ мепурсад: «Чаро аз чӣ ҷавоб додан хавотир ҳастӣ? Лозим нест, ки барои чӣ гуфтанат хавотир бошӣ, зеро Ман бо даҳони ту гап мезанам».

Тарси Ҳусейн хамон замон гум шуд.

Саволу ҷавобҳо сар шуд. Ҳусейн дуо кард, то ки барояш дурӯғ гуфтан зарурат набошад ва Худо тавре кард, ки ӯ тавонад

ба ҳама саволҳо ҷавоби рост диҳад. Ӯро ҳар рӯз аз пурсиш мегузаронданд, лекин ягон касе аз пулисҳо аз ӯ напурсид, ки оё ӯ масеҳӣ аст, оё ӯ исломро тарк кардааст, то ки пайрави Масеҳ шавад. Вақте ки онҳо дар бораи Китобҳои Муқаддас пурсиданд, Ҳусейн фикр кард, ки шояд онҳо ҳамон панҷсад китобро дар хонаи ӯ ёфта бошанд. Лекин ӯ эҳтиёткорона ба саволҳои онҳо ҷавоб медод ва кӯшиш мекард, то тавонад ҳар чӣ камтар гап занад. Дертар ӯ фаҳмид, ки муфаттишон дар бораи ду Китоби Муқаддасе гап мезананд, ки онро дар ҷувздони ӯ ёфта буданд.

Пас аз якчанд рӯз ӯро ба додгоҳ бурданд. Ӯ назди қозӣ истод ва мисли муфттишон қозӣ дар бораи масеҳӣ буданаш ягон маротиба напурсид. Ҳуссейнро ба камерааш баргардонданд ва ӯ дар он ҷо даҳ рӯз гузаронд. Дар он ҷо ҷойи хоб набуд ва шабона посбонон ба фарши камера об мепошиданд, то ки он нам истад ва маҳбусон дароз кашида, хобаш набарад.

Пас аз як ҳафта Ҳусейнро ба маҳбаси оддӣ гузаронданд ва ӯро ба дараҷаи 11 фиристоданд. Ӯ дертар фаҳмид, ки дараҷаи 11 барои маҳбусони ба марг маҳкумшуда будааст. Вақте ки ӯ ба он расид, посбон гуфт: «Ӯро ба ин ҷо набиёред, дигар маҳбусон ӯро ҳамон замон мекушанд». Лекин дар ҳуҷҷатҳо қайд шуда буд «Дараҷаи 11». Посбон дарро кушод, Ҳусейн даромад ва сипас посбон аз пасаш дарро баст. Ҳамин тавр Ҳусейн дар маҳбас байни дусаду панҷоҳ ҷинояткорони ба марг маҳкумшуда монд; аммо посбоноен бошад дар он тарафи дарвоза монданд. Ҳусейн фаҳмид, ки ин маҳбасро худи маҳбусон роҳбарӣ мекунанд, тамоми қисмати ба марг маҳкушудагонро авбошон идора мекунанд.

Ҳусейн дуо кард ва ба фикр афтод, ки чӣ гуна рафтор кунад. Ҳамон шаб роҳбарони гурӯҳи авбошон ӯро «даъват» карданд. Ӯ ба ҳарос афтод ва ҳама он чизҳое даҳшатовареро, ки бо ӯ карданӣ буданд тасаввур мекард. Лекин Худо барои ӯ ғамхорӣ мекард. Роҳбарони авбошон ба кадом тарзе фаҳмиданд, ки Ҳуссейн дар Амрико шиносҳо дорад. Онҳо мехостанд, ки ӯ ба тамоми дунё дар бораи шароитҳои даҳшатовари ҳабсхона хабар

диҳад. Дар охири сӯҳбат, Ҳусейнро ба яке аз ҳашт роҳбари асосии 250 роҳбарияти гурӯҳи авбошон — дар ҳабсхона қабул карданд. Ӯ дар шаби аввал аллакай дар кати болоӣ хоб рафт, дар ҳоле ки ҳатто маҳбусони панҷ сол боз дар он ҷо буда ҳанӯз рӯйи фарш хоб мерафтанд. Ӯ ҳамоми шахсии худро дошт. Ба ӯ ҳар рӯз мева ва сабзавоти тару тоза меоварданд. Ӯ вазифаи тақсимоти обро дошт ва бинобар ин ҳама маҳбусон ӯро эҳтиром мекарданд, зеро мехостанд ҳиссаи худро гиранд. Худо Ҳусейнро на танҳо муҳофизат кард, балки ба ӯ вазифаи баланд дод!

(Шояд, ки дар ин ҷо истода, хоҳиши ҳикояи Юсуф дар китоби Ҳастиро пайдо карда бошед).

Ҳусейн гуфт, ки камераи ба марг маҳкум шудагон, барояш мисли меҳмонхона буд. Ду рӯз пас аз омаданаш маъмурият ба ӯ пешниҳод кард, ки ба ҷойи «бехатартар»-и ҳабсхона гузарад. Ҳусейн пешниҳодро рад кард ва гуфт, ки беҳтараш дар шӯъбаи ба марг маҳкум шудагон меистад.

Ҳусейн дар шӯъбаи ба марг маҳкум шудагон, даҳ рӯзро гузаронд ва сипас бо гарав озод карда шуд. Ӯ ҳанӯз ҳам бояд ба он шаҳр барои додрасии парвандааш дар додгоҳ меомад, лекин Худо дар он ҷо низ кор мекард. Вақте ки Ҳусейн ба толори додгоҳ даромад, қозии ришдароз, муллои диндори сахт буд, дар ғазаб меистод. Лекин чун парвандаи Ҳусейн бардошт, чеҳраи қозӣ дигар шуд. Ҳусейн ба ӯ аризаашро нишон дод ва қозӣ гуфт: «Не ин нодуруст навишта шудааст. Биё ман онро ба тартиб меорам». Ӯ худаш ҳуҷҷати Ҳусейнро пур кард ва ба ӯ раванди пуркунии ҳуҷҷатро фаҳмонд ва гуфт, ки ба куҷо раваду онро супорад. Ва ӯ гуфт, ки агар Ҳусейн ягон мушкилӣ дошта бошад, фақат ба ӯ занг занад ва ӯ худаш барои ҳалли ин кор ёрӣ медиҳад.

Дертар қозӣ гуфт, ки Ҳуссейн метавонад ба додгоҳ барои шунидани парвандааш наояд, қозӣ худаш онро ҳал мекунад.

Мӯъҷиза, мӯъҷиза, мӯъҷиза, мӯъҷиза! Чунин менамуд, ки дар ҳар як марҳилаи сафари рӯҳонии Ҳусейн, Худо ягон мӯъҷиза нишон медод.

Ман аз Ҳусейн пурсидам, дар партави ҳамаи ин мӯъҷизаҳо оё ӯ боре ҳам тарс дошт. «Не, ҷавоб дод ӯ. Ман дидам, ки чӣ гуна Худо чандин борҳо кор мекунад. Пас аз чӣ тарсам?»

Ҳусейн хизматашро дар Эрон давом дода истодааст. Ӯ медонад, ки ӯро вохӯриҳои нави сершумор бо пулис интизор аст. Ман аз ӯ пурсидам, ки оё ӯ аз ин хавотир аст ё не.

Ҳуссейн дар ҷавоб гуфт: «Ба фикрам яке аз ду аз инҳо рӯй медиҳад. Ё онҳо маро мекушанд ё ягон воқеаи мӯъҷизавори ба ин монанд рӯй медиҳад».

Баъд ӯ табассум кард ва пурсид: «Кадом аз инҳо беҳтар аст?»

## БАРОИ МУЛОҲИЗА

Ҳусейн ҳаёти худро ҳамчун ду интихоб мебинад: ҳаёти худро дар замин давом дода, корҳои мӯъҷизаосои Ӯро бинад ё дарҳол рост ба биҳишт равад. «Кадоме аз онҳо бадтар аст?»

Баъзан ба мо лозим аст, диққати худро ба «давлати беҳтар»-е, ки моро интизор аст, равона кунем. Павлус дар мактуб ба Қулласиён маслиҳат дод, ки «Ҳушатонро на бо чизҳои заминӣ, балки бо чизҳои осмонӣ банд кунед» (Қул. 3:2). Имрӯз чӣ гуна ҳушамонро ба осмон, абадият дар ҳузури Масеҳ ва ҷалолу бузургие, ки пас аз тамом шудани мусофирату асоратамон дар замин таҷриба мекунем, банд карда метавонем? Чашмони худро ба имрӯз, ин ҳафта ё ин сол дӯхтан осон аст. Лекин аз ҳама муҳимаш абадият аст. Дар ин замин бо Масеҳ муоширати доштан аҷоиб аст, лекин он ҳам дар муқоиса ба абадияте, ки Ӯ дар хонаи Падар бароямон тайёр кардааст, ҳеҷ аст.

Нависед: Чӣ гуна назари шумо ба ҳозира намегузорад, ки абадиятро бо Масеҳ бинед? Чӣ гуна шумо метавонед чашму ҳушатонро бо «чизҳои осмонӣ банд кунед»?

## Дуо

«Худованд Исо, ба ман ёрӣ деҳ, ки ҳушамро ба чизҳои заминӣ банд накунам, балки он ҷалолу бузургиеро дарк кунам, ки ҳангоми ба абадияти Ту даромадан таҷриба мекунам, то ки бо Ҳусейн ва Павлус гуфта тавонам, ки «Масеҳ барои ман ҳаёт аст ва марг бароям фоида». (Филип 1:21). Омин».

## *Барои қайди дафтари шахсии шумо*

## *Аз дафтари шахсии ман*

Пас аз он ман бо Ҳусейн боз вохӯрдам, ки кори шаҳодаташро ба охир расонем. Саргузашти ӯ аҷоиб аст. Дар ҳақиқат! Мисли саргузашти Юсуф дар Миср! Пурра мӯъҷиза аст! Ӯ дар маҳбас буд — ва онҳо ӯро дар қатори маҳбусони ба марг маҳкумшуда гузоштанд, ки онҳо ҷиноятқорони сахт буданд. Ҳатто посбон таҷрибаи собиқаи кориаш бо норозигӣ гуфт: «Барои чӣ ӯро ба ин ҷо овардед? — ҳамин замон ӯро дар ин ҷо мекушанд!

Рӯзи дигар ӯро ба дастаи авбошон қабул карданд, ки бисёр чизҳоро идора кунад ва ба ӯ вазифаи тақсимоти обро доданд. Ӯ ҳамоми шахсии худро дошт, ба ӯ меваву сабзавотҳои тару тоза меоварданд — мисли меҳмонхона!

Ҳусейн ба ман нақл кард, ки Худо ба ӯ чунин гуфт: «Ман ба ту гуфтам будам, ки ба ту ғамхорӣ мекунам».

Ҳусейн гуфт, ки қаҳрамони дӯстдоштааш Самуил аст — чунки ӯ садои Худоро ба таври равшан мешунавид.

## ИҚТИБОСҲО БАРОИ МУЛОҲИЗА

«Боз як бор Аҳди Нави худро хонед ва шумо розӣ мешавед, ки муқаррарӣ дар ҳаёти масеҳӣ беҳтарин чизе нест, ки Исо пешниҳод мекунад. Албатта, Худо ба рушди сусти рӯҳонии моро — ҳолати нимрӯҳонӣ намеҳисобад.

Ҳамаи мо медонем, ки Китоби Муқаддас ба мо чӣ мегӯяд: Мо дар Масеҳ ба камолот расида, Худоро ҳамду сано мегӯем!

Пас, чаро мо бо он лаззатҳои хурде, ки одилонро шод мегардонанд ва тасаввуроти ҷисмониро ба худ ҷалб мекунанд, қаноат мекунем?

Ин барои он, ки мо боре даъватеро шунидем, ки салибро бардорем, аммо ба ҷои он ки ба кӯҳ биравем, мисли савдогарони кӯча бо Худованд савдо кардем! Мо майл доштем, ки худро ба Масеҳ супорем, лекин ба ҷои ин корро кардан, мо ба саволдиҳӣ шурӯъ кардем. Мо бо Худо, дар бораи меъёрҳои камолоти рӯҳонии Ӯ баҳсу мунозираро ва савдоро сар кардем.

Ин ҳақиқати оддӣ на дар бораи «озодфикрон» беимон, балки дар бораи онҳое аст, ки аз олами боло таваллуд шудаанд ва ҷуръат мекунанд, ки бипурсанд: «Худовандо, ин барои ман чӣ гуна арзиш дорад?»

**— А. В. Тозер**[1]

«Азизон, ҳоло ки аз санҷишҳои вазнин мегузаред, ҳайрон нашавед, чунки ин ягон ҳодисаи ғайриодӣ нест. Балки шодӣ кунед, ки мисли Масеҳ азоб мекашед, он гоҳ дар рӯзи бозгашташ, вақте ки бузургии Ӯ ба ҳама ошкор мешавад, шоду хурсанд мешавед. Агар шуморо барои пайравӣ кардан ба Масеҳ дашном диҳанд, хушбахт бошед, чунки Рӯҳи Худо бо тамоми бузургиаш дар шумо сокин аст. Ҳеҷ яки шумо набояд ба хотири одамкушӣ, duздӣ, ҷинояткорӣ ё хабаркашӣ азоб кашад. Аммо, агар барои масеҳӣ ном доштанатон азоб кашед, шарм накунед, балки Худоро ситоиш намоед, ки соҳиби чунин ном ҳастед».

**1 Петрус 4:12–16**

---

1 Э. У. Тозер, «Mediocre Christianity» дар «Mornings with Tozer: Daily Devotional Readings», сохт. Джеральд Б. Смит (Чикаго: «Moody Publishers», 2008), 15 апрел.



# РӮЗИ 6-УМ



# «ОН УМЕД БА МАН ҚУВВАТ МЕБАХШИД»

«Бори дилатро ба Худованд парто, ва Ӯ ба ту ғамхорӣ хоҳад кард. / Ӯ ҳаргиз нахоҳад гузошт, ки одил фурӯ ғалтад».

**ЗАБУР 54:23**

.................................................

Непал, соли 2012

Ба дастаи «Садои уқубаткашон» лозим омад, ки дар гармои рӯз дар ҷануби Непал ба хонаи бомпушаш оҳанин барои бо Данмая вохӯрдан ба роҳи дароз сафар карданад. Кондисионери мошини такси ба гармо тоб оварда наметавонист ва мо бо ронанда баъзан онро бо қувваи пуррааш кор мефармудем, баъзан бошад тирезаҳоро мекушодем, то шамоли гарм болои чеҳраи арақини мо вазад. Ниҳоят мо ба ҷойи лозимӣ расидем ва зуд ба хонаи майдаи хиштине, ки Данмая зиндагӣ мекунад даромадем. Гармии хона аз мошини таксӣ дида боз гармтар буд. Мо ҳис мекардем, ки дар даруни танӯри тафсони хиштин ҳастем, фақат дар дохили он курсиҳои пластикӣ буданд.

Ин хона як ҳуҷрагӣ ба Данмая таалуқ надорад; вай танҳо дар он ҷо зиндагӣ мекунад. Дар воқеъ он ба пастори он калисо таалуқ дорад. Вай бошад бо ҳамроҳи оилааш дар онҷо зиндагӣ мекунад.

Шубон моро хайрамақдам гуфт ва ба ман ишора кард, ки дар курсии пластикӣ нишинам. Ӯ худаш болои як кат ва занаш дар рӯйи фарш нишаст. Ӯ камтар аз ҳаёташ шаҳодат дод ва сипас дар бораи Данмая гап зад.

Вақте ки шаш сол пеш аз вохӯрдан бо мо, дӯсти масеҳии Данмая ба ӯ Инҷилро башорат дод, Данмая ҳатто тасаввур ҳам намекард, ки пайрави Масеҳ будан чӣ қадар нарх дорад. Данмая бо ҷону дил Инҷил ва хабари хушро қабул кард ва ҳаёти худро ба Масеҳ бахшид. Ӯ аз кӯшиши писанд омадан ба миллионҳо худоёни ҳиндуҳо хаста шуда буд ва дар дили худ ҳақиқати муҳаббати Худоро, ки тавассути Исои Масеҳ нишон дода шудааст, ҳис кард.

Вақте Данмая дар бораи ин ба шавҳараш нақл кард, шавҳараш фикр кард, ки имони занаш муваққатист. Ӯ ба занаш амр кард, ки эътиқоди худро ба ҳеҷ кас нагӯяд, то ки оилаи аз табақаи баланди ҳиндуияш шарманда нашавад. Лекин имони Данмая пинҳон наистод. Ӯ дар имон калон шудан гирифт, то ба ҳадде, ки онро дигар дар худ пинҳон дошта наметавонист. Ниҳоят ин имонашро дигар дар хонаи хурдакакашон пинҳон дошта наметавонист. Тақрибан пас аз як соли қабул кардани хушхабар Данмая хоҳиш кард, ки ӯро таъмидро таълим диҳанд. Акнун шавҳараш фаҳмид, ки имони занаш чизи муваққатӣ нест. Ӯ дигар пинҳон намекунад ва хомӯш буда наметавонист, ба наздикӣ бошад ҳама мефаҳмад, ки ӯ дигар ҳиндуӣ набуда, балки вай воқеан масеҳӣ шудааст.

Шавҳараш ба ӯ исрор мекард: «Ин эътиқоди мо нест. Аз имонат даст каш, вагарна туро талоқ мекунам. Ман зани масеҳӣ доштан намехоҳам, зеро ман *браҳман* (табақаи баланди

ҳиндуҳо) ҳастам». Пас аз чанде ӯ чизҳои Данмаяро ба берун партофт ва ӯро ба хона қабул накард, баъд ӯ зани дигар гирифт.

Дар фарҳанги непалӣ, зани талоқшуда бояд ба хонаи падару модар ё бародари калонӣ баргардад, ки дар он ҷо ӯро таъмин мекунанд. Лекин волидони Данмая ӯро ба шарте қабул мекарданд, ки аз имон ба Исои Масеҳ рӯй гардонад. Ӯ акнун бояд ба куҷо равад?

Исо пайравонашро огоҳ кард, ки «аъзои хонадони одам душманони ӯ хоҳанд буд» (Мат. 10:36). Данмая ҳақиқат будани ин гуфтаҳоро дар таҷрибааш аз сар гузаронд. Ӯ Масеҳро рад накард, гарчанде меарзид ба хотири ин садоқати устувораш ба Масеҳ аз оила ва ҳама хешу табораш маҳрум монд. Лекин новобаста ба ҳама чизе, ки аз даст дод ва тарси оянда ӯ ба куҷо равад ва кӣ ӯро нигоҳубин мекунад? Худо ба Данмая ҳиси оромӣ ва ҳузури Худро дод.

Вақте ки оилаи заминиаш ӯро берун карданд, оилаи рӯҳониаш дарҳояшонро барояш воз карданд ва ба ин хонаи хиштини хурдакаке оварданд, ки дар мо он аз гармӣ арақ карда бемадор менишастем.

Ҳикояи Данмаяро шунида, зани бе хона, бе фарзанд, афсурда ва андӯҳгинеро тасаввур кардан мумкин аст, ки шавҳараш ӯро партофтааст. Лекин вақте ки ман ин занро вохӯрдам, ӯ бо шодии Худованд медурахшид. Ӯ ин зиндагиашро дар ин хонаи хиштин на ҳамчун мукофоти тасаллидиҳанда, балки бо шодии бузург қабул кард (Яъқуб 1:2).

Ӯ чӣ гуна Данмая тавонист, ки аз ин қадар азобҳо гузашта имонашро бақувват нигоҳ дорад?

Ӯ ба дастаи мо ҷавоб дод: «Новобаста ба он ки чӣ гуна таъқиботе ба сарам меояд, ҳатто агар мурданам ҳам лозим ояд, ман бо Масеҳ дар осмон зинда мешавам. Ин умед ба ман қувват мебахшид».

Барои Данмая бахшидани шавҳараш як раванди бисёр душвор буд: «Дар аввал ман дар дилам нисбати шавҳарам каме

кина доштам — гуфт ӯ — лекин баъдтар ман фаҳмидам, ки агар ӯро набахшам, бо роҳи дуруст бо Худо рафта наметавонам. Бинобар ин ман ӯро бахшидам».

Имрӯз ӯ барои собиқ шавҳараш ва ҳатто зани наваш дуо мекунад ва аз Худо хоҳиш мекунад, ки онҳоро низ наздаш биёрад.

Мо аз Данмая пурсидем, ки кадом ояти Китоби Муқаддас ба ӯ қувват мебахшад ва ӯ гуфт, ки Забур 54:23 «Бори дилатро ба Парвардигор супор ва Ӯ ба ту ғамхорӣ мекунад. Ӯ ҳаргиз намегузорад, ки росткор фурӯ ғалтад».

## БАРОИ МУЛОҲИЗА

Ман бисёр вақт аз он бародарону хоҳарон мо дар ҳайратам, ки барои пайрави Масеҳ буданашон дар давлатҳои дарбастаи зиди масеҳият, нархи гарон месупоранд, дар ҳоле ки ман ва бисёр масеҳиёни ғарб на он қадар нархи гарон месупорем. Ва ман аз он бисёртар дар ҳайратам, ки онҳо ин нархро на бо ягон ғаму андӯҳ, балки бо шодии самимӣ месупоранд.

Шояд ин бародарону хоҳарон ҳақиқатеро дарк кардаанд, ки мо ҳам бояд ба худ хотиррасон кунем. Имтиёзи гаштан бо Масеҳ, бахшиши гуноҳҳо, ваъдаи осмон — он имтиёз ба ҳамаи ин чизҳо меарзад. Масалан дар бораи ганҷина дар киштзорро ба хотир оред: шахсе ки ганҷинаро ёфт, ҳама дороияшро фурӯхт, то онро ба даст орад. Вале ӯ дудила нашуд, балки «аз шодӣ» ҳамаашро фурӯхт (Матто 13:44).

Оё ҳаёт ва имони шумо ҳамин гуна шодиро нишон медиҳад ё не? Ё ягон ғам ва бори вазнин шуморо зер мекунад? Оё шумо омода ҳастед, ҳамаи он борҳоро ба Худованд супоред?

### Дуо

«Худованд Исо, Туро шукр мегӯям, ки Ту ба ман наҷот додӣ, иҷозат додӣ, ки аъзои оилаи Ту гардам. Ба ман хотиррасон кун, ки ин тӯҳ-

фаи бебаҳо аз ҳама чизе, ки дар ин замин дорам, ҳатто оилаам ҳам гаронбаҳотар аст. Ба ман ёрӣ деҳ, то ба ҳамон шодие ба Ту хизмат кунам, ки Данмая мекунад, новобаста ба ҳама душвориҳое, ки дар қадамҳои навбатӣ пайдо мешаванд. Омин».

## *Барои қайди дафтари шахсии шумо*

## *Аз дафтари шахсии ман*

Данмая ҳама чизро аз даст дод, вале ба ин нигоҳ накарда, рӯйи ӯ аз табассуми аҷоиб ва нур аз шодӣ дурахшон буд. Ӯ осоиш ва шодии Худовандро медурахшонд.

Парвоз ба ин ҷо аҷоиб буд! Кӯҳи Ҷомолунгма аз паси мо намоён буд. Мо бо ҳаяҷон ба кӯҳҳои КАЛОНу БАЛАНДҚОМАТи Ҳимолой тамошо мекардем. Онҳо чунон баланд буданд, ки ҳатто ба мо лозим омад аз тирезаи ҳавопаймоямон ба боло нигоҳ кунем.





# РӮЗИ 7-УМ

# ОТАШИ РАҚОБАТПАЗИРӢ – ҚИСМИ 1

«Ин чунин маъно дорад, ки ҳар касе, ки ба Масеҳ тааллуқ дорад, аз нав офарида шудааст. Он чи ки кӯҳна буд, даргузашт ва акнун ҳама чиз нав шудааст».

**2 ҚУРИНТИЁН 5:17**

Туркия, соли 2010

Баъзе одамон чунон рӯҳи рақобатпазир доранд, ки оташ он касонро ба бисёр корҳо тела медиҳад. Яке аз чунин одамон дӯсти нави эрониам номаш Имон аст. Аммо пеш аз нақл кардани саргузашти худ ба ман, ӯ дуо гуфт.

Имон гуфт, он корҳоеро, ки пеш аз вохӯрдан бо Масеҳ карда буд, ҳатто ба хотир овардан намехост: ӯ намехост, ки ба шайтон ягон имконияти хурдтаринро ҳам диҳад, ки ба ҳаёташ таъсир

расонад. Бинобар ин ӯ дуо кард, то Худо танҳо чизҳоеро ба Имон хотиррасон кунад, ки Худаш мехост Имон нақл кунад ва ӯро аз хотираҳо ва роҳҳое, ки шайтон ӯро то вохӯрдан бо Исо идора мекард, муҳофизат кунад.

Имон нақлашро бо он оташи рақобатпазире, ки тамоми ҳаёташ ӯро идора мекард, оғоз намуд. Вақте ки ӯ дар ҷанги байни Эрону Ироқ иштирок мекард, ӯ аскари беҳтарин буда аз қумандонаш хоҳиш кард, ки ӯро ба он ҷое фиристад, ки ҷанг шадидтарин буд ва дар он ҷо ӯ метавонад дар давоми бисту чор соат барои ватанаш шаҳид шавад.

Вақте ки ӯ дузд буд, ӯ дузди беҳтарин гардид ва чизҳоеро дуздад, ки дигар дуздон рабуда натавонистанд.

Вақте ки ӯ нашъаманд буд, ӯ мехост дар истеъмоли маводи мухаддир беҳтарин бошад. Ӯ мехост ҳама намуди нашъаро чашида бинад ва мехост аз дигарон бештар нашъа истифода барад.

Ҳар чӣ ӯ мекард, кӯшиш мекард дар ҳама чиз ӯ беҳтарин бошад.

Дар ҷавониаш Имон ба садамаи нақлиёти даҳшатнок дучор шуда буд. Мошин пурра пачақ шуда буд, лекин ӯ ягон ҷояшро нахарошид. Касоне ки шоҳиди садама шуда буданд, ба ӯ гуфтанд, ки ӯ тавонист ба таври хеле аҷиб дар атрофи монеа мошинро идора кунад ва назорати онро нигоҳ дорад. Лекин Имон медонист, ки дар ин лаҳза мошинро худаш идора накарда буд. Ӯ фикр кард, ки ин арвоҳи бародараш буд, ки дар ҷанг шаҳид шуда буд. Ё шояд ин ҷавоби дуоҳои модараш дар ҳаққи ӯ ба Оллоҳ буданд. Танҳо пас аз якчанд сол ӯ фаҳмид, ки Кӣ ӯро ҳамон рӯз наҷод дод.

Чун нашъамандӣ неши зишти заҳролуди худро ба бадани Имон халид, ӯ дигар парвое чизеро надошт: на парвои оила, на парвои хӯрдан. Ӯ танҳо дар фикри он буд, ки боз аз куҷо нашъа дарёфт кунад. Ӯ яке аз он шумораи зиёди эрониҳое буд, ки умедашонро аз даст дода, барои тасаллӣ ёфтан ба сӯзан рӯ оварда буданд.

Як шаб, пас аз истеъмоли нашъа ӯ аз як шабакаи телевизионӣ ба дигар гузашта, ба канали моҳворавии масеҳӣ дарафтод. Ӯ дар он шабака танҳо якчанд сония истод, лекин калимаҳое, ки ӯ шунид дар ёдаш истоданд: «Вақте ки ман қалбамро ба Исо додам...».

*Аҷиб* — фикр кард ӯ. — *Масеҳиён одамони аҷоибанд, ки қалбашонро ба касе медиҳанд. Имрӯзҳо одамон ба якдигар қаламе намедиҳанд, лекин ин масеҳиён бошанд қалбашонро медиҳанд. Чӣ беақлӣ аст!*

Даҳ рӯз пас аз ин, ӯ маст буд ва боз аз як шабака ба дигар мегузашт. Бори дигар, ӯ ба шабакаи масеҳӣ дарафтод. Ӯ боз якчанд сония дар он шабака истод ва ягон калимаҳое, ки шунавида буд, суханони зане буданд, ки мегуфт: «Вақте ки ман қалбамро ба Исо додам...». Ӯ шабакаро иваз кард ва бори дигар фикр кард, ки чӣ қадар масеҳиён девона шудаанд, ки қалбашонро ба дигарон медиҳанд».

Оилаи ӯ нақша дошт ба саёҳати хушҳолии берун аз шаҳрӣ раванд, лекин вобастагии Имон чунон сахт буд, ки ҳолаш бисёр бад буд ва онҳо ба ӯ пешниҳод карданд, ки бо онҳо ба саёҳат наравад. Вай сахт ғамгин шуд, ки ҳатто аъзоёни оилаи худаш намехостанд ӯ ҳамроҳашон бошад.

Ҳамон шаб ӯ рӯйи боми хонаашон бедор истода крэк мекашид. Маводи мухаддираш тамом шуда истода буд ва Имон бори вазнини душвориҳояшро ҳис мекард. Ӯ дарк мекард, ки бар зидди нашъа истодагарӣ карда наметавонад. «Ман фикр мекардам, ки бе нашъа ҳатто як рӯз ҳам зиндагӣ карда наметавонам. Чунки ман пеш кӯшиш карда будам, ки аз нашъа озод шавам, лекин натавонистам».

Дар афсурдагии худ, Имон ба осмон нигоҳ карда гуфт: «Худоё, маро наҷот деҳ. Маро аз ин вобастагӣ наҷот деҳ».

Дар он лаҳза, ӯ садамаи нақлиётиеро, ки понздаҳ сол пеш рӯй дода буд, ба ёд овард. Ногаҳон ӯ фаҳмид, ки Кӣ дар асл он лаҳза мошинро идора кард ва аз он ҳолат баровард: Ин Худо буд.

Имон ба зону афтод ва дастонашро ба дуо бардошта, Худоро шукр гуфт, ки чандин сол пеш ӯро наҷот дод. Вай тавба аз он кард, ки ба таври кофӣ мӯъҷизаи Худоро эътироф накард ва зорӣ кард, ки ӯро аз ин вобастагӣ халос кунад.

«Ман интизор будам, ки овозе мешунавам ё ақалан нуреро мебинам, лекин ҳеҷ чизро надидам ва хеле рӯҳафтода шудам. Ман хостам хоб равам, лекин пеш аз хоб рафтан гуфтам: «Худоё, Ту чунин хислате дорӣ, ки ягон касро дасти холӣ равон намекунӣ. Ё Ту вуҷуд надорӣ ё ман аз ҳад гунаҳкор ҳастам, ки Ту бо ман кор кардан намехоҳӣ».

Имон ба ҷойгаҳ даромад, лекин ба тамошои телевизор сар кард ва боз аз шабака ба шабака мегузашт. Ин дафъа ӯ ба шабакаи масеҳӣ дарафтода каме зиёдтар дар он ҷо истод.

Ва боз ҳамон ҷумларо шунид: «Вақте ки ман диламро ба Исо додам...». Лекин ин дафъа Имон шабакаро иваз накард, то ки ҷумларо пурра шунавад: «...Ӯ маро наҷот дод».

Ду соат пеш аз ин Имон болои бом дуо кард, ки Худо ӯро наҷот диҳад. Акнун ӯ шунид, ки чӣ тавр Худо инро мекардааст: вақте ки ӯ дилашро ба Исо диҳад.

Ногаҳон Имон пай бурд, ки худро аз телевизор канда наметавонад. Шахсе ки шаҳодат медод, инчунин нашъаманд ва ноумед буд. Лекин ба чашмонаш нигоҳ карда, Имон ягон пайи нашъамандиро намедид. Он мард пурра сиҳат ва ҳам хурсанд менамуд. Баъд аз ӯ шубон ба тамошобинон гуфт: шумо низ метавонед ҳамин гуна шодӣ, шифоӣ ва ғолибиятро ба даст биёред.

Имон боз дуо кард. Ӯ аз ҳамаи гуноҳҳои гузаштааш тавба кард ва дилашро пурра ба Исо дод.

«Вақте ки ман чашмонамро барои дуо кардан пӯшидам, ман ҳузури Исоро ҳис кардам, ки агар ҳамон лаҳза чашмонамро мекушодам, Ӯро медидам. Ман аз худам ва аз гуноҳҳоям чунон шарм доштам, ки чашмонамро кушода натавонистам. Ҳамчун гуноҳкор ман сазовори дидани ӯ нестам, лекин эҳсосоти ман мегуфт: «Худо инҷост!»

Ҳангоме ки чашмонашро кушод, Имон дар худ Қувваеро ҳис кард, ки мегуфт: «Тамом шуд. Ҳаёти кӯҳнаи ту ба охир расид». Имон махлуқи нав шуд.

Имон шахсе, ки мехост сарбози беҳтарин шавад, ҳатто барои ватани худ шаҳид шавад. Баъд ӯ хост дузди беҳтарин шавад ва баъд нашъаманди беҳтарин шавад. Акнун ӯ Масеҳро ёфт ва он оташи рақобатпазир самташро иваз кард. Ӯ мехост беҳтарин бошад: беҳтарин шоҳид барои Масеҳ, шогирди меҳрубонтарин ва хурсандтарин.

Агар ӯ қарор кард, ки пайрави Масеҳ мешавад, пас ӯ бояд пайрави беҳтарин шавад.

## Барои Мулоҳиза

Шояд шумо пеш аз вохӯрдан бо Исо нашъаманд ё дузд набудед, лекин ба ҳар ҳол ин мӯъҷиза аст, ки Ӯ шуморо наҷот додааст. Ман бовар дорам, ки баъзан ба хотир овардан хуб аст, ки пеш аз наҷот ёфтанамон кӣ ё чӣ будем ва дар кадом ҳолат қарор медоштем. На барои ворид кардани шайтон ба ҳаёти худ, балки барои ба хотир овардани он шодӣ ва миннате, ки мо ҳангоми даст кашидан аз ҳаёти кӯҳна ва махлуқи нав шудан ҳис карда будем. Шаҳодати худро навистед, дар бораи он, ки чи гуна Худо шуморо одами нав гардонд ва аз Ӯ барои имконият дуо кунед то, ки дар ин ҳафта ба ягон кас нақл кунед.

### Дуо

«Худованд Исо, ташаккур, ки маро наҷот додӣ! Ман сазовори он набудам. Ман ҳеҷ гоҳ сазовори он буда наметавонистам, вале Ту маро ба ҳар ҳол аз гуноҳ ва дӯзах наҷот додӣ. Ташаккур ба Ту! Ба ман ёрӣ деҳ, то ки ман бо хурсандӣ ва аз рӯйи муҳаббат ба Ту бо шукргузорӣ барои ҳама он чи ки бароям кардӣ, ба Ту хизмат кунам. Омин».

## *Барои қайди дафтари шахсии шумо*

## *Аз дафтари шахсии ман*

Ҳузур доштан дар байни одамоне, ки худашонро пурра ба Худованд додаанд ва ҳаёташонро барои хизмати Ӯ супоридаанд, хеле аҷиб аст.





# РӮЗИ 8-УМ

## ОТАШИ РАҚОБАТПАЗИРӢ — ҚИСМИ 2

# «ВАҚТИ ШИРИНТАРИНИ ҲАЁТАМ»

«Исо бошад, ба ҳамаи шаҳру деҳот рафта, дар ҷамоатхонаҳо халқро таълим медод, хабари хушро дар бораи Подшоҳии Худо эълон мекард ва ҳар дарду бемории одамонро шифо мебахшид. Вақте ки Исо ба мардум нигоҳ мекард, ба ҳоли онҳо раҳмаш меомад, чунки онҳо монанди гӯсфандони бечӯпон, сарсону саргардон ва ночору нотавон буданд».

**МАТТО 9:35–36**

.....................................................

Туркия, соли 2010

Аз ҳамон шаби ҳаёташро ба Исо бахшидан замон Имон башоратчӣ гардид. На танҳо рӯзҳои якшанбе ё дар рӯ ба рӯйи тӯдаи одамон: ӯ ҳар одамеро, ки вомехӯрад ҳамчун касе қабул мекунад, ки Худо барои башорат додан фиристодааст. Чуноне

ки Имон мехост, ки дар дуздӣ ва нашъамандӣ ҳамто надошта бошад, ӯ мехоҳад дар башорат додан ҳам ҳамто надошта бошад.

«Ман одамонро аз рӯйи арзишҳои заминӣ баҳо намедиҳам. Ба хотири Масеҳ ҳар одам бароям арзиш дорад. Дар ҳар ҳолат, ман аз Рӯҳулқудс мепурсам, ки «Гушам ба Ту. Чӣ кор кунам?» Бинобар ин ман барои башорат додан омода ҳастам».

Ин омодагии башоратдиҳии Имон натиҷаҳои аҷиб овард. Вақте ки бори аввал Имонро вохӯрдам, ӯ аллакай чор сол боз пайрави Исо буд. Ва дар давоми он чор сол ӯ бо зиёда аз ҳазор кас ба зону нишаста дуо кард ва онҳо аз гуноҳҳои худ тавба карда, дилҳо ва ҳаёти худро ба Масеҳ бахшиданд. Зиёда аз ҳазор нафар!

Имон узви шабакаи роҳбарони масеҳӣ дар Эрон шуд ва аз дигар роҳбарони шабака таълим мегирифт. Мисли дигар аъзоёни шабака ӯ ҳар моҳ ҳисоботи кориашро мефиристад ва дар он дар бораи он менависад, ки ба чанд одам дар бораи наҷот дар Масеҳ гап зад ва чанд одам пайрави Масеҳ шуданду ба ӯ дуо карданд.

Азбаски Имон дар давлати дарбастаи — Ҷумҳурии исломии Эрон зиндагӣ мекунад, давлате, ки масеҳиён ба таъқибот дучор мешаванд ва хизмати ӯ, сӯҳбати ҳаррӯза бо одамон дар бораи Исои Масеҳ албатта диққат ҷалб мекунад. Ӯро ҳабс мекунанд, пурсиш мегузаронанд ва ҳатто паси панҷара мешинонанд. Лекин Имон дар ин бора чунин назар дорад: «Агар маро паси панҷара шинонанд, пас ба касе лозим омадааст, ки дар бораи Худованд будани Масеҳ шунавад.

Вақте ки онҳо маро бори аввал бе ягон сабаб ҳабс карданд, ман медонистам, ки Худо маро барои башорат додан фиристодааст. Бинобар ин ҳангоми дастгир карданашон муқовимат нишон надодам. Онҳо маро ба маҳбас бурданд ва ман ду нафарро дидам, ки ба сабаби ҷиноятҳои вазнинашон баста шуда буданд. Вақте ки ба онҳо наздик шудам, ба онҳо гуфтам, ки «Худо маро барои наҷоти шумо фиристод».

Пас бовар дорам онҳоеро, ки дар гирду атрофам ҳастанд, Худо барои дар бораи Инҷил ба онҳо нақл кардан фиристодааст. Ва ман ба онҳо кӯтоҳакак башорат додам, тақрибан пас аз понздаҳ дақиқа ва онҳо ба зону нишаста, дуо ва тавба карданд ва Масеҳро чун Худованди худ қабул карданд. Ман танҳо барои башорат додан понздаҳ дақиқа вақт доштам, чунки пас аз он пулис омада гуфт: «Ту рафтори бисёр хуб дорӣ ва набояд дар ин ҷо бошӣ. Ту одами хуб ҳастӣ ва мо мехоҳем туро озод кунем». Вақте ки онҳо дарро кушоданд, пеш аз баромадан ман он ду ҷинояткорро ба оғӯш гирифтам ва онҳо сахт гиря карда, маро самимона ба оғӯш мегирифтанд. Яке аз посбонон гуфт: Ту бо ин одамон понздаҳ дақиқа пеш шинос шудӣ ва ҳоло тавре рафтор мекунед, ки гӯё аз як оила бошед. Онҳо дарро кушода гуфтанд, метметавонӣ ба хона равӣ.

Саъю кӯшиши оташини Имон барои расондани паёми наҷот ба воситаи Исо ба гунаҳкорон, ки ӯ ба онҳо башорат медод ё бо онҳо дуо мекард ҳаёти бисёр нафаронеро иваз намуд. Як марди ҷавоне, Имон ба ӯ башорат дод, ба падараш, ки корманди пулис буд, низ дар бораи Инҷил нақл кард. Падараш вонамуд кард, ки ба имони писараш шавқ дорад ва гуфт: «Он чӣ мегӯӣ бисёр шавқовар аст. Мехостам бо ҳамон дӯсте, ки ба ту дар ин бора нақл кард вохӯрам».

Он писар аз Имон хоҳиш кард, ки ба шаҳри ӯ баргардаду бо падараш вохӯрад. Лекин чун Имон ба вохӯрӣ омад, кормандони пулис ӯро интизор буданд. Ӯро дастгир карданд, чашмонашро бастанд ва ба як мошин шинонданд. Дар идораи пулис, бо ӯ даҳ соат пурсиш гузаронданд ва баъд ӯро рост ба назди қозӣ бурданд.

Пеши қозӣ истода, Имон ба ӯ дар бораи он, ки чӣ гуна ҳангоми ба Худованд будани Масеҳ имон овардан аш аз нашъамандӣ халос шуд, нақл кард. Ӯ ба қозӣ гуфт, ки аз ҳамон рӯз сар карда, ҳар вақте ки ӯ ягон нашъамандро мебинад, ӯ мехоҳад бо нашъаманд дар бораи он гап занад, ки барояш умед ва имкони-

яти озод шудан вуҷуд дорад. Ӯ намехост ягон ҷунбиши сиёсӣ ё калисо барпо кунад, ӯ танҳо аз рӯйи миннатдорӣ, ки Худо ӯро аз нашъа наҷот дод, амал мекард ва мехост, ки дигарон низ аз нашъа халос шаванд.

Дар охири муҳокима, қозӣ ӯро барои пурсиши бештар фиристод. Шаби аввал Имон сахт тарсид. Ӯ фикр мекард, ки посбонон ӯро таҷовуз мекунанд ва аз Худо барои ёрӣ муроҷиат кард.

«Ман ёд гирифтам, чӣ гуна диққатамро ба ҳузури Исо равона кунам. Ман гуфтам: Чӣ коре, ки бо ман рӯй надиҳад, ҳамааш ба хотири он чӣ бароям кардӣ меарзад. Ман гуфтам: Ҳатто агар маро таҷовуз кунанд ҳам, аз Ту рӯй намегардонам!»

Дар аввал вақте ки Имон дар камера ба дуо шурӯъ кард, посбонон ба ӯ амр карданд, ки бас кунад. «Ман тамоми рӯз бо шумо будам» — гуфт ӯ дар ҷавоб. — Ба ҳар саволе, ки доштед ҷавоб гуфтам, вале шумо дуоро аз ман қабул карда наметавонед?»

«Имон дертар ба ман гуфт: Он вақти дуоҳо дар камера — бисёр ширин буданд. Ҳар бор ки дуо мекардам, гиряам меомад. Шириниаш дар он буд, ки ман на барои корҳои бад ҳабс шуда будам. Ин чиз дуоҳоямро ширин мегардонд, зеро медонистам, ки ман дар он ҷо ба хотири Худо будам».

Вақте ки ба ӯ хӯроки ночизро меоварданд, ӯ барои посбонон дуо мекард. Ӯ аз Худо барои зиндагӣ ва оилаҳояшон баракат мепурсид. Баъд аз он посбонон ба ӯ пинҳонӣ хӯроки иловагӣ меоварданд.

Дар давоми бисту як рӯз Имон дар камераи якнафара буд. Баъд посбонон ӯро ба маҳбаси калонтар бурда, ҳамроҳи чорсад маҳбуси дигар шинонданд. Имонро ба яке аз бадтарин камераҳо фиристоданд, ҳуҷрае ки пур аз қотилон, нашъамандон ва беморони рӯҳӣ буд. Ба воситаи дӯсте, ки дар маҳбас таъсир дошт, ба ӯ пешниҳод карданд, ки камераашро иваз кунад. Ӯ рад карда гуфт: «Агар Худо маро ба он ҳуҷра фиристода бошад, ман дар дигар ҷо будан намехоҳам».

Дар камераи ҳаҷмаш ҳафт метр ба ҳафт, онҳо шасту панҷ нафарро ҷой карданд, ки ҳамагӣ чилу панҷ кати хобравӣ дошт — понздаҳ кати сеқабата.

Яке аз маҳбусон аз Имон пурсид, ки оё ӯро нав оварданд ва ӯ дар ҷавоб гуфт: «На, ман дар давоми бист рӯз дар камераи якнафара будам».

Маҳбус аз вай пурсид: «Чӣ гуна тавонистӣ дар он ҷо худат танҳо бошӣ? Ман дар камераи якнафара шаш рӯз будам ва қариб буд девона шавам».

«Ман дар он ҷо танҳо набудам» — ҷавоб дод Имон. «Ман он ҷо бо Худо будам».

«Ман мехоҳам бо ту сӯҳбат кунам» — гуфт маҳбуси дигар. Бо ҳамин хизмати Имон дар маҳбас оғоз ёфт. Худи ҳамон рӯз, ӯ ба як нашъаманд, ки дардҳояш гирифта буд, даст гузошта, ба номи Исо дуо кард ва аломатҳои дардаш зуд шифо ёфтанд.

Дар ҳуҷраи онҳо се камераи назоратӣ буд, бинобар ин хизмати Имон бояд пинҳонӣ мегузашт. Ӯ барои ба камераи назоратӣ наафтодан, сӯҳбатҳояшро зери кати хобравӣ мегузаронд.

Имон ба ман гуфт «Ин вақти аз ҳама аҷоибтарини ҳаётам буд» — гуфт Имон ба ман. Ӯ дар ин камера ҳашт рӯз буд. Ӯ шоҳиди он буд, ки бисту чор маҳбус ба Исои Масеҳ имон овард. Ду нафари онҳо қотилони ба марг маҳкумшуда буданд. Дар рӯзи панҷум ба Имон гуфтанд, ки ӯ бо гарав метавонад худро озод кунад, лекин ӯ ин корро се рӯз қафо партофт, то ки хизматашро дар маҳбас давом диҳад, то он даме, ки посбонон фаҳмиданд барои чӣ ӯ намеравад.

«Ман бовари дорам, ки вақте Худо моро ба ягон ҷо мефиристад, ӯ моро барои он ҷо тайёр мекунад ва муҷаҳҳаз мегардонад — гуфт Имон ба ман. — Ман медонистам, ки ман дар он маҳбас мақсад доштам».

Пас аз озод шудан ва ба хона баргаштанаш, Имон ҳисоботи ҳармоҳаи хизматашро ба роҳбаронаш тайёр кард. Ӯ на дар бораи ба ҳабс гирифта шудан, на бисту як рӯз дар камераи

якнафара ва на дар бораи вақтҳои дар маҳбас гузарондаашро нанавишт — танҳо хизматашро: «Моҳи гузашта, ман ба сад нафар башорат додам. Аз онҳо бисту чор нафараш барои бахшида шудани гуноҳҳояшон дуо карданд ва ҳаёташонро ба пайравии Исои Масеҳ бахшиданд».

Танҳо пас аз якчанд ҳафта роҳбаронаш фаҳмиданд, ки хизмати Имон ҳамон моҳ дар дохили маҳбас гузашта буд.

Имон ба ман гуфт: «Рӯзе ки аз зиндон озод шудам, хизматамро давом додам. Ман то охирин нафасам ба Исо қарздорам. Ҳар хизмате, ки кардам, ин Рӯҳулқудс дар ман буд. Ман медонистам, ки ман кӣ будам. Ман чунон заиф будам, ки акнун ҳама ҷалол аз они Исо аст. Ман ҳеҷ ҳастам. Бе Исо ман ҳамон шахси [гуноҳкор, нашъаманде] ҳастам, ки пештар будам».

## БАРОИ МУЛОҲИЗА

Худованд шуморо барои кадом хизмат омода ва муҷаҳҳаз гардондааст? Ӯ шуморо ба куҷо мефиристад? Ӯ киро назди шумо мефиристад? Оё шумо ҳар сӯҳбат ва ҳар шахсеро, ки вомехӯред ҳамчун нафаре қабул мекунед, ки Худо назди шумо барои шунидан дар бораи муҳаббат ва файзи Худ фиристода бошад? Агар шумо одамонро бо чашмони Исо, бо чашмони раҳму шафқат нигоҳ кунед, он чӣ гуна муомилаи шуморо ба одамони гирду атроф иваз карда метавонад?

### Дуо

«Худовандо, ба ман иҷозат деҳ, ки одамони гирду атрофамро бо чашмони пуршафқати Ту бинам ва на бо чашми инсонии худ. Ба ман имкон деҳ, ки худи ҳамин рӯз бо нафаре, ки наздам мефиристӣ, дар бораи муҳаббати Ту гап занам. Ман тайёрам, ки фиристандаи Ту ва шоҳиди Ту бошам. Маро худи ҳозир назди он нафаре, ки бояд дар бораи Ту шунавад равона кун. Омин».

## *Барои қайди дафтари шахсии шумо*

## *Аз дафтари шахсии ман*

Ман бо башоратчие, ки тақрибан як моҳро дар зиндон ва бисту як рӯзро дар камераи якнафара сипарӣ карда буд, мусоҳибаи хуб доштам. Лекин дар як моҳи дар зиндон буданаш ӯ бисту чор нафарро назди Масеҳ овард. Ва ҳатто пас аз имкони бо гарав озод шуданаш, ӯ се рӯзи дигар он ҷо истод, ба нав имон овардагон насиҳат диҳад, башорат доданро давом диҳад — то он даме ки маъмурияти ҳабсхона ба шубҳа афтоданд, ки барои чӣ ӯ нарафта истодааст! Ӯ фикри хеле шавқоварро баён кард: «Агар шумо масеҳӣ бошед ва ба таъқибот дучор нашавед, он гоҳ шумо баракати худро аз даст медиҳед!»

## БАРОИ МАСЕҲИЁНИ ТАЪҚИБШУДА ДУО КУНЕД

Ҳеҷ гоҳ сӯҳбатамро бо Боб Фу, собиқ зиндонӣ ба хотири Масеҳ, фаромӯш намекунам. Ман аз ӯ пурсидам, ки ӯ пеш аз он ки худаш барои хизматҳояш дар Хитойи коммунистӣ ҳабс шавад, барои масеҳиёни ҳабсшуда чӣ гуна дуо мекард. Ӯ гуфт, ки пеш аз зиндон ӯ дуо мекард, ки масеҳиёни ҳабсшуда тезтар озод шаванду назди оилаҳояшон баргарданд.

Баъд пурсидам, ки оё пас аз худаш ҳабс шуданаш мазмуни дуояш иваз шуд ё не.

Бале гуфт ӯ. Акнун ӯ дуо мекунад, ки масеҳиёни ҳабсшуда имконияти башорат доданро дар зиндон пайдо кунанд ва Худо онҳоро то он замоне ки хости Ӯст, ки дар зиндон бошанд, устувор нигоҳ дорад.

**ИМРӮЗ ДУО КУНЕД** барои масеҳиёни ҳабсшуда. Барои муҳофизат ва саломатиашон дуо кунед. Инчунин барои пайдо шудани имкониятҳои башоратдиҳӣ ба ягон кас дар бораи муҳаббати Исо дуо кунед. Шояд он ягон маҳбуси дигар, посбон ё ҳатто довар бошад. Дуо кунед, ки Худо ба онҳо имконият ва баъд ҷасорат ва файзи Худро диҳад, то ки онҳо ҳангоми пайдо шудани имконият онро истифода баранд.





## РӮЗИ 9-УМ

# ТАЪҚИБОТ — ЯК ҚИСМИ ҶУДОНАШАВАНДАИ ҲАЁТИ МАСЕҲӢ АСТ

«Агар ҷаҳон аз шумо нафрат кунад, донед, ки пеш аз шумо аз Ман нафрат дошта буд. Агар шумо аз ин ҷаҳон мебудед, ҷаҳон шуморо ҳамчун аз они худ дӯст медошт. Вале аз сабаби он ки Ман шуморо аз ин ҷаҳон интихоб карда гирифтам ва шумо аз ин ҷаҳон нестед, ин ҷаҳон аз шумо нафрат дорад. Дар хотир доред, ки Ман ба шумо чӣ гуфта будам: "Хизматгор аз хоҷаи худ бузургтар нест". Пас, агар Маро ғаму озор дода бошанд, шуморо низ ғаму озор медиҳанд. Агар суханони Маро иҷро карда бошанд, суханони шуморо низ иҷро мекунанд. Аммо мардум ҳамаи инро бо шумо ба хотири Ман мекунанд, чунки Фиристандаи Маро намешиносанд».

**ЮҲАННО 15:18–21**

## Ҳиндустон, соли 2010

Бангалорро баъзан «пойтахти Технологияҳои Иттилоотии Ҳиндустон» меноманд, маркази технологие, ки аксари ширкатҳои умумиҷаҳонии шинохта ҳузур доранд. Маҳз дар ҳамон ҷо, дар Ҳиндустон ман пас аз мусоҳиба бо шубони таъқибшуда яке аз «тозатарин» қиссаҳои таъқиботро шунидам. Мусоҳибаи мо бо ӯ дувоздаҳ соат пас аз зиндон озод шуданаш рӯй дод.

Питер Пол номи ду фиристода, Петрус ва Павлусро дорад ва мисли онҳо дар бораи Исои эҳёшуда мавъиза мекунад. Ӯ ин хушхабарро ба ҳама ҷо мерасонад.

Питер Пол дар баробари хизмати шубониаш, ҳамчунин муаллим шуда ҳам кор мекард. Азбаски Ҳиндустон давлати ҳиндуӣ аст, минтақаи фақирон, ки Питер Пол зиндагӣ ва кор мекард, аксаран мусалмонҳо ва бисёре аз толибилмони ӯ аз оилаҳои мусулмон буданд.

Питер Пол дарсҳои иловагии баъди мактабиро ташкил кард, то ки ба кӯдакон ёрӣ диҳад ва ҳам ба ин восита онҳоро бо Исо шинос кунад. Ӯ нусхаҳои филми Исоро ба бисёре аз шогирдонаш тақсим карда дод ва онҳо хурсанд шуда онҳоро ба хонаҳояшон бурданд ва ба оилаҳояшон нишон доданд.

Ин қадами башоратдиҳиаш тарзе номаълум монд, лекин дигар қадамҳояш вақте, ӯ ба тақрибан бист шогирдонаш китобҳои Аҳди Навро паҳн кард, аз назар пинҳон намонд:

Донишҷӯён дар хонаҳояшон рафҳои зиёди китоб надоштанд ва онҳо аз китобҳои нави бадастовардаашон фахр мекарданд. Лекин вақте ки онҳо ба мадраса онҷое, ки тарбияи исломӣ мегирифтанд, Инҷилҳояшонро бурданд, роҳбаронашон ба ғазаб омаданд. Аз куҷо кӯдакони мусулмон китобҳои масеҳӣ гирифтанд? Онҳо талаб карданд, инҳоро кӣ тӯҳфа кардааст?

Роҳбарони мадраса яксаду панҷоҳ мусулмони ба хашмомадаро аз се масҷидҳои маҳаллӣ ҷамъ оварданд. Онҳо ҳамаашон

ба хонаи Питер Пол равона шуданд ва вақте ба он ҷо расиданд, ки ӯ ҳамон замон дуои саҳариашро ба охир расонда буд.

Онҳо ӯро кашолакунон ба берун оварданд ва зада латукӯб карда, мегуфтанд, ки мехоҳанд кофирро бикушанд.

Зани Питер Пол Нирмола кӯшиш мекард, ки бо онҳо гап занад. Ӯ ваъда дод, ки агар онҳо шавҳарашро озод кунанд, оилаи ӯ аз ин минтақа кӯчида меравад. Питер Пол ба занаш гуфт, ки хавотир нашавад.

Питер Пол ба мо гуфт: «Ман ба занам гуфтам: «Ҳар чӣ Худо хоҳад, ҳамон дар ҳаёти ман рӯй медиҳад. Ман медонистам, ки Худо маро аз онҳо раҳо карда метавонад».

Онҳо хонаи ин оиларо торумор карда, ҳама чизи хонаашонро шикастанд. Баъд Питер Полро ба мактабе, ки ӯ дарс медод кашола карданд ва пулиси маҳаллӣ ва рӯзноманигоронро ба ҷойи ҷиноятӣ ҷамъ оварданд — ҷое, ки ӯ дар бораи Исо мегуфт.

Вақте ки пулис омад, онҳо нафаронеро, Питер Полро зада, хонаашро вайрон карданд, дастгир накарданд. Баръакс онҳо худи Питер Полро барои «вайрон кардани оромии ҷомеа» бо паҳн кардани китобҳои масеҳӣ ба кудакони мусулмон дастгир карда, ба маҳбас бурданд.

Шубон Питер Пол ба ман гуфт, ки дар ҳабсхона қарор дошта, ӯ воқеъаи Китоби Мукаддасро дар бораи фарзандони Худо, ки дар маҳбас махкам шуда буданд, ба хотир овард. Ӯ Павлус ва Силоро ба хотир овард, ки дар ҳабсхонаи Филиппия суруди ҳамду сано хонданд. Ӯ Петрусро ба хотир овард, ки дар байни ду аскари румӣ дар занҷирҳо қарор дошта, фаришта ногаҳон пайдо шуду ӯро ҳабсхона баровард.

Ӯ ба дуо шурӯъ намуд, лекин ӯ барои раҳоӣ ё озодшавӣ дуо намекард.

Ӯ ба Худованд гуфт: «Бигзор иродаи Ту чи гунае, ки набошад дар ҳаёти ман иҷро шавад».

Питер Пол аз роҳбари зиндон иҷозат пурсид, ки бо дигар маҳбусон гап занад. Вақте ки иҷозат доданд, ӯ аз ҷо хеста дар

бораи корҳои Худо дар ҳаёташ шаҳодат дод. Ӯ дар бораи он мавъиза кард, ки ҳама бояд дар ҳар ҳолат ба Худо ҷалол дода зиндагӣ кунад.

«Ҳар ҷо ки бошем — гуфт ӯ ба дигар маҳбусон, — мо бояд ба Худо ҷалол диҳем. Вақте ки дар озмоишҳо ва васвасаҳо қарор дорем, вақте ки ҳама чизҳои хуб дорем, ҳама вақт бояд ба Худо ҷалол диҳем». Пас аз ин мавъиза, якчанд маҳбусон ӯро ёфта, хоҳиш карданд, ки ҳамроҳашон дуо кунад.

Ҳамкорони «Садои Уқубаткашон» ҳуқуқшиносеро барои озод кардани Питер Пол аз зиндон киро карда маблағҳоро барои гарав пешниҳод карданд. Пас аз як ҳафта дар маҳбас ӯро бегоҳи шанбе озод карданд ва мо саҳари рӯзи якшанбе ҳамроҳи ӯ ва Нирмола сари як пиёла чой нишаста сӯҳбат мекардем. Ду фарзандони зебои онҳо ҳанӯз каме хоболуд буданд.

Ин оила ҷойи рафтан надошт. Дар давоми ҳамон ҳафтае, ки Питер Пол дар маҳбас буд, соҳиби хона қарор кард, ки оила мушкилоти аз ҳад зиёдеро ба бор меоранд ва агар онҳо ин ҷо истанд, имкон ҳаст, ки он одамони хашмгин баргашта, онро боз торумор кунанд ё ҳатто сӯзонанд. Ӯ намехост молу амволашро зери хатар гузорад, бинобар ин Нирмола ва кӯдаконашро нивобаста аз он ки Питер дар маҳбас буд, аз хона пеш кард.

Питер Полро бо гарав озод карда буданд, лекин айбномаи ӯ ҳанӯз пурра бекор накарда шуда буд. Ҳанӯз ҳам эҳтимоле буд, ки ӯ ба маҳбас бармегардад. Чун ӯ ва Нирмола ҳамроҳи мо нишаста чой менӯшиданд, либосҳое, ки дар тан доштанд, ягона доройяшон дар ин дунё буд. Ҳама чизҳои заминии онҳо нобуд шуда буданд. Онҳо хонаву дар надоштанд ва намедонистанд, ки ҳамон шаб дар куҷо хоб мераванд.

Лекин вақте ки мо аз Питер Пол пурсидем, ки барои чӣ дуо кунем, ӯ барои худаш напурсид. Ӯ хоҳиш кард, ки мо барои падару модараш дуо кунем, чунки имони онҳо аз дидани он ки писарашон ҳабс шуд, сахт таккон хӯрд. Ӯ хоҳиш кард, ки Худо онҳоро ором кунад ва қувват бахшад.

Ӯ боз хоҳиш кард, ки барои хизматаш дуо кунем. Ӯ мехоҳад хизмати башоратдиҳиашро давом диҳад — коре ки барои он шуда як ҳафта дар зиндон буд ва аз хонаву дар монд.

«Таъқибот тасоддуф нест, — гуфт ӯ — он як қисми ҷудонашавандаи ҳаёти онҳое, ки Худовандро дӯст медоранд ва хизмат мекунанд».

## БАРОИ МУЛОҲИЗА

Шояд барои масеҳиёне, ки дар Ҳиндустон зиндагӣ мекунанд таъқиботҳоро интизор шудан мумкин аст. Шояд вақте ки ба мусулмонон дар бораи Масеҳ фаъолона нақл мекунед, таъқиботро интизор шудан мумкин аст. Лекин мо чӣ? Оё мо таъқиботро дар давлатҳои озоду ором ва бароҳат интизор ҳастем? Ё мо умед дорем, ки Худо ба мо танҳо ҳаёти бароҳат, шукуфоӣ ва комёбиҳои заминиро медиҳад? Исо гуфт: «Агар онҳо маро таъқиб карданд, пас шуморо ҳам таъқиб мекунанд». Павлус ба Тимотиюс навишта буд «ҳамаи онҳоеро, ки худотарсона ҳамроҳи Исои Масеҳ зиндагӣ кардан мехоҳанд, таъқиб карда азоб медиҳанд» (2 Тим 3:12). Ин ба ҳамаи намояндагони халқҳо бе истисно дахл дорад.

Дар дафтари шахсии худ нависед: Агар таъқибот як қисми ҷудонашавандаи ҳаёти масеҳӣ бошад, пас чӣ гуна он фикри шуморо дар бораи имон ва пайравӣ ба Масеҳ иваз карда метавонад?

### Дуо

«Худованд Исо, ба ман ёрӣ деҳ, ки ман ҳам мисли Питер Пол дар зиндон дуо кунам: «Бигзор иродаи Ту дар ҳаёти ман чи гунае, ки набошад иҷро шавад». Ҳар чӣ иродаат бошад қабул мекунам: чӣ ҳаёти бароҳат чӣ азоб, чӣ оромӣ, дарди дил, саломатӣ ё беморӣ. Ёрӣ деҳ, ки аз они туро ҷӯям, на аз они худро ва ҳузури Туро дар ҳар вазъият эҳсос намоям. Омин».

## *Барои қайди дафтари шахсии шумо*

## *Аз дафтари шахсии ман*

Рӯзи якшанбе: Мо субҳи худро бо мусоҳиба бо шубоне оғоз намудем, навакак аз маҳбас озод шудааст. Мо бо зану фарзандонаш ҳам вохӯрдем. Ӯ бисёр хурсанд ва содиқ буд!

Рӯзи душанбе: Ман барои шубоне, ки дирӯз шинос шудем дуо кардам. Ман Худоро шукр гуфтам, ки ба ман имкон дод, то ба он чи ки Ӯ дар тамоми ҷаҳон карда истодааст, назар андозам. Чи шарафи аҷибест, ки бо ин кор машғул ҳастам — аз корҳои Ӯ шаҳодат диҳам ва бо халқи Ӯ аз наздик вомехӯрам: қиссаҳои онҳоро мешунавам ва садоқати онҳоро дида тавонам. Ин бароям дар ҳақиқат шарафи олӣ ва ҳаловат аст.

# РӮЗИ 10-УМ




# «МО БИСЁР ДУО КАРДЕМ...»

«Ба шумо сухани ҳақ ва ростро мегӯям: то донаи гандум ба замин афтида намирад, вай як донаи танҳо мемонад, аммо агар бимирад — ҳосили зиёд меоварад».

**ЮҲАННО 12:24**

.........................................

## Тоҷикистон, соли 2004

Дар тиреза ҳанӯз сӯрохиҳои тир монда буд.

Албатта онҳоро бо лентаи часпак рупӯш карда буданд. Лекин дидани сӯрохиҳо душвор буд ва ин қадар фикр накардан дар бораи он чизе, ки рӯй дод мушкил буд.

Мо дар як хонае дар шаҳри Исфараи Тоҷикистон нишаста будем. Ҳуҷрае, ки мо дар он менишастем ҳам барои гузаронидани ибодатхонаи калисое, ки ягона дар шаҳр буд, хизмат мекард (дар он шаҳр яксаду бисту шаш масҷид буд). Ин ҳам ҳамон ҷое буд, ки чор моҳ пеш аз омадани мо шубони калисо Сергей Бессараброро аз тиреза тир зада, кушта буданд.

Бевазани Сергей, Тамара ҳамроҳи мо нишаст. Гарчанде охири зимистон бошад ҳам, ҳаво хунук буд. Ӯ ба мо дар бораи шавҳараш, шубони калисо нақл кард. Ғам ва талафоти ӯ ҳанӯз ҳам дар чеҳрааш хеле намоён буд.

Пеш аз имон оварданаш, Сергей Бессараб панҷ маротиба ҳабс шуда буд ва аз чилу се соли ҳаёташ ҳаждаҳ солашро дар зиндон гузаронд. Лекин ӯ барои Масеҳ ё хизматаш ба Масеҳ ҳабс нашуда буд. Ӯ ҷинояткор, яке аз чеҳраҳои шинохтаи олами ҷиноии Тоҷикистон буд. Маҳз ҳамин тарзи ҳаёт сабаби ба вақти тӯлонӣ дар зиндон буданаш шуд.

Лекин ҳангоми ҳабси охиринаш, ҳаёти Сергей иваз шуд. Ӯ як маҳбуси масеҳиро вохӯрд, ки ба воситаи хизмати калисои баптистӣ ба зиндонҳо ба Масеҳ имон овард. Он дӯсташ, ки ҳамчунин Сергей ном дошт дуо мекард, ки Худованд Исои Масеҳи Наҷоткор Худашро ба Сергей ошкор кунад.

Бессараб ба дӯсташ гуфт, ки барои ӯ дуо карданро бас кунад. Ӯ гуфт: «Барои ягон каси дигар дуо кун. Вақтатро беҳуда барои ман сарф накун».

Лекин Сергей ба гапи ӯ гӯш накард. Ӯ барои калисои зиндон ҷавобгар буд ва ҳар рӯз дар давоми се сол дуо мекард, ки дӯсташ Масеҳро шиносад. Ниҳоят, моҳи августи соли 2000, ӯ ба дуоҳояш ҷавоб гирифт. Сергей Бессараб ба зону нишаст, аз гуноҳояш тавба кард ва Исои Масеҳро ҳамчун Худованди худ қабул кард.

Қувват ва иштиёқе, ки ӯ барои ҷинояткориаш сарф мекард, ба дигар самт равона шуданд. Шаш моҳ пас аз имон оварданаш, Бессараб роҳбари гурӯҳи омӯзишии Китоби Муқаддас дар зиндон шуд. Вақте ки ӯро дар соли 2001 озод карданд, ӯ таъмид гирифт. Ҳатто пас аз озод шуданаш ҳам, ӯ чандин бор ба зиндон барои хабаргирӣ ва таълим додани зиндониён мерафт. Дар дохили он зиндонҳо мардони бисёр буданд, ки ӯ шахсан мешинохт, — ки мӯҳтоҷи шинохтани Масеҳ буданд.

Бессараб Сергей ҳис кард, ки Худо ӯро барои барпо кардани калисо дар шаҳри Исфара даъват мекунад, шаҳре, ки дар шимоли Тоҷикистон аст ва ягон масеҳӣ дар он ҷо зиндагӣ намекард, лекин таъсири сахти исломи ифротгаро ҳузур дошт. Ӯ ва Тамара рӯзҳои якшанбе ба Исфара сафар мекарданд ва дар он ҷо ҷамъомадҳои парастишӣ мегузаронданд ва ба одамон хизмат мекарданд. Аввали соли 2003, онҳо ба он ҷо кӯчиданд. Калисо калон шудан гирифт ва ҳуҷраи меҳмонқабулкунии онҳо ҳар якшанбе пур мешуд. Сергей иштиёқ ва харизмае дошт, ки одамонро барои шунидани паёми ӯ ҷалб мекард ва пас аз ҳаждаҳ соли зиндон ӯ медонист, ки ягон кас аз файзи Худо берун нест.

Муҳаррике, ки хизмати ҷамъиятии Бессараброро қувват медод, вақти шахсии ӯ бо Худо буд. Ҳар саҳару бегоҳ Сергей ду соатӣ дар меҳмонхонаашон, ки калисояшон он ҷо ҷамъ мешуд, нишаста, фақат бо Худо вақт мегузаронд. Ӯ Китоби Муқаддасашро мехонд, дуо мекард ва гитарааашро навохта, ба Падари осмоние, ки ӯро аз зулмот ва асорат халос кард, сурудҳои парастишӣ мехонд.

Агарчӣ ӯ ду соат саҳар ва ду соат бегоҳ бо Исо вақт мегузарон, ин барояш кам буд. Тамара ба мо гуфт, ки чун соли 2003 ба охир мерасид, Сергей барои он дуо мекард, ки бо Худованд бештар вақт гузаронад: ӯ аз Худо хоҳиш мекард, ки боз ду соати дигар дар давоми рӯз ёфта тавонад, то ки дар парастиш ва дуо гузаронда тавонад.

Худо ба дуои Сергей Бессараб ҷавоб дод. Лекин на ба он тарзе ки ӯ интизор буд.

Калисои хурдакаки онҳо дар шаҳре, ки ҳеҷ гоҳ ягон калисо набуд, ба ҳама аҳмият доданро сар карданд. Аввали январи 2004, рӯзномаи маҳаллӣ мақолаеро дар бораи калосои афзоишёбанда ва фаъолияти онҳо, ки мусулмонҳоро ба дини дигар мегузаронанд чоп кард. Дар он мақола чунин савол гузошта шуда буд: «Бо Сергей Бессараб чӣ бояд кард?»

Албатта Сергей мақоларо хонд. Лекин ӯро ба Исфара Худо даъват карда буд ва танҳо Худо ба ӯ фармуда метавонист, ки шаҳрро тарк кунад ё на. Ӯ дар меҳмонхона, гитор дар даст, сурудҳои парастиширо хонда менишаст, вақте ки тири аввалин 12-уми январ садо дод. Дар шаби ором, садои тир хеле баланд садо дод. Шишаи тирезаи хона ҷағид. Тири аввал ба он дасти Сергей, ки тор мезад зада, гиторро пур аз хун кард. Тири дуюм ба пояш зад. Нидои шавҳарашро шунида, Тамара аз дигар ҳуҷраи хона баромада, назди ӯ шитофт.

Тири охирин ба қафаси синаи Сергей зад. Аз дасти Тамара ҳеҷ чиз намеомад, ба ғайр аз он ки шавҳарашро ба абадият гусел кунад. Тирандоз ҳанӯз дар берун буд: ӯ дар гирду атрофи хона давр зада, беист тир холӣ мекард. Ӯ инчунин ба мошини Бессараб низ тир андохт, то ба дараҷае, ки он корношоям шуд. Баъд ба як хиёбон гурехта, дар торикии шаб ғайб зад.

Акнун, чор моҳ пас аз он воқеа, мо ҳамроҳи Тамара ба сари қабристони шавҳараш рафтем. Чун ӯ назди қабри шавҳараш меистод, ашк аз чашмонаш беист ҷорӣ мешуд. Ӯ бар асари ин куштор сахт таккон хӯрда буд.

«Ман дар давоми бист рӯз Китоби Муқаддасро дар дастам гирифта натавонистам» — гуфт Тамара ба мо. — Баъд Худо некии худро ба ман нишон дод».

Ӯ муддати дароз бозистода, ашкҳояшро аз рухсорааш тоза мекард.

«Бори аввал ман аз Худо пурсидам: "Чаро Худо? Чаро?" Пас аз он, ман фаҳмидам, ки ин нақшаи Худо буд. Ман ба воситаи ин ҳолат ба Худо миннатдор буданро ёд гирифтам ва акнун аз Худо миннатпазирам».

Дар санги мазори шавҳараш Филиппиён 1:21 навишта шудааст: «Зеро барои ман Масеҳ ҳаёт аст ва марг фоида». Сергей аз Худо хоҳиш мекард, то имкон дошта бошад, ки боз ду соати дигар ҳар рӯз дар ҳузураш гузаронда тавонад. Акнун ӯ имкон дорад на танҳо ду соат, балки абадиятро дар ҳузури Ӯ гузаронад.

Он шаби моҳи январ, се тирҳо шаҳодати Сергей Бессарабро манъ карда натавонистанд ва дидани самари ҳаёт ва марги шавҳараш ба Тамара тассалии Худо буд. Ҳатто ҳангоми ба хоксупорӣ, Тамара шоҳиди он буд, ки писари ҳаждаҳ солааш, ки аз Масеҳ гурехта мегашт, ҳангоми ба хок супоридани падарандарашро назар андохта, Масеҳро ба дилаш қабул кард.

Дар давоми чор моҳ, Тамара аз ҳашт ҳабсхонаҳои гуногуни Тоҷикистон аз номи маҳбусоне, ки ҳаёт ва хизмати шавҳараш ба онҳо таъсир карда буд, мактубҳо мегирифт.

Вале ин таъсир берун аз марзҳои Тоҷикистон ҳам гузашта буд.

«Бисёриҳо аз хоби рӯҳонияшон бедор шуданд — гуфт Сергей, ки як вақтҳо барои Бессараб дуо мекард то, ки ба Масеҳ рӯй оварад. — На танҳо дар Тоҷикистон, балки дар Қирғизистон ва Қазоқистон ҳам. Бисёр маҳбусон, ки дар бораи Бессараб шуниданд, Масеҳро чун Худованди худ шинохтанд ва мехостанд ҳаёти худро ба Исо супоранд». Бессараб бо Исо камтар аз чор сол роҳ рафт, лекин самари он дар роҳи имонаш дар тамоми ҷаҳон паҳн шуд.

Тамара дар марги шавҳараш баракат барои Исфараро дид, шаҳре, ки Худо онҳоро ба он ҷо даъват карда буд. «Мо бисёр дуо кардем, ки Худо ба Исфара назар кунад — гуфт ӯ — ва ниҳоят чунин ҳам шуд. Худо нақшаи Худро дошт ва акнун ӯ диққати бисёр одамонро [дар тамоми ҷаҳон] ба Исфара равона кард. Худо баракати махсус тайёр карда истодааст ва мо аз Худо танҳо як чизро талаб дорем: хизматамонро дар ҳамон ҷое, ки Сергей кушта шуд, давом диҳем. Хизмати ӯро давом диҳем».

Як нафари махсус буд, ки онҳо мехостанд ба ӯ хушхабарро расонанд. Писари муллои калони имоми масҷиди маҳаллиро барои куштори Бессараб дастгир карда буданд. Сергей аллакай барои ин ҷавон ҳангоми ба маҳбас омаданаш як нақша дошт.

«Як рӯз не як рӯз мо бо он шахсе, ки Сергейро кушт вомехӯрем, чунки мо дар тамоми зиндонҳои Тоҷикистон хизмат мекунем. Ва мо омодаем, ки дар бораи Исо нақл кунем».

# БАРОИ МУЛОҲИЗА

Қиссаи Сергей Бессараб аз ҳар ҷиҳат моро ба фикр кардан водор мекунад, лекин имрӯз мо ба дутои он диққати махсус медиҳем. Аввал дар бораи вақти шахсиатон бо Худо фикр кунед. Сергей ҳар рӯз чор соатро бо хондани Навиштаи Пок, дар дуо ва парастиш мегузаронд ва ӯ фикр мекард, ки ин вақт барояш кам аст. Ӯ мехост бо Падари осмониаш вақти бештар гузаронад. Вақти шумо бо Падар чӣ хел мегузарад? Оё шумо муштоқи он ҳастед, ки бо Ӯ вақти бештар гузаронед? Қадами навбатии шумо чигуна аст? Шояд ба шумо лозим меояд, ки минбаъд бо Худо ҳар рӯз вақт гузаронед? Ё ба шумо лозим аст, ки Каломи Худоро аз ёд кунед ё вақти бештар барои дуо дошта бошед? Қадами навбатии худро нависед ва ба иҷро кардани он қадам имрӯз сар кунед.

Дуюм дар бораи Сергейи дигар фикр кунед. Ӯ дар давоми се сол ҳар рӯз барои дӯсташ дуо мекард, то ки ӯ Масеҳро шиносад — ҳатто баъд аз он ки Бессараб ба ӯ гуфт, ки вақташро беҳуда сарф накунад. Агар шахсан ман барои ягон чиз барои як ҳафта дуо кунам, фикр мекунам, ки дар дуогӯйи истодагарии қавӣ нишон додаам. Лекин се сол? Ҳар рӯз? Худо киро дар дили шумо гузоштааст, ки барояш ҳар қадар вақте, ки лозим бошад дар дуо мубориза баред? Номҳои онҳоро нависед ва телефони худро тавре насб кунед, ки ҳар рӯз ба шумо хотиррасон намояд, ки барояшон дуо кунед.

## Дуо

«Чунон ки оҳу иштиёқманди маҷроҳои об аст, ончунон ҷонам иштиёқманди Туст, эй Худо». (Забур 41:2)

«Худованд Исо, маро иштиёқманди ҳузури Худат гардон, то ки аз Ту омӯзам ва мувофиқи хости Ту ташаккул ёбам, иштиёқи сахте, ки ҳатто чор соат дар як рӯз бо Ту бароям кам бошад. Ёрӣ деҳ, ки

вақтамро дуруст ва хирадмандона истифода барам, то ки вақти хондани Каломи Ту ва дар ҳузури Ту буданро зиёд гардонам.

Инчунин ба ман ёрӣ деҳ Худовандо, ки пайваста дар дуо бошам, махсусан барои онҳое, ки Туро ҳанӯз намешиносанд. Бигузор ман ҳеҷ гоҳ хаста, зиқ ё парешонхотир аз пурсидани он нашавам, ки Ту Худатро ба онҳо зоҳир сози. Омин».

## *Барои қайди дафтари шахсии шумо*

## *Аз дафтари шахсии ман*

Аъзоёни калисои Сергей аз ҳузури мо рӯҳбаланд шуданд. Пеш аз ин ягон хориҷӣ калисоро хабар нагирифта буд — онҳо танҳо ба дигар шаҳр меомаданд. Онҳо хӯроки нисфирӯзӣ тайёр карданд (чой ва картошка бирён бо занбурӯғу пиёз ва нон — онҳо дар ин ҷо ҳама чизро бо нон мехӯранд) ва мо вақти хуби мушоракат доштем.

Ман имрӯз шунидам, ки чор нафар аз қишлоқе, ки мо пагоҳ ба он ҷо меравем, дар лагери рентгении халиҷи Гуфантанамо нигоҳ дошта мешаванд. Эҳтимол, ки он ҷо парваришгоҳи мусулмонҳои мутаассиб аст.

# ИҚТИБОСҲО БАРОИ МУЛОҲИЗА

«Ҳамон як Худо гузошт, ки Истефанусро сангборон кунанд ва Петрус аз зиндон гурезад. Худо вафодор ва файзи Ӯ ҳамеша басанда аст».

— **Роуз**, зани шубони шаҳид дар Нигерияи шимолӣ[1]

«Муборак аст Худо ва Падари Худованди мо Исои Масеҳ ва Падари раҳмдил ва Худои ҳама гуна тасаллӣ аст, ҳамду сано бод! Ӯ моро дар ҳама гуна мусибатҳоямон тасаллӣ медиҳад, то ки мо низ бо ҳамон тасаллое, ки худамон аз Худо меёбем, дигаронро ҳам дар ҳама гуна мусибаташон дилбардорӣ намоем. Мо барои Масеҳ чӣ қадар бештар азоб кашем, ҳамон қадар зиёдтар Худо ба воситаи Масеҳ ба мо тасаллӣ медиҳад. Агар мо азобу уқубат кашем, ин ба хотири тасаллову наҷоти шумост ва агар тасаллӣ ёбем, боз ҳам ба хотири тасалло ёфтани шумост. Дар ҳамин ҳолат шумо ба мисли мо бо сабру тоқат азобҳоеро, ки мо аз сар мегузаронем, паси сар мекунед. Боварии комил дорем, ки чӣ хеле дар азобу уқубати мо шарик ҳастед, ҳамчунин дар тасаллое, ки аз Худо меёбем, шарик мешавед.

Эй бародарону хоҳарон, мо намехоҳем, ки шумо аз мусибатҳое, ки дар вилояти Осиё ба сарамон омад, бехабар монед. Азобу уқубати ба сарамон омада аз қувватамон чунон зиёд буд, ки мо ҳатто аз зинда мондан умедамонро канда будем. Дар ҳақиқат, мо интизор будем, ки ҳалок мешавем. Ин аз он сабаб рӯй дод, ки мо на ба қуввати худамон, балки ба Худое, ки мурдагонро зинда мекунад, таваккал кунем. Ӯ моро аз хатари марговар наҷот дод ва боз ҳам наҷот медиҳад. Мо ба Ӯ умед мебандем, ки Ӯ боз моро наҷот хоҳад дод. Шумо ҳам бо дуоҳоятон ба мо ёрӣ мерасонед, чунки Худо аз рӯйи меҳрубониаш ба дуоҳои зиёд ҷавоб дода, моро наҷот медиҳад ва бисёр одамон Ӯро шукр мегӯянд».

**2 Нома ба Қуринтиён 1:3–11**

---

1 Журнали «Садои уқубаткашон — ИМА», июн 2001 с.

# РӮЗИ 11-УМ



# ТАРС ДАР ЭРИТРЕЯ

«Бинобар ин, инак Ман варо мафтун намуда, ба биёбон хоҳам овард ва суханони дилпазир ба вай хоҳам гуфт».
**ҲУШАЪ 2:14**

.............................................

## Асмара, Эритрея, соли 2004

Дар давоми сафарҳои байналмиллалии худ аз тарафи «Садои Уқубаткашон» ман ду дафъа сахт тарсида будам. Яке аз онҳо бегоҳи сешанбе буд, ки бояд аз Эритрея парвоз мекардам.

Шубонҳо аз калисоҳои инҷили манъшуда дар Асмара, ки моро меҳмон карда буданд, ба ман ва ҳамкоронам расонданд, ки пулис дар бораи мо пурсуков мекард: «Он хориҷиён кистанд? Чаро онҳо инҷоянд?» Ин рӯзи охиринамон дар қишлоқ буд ва мо бояд ҳамон шаб ба хона парвоз мекардем.

Вақте ки дар Эритрея будем, мо аз даҳони шоҳидон шунидем, ки калисоҳо пас аз вохӯрдан бо намояндагони давлатӣ ба чӣ таъқибот ва душвориҳо рӯ ба рӯ мешуд. Ҳукумат ба онҳо

гуфт, ки онҳо дигар ҳаққи гузаронидани ҷамъомадҳояшонро надоранд. Мо бо масеҳиёне ҳамсӯҳбат шудем, ки дар контейнерҳои боркашӣ дар лагерҳои сӯзони биёбон баста шуда буданд. Як бародар ба замин нишаста нишон дод, ки чигуна дасту пойи ӯро баста буданд.

Ҳеҷ гоҳ Ле Тей ном занеро фаромӯш намекунам. Ҳангоми хизмати ҳатмии ҳарбиаш, як масеҳӣ восита шуд, ки ӯ низ ба Масеҳ имон овард. Имони ӯ ӯро ба оилаи нави рӯҳонӣ овард, оилае, ки аъзоёнаш ба якдигар ёрӣ медиҳанд. Вақте ки ҳафтод бародарони масеҳӣ дастгир шуданд, Летай ва боз як имондори масеҳии дигар ба онҳо пинҳонӣ хӯрок мекашонданд. «Ман чӣ гуна метавонистам ором бошам, вақте ки бародарони ман дар азоб ҳастанд?» — гуфт ӯ.

Аммо кори он занон ба ҳар ҳол ошкор шуд ва онҳоро ҷазо доданд. Бо мақсади шикастани имони Ле Тей, ҳукумати президент Исайас Афверки, ки ҳанӯз ҳам дар вақти навиштани ин китоб сари қудрат аст, ӯро ба зиндоне, ки дар биёбон буд, фиристод. Онҳо ба ӯ хӯроки камтарин медоданд ва бисёр ноdensed роҳат месохтанд.

Лекин он чи онҳо фикр карданд, ки имонашро мешиканад, баракс устувор гардонд.

«Ман ҳаётамро ба Масеҳ таслим карда будам, бинобар ин ба ман тарсидан лозим набуд» — фаҳмонд Ле Тей.

Ӯ аз Ҳушаъ 2:14 оят гуфт: «Ман вайро ба биёбон хоҳам овард ва суханони дилпазир ба вай хоҳам гуфт». Ле Тей дар бораи он гап зад, ки чӣ гуна он ваъдае, ки ба фарзандони худсари Исроил дода шуда буд, дар давоми шаш моҳи дар зиндон буданаш, барои шахсан ӯ иҷро шуд. Бале, ӯ дар биёбон буд. Лекин Худо ҳамроҳаш буд. Ӯ ба дил ва рӯҳи Ле Тей суханони дилпазир гуфта, ҳар рӯз ӯро рӯҳбаланд мекард ва қувват мебахшид.

Ле Тей ба мо дар бораи шаш моҳи зиндонаш гуфт: — «Он вақти аҷоиб буд». Ӯ гуфт, ки рӯзҳо тез мегузаштанд, чунки масеҳиён якҷоя дар парастиши Худо вақт мегузаронданд.

Дар он рӯзҳое, ки дар кишвари Эритрея будем, чунин шаҳодатҳоро зиёд шунидам. Лекин ман метарсидам: тамоман намехостам зиндони Эритреяро таҷриба кунам. Агар пулис дар бораи мо пурсон шуда бошад, пас онҳо аллакай пай бурдаанд, ки мо ҳамон шаб парвоз доштем. Агар онҳо моро нигоҳ доштанӣ бошанд, пас ин корро бояд пеш аз парвозамон мекарданд.

Ҳангоми ба фурудгоҳ рафтан асабонӣ будам. Ҳангоми дароз кардани шиносномаам назди мизи бақайдгирӣ ва дар вақти супоридани бағоҷ асабонӣ будам. Ва ҳангоми гузаштан аз назорати муҳоҷират сахт асабонӣ будам. Ҳатто ҳангоми ворид шудан ба ҳавопаймо ҳам ором шуда наметавонистам. Танҳо вақте эълон карданд, ки дарҳои ҳавопаймо пӯшида шудаанд, ором шудам. Вақте ки чарххо аз замин боло шуданд, нафаси сабук кашидам, ки дар вақташ ба хона мерасам.

Танҳо пас аз якчанд моҳ, ман аз он ҳиси ором шуданам дар ҳавопаймо ба хиҷолат афтодам. Дар рафти рейдҳои оммавӣ дар саросари Эритрея, якчанд роҳбарони калисо, ки бо онҳо вохӯрда будем, дастгир шуданд. Дӯстони мо акнун дар маҳбас буданд. Кӯдакони навзодеро, ки дар оғӯшам дошта будам, акнун аз падарони худ, ки ба зиндон афтоданд, ҷудо шуданд.

Пас аз он ҳодиса дар фурудгоҳи Асмара понздаҳ сол гузашт. Ҳангоми навиштани ин калимаҳо, баъзе аз бародарони мо ҳанӯз ҳам дар зиндонанд. Ман зуд-зуд дар бораашон фикр мекунам ва дуо мекунам, ки онҳо мисли Ле Тей Рӯҳулқудсро таҷриба кунанд ва рӯзе онҳо низ рӯянд, ки вақти онҳо дар зиндон «хуб мегузашт» ва рӯзҳо тез мегузаштанд.

Агар шумо пайрави Масеҳ бошед, ин оилаҳо дар Эритрея оилаҳои мо дар Масеҳ ҳастанд. Умед дорам, ки рӯзе шумо низ мисли Летей мегӯед: «Чӣ гуна метавонам ором истам, вақте ки бародарони ман дар азоб ҳастанд»?

Илтимос барои онҳое ки ҳанӯз дар зиндонҳои Эритрея ҳастанд дуо кунед. Дуо кунед, ки онҳо ҳузури Худоро ҳис кунанд. Дуо кунед, ки мӯҳтоҷиҳои ҷисмониашон қонеъ гарданд

ва ҷисмашон солим нигоҳ дошта шавад. Дуо кунед Худо ба онҳо имконият фароҳам оварад, то ки онҳо ба дигарон башорат дода тавонанд ва самараи имон ва хизмати дар зиндон буданашонро бинанд.

Ҳамон шабе ки ба фурудгоҳ мерафтем, ман тарсидам. Лекин пас аз зиёда аз бист соат, ба хона баргашта, оилаамро ба оғӯш гирифтам ва Худовандро барои сиҳату саломат баргаштан шукр гуфтам. Ҳамроҳи ман дуо кунед, ки бародарони ҳабсшудаи мо дар Эритрея ба зудӣ бо оилаҳояшон пайваст шаванд — ки онҳо қариб бист сол боз интизоранд.

## БАРОИ МУЛОҲИЗА

Шумо аз чӣ метарсед? Тарси чӣ шабона шуморо бедор нигоҳ медорад? Дар рӯзи дастгир шуданаш шубон Ричард Вурмбранд (асосгузори Садои Уқубаткашон) ба ёд овард, ки дар Китоби Муқаддас ба таври гуногун фармони «Натарс» сесаду шашту шаш маротиба ифода шудааст — як фармон барои ҳар як рӯзи сол, ҳатто агар сол соли кабиса бошад ҳам. Ин барои шубон Вурмбранд муҳим буд, чунки рӯзи дастгир шудани ӯ 29-уми феврал буд.

Кадом сана ки имрӯз набошад, шояд ба шумо яке аз ҳамон 366 фармон лозим бошад. Яке аз он фармонҳои «натарс»-ро ёфта, дар дафтари шахсиатон нависед. То охири ҳафта онро аз ёд кунед ва ин дафъа, ки шуморо тарс фаро гирифт, онро ба ёд оварда бо овоз гӯед.

Шумо метавонед ба Худое, ки роҳи шуморо ҳидоят мекунад, бовар кунед. Ӯ метавонад ҳар як ҳолатро ба некӣ гардонад, ҳатто агар шумо дар контенери боркаш дар биёбони Эритрея баста шуда бошед ҳам. Натарсед, чунки Ӯ хеле боэътимод ва тавоно аст.

## Дуо

«Худовандо, ба ман ёрӣ деҳ ва нагузор, ки тарс садди роҳи иҷро кардани хости Ту шавад. Ёрӣ деҳ, ки ҳама вақт аз он роҳе, ки бароям тайёр кардаӣ гузарам. Худовандо, инчунин бародарону хоҳарони маро дар Эритрея баракат деҳ. Онҳоеро, ки дар зиндон ҳастанд, нигоҳубин кун. Онҳоро муҳофизат ва барояшон ғамхорӣ намо ва аз ҳузури оромбахшат дарак деҳ. Бигзор онҳо худи ҳозир ба таври ғайриоддӣ ба воситаи Рӯҳи Ту донанд, ки барояшон дуо мекунанд. Омин».

## *Барои қайди дафтари шахсии шумо*

## *Аз дафтари шахсии ман*

Мо ин саҳар бо шубоне мусоҳиба доштем, ки соли 2002 дастгир ва латукӯб шуда буд. Як сол пеш ӯро боз дастгир карда, панҷ рӯз нигоҳ дошта пурсуҷӯ карданд. Қиссаи ӯ пур аз вафодории Худо буд ва аз рӯҳи ҳалиму меҳрубонаш баракат гирифтем. Ӯ ҳикояашро аз он сар кард, бо ӯ на он қадар бад муносибат карданд ва дигарон аз ӯ дида бисёртар азоб кашиданд.



# РӮЗИ 12-УМ

# «АГАР ХУДО МОРО ИСТИФОДА БУРДА ТАВОНАД»

Ва ман овози Худовандро шунидам, ки мегуфт: «Ман киро бифиристам? Ва кист, ки барои Мо биравад?» Ва ман гуфтам: «Инак ман ҳозирам, маро бифирист».

**ИШАЪЁ 6:8**

........................................................

## Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, соли 2014

Мо дар як қаҳвахонае, дар яке аз кӯчаҳои серодами пойтахти Осиёи Ҷанубу Шарқӣ вохӯрдем. Вақте ки Стив ва Май ба қаҳвахона даромаданд, онҳоро нависанда дар китоби худ ҳамчун «тасвирнашаванда» меномид. Ман онҳол одамони муқаррарӣ ва одӣ тасвир мекардам. Лекин онҳо одамони муқаррарие ҳастанд, ки иродаи худро ба иродаи Худо таслим кардаанд ва Ӯ

таслими онҳоро гирифта, иҷозат дод, ки дар ин давлати дурдаст хизмати башоратӣ дошта бошанд.

Чун Стива ва Май аз ҳаёти худ қисса карданд, маълум гардид, ки барои чӣ онҳоро ба мо чунин тасвир карданд: «Онҳо одамони оддӣ ва хоксор ҳастанд».

Стив дар Амрико калон шуда буд. Май дар Осиёи Ҷанубу Шарқӣ таваллуд шуда буд, лекин оилаи ӯ дар вақти ҷангӣ Ветнам (ки виетнамиҳо онро «ҷангӣ амрикоӣ» меноманд) аз он минтақа гурехта рафта буданд. Баъд онҳо дар лагери гурезаҳо буданд ва ниҳоят вақте ки онҳо ба ҳавопаймо савор шуда ба Амрико рафтанӣ буданд, Май ба худ ваъда дода гуфта буд: «Ман ҳеҷ гоҳ ба Осиёи Ҷанубу Шарқӣ барнамегардам». Худое, ки ояндаро мисли ҳозира рӯшан мебинад, шояд суханони ӯро шунида табассум карда бошад. Ман одатан тасаввур мекунам, ки чӣ хел Худо ҳангоме, ки мо чунин ваъдаҳо медиҳем, бо табассум сарашро меҷумбонад.

Оилаи Май ба шаҳре кӯчид, ки Стив он ҷо зиндагӣ мекард. Стив ва Май якдигарро аз давраи мактабхонӣ якдигарро дӯст доштанд ва чун калон шуданд зану шавҳар шуданд. Онҳо одамони муқаррарии синфи коргар буданд. Стив тиҷорати хурди эвакуатории мошинҳоро дошт. Онҳо фарзандонашонро бо арзишҳои масеҳӣ калон карданд.

Пас аз он ки фарзандон калон шуда аз хона рафтанд, Стив ва Май ҳис карданд, ки Худо онҳоро ба хизмати Худ даъват карда истодааст. Ин даъват аниқ буд, лекин ҷузъиёташ рӯшан набуданд. Онҳо бо имон хона ва тиҷораташонро фурӯхта, чизу чораашонро ҷамъ карда, фарзандону набераҳояшонро ба оғӯш гирифта ба Осиёи Ҷанубу Шарқӣ равона шуданд — ҷое, ки Май ба худ ваъда дода буд, ҳеҷ гоҳ ба он ҷо барнамегардад.

Мақсади онҳо кор бо духтароне буд, ки қурбонии қочоқи инсон (одамфурӯшӣ) иборат буд. Онҳо ба Осиёи Ҷанубу Шарқӣ расида қадамҳои аввалинро сар карданд. Лекин дар ҳар қадами худ онҳо бо ягон душворӣ ё монеа дучор мешу-

данд. Дари ин кор чунон баста буд, ки онҳо як зарра ҳам онро кушода натавонистанд.

Онҳо рӯҳафтода шуданд ва шубҳа пайдо карданд. Оё онҳо даъвати Худоро нодуруст фаҳмиданд? Оё омадани онҳо ба Осиё умуман лозим буд? Агар Худо даъват карда бошад, пас чаро Ӯ ба онҳо ёрӣ намедиҳад? Мушкилӣ дар чӣ аст?

Оҳиста-оҳиста Худо ба онҳо дигар роҳро нишон дод. Хонаводаи Май намояндаи як гурӯҳи этникие аст, ки дар тамоми Осиёи Ҷанубу Шарқӣ паҳн шудааст ва бисёрашон дар давлатҳои дарбастаи Виетнам, Лаос ва Хитой зиндагӣ мекунанд. Худо чашмони Стив ва Майро ба он кушод, ки халқи Май мӯҳтоҷи маводҳои таълимӣ ва мусиқии масеҳӣ буданд.

Стив тасмим гирифт, ки дар хонааш як студияи хурди сабти овозро насб кунад. Ӯ дар YouTube дар бораи таҷҳизоти сабти овоз ва нармафзои таҳрири он видеоҳо тамошо кард. Баъд аз сайти интернетии eBay якчанд таҷҳизоти истифодашударо барои студия харид. Вақте ки таҷҳизот расида омад, ӯ дар хонааш як студияи хурдакакро сохт, Май якчанд дӯстонашро аз қабилаи ҳамзабони худ даъват кард ва онҳо ба сабт кардан шурӯъ карданд. Стив, ки забони онҳоро намедонист, барномаҳоро таҳрир мекард ва агар ягон душвории техникӣ пайдо мешуд, ӯ аз YouTube видеоҳо ё дигар тренингҳоро аз интернет тамошо мекард.

Сабтҳо дар интернет гузошта мешуд ё аз Ширкати радиоии Шарқи Дур садо медоданд.

Аввал ин оила кор бо сабтҳо аз дарсҳои Китоби Муқаддас мекарданд. Баъд онҳо ба забони қабилаи Май сурудҳои масеҳиро сабт карданд ва ҳамин тавр якумин бор сурудҳои масеҳӣ ба намояндагони ин гурӯҳи забон пайдо шуданд.

Одамон аз тамоми Осиё ва ҳатто тамоми ҷаҳон, ки аз қабилаи Май буданд ва аз ин хизмати онҳо баракат ёфтанд, ба Стив ва Май мактубҳо мефиристоданд. Баъзеҳо ба воситаи хизмати онҳо ба Масеҳ имон оварданд, имони

дигарон бошад барои гузаштан аз таъқибот ва фишори оилавӣ бақувват шуд.

Вақте ки мутахассисони кор бо радио барои хабаргирии Стив ва Май омаданд, аз кори студияи онҳо ба ҳайрат афтоданд. «Ин нодуруст аст» — гуфт яке аз онҳо ба компютер ишора карда. Компютер ва микрофон набояд дар як ҳуҷра бошанд, чунки микрофон метавонад садои компютерро ҳам сабт кунад.

Лекин вақте ки мутахассисон ба барномаҳои сабткардаи онҳо гӯш карданд, сифати аудио чунон бенуқс буд, ки гӯё онро дар студияи миллиондоллараи Нашвил ё Ню-Йорк сабт карда бошанд.

Яке аз мутахассисон ҳайрон шуда, пурсид: «Чӣ гуна тавонистед аз ин студия чунин аудиои босифатро сабт кунед?»

«Намедонам» — гуфт Стив. — Ман танҳо ронандаи эвакуатор ҳастам».

Вақте ки дар қаҳвахона ба ҳикояи Стив ва Май гӯш карда менишастам, фикр мекардам, ки ин мӯъҷизаи ҳақиқист. Онҳо тасаввур карда ҳам наметавонистанд, ки Худо ба онҳо — ронандаи эвакуатор ва зани хонашин — иҷозат медиҳад, ки ба одамон дар тамоми ҷаҳон таъсири худро расонанд.

«Медонед чӣ, — гуфт Стив дар охири сӯҳбатамон. — Агар Худо *моро* истифода бурда тавонад, пас корҳое, ки Ӯ карда метавонад, ҳадду канор надорад».

Агар Худо занеро, ки гуфта буд ҳеҷ гоҳ ба Осиёи Ҷанубу Шарқӣ барнамегардад барои сар кардани хизмат дар Осиёи Ҷанубу Шарқӣ истифода барад ...Агар Худо ронандаи эвакуаторро, ки танҳо англисиро медонад барои таҳрири барномаҳои радиоӣ ба забони қабилае, ки ӯ ҳатто гап намезанад истифода барад... Агар Худо студияеро ки «нодуруст» насб шуда буд барои эҷоди сабтҳои бенуқсе, ки дар он одамон Ӯро бо забоне парастиш мекунанд, ки пештар чунин маводҳоро надоштанд, истифода барад...

«Агар Худо моро истифода бурда тавонад, пас корҳое, ки Ӯ карда метавонад, ҳадду канор надорад».

## БАРОИ МУЛОҲИЗА

Боре чунин суханонро шунида будам: «Худо мутахассисонро даъват намекунад, балки даъватшудагонро мутахассис мегардонад». Агар мо ҳаёти бароҳат, нақшаҳои шахсӣ ва бехатарии худро таслим кунем, пас Худо моро ба таври аҷоиб барои паҳн кардани Подшоҳияш истифода мекунад. Довуд чӯпонбача, фарзанди хурдии оилааш буд. Забони Мусо мегирифт. Петрус моҳигири одӣ буд ва Стив ронандаи эвакуатор.

Стив ва Май аз баҳри ҳаёти бароҳати худ дар Амрико даст кашиданд, то ки бо имон зиндагӣ кунанд. Онҳо аз фарзандону набераҳояшон ҳазорҳо километр дур шуданд. Вақте ки дар ҳар қадам бо душворӣ рӯ ба рӯ шуданд, онҳо пурсабрӣ нишон доданд. Акнун онҳо самараеро мебинанд, ки Худо ба сабаби хизмати фурутанонаи онҳо дар ҳар ҷое, ки Ӯ даъват кардааст, ҳосил мекунад.

Оё шумо пурра ба Худо таслим шудаед? Оё шумо тайёред ба ҳар ҷое, ки Ӯ шуморо равон мекунад равед ё ҳар кореро, ки Ӯ мегӯяд иҷро кунед? Агар тайёр нестед, дар бораи он фикр кунед, ки барои чӣ? Чиро аз даст додан намехоҳед? Мехоҳед аз Худо хоҳиш кунед, ки шуморо тайёр кунад? Дар дафтари шахсиатон чизҳоеро нависед, ки барои аз паси Масеҳ рафтан аз даст додан лозим аст. Баъд ҳар вақт ки тайёр бошед, дуоеро, ки дар он ҳамаашро ба Масеҳ месупоред навишта, имзо кунед ва санаашро ҳам гузоред.

### Дуо

Ва ман гуфтам: «Инак ман ҳозирам, маро бифирист» Набии Ишаъё. 6:8.

«Худовандо, ман тайёрам ба ҳар ҷо, ки Ту мегӯйӣ равам ва ҳар чӣ мехоҳӣ кунам. Ёрӣ деҳ, ки ҳар бемайлиро дар ҳаётам дида бартараф кунам, то ки Ту маро пурра барои иҷрои иродаат истифода кунӣ. Омин».

## *Барои қайди дафтари шахсии шумо*

## *Аз дафтари шахсии ман*

Имрӯз хонае, ки Май ва Стив зиндагӣ мекунанд, аз ӯрдугоҳи гурезаҳо, ки оилаи Май он ҷо буд, якуним километр дур аст. Ӯ гуфт, ки имрӯзҳо аз он ҷо гузашта аз девораш он ҷоро шинохтан мумкин аст, гарчанде ҳоло он ҷо корхонаи кишоварзӣ аст.

«Барои нигоҳ доштани одамон дигар намуди девор лозим аст, на он намуди ҳисор, ки ҳайвонотро нигоҳ медоранд» — гуфт ба ман Стив.

Ман аз шаҳодати Стив ва Май рӯҳбаланд шудам. Онҳо одамони оддие ҳастанд, ки Худо даъват кард ва онҳо «ана мо, моро бифирист!» гуфтанд. Акнун онҳо ба одамон дар тамоми Осиёи Ҷанубу Шаркӣ ба воситаи Ширкати Радиоии Шарқи Дур ва дар тамоми ҷаҳон ба воситаи интернет башорат медиҳанд. Ҷалол ба Худо!

## *Гӯш кунед*

Шаҳодати Стив ва Майро дар Радиои Садои Уқубаткашон дар www.VOMRadio.net/SteveMai шунавед.

## РӮЗИ 13-УМ



# НИШОНАҲОИ МУҚАДДАСИЯТ

«Каломи Ту чароғест барои поям ва нурест барои роҳам».
**ЗАБУР 118:105**

.............................................................

Ҳонконг, соли 2015

Ҷон Шорт, ҳадди ақал барои ман, қаҳрамони хизмати миссионерӣ аст. Зиёда аз понздаҳ сол шуд, ки Худо Шортро барои кораш ба Хитой даъват карда буд. Ҷон ба қайиқ савор шуда ба Ҳонконг рафт, ки дар он вақт танҳо ба ин восита метавон ба Ҷумҳурии Халқии Хитой наздик шуд. Ӯ ҷамоатҳои Хитой ва масеҳиёни Ҳонконгро бо адабиёти масеҳӣ таъмин мекард. Вақте ки дарҳои Хитой барои туризм кушода шуд, Ҷон дарҳол ҳуҷҷатҳояшро барои виза супорид. Аз он вақт инҷониб, ӯ чандин маротиба ба Хитой сафар кард. Дар натиҷаи кори ӯ ҳазорҳо ҳазор Китобҳои Муқаддас ба масеҳиёни Хитой тақсим шуданд.

Бо мурури замон, Худо барои хизмати Ҷон дарҳоро ба дигар қисмҳои Осиё аз қабили Бирма, Ветнам ва Кореяи Шимолӣ кушод.

Соли 2013 Ҷон ба Кореяи Шимолӣ сафар кард. Сафари ӯ аз он чӣ нақша дошт зиёдтар тӯл кашид, чунки ҳукуматдорони Кореяи Шимолӣ фармуданд, ки марди 73 солаи австралиягӣ дастгир карда шавад. Ҷонро пас аз сенздаҳ рӯз баъд аз он озод карданд, ки ӯ маҷбуран ҳуҷҷатеро имзо кард, ки дар он ба чунин иттиҳом иқрор мешуд: «Ман мехостам ҳар чӣ бештар мардум дар Кореяи Шимолӣ масеҳӣ шаванд». Омин!

Пас аз озод шуданаш, Ҷон танҳо ба ду мусоҳиба розӣ шуд: яке бо рӯзномаи ватаниаш дар Австралия ва дигараш бо ман барои Радиои «Садои Уқубаткашон».

Ман ба Ҳонконг парвоз кардам. Рӯзи дигар ман ба Ҳуҷраи Китоби Масеҳӣ, хизмате, ки Ҷон чандин даҳсолаҳо пеш меба-рад, рафтам. Ман дар вақти мушоракат ва китобхонии ҳамаи кормандон он ҷо расидам. Онҳо дар гирди дастархон нишаста, порчаеро аз Китоби Муқаддас ба навбат оят ба оят мехонданд. Китоби Муқаддас маркази сӯҳбат буд. Баъд мо дуо кардем.

Пас аз китобхонӣ, ҳамроҳи коргарон хӯроки нисфирӯзӣ хӯрдем ва пас аз он бо Ҷон мусоҳиба доштем. Рӯзи дигар, бо занаш Карен низ мусоҳиба доштам, то ки ҳикояи ӯро шуна-вам. Ҳангоми дастгир шудани Ҷон, ӯ дар Ҳонконг буд ва рӯз-номанигорони кунҷкову ҷосусони Кореяи Шимолӣ ӯро ором намегузоштанд.

Ҷон нақл кард вақте, ки ӯ ба Кореяи Шимолӣ расид, онҳо ҷомадони ӯро бодиққат тафтиш карданд. Дар болои либосҳояш Китоби Муқаддас буд, ки дар ҳар сафараш ҳамроҳ мегирад.

«Ман бо мақсад Китоби Муқаддасамро аз болои ҳама чизҳоям мемонам — фаҳмонд Ҷон. — Пеш аз ҳар бори [ба Кореяи Шимолӣ] ворид шуданамон, чизҳоямонро тафтиш мекунанд. Агар корманди гумрук пурсад «Ин чист?», ман мегӯям «Ин Китоби Муқаддас аст», «Ин Китоби Муқаддаси шахсии ман аст».

Онҳо мегӯянд: «Шумо наметавонед инро бо худ ба Кореяи Шимолӣ ворид кунед» ва ман дар ҷавоб мегӯям: «Ман бе Ки-

тоби Муқаддасам ба кишвари шумо намедароям. Шуморо лозим меояд, ки визаи маро бекор кунед, чунки ман масеҳиям ва Китоби Муқаддасамро ҳар рӯз мехонам. Он ба ман лозим аст».

Баъд онҳо дигаронро фарёд мекунанд ва дар ин бора баҳс карда мегӯянд: «Мо ба шумо иҷозати бо худ кашондани онро дода наметавонед». Ман мегӯям: «Он ба ман лозим аст. Ман бояд онро бо худ дошта бошам». Фикр мекунам, ки ин ҳам барои онҳо шаҳодат аст. Баъд онҳо мегӯянд: «Мо инро дар рӯйхати чизҳоятон қайд мекунем ва шумо бояд ҳангоми баромадан ҳам онро бо худ дошта бошед». Ман мегӯям: «Ин Китоби Муқаддаси англисӣ аст. Фикр намекунам, ки он ба кореягиҳо шавқовар бошад. Ин Китоби Муқаддаси шахсиам аст. Ваъда медиҳам, ки ман онро бо худ аз ин ҷо мебарорам».

Ҳангоми ворид шудан ба Кореяи Шимолӣ, Ҷон намедонист, ки ҳамроҳаш доштани Китоби Муқаддасаш чӣ гуногуниеро ба бор меорад.

Ҷон ҳамроҳи гурӯҳи туристон омада буд ва яке аз ҷойҳои аввале, ки онҳо ба тамошо рафтанд, маъбади будистӣ буд. Вақте ки онҳо ба он мавзеъ расиданд, авбошон онро хароб карда буданд. Роҳбаладони Кореяи Шимолӣ, ки вазифаашон ба хориҷиҳо нишон додани он буд, ки ҳаёт дар Кореяи Шимолӣ чӣ қадар аҷоиб аст, сахт ба хиҷолат афтоданд. Онҳо ба ташвиш афтоданд ва хостанд фаҳманд, ки оё онро зуд барқарор карда метавонанд ё он чунон хароб шудааст, ки обрӯйи Роҳбари Мӯҳтарамашонро мерезонад ва хориҷиёнро мебоист ба дигар ҷо баранд. Мумкин барои мо тасаввур кардан душвор бошад, лекин озодӣ ва ҳатто ҳаёти он роҳбаладон аз он вобаста буд, ки онҳо чӣ гуна дар он ҳолат рафтор мекунанд.

Аз ин ҳолат истифода бурда, Ҷон пинҳонӣ баъзе аз порчаҳои Инҷилро берун аз маъбад дар ҷое, ки умед дошт пас аз рафтанаш ёфт мешаванд, руст кард. Ӯ он порчаҳоро ба забони кореягӣ тарҷума ва чоп карда, дар ҷойи пинҳонии ҷомадонаш руст карда буд.

Субҳи дигар, Ҷон ҷомадонашро ҷамъ карда аз Пёнгянг ба Пекин парвоз карданӣ буд. Лекин вақте ки ӯ назди мошинаш барои ба фурудгоҳ рафтан наздик шуд, ба ӯ гуфтанд, ки ӯ ҳамон рӯз парвоз намекунад. Порчаҳои Инҷил ёфта шуданд ва Ҷон бояд бисёр чизҳоро ба мақомот фаҳмонад. Бо ҳамин пурсишҳои дуру дуроз сар шуданд. Пурсаиш аз порчаҳо сар шуд: «Кӣ онҳоро тарҷума кард? Онҳоро дар куҷо чоп кардед?» Ва баъд Ҷонро аз ҳаёташ саволборон карданд. Ба ӯ фармуданд, ки сол ба сол ҳар як воқеа ва рӯйдоди ҳаёташро навишта диҳад. Дертар ӯ фаҳмид, ки онҳо ба идораи кории вай дар Ҳонконг ва ҳатто зодгоҳаш дар Австралия ҷосусонро фиристоданд.

Ин якумин маротиба набуд, ки боздошт ё пурсиш карда шавад ва албатта медонист, ки натиҷаи гӯш кардан ба даъвати Худо чӣ мешавад. Ӯ ба лаҳҷаи австралиягиаш ба ман дар бораи таъқибот ва чӣ гуна муқаддасони бузурги калисои Хитой, ки шахсан мешинохт ва ҳамроҳашон хизмат мекард ба фикрронии ӯ дар ин масала таъсир кардаанд. Бисёре аз онҳо на ҳафтаҳо, балки даҳсолаҳоро паси панҷара гузарондаанд. Яке аз иқтибосҳое, ки дар ёд дорам ин аст: «Тарс ва имон ҳамзамон дар дили ман вуҷуд дошта наметавонанд. Вақте бо имон зиндагӣ карда, лаҳза ба лаҳза ба Худованд бовар мекунем, тарс дар дили мо ҷо намегирад».

Пурсиш давом ёфт. Ҷон Китоби Муқаддасашро бо худ дошт ва ӯ барои худ кайҳо боз қарор карда буд, ки суханони каломи Худо асоси ҳаёти ӯ хоҳанд буд. Ӯ ва Карен як нақшаи Китобхониро доштанд. Тули тамоми ҳаёти оилавии худ, онҳо ҳар рӯз Китоби Муқаддас мехонанд. Илова ба дигар адабиёт, онҳо як боб аз китоби Масалҳои Сулаймон ва як боб аз Инҷили Юҳанно мехонанд. Дар рӯзи аввали моҳ онҳо боби якуми ин китобҳоро мехонанд, рӯзи дуюми моҳ боби дуюм ва ҳамин тавр то охири моҳ.

Ҳангоми боздошт шуданаш, Ҷон ҳуқуқ надошт, ки бо ягон кас аз берун алоқа кунад. Ӯ ба занаш занг зада наметавонист

аз ҳолаш хабар диҳад, ки ҳамааш хуб аст. Лекин ӯ ба ман гуфт, ки якчанд моҳ пас аз ором шудани ҳолат, ҳар рӯз хондани он бобҳо ва донистани он, ки занаш ҳам ҳамин бобҳоро мехонад, ба ӯ алоқаи рӯҳониеро дод, ки аз ҳар алоқаи телефонӣ бузургтар буд.

Рӯзи дигар ман бо Карен мусоҳиба доштам. Вақте ки Ҷон боздошт шуда буд, ман бо ӯ мусоҳибаи телефонӣ дошта будам. Акнун мо рӯ ба рӯ нишаста будем. Ӯ оромона ва бомулоҳиза ба саволҳои ман ҷавоб медод. Дар солҳои хизматашон дар Хитой дастгир шудани Ҷон як чизи муқаррарӣ шуда буд. Карен аз рӯйи одат барои ӯ дуо мекард, бе донистани он, ки ҳангоми дуоҳояш шавҳараш аниқ бо чӣ, «Ягона хоҳиши ман барои Ҷон аз Худованд — гуфт Карен, — он буд, ки ӯ тавонад Китоби Муқаддасашро бо худ нигоҳ дорад. Ман фикр кардам, ки агар ӯ Каломи Худоро ҳамроҳаш дошта бошад ва Навиштаҷотро хонда тавонад, ҳолаш хуб мешавад. Шукр, ки Худо ба ин дуо ҷавоб дод».

Ба Карен хавотир шудан лозим набуд, ки ӯ чӣ мехонад.

«Бароямон одат шудааст, ки ҳар рӯз як боб аз ягон китоби Китоби Муқаддас ва дигар дигар чизҳо хонем. Фикр кардам, ки агар ӯ Навиштаҷотро дошта бошад, пас мо ҳар ду дар як саҳифа ҳастем».

Дар давоми сенздаҳ рӯз, бо вуҷуди ба якдигар ягон алоқа надоштанашон, Ҷон ва Карен «дар як саҳифа» буданд. Вақте ки Ҷон ба ӯ занг зада хоҳиш кард, ки ба Пекин омада ӯро гирад, Карен миннатдор буд, ки Худо ба дуоҳои ӯ барои сиҳату саломат баргаштани шавҳараш ҷавоб дод. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, ӯ зид набуд, ки шавҳараш дар оянда низ ба Кореяи Шимолӣ баргардад.

Ӯ гуфт, ки агар Худованд имконият фароҳам оварад, мехоҳад ҳамроҳи шавҳараш равад.

# БАРОИ МУЛОҲИЗА

Шаҳодати Ҷон ва Карен ва он афзалияте, ки онҳо ба Навиштаҷот дар ҳаёти худ ва оилавиашон медиҳанд, маро дар бораи фикр кардани бисёр чизҳо водор карданд. Оё шумо Каломи Худоро ҷиддӣ қабул мекунед? Оё хондани Калом то ба дараҷае дар ҳаётатон одат шудааст, ки агар дигарон ба тақвим нигоҳ кунанд медонанд, ки шумо чӣ хонда истодаед? Ё ба соат нигоҳ карда гӯянд: «Соат шаши саҳар аст ва ҳозир вақти китобхониаш аст»? Хондани Калом маро аз дарун иваз мекунад ва Он шуморо низ иваз карда метавонад. Лекин мисли Ҷон ва Карен Шорт шумо бояд онро нишонаи муқаддасияти худ ва лангари ҳаёти ҳаррӯзаатон гардонед.

Дар пеши худ мақсад гузоред, ки Каломи Худоро ҳар рӯз хонед ва барои хондани он нақша тартиб диҳед. Метавонед мисли Ҷон ва Карен ҳар рӯз аз хондани як боби Масалҳо ва як боби Инҷили Юҳанно сар кунед. Шояд Китоби Муқаддаси чопиро истифода мебаред ё шояд ягон барнома дар телефони худ. Дар дафтари шахсиатон ягон оятҳои Навиштаҷотро, ки дар бораи Каломи Худо мегӯяд ёфта (метавонед аз Ибриён 4:12; Забур 118; 2 Тимотиюс 3:16–17 ва Ишаъё 40:8 сар кунед) дар бораи он нависед, ки чӣ гуна метавонед онро дар амал ҳар рӯз истифода кунед.

## Дуо

«Худовандо ба ман нисбати Каломат муҳаббат деҳ. Ёрӣ деҳ, ки ҳар рӯз пазмони он бошам. Ёрӣ деҳ то ҳангоми хондани Каломат овози Туро шунавам ва рӯз аз рӯз дигаргун шуда, монанди Писари Ту Исои Масеҳ шавам. Омин».

## *Барои қайди дафтари шахсии шумо*

## *Аз дафтари шахсии ман*

Ман аввалин маротиба бо Ҷон Шорт моҳи ноябри соли 1999 вохӯрда будам. Ман бо ҳамкоронам ба Хитой рафтем, лекин дар роҳ дар Ҳонконг истодем. Он рӯз рӯзи якшанбе буд ва мо ба калисои Ҷон Шорт рафтем. Ёд дорам, ки пас аз ҷамоат, ӯ моро ба чойнӯшӣ дар меҳмонхонаи боҳашамати Ҳонконг даъват кард. Ӯ гуфт, ки нархи ҳуҷра дар ин меҳмонхона аз сесаду панҷоҳ доллар сар мешавад. Ёд дорам, ки ман чой бо яхро фармудам. Акнун медонам, ки дар Осиё чойи хунук маъмул нест ва онро дубора ройгон пур намекунанд. Аз ин рӯ, бештари сӯҳбатамон бо пиёлаи холӣ нишастам ва фикр мекардам, ки чӣ хуб мебуд агар дигар кишварҳо одати ройгон пур кардани пиёлаи меҳмонро аз худ мекарданд.

Ӯ даҳсолаҳо дар Хитой кор карда, он замон алакай қаҳрамони миссия шуда буд. Лекин ҳеҷ гоҳ фикр намекардам, ки рӯзе дар Кореяи Шимолӣ дастгир мешавад.

## *Гӯш кунед*

Шумо метавонед мусоҳибаи маро бо Ҷон ва Карен Шорт дар сомонаи «Садои Уқубаткашон» www.VOMRadio.net/short шунавед.

## БАРОИ МАСЕҲИЁНИ ТАЪҚИБШУДА ДУО КУНЕД

Баъзан дидани азоби наздиконамон аз азоб кашидани худамон душвортар аст.

Ҳамсарон ва фарзандони масеҳиёни таъқибшуда ҳамин гуна азобро мекашанд вақте ки ҳаёти худашон ба хотири дар зиндон будани наздиконашон дар хатар аст.

**ИМРӮЗ ДУО КУНЕД** барои занон ва фарзандони масеҳиёни маҳбусшуда. Дуо кунед, ки Худо онҳоро рӯҳбаланд кунад, ба онҳо қувват диҳад ва мӯҳтоҷиҳои ҷисмониву рӯҳонияшонро қонеъ гардонад.

Барои оилаҳое дуо кунед, ки маҷбур ҳастанд аз ҳамдигар дар ҷудо зиндагӣ кунанд, то ки Худо зану шавҳарро ба воситаи ҳузараш ва Каломаш рӯҳан пайванд намояд.

Дуо кунед, ки кӯдакон аз ҳабс шудани волидонашон ба Худо дилсард ё хашмгин нашаванд, балки мисли волидонашон ба азобҳо нигоҳ накарда хидмати содиқонаи Подшоҳиро давом диҳанд.





# РӮЗИ 14-УМ

# СӮРОХИҲОИ ТИР ДАР ПАЛТО

«Худои ман фариштаи Худро фиристода, даҳони шеронро баст, ва онҳо ба ман осебе нарасонданд, чунки ба ҳузури Ӯ дар ман гуноҳе ёфт нашуд, пеши ту низ, эй подшоҳ, ман ҷинояте накардаам».

**ПАЙҒАМБАР ДОНИЁЛ 6:22**

........................................................

*Ироқи шимолӣ, соли 2008*

Шубон Ҳаким яке аз шубонони протестантии ангуштшумор буд, ки дар Ироқи ҷангзадаи соли 2008 дар шаҳри Мосули Ироқ истод ва ба ҳеҷ куҷо гурехта нарафт. Вақте ки бо ӯ вохӯрдем, ӯ ба мо гуфт, ки ду сол пеш дар калисои онҳо се шубон кор мекарданд. Яке аз шубононро суннимазҳабони ифротӣ ба қатл расонда буданд. Дигар шубон барои бехатарии худ ва оилааш ба Аврупо кӯчид. Лекин Ҳаким барои нигоҳубини рамаи Худо дар Мосул истод.

Ҳашт рӯз пеш аз вохӯрдан бо мо, вақте ки ӯ мошинашро дар таваққуфгоҳи назди ҷойи кораш нигоҳ доштанӣ буд, се нафар бо ярок бо ӯ вохӯрданд. Онҳо махсус барои куштани ӯ омада буданд ва Ҳаким дертар фаҳмид, ки онҳо дар бораи ӯ аз дигарон пурсуҷӯ мекарданд: «Он масеҳӣ дар куҷост?»

Он се нафар аз Ҳаким хоҳиш каданд, ки мошинро боздорад. Лекин ӯ донист, ки агар мошинро боздорад, аниқ кушта мешавад. Ӯ дарҳол мошинашро гардонда ба дигар самт равона шуд, лекин ба ин нигоҳ накарда се тир хӯрд. Дар беморхона, духтурони мусулмон аз ӯ пурсиданд, ки бо ӯ чӣ рӯй дод.

«Он тарзе ки шумо тир хӯрдед [тирҳо ба узвҳо ва рагҳои ҳаётан муҳим нарасиданд] — гуфтанд духтурон — мӯъҷиза аст».

Ҳашт рӯз пас аз тир хӯрданаш Ҳаким барои вохӯрдан бо ман ва ҳамкорам ба дигар шаҳр омад. Захмҳояш ҳанӯз баста буданд ва ӯ ҳамон палтоеро, ки он саҳар пӯшида буд дар тан дошт. Ӯ чиликашро аз яке аз сӯрохиҳои тир, ки назди тугмаи қисми пеши палто буд, гузошт. Ӯ куртаашро кашида, захмҳои то ҳол басташудаи синаи чапашро ба мо нишон дод.

Бовариам намеомад, ки чӣ хел пас аз ду тир дар қафаси сина хӯрдан, Ҳаким ҳанӯз ҳам зинда монда бошаду роҳ гардад. «Инҳо медалҳои ман ҳастанд» — ба захмҳо ишора карда гуфт Ҳаким. Дуруст буд, ки дар ҷанги бузурги рӯҳонӣ ӯ қаҳрамон буд. Лекин чунин медалҳоро на ҳар масеҳӣ ба даст овардан мехоҳад.

Ҳаким ва занаш Нодира аз хизмати худ нақл карданд. Худо онҳоро ба ҷамоати масеҳиён ба Мосул даъват карда буд ва бо вуҷуди бесарусомонӣ, зӯроварӣ ва марг дар ҳама ҷо, онҳо ҳис мекарданд, ки Худо онҳоро ҳоло даъват накардааст, ки шаҳрро тарк кунанд. Бинобар ин онҳо он ҷо истоданд.

Фишор хеле сахт буд. Фишор аз тарафи суннимазҳабони ифротгаро, ки мехостанд ҳар як масеҳини шаҳрро маҷбур кунанд, ки дини исломро қабул кунанд ё ки он ҷоро тарк кунанд. Онҳо ба ӯ занг зада мегуфтанд, ки барои чӣ вай бояд

пайрави Муҳаммад шавад ва агар нашавад бо ӯ ва оилааш чӣ рӯй медиҳад.

Аз тарафи хешу таборашон, ки ба Аврупо кӯчида буданд, низ фишор буд. Ҳар ҳафта ҳангоми сӯҳбатҳои телефонӣ онҳо «ба ин ҷо биёед» мегуфтанд. «Ба ҷойи бехатар биёед. Мо тайёрем, ки шуморо қабул кунем ва ғамхорӣ кунем».

Ду духтари Ҳаким ва Нодира дар донишгоҳи Мосул таҳсил мекарданд ва ҳар рӯз то гирифтани дипломҳояшон бо хатарҳо рӯ ба рӯ мешуданд. Як сол пеш зани масеҳие барои тақсим кардани Китобҳои Муқаддас кушта шуда буд. Ҳар як узви оила хатари дар Мосул масеҳӣ буданро медонист. Ҳаёти онҳо зери хатар қарор дошт. Бо вуҷуди ин онҳо истоданд, чунки Худо ба онҳо ҳанӯз нагуфта буд, ки раванд.

Ҳар ҳафта онҳо ба хешонашон дар Аврупо мегуфтанд: «Худо моро ба Мосул даъват кардааст, мо меистем».

Нодира бо забони англисӣ ва талаффузи шарқӣ ба мо гуфт, ки Худо ҳар рӯз, ҳатто дар рӯзҳои пеш аз тир хӯрдани шавҳараш ба ӯ тасаллӣ мебахшид. Ӯ ҳузури Худоро ҳақиқатан ҳис мекард. Ӯ ҳис кард, ки дасти Худо ӯро қувват мебахшад ва ин қувват дар рӯзҳои захмӣ шудани шавҳараш ба ӯ лозим омад.

## БАРОИ МУЛОҲИЗА

Чун саргузашти Нодира ва Ҳаким ба ёдам мезанад, дар бораи ду чиз фикр мекунам. Якумаш, ки Худо он касонеро, ки даъват кардааст, муҳофизат карда метавонад. Ҳаким аз яроқи автомат се тир хӯрд, ки дутои он ба синааш зад ва ҳашт рӯз пас сиҳату саломат дар ин бора ба мо нақл мекард. Агар Худо хоҳад, ки шумо аз ягон чиз гузаред — новобаста аз он ки чӣ қадар он даҳшатнок ва хатарнок аст — шумо зинда мемонед.

Дуюмаш ин доим қабул кардани даъвати Худо то он даме, ки Ӯ ба чизи нав даъват кунад. Чанд бор ҳангоме ки роҳ сангин

ва душвор мешавад, мо роҳи осон ва дигарро меҷӯем? Лекин баъзан аз роҳҳои душвор гузашта Худо чизҳои бузургро ба мо меомӯзонад ва баракати зиёд медиҳад.

Агар имрӯз роҳатон душвор ва торик бошад, пас он чизҳоеро, ки Худо ба шумо меомӯзонад ва чӣ гуна Ӯ дар ҳаётатон кор мекунад, ҳамчун дуои шукрона нависед.

## Дуо

«Худованд Исо, ташаккур, ки бо қуввати аҷиби Худ онҳоеро, ки ба хизмати Худ даъват кардаӣ, муҳофизат ва нигаҳдорӣ менамоӣ. Ёрӣ деҳ, ки ба даъвати Ту ҷавоб диҳам ва ҳар рӯзу ҳар лаҳза ҷавоб диҳам, то он даме ки маро ба ҷойи дигар дар ин замин ё «кишвари беҳтарин», ки хонаи абадиятам мешавад, даъват кунӣ. Омин».

## *Барои қайди дафтари шахсии шумо*

## *Аз мактуби электроние, ки ҳамон шаб ба Шарлотта фиристода будам*

Навакак мусоҳиба доштам, ки БОМБАИ ҳақиқӣ буд. Шубонеро аз шаҳри Мосул ЯКШАНБЕИ ГУЗАШТА (як рӯз баъд аз зодрӯзаш) се тир аз яроқи автомат заданд. Ӯ бо занаш ин ҷо ҳамроҳи мо мусоҳиба доштанд. Ӯ ба мо ҷойи даромад ва баромади тирҳо дар баданашро нишон дод. ВА Ӯ ТО ҲОЛ ҲАМОН ПАЛТОЕРО, КИ СӮРОХИҲОИ ТИР ДАР ОН АСТ ДАР ТАН ДОРАД! (Гуфта метавон, ки ин қисса маро ба ҳаяҷон овардааст!)

Ӯ ба захмҳо ишора карда мегӯяд: «Инҳо медалҳои ман ҳастанд (мисли медалҳои ҳарбӣ). Занаш гуфт, ки шаби пеш аз тир хӯрдан, ӯ сурудҳои парастиш гӯш мекард ва Худованд наздаш омада тасаллӣ бахшид ва ӯ ҳузури Худоро аз наздик ҳис кард. Баъд ӯ хоб рафт ва рӯзи дигар шавҳарашро паронданд. Ӯ ба ман Сабина Вурмбрандро хотиррасон кард. Ӯ гуфт, ки ҳеҷ гоҳ шавҳарашро водор намекунад, ки хизматашро тарк кунад, чунки Худо ӯро ба ин ҷо барои хизмат даъват кардааст.

ҲАМА хешу таборашон мегӯянд, ки Мосулро тарк кунанд, чунки он ҷо хатарнок аст ва фикри ду духтари ҷавонашро кунад. Лекин онҳо мегӯянд, ки ба ҳеҷ куҷо намераванд, чунки Исо онҳоро ба он ҷо даъват кардааст. Ӯ ягона шубони инҷилӣ дар шаҳре, ки аҳолиаш ду миллион мебошад.

Шаҳодати хеле ва хеле ҳайратовар! Сафари дурудароз барои ин ҷо омадан меарзид!

# РӮЗИ 15-УМ



# ШАҲОДАТҲО ДАР ЗАМИН

«Ба фикри хато, ки гӯё Худоро фиреб дода метавонед, роҳ надиҳед. Чизи коштаатонро мегиред. Касе ки ҳавасҳои табиати гунаҳкорашро қонеъ гардонда зиндагӣ мекунад, аз табиати гунаҳкор маргро ҳосил мегирад. Вале касе ки барои шод гардондани Рӯҳулқудс мекорад, аз Ӯ ҳаёти абадӣ ҳосил мегирад. Пас, биёед аз некӣ кардан дилгир нашавем, чунки агар ноумед нагардем, дар вақти муносиб ҳосилашро ҳам мегирем».

**НОМА БА ҒАЛОТИЁН 6:7–9**

*Непал, соли 2012*

Непал яке аз ҷойҳои зеботарине аст, ки ман дар он ҷо будам. Дар яке аз шаҳрҳое, ки мо рафтем, ман метавонистам аз ҳуҷраам ба балкон баромада, агар осмон соф бошад, аз даҳ кӯҳи баландтарини ҷаҳон чортоашро бинам. Агар дар ҳавопаймо бошед, барои дидани қуллаҳои кӯҳ бояд аз тиреза ба БОЛО нигоҳ кунед — ин қадар манзараи аҷоиб!

Маҳз дар Непал ман шубон Салидраро вохӯрдам, марде, ки барои узви фавтидаи ҷамоаташ латукӯб шуда буд.

Вақте ки бародари масеҳие, ки номашро «Билол» меномем дар яке аз шаҳракҳои Непал аз дунё гузашт, барои оилааш муҳим буд, ки баданаш гӯронида шавад. Барои масеҳиёни Амрикову Аврупо фаҳмидани он арҷе, ки ин оила ба ин расм мегузорад душвор аст, лекин барои масеҳиёни непалӣ маросими гӯрондан ва санги мазор як роҳи аз мурда халос шудан нест, балки «Эбенезер», (1 Под. 7:12) яъне нишонаи доимии имон ва вафодории кас ба Худо аст.

Дар шаҳри Непал, ки дар он Билол истиқомат мекунад тақрибан сӣ ҳазор кас зиндагӣ мекунад, лекин дар он вақт танҳо чор ё панҷ оилаи масеҳӣ зиндагӣ мекарданд. Вақте ки Билол мурд ҳиндуҳои ифротӣ омаданд, то мурдаи ӯро мувофиқи расми ҳиндуҳо гирифта сӯзонанд. Оилаи Билол розӣ нашуданд, чунки мехостанд мувофиқи расму русуми масеҳият гӯронанд.

Шубон Салиндра, шубони ҷавоне, ки ҷамоати онҳоро роҳбарӣ мекунад, дар хонаи онҳо барои гӯруҷӯб кардани Билол ёрӣ медод, ки ногаҳон садои ғавғоро дар берун шунид. Тӯдаи калони ҳиндуҳо дар ҳавлӣ ҷамъ омада буданд. Одамон дод зада таҳдид мекарданд. Онҳо барои гузаронидани охирин расми ҳиндӣ ва мурдасӯзӣ мурдаро талаб карданд.

Чун ӯ ин нақлро ба ман мекард, Салиндра фаҳмонд, ки дар ҳаёти ҳинду се марҳилаи асосӣ вуҷуд дорад: таваллуд, оиладорӣ ва марг. Бо сӯзондани бадани Билол ҳиндуҳо умед доштанд, ки шаҳодати масеҳӣ будани ӯро кӯр кунанд. Ба ин восита ҳама мебинанд, ки Билол дар охири умраш гӯё ин дини «хориҷии» масеҳиро рад карду ба дини ҳиндуӣ баргашт. Қабр бошад як шаҳодати доимие хоҳад буд, ки ин марди мурда «масеҳӣ» буд. Вагарна чаро бадани ӯро ба ҷойи сӯзондан гӯрондаанд?

Салиндра аз хона баромад ва ба ҳиндуҳо гуфт, ки Билол масеҳӣ буд ва оилааш мехоҳад ӯро мувофиқи расми масеҳият гӯронад. Ҳиндуҳо ба хашм омада, Салиндра ва ду масеҳии дигарро кашола карданд ва онҳоро бо чӯбу мушт заданд. Ҳар сеи онҳо халос шуда бо велосипедҳои худ кӯшиш карданд аз он ҷо гурезанд, лекин тӯдаи одамон беист онҳоро думболагирӣ мекарданд.

Масеҳиён дар хонаи зани беваи солхӯрдаи масеҳӣ Бимала, ки ба тӯдаи хашмгин нигоҳ накарда, дарҳои худро барои онҳо кушод, пинҳон шуданд. Чаро ӯ ба ҳуҷумҳои хатарнок нигоҳ накарда онҳоро дар хонаи худ паноҳ дод?

«Ман бандаи Худованд ҳастам» — гуфт Бимала, — бинобар ин бояд далер бошам. Ман наметарсам, чунки Ӯ бо ман аст. Шояд ки баъзе аз он одамон душворӣ ба сарам оранд, лекин бояд ҷасур бошам.

Тӯдаи хашмгини ҳиндуҳо ба ақиб гаштанд ва масеҳиён тавонистанд бо мотосиклҳо омада Салиндра ва дигаронро аз он ҷо зуд баранд. Захмҳои дар латукӯб гирифтаи Салиндраро табобат карданд. Баданаш сиҳат шуд, лекин дилаш ором набуд. Дар давоми як ҳафтаи пас аз ҳуҷум, ӯ хоб рафта натавонист.

«Ман барои худам дуо мекардам ва ҳангоми хондани Китоби Муқаддас мефаҳмидам, ки бояд [он ҳиндуҳоеро, ки ба ман ҳуҷум карданд] бахшам, чунки Худованд мегӯяд, ки агар дигаронро набахшӣ, ту низ бахшида намешавӣ. Ин суханон диламро шикоф мекарданд».

Худо Салиндраро даъват мекард, ки ҳамлагаронашро бахшад ва ба ӯ хотиррасон кард, ки худи ӯ низ тавассути қурбонии Исои Масеҳ бахшида шудааст.

«Ман худам низ корҳои нодуруст ва хатоҳо кардаам, бинобар ин Худованд чунин амал мекунад. Ӯ маро бахшид. Ман ҳам бояд бахшам. Худованд ба ман мегуфт, ки «Онҳоро бахш. Онҳо бояд назди Ман оянд». Худованд бо ман гап мезад. Баъд ман

розӣ шудам. Ман бояд бо онҳо кор кунам, то ки онҳо низ назди Масеҳ оянд. Як моҳ пас аз ҳуҷум, Салиндра пурра онҳоеро, ки ӯро дар хонаи бева заданду захмӣ карданд, бахшид.

Ӯ дар он шаҳр хизматашро давом дод, ба он нигоҳ накарда, ки пас аз ҳуҷум шумораи ҷамоаташ ду маротиба камтар шуд. Бисёри масеҳиён аз тарс гурехтанд. Онҳо намехостанд, ки ба ҷамоат рафта ё бо дигар масеҳиён барои ибодат ҷамъ шуда, барои ҳиндуҳои ифротгаро ҳамчун нишон шаванд. Барои онҳое, ки ба ҷамоат рафтанро давом доданд, Салиндра силсилаи мавъизаҳоро оғоз кард, то ки онҳоро барои истодагарӣ кардан ба таъқиботҳое, ки медонист ба сарашон меоянд, рӯҳбаланд кард.

«Як рӯз не як рӯз ҳама мемирад» — мегӯяд ӯ ба ҷамоаташ. — Ҳаёт дар ин ҷо дар замин хеле кӯтоҳ аст. Ҳар чӣ ки онҳо бо мо ба хотири масеҳӣ буданамон кунанд, аз ҳар чӣ гузаштанамон лозим ояд ҳатто марг ҳам, мо ба он омода мешавем, чунки моро ҳаёти абадӣ бо Масеҳ интизор аст».

Имондороне, ки аз ҳад тарс ба ҷамоат омада наметавонистанд, баъзан аз Салиндра хоҳиш мекарданд, ки ба хонаҳояшон омада, ҳамроҳашон дуо кунад. Онҳо озодона гуфтан намехостанд, ки масеҳӣ ҳастанд, лекин ба ҳар ҳол мехостанд бо шубонашон барои рӯҳбаланд шудан ва дуо вохӯранд. «Ман боварӣ дорам, ки рӯзе онҳо қавӣ шуда меоянд, — гуфт ӯ — чунки онҳо Худовандро чашидаанд».

Акнун барои муддати тӯлонӣ, санги мазор ҳамчун нишонае хизмат хоҳад кард, ки дар шаҳр масеҳиён ҳастанд. Оилаи Билол дар наслҳои оянда низ сари манзили ӯ рафта, имонашро ба ёд меоранд. «Ана бинед, падарамон масеҳӣ буд! Агар ӯ ҳинду мебуд, мурдаашро месӯзонданд ва ягон қабр ё нишоне аз ҳаёти ӯ намемонд. Лекин ӯ масеҳӣ буд! Нишони имони ӯ дар ҳамин замин аст.

# БАРОИ МУЛОҲИЗА

Фарҳангҳои Ғарб оиди марг ақидаҳои хеле гуногун доранд. Онҳо мисли оилаи масеҳии мо дар Непал санги мазорро ҳамчун шаҳодат ҳисоб намекунанд. Лекин ҳамаи мо пас аз худ ягон шаҳодатро боқӣ мегузорем. Ҳамаи мо бо зиндагии худ барои оилаҳо, ҷамоатҳо ва беимонон дар гирду атроф нишонаҳо мегузорем. Кадом нишонаҳоро шумо пас аз худ мегузоред? Одамон дар бораи шумо пас аз он ки ба абадият меравед чӣ фикр мекунанд? Оё онҳо дар бораи шумо мегӯянд ки «ӯ масеҳии ҳақиқӣ буд» ё онҳо шубҳа хоҳанд дошт? Он мероси рӯҳониеро, ки мехоҳед пас аз худ ба оила ва дӯстонатон гузоред ба даҳ калима тасвир карда, нависед ва аз имрӯз сар карда тавре зиндагӣ кунед, ки нишонаҳои аёни имонатон ба Масеҳро пас аз гузошта тавонед.

## Дуо

«Худовандо, Офаридгори Оламе, ки вақт дар дасти Ту ҳаст, ба ман ёрӣ деҳ, ки имрӯз тарзе зиндагӣ кунам, ки пас аз худ нишонаҳои абадиятро дар замин барои наздиконам ва атрофиёнам гузорам. Ба ман ёрӣ деҳ, то тарзе зиндагӣ кунам, ки оила, ҳамкорон ва дӯстонам бе ягон шубҳа дар бораи ман гуфта тавонанд, ки «Ӯ масеҳии ҳақиқӣ буд!» Омин.»

## *Барои қайди дафтари шахсии шумо*

## *Аз дафтари шахсии ман*

Мо бо шубоне шинос шудем, ки ҳаёташ ба сабаби кори башоратдиҳиаш ҳамеша зери хатар аст. Ӯро дар синфи ҳаштум ба сабаби саводи сусташ аз мактаб хориҷ карда буданд, лекин бо вуҷуди ин имрӯз калисоеро роҳбарӣ мекунад, ки чордаҳ калисои дигарро ташкил кардааст. Бародари хеле вафодор ва меҳнаткаш аст! Дар охири сӯҳбатамон як чизи ҳазлнок рӯй дод. Ӯ гуфт, ки моро гусел карда наметавонад, чунки агар соҳиби хона ӯро ҳамроҳи хориҷиҳо бинад, нархи иҷорaашро баланд мекунад.

## ИҚТИБОСҲО БАРОИ МУЛОҲИЗА

«Чунон ки Элизабет Эллиот қайд кард, вақте Наҷоткореро пайравӣ мекунӣ, дар салиб мурд, ҳатто марги уқубатнок ҳамчун итоати ғайриоддӣ дониста намешавад. Ногаҳон марги уқубатнок ҳамагӣ ҳамчун итоати муқаррарӣ дониста мешавад».

**— Дэвид Платт**[1]

«Зиёда аз ин, мо бо азобу уқубатҳои худ низ фахр мекунем, зеро медонем, ки азобҳо сабру тоқатро ба вуҷуд меоранд. Сабру тоқат моро ботаҷриба мекунад ва аз таҷриба умед пайдо мешавад. Умед бошад, моро шарманда намекунад, чунки Худо ба воситаи Рӯҳулқудси ба мо додааш дилҳои моро аз муҳаббаташ лабрез намудааст».

**Ном ба Румиён 5:3–5**

---

1 Давид Платт, «RADICAL: TAKING BACK YOUR FAITH FROM THE AMERICAN DREAM», ҳуқуқи муаллиф © 2010 David Platt. Истифода мешавад бо иҷозати «WaterBrook Multnomah», чоп — «Random House», воҳиди «Penguin Random House LLC». Ҳамаи ҳуқуқҳо маҳфуз аст.



# РӮЗИ 16-УМ



# «ОН ВАҚТИ ОЛИДАРАҶА БУД»

«Он гоҳ подшоҳ Набукаднесар мутаҳайир шуда, саросемавор бархост ва ба мушовиронаш хитоб намуда, гуфт: «Оё мо се шахси бандубастшударо андаруни оташ наандохтем?» Онҳо ба подшоҳ ҷавоб гардонда, гуфтанд: «Хақ асту рост, эй подшоҳ!» Ӯ дар ҷавоб гуфт: «Ман, охир, чор мардро мебинам, ки бе бандубаст андаруни оташ гардиш мекунанд, ва ҳеҷ осебе ба онҳо нарасидааст; ва намуди марди чорум ба писари Худо монанд аст».

**ПАЙҒАМБАР ДОНИЁЛ 3:24–25**

.................................................

*Хитой, соли 2002*

Ин сафари дуюми ман ба Хитой аз тарафи «Садои Уқубаткашон» буд. Ин дафъа имкон доштам, ки ҳамсарамро ҳамроҳ гирам — ин сафари якуми ӯ ба хориҷа буд ва ӯ имкон дошт он кору хизматеро, ки барои ин «Садои Уқубаткашон» мекунам, бинад. Мо аввал ба Ветнам рафтем, ки дар он ҷо бо масеҳиёти таъқибшуда аз қабилаи Ҳмонг мусоҳиба гузарондем. Мусоҳи-

баи мо дар дохили мошин гузашт, чунки дигар ҷойи бехатар барои мусоҳиба бо хориҷиён набуд.

Аз Ветнам, мо ба Хитой рафтем, ки дар он ҷо бо хоҳар Тонг вохӯрдем. Ӯ якчанд ҳафта пеш аз мо омадан аз маҳбас озод шуда буд. Ман бояд ба ӯ мусоҳиба гузаронда, дар бораи шаҳодат ва вақти ӯ дар маҳбас гузарондааш менавистам.

Хоҳар Тонг дар хонааш ҷамъомад мегузаронд, ки қайди давлатӣ надошт. Аз калисоҳои он ҷо талаб мекарданд, ки қайди давлатӣ ва таҳти назорати Кумитаи Дини қарор дошта бошанд. Ба калисое, ки қайд дорад худи Кумита мегӯяд, дар куҷо иҷозати вохӯрдан доранд ва кӣ метавонад он ҷамоатҳоро пеш барад. Кудакони аз ҳаждаҳ сола поён ҳақ надоранд ба ҷамоат раванд. Ҳама фаъолиятҳои диннӣ бояд аз тарафи давлат тасдиқ карда шаванд.

Ҳар ҷамъомади масеҳӣ берун аз ин система ва бе тасдиқи давлат «ҷамъомади динии ғайридавлатӣ» дониста мешавад. Онҳоеро, ки дар ин гуна ҷамъомадҳо иштирок мекунанд, дастгир, бозпурсӣ ва ҳабс карда мешаванд. Лекин дар амал, коргарони Бюрои Бехатарии Ҷамъиятӣ диққаташонро бештар на ба дастгир кардани ҳар як иштирокчии ҷамъомад, балки ба соҳиби хона, ки масеҳиёнро ба хонаашон иҷозат дод, роҳбарони ҷамъомад равона карда шуда буд.

Бинобар ин хоҳар Тонг, ки чунин ҷамоатро дар хонааш гузаронда буд, дастгир карда ва барои шаш моҳ ҳабс гирифтанд. Ҳукумат кӯшиш кард, ки ӯро «тарбия» кунад, ки ӯ бештар мисли коммунистӣ ва камтар ҳамчун масеҳӣ фикр кунад (1 Қур. 2:16).

Хоҳар Тонг роҳи дуру дарозро тай карда ба ҷойи бехатар омада бо мо вохӯрд, чунки вохӯрӣ бо хориҷиҳо душворӣ ба сараш оварда метавонад. Ӯ зани қадпаст буд ва китфони борик дошт. Зани ман, ки тақрибан 170 см қад дошт мисли манорае наздаш менамуд. Мо ӯро вохӯрда ба воситаи тарҷумонамон аҳволпурсӣ кардем. Баъд диктофонамро гирифта, мусоҳибаро оғоз кардам.

Саволи якум: «Дар бораи зиндон каме нақл кунед».

Фикр кардам мусоҳибаро аз рост азобҳояш сар карда, саҳнаро барои шаҳодатҳояш гузорам. Ман интизор будам, ки дар бораи ҳаёти душвори зиндон тафсилоти даҳшатнокро мешунавам: рахти хоб сахт буд, хӯрок бад буд, каламӯшҳои калон дошт! Ман бесаброна интизор будам то тарҷумон саволи маро аз англисӣ ба яке аз лаҳҷаҳои хитоӣ тарҷума кунад. Диктофон кор мекард, ручкаи ман тайёр буд то ҳар ҷузъиётеро, ки зан тасвир мекунад, қайд кунад.

Вақте ки хоҳар Тонг саволи маро аз тарҷумон шунид, рӯяш бо табассуме, ки танҳо биҳиштӣ номидан мумкин аст, дурахшид. Ӯ чизе ба тарҷумон ба хитоӣ гуфт ва тарҷумон ба мо нигоҳ карда гуфт:

«Майлаш, албатта. Он як вақти олидарақа буд».

Ман бо шубҳа ба тарҷумон нигоҳ кардам. Ман ҳайрон шуда ҳеҷ чизро нафаҳмидам. Ман дар бораи зиндон мепурсам ва хоҳар Тонг бо як табассум дар чеҳрааш мегӯяд, ки он вақти олидарақа буд. Шояд тарҷумон саволи маро нодуруст фаҳмида бошад. Зеро то ҷое, ки ман мефаҳмам, ягон кас гуфта наметавонад, ки зиндон ҷойи олидарақа аст, дуруст?

*Ё метавонад?*

Тарҷумон маро бовар кунонд, ки ӯ саволи маро ва ҷавоби занро дуруст тарҷума кардааст. «Оҳ, албатта. Он як вақти олидарақа буд».

Акнун ман ба хоҳар Тонг саволҳои зиёд доштам. Чӣ гуна зиндон метавонад олидарақа бошад? Ин чӣ гуна таҷрибае будааст, ки ҳангоми онро ба ёд овардан, дар чеҳраи ин зан табассум пайдо мешавад?

Ӯ аз ҷавоб додан ба саволҳои ман хурсанд буд.

Зиндон олидарақа буд, чунки Худо дар он ҷо бо ӯ буд. Хоҳар Тонг нақл кард, ки чӣ қадар муносибатҳои ӯ бо Исо дар зиндон наздик ва махсус буд. Чунин намуд, ки дар он рӯзҳо Ӯ ба хоҳар Тонг диққати махсус медод ва ҳар рӯз дилашро бо ҳузур ва ламси Худ гарм мекард. Ӯ дар зиндон худро ба Офаридгори

олам чунон наздик ҳис кард, ки он вақтро танҳо олидараҷа номидан мумкин аст.

Ва дар он ҷо на танҳо ҳузури Масеҳ олидараҷа буд. Ӯ ба хоҳар Тонг иҷозат дод, ки дар зиндон хизмати аҷиб дошта бошад. Ӯ имкон дошт, ки якчанд маҳбусонро назди Масеҳ биёрад. Чӣ метавонад беҳтар аз он бошад, ки нафаре аз чанголи дӯзах канда шуда ба Подшоҳии абадии Исои Масеҳ оварда шавад?

*«Оҳ, албатта. Он як вақти олидараҷа буд».*

Хоҳар Тонг парвои шароитҳои зиндонро надошт ва бештари диққаташ ба шароитҳои рӯҳонӣ равона мекард. Барои ӯ шароитҳои рӯҳонӣ олидараҷа ва муҳимтар буданд.

Сӯҳбате, ки бо хоҳар Тонг доштам маро иваз кард. Он ҷаҳонбинии маро сахт тағйир дод.

То он сӯҳбат, ман ҳеҷ тасаввур ҳам намекардам, ки зиндон умуман ҷойи олӣ буда метавонад. Зиндон ба фаҳмиши ман ҷойи азоб аст ва агар ягон роҳи гурез аз ин азоб вуҷуд дошта бошад, онро истифода бурдан лозим аст, ҳамин тавр не? Лекин хоҳар Тонг аз азоб нагурехт ва акнун бо табассум аз он давра ёд мекард, гӯё ки аз сӯрохие ба осмонҳо менигариста бошад.

Агар зиндон на азоб, балки вақти олӣ бошад, ман чиро сарфи назар карда бошам? Боз кадом чиз, ки аз дастони меҳрубони Наҷоткорамон мегирем, ки олидараҷа буда метавонад? Беморӣ метавонад олидараҷа бошад? Оё бекорчигӣ метавонад дастовард бошад? Оё талафоти молиявӣ метавонад баракат бошад?

Раваду ин азобҳо сабаби аз наздик ва ба таври аҷиб таҷриба кардани Масеҳ гардад? Чӣ мешуд дар натиҷаи ин душвориҳо мо Исоро бештар донему худро ба Ӯ бисёртар бахшем? Чӣ мешуд он таҷрибаҳо дарҳои хизматро ба таври нав кушоянд ва иҷозат диҳанд ба одамоне Инҷилро расонем, ки дар баръакси ҳол ҳеҷ гоҳ расонида наметавонистем. Оё ягон чизе ҳаст, ки Худо барои ҷалолаш истифода мебарад метавонад ва он аҷиб набошад?

Тарҷумон саволи ман ва суханони хоҳар Тонгро хато тарҷума накард. Лекин ҳамон рӯз суханони хоҳар Тонг дунёи ақли маро

чапа кард. Ӯ муносибати маро оиди зиндон ва азоб иваз кард. Ӯ чашмони маро ба он кушод, ки ҷойҳои «бадтарин»-и ҷаҳон метавонанд ҷойҳои баракат ва ҳузури Худо бошад. Онҳо ҳақиқатан ҳам *олидараҷа* буда метавонанд.

## БАРОИ МУЛОҲИЗА

Кадом чиз дар ҳаёти шумо ба он чизе, ки умед доштед мувофиқат намекунад ва кадом ҳолати ҳаётатонро олидараҷа номидан мумкин нест? Шояд Худо дар ин ҳолат ҳам кор карда истода бошад? Шояд шумо дар ин вазъият Ӯро бо нигоҳи нав бинед? Шояд Ӯ шуморо маҳз дар ин ҳолат гузошт, то дар он бо нафаре вохӯред, ки дар дигар ҳолат шояд ҳеҷ гоҳ вонамехӯрдед — касе ки ҳанӯз ҳам намедонад, ки Исо ӯро дӯст медорад. Оё шумо метавонед ин ҳолатеро, ки ҳеҷ гоҳ намехостед ва интизор набудед олидараҷа номед? Дар дафтари шахсиатон дар бораи ин ҳолатҳо нависед ва қайд кунед, ки чӣ гуна Худо дар ин ҳолатҳо кор карда истодааст.

## Дуо

«Худои Парвардигор, ташаккур ки ҳамроҳи Ту ҳатто зиндон ҳам олидараҷа буда метавонад. Ман ҳолати душвори ______________ ______________ амро пеши Ту меорам. Каломи Ту мегӯяд, ки «Ҳамеша дар Худованд шод бошед» (Нома ба Филиппиён. 4:4) ва акнун ман бо вуҷуди ин ба вазъиятҳоям нигоҳ накарда дар Ту шод буданро интихоб мекунам. Ман хоҳиш дорам, ки мисли хоҳар Тонг ба Ту ба таври махсус наздик шавам, ҳатто дар ҳолате, ки бароям нофорам аст ва намехостам дар он бошам. Илтиҷо мекунам чашмони рӯҳониамро воз кун, то эҳтиёҷҳои наздиконамро бинам ва маро омода намо, ки дар бораи Ту ва муҳаббати Ту бо ҳар кӣ вомехӯрам, гуфта тавонам. Омин».

## *Барои қайди дафтари шахсии шумо*

## *Аз дафтари шахсии ман*

Мо ҳоло бо он душворӣ дорем, ки ин бародарону хоҳаронамон дар бораи душворӣ дар зиндон гап зананд. Рости гап онҳо тамоман дар ин бора фикр намекунанд! Кандани дандон осонтар аз он аст, ки онҳо ҳаёти азоби зиндонро тасвир кунанд.



# РӮЗИ 17-УМ



# «АКНУН Ӯ ХУДОРО БИСЁРТАР ДӮСТ МЕДОРАД»

«Он гоҳ даҳони мо аз ханда пур буд, ва забони мо аз тараннум; он гоҳ дар миёни халқҳо мегуфтанд: «Худованд чизҳои бузурге барои онҳо ба амал овард!» Худованд бо мо корҳои бузурге кард; мо шод гаштем».

**ЗАБУР 125:2–3**

.......................................................

## *Прага, Ҷумҳурии Чехия, соли 2017*

Вохӯрдан бо нафаре, ки ба таъқибот тоб овардааст як чиз аст ва вохӯрдан бо шиноси наздикатон, ки навакак аз таъқиботи шадид гузашта буд дигар чиз аст. Ана чӣ, ин сафари маро махсус гардонд. Дар ин сафар аз дигар сафарҳоям дида саволҳои зиёдтар доштам, назар ба сафарҳои хизматии аз ҷониби «Садои Уқубаткашон».

Ман бояд бо Пётр Ясек ҳашт рӯз пас аз он ки ӯ чордаҳ моҳро дар зиндони Судон гузаронда озод шуда буд мусоҳиба медоштам. Ӯро ба ҷосусӣ мутаҳҳам карда, як умр аз озодӣ маҳрум карданд, ки мутобиқи қонунгузории Судон бист соли зиндон бо иловаи чор сол маъно дошт. Хушбахтона ҳукумати Чехия барои озодияш чораҷӯйӣ кард ва акнун ҳоло ӯ ба хона баргашт.

Ман ҳеҷ гоҳ фикр намекардам, ки рӯзе ба ман лозим меояд бо Пётр дар чунин вазъият вохмеӯрам. Мо бо Пётр зиёда аз даҳ сол ҳамкор будем ва якҷоя ба давлатҳои сертаъқибот сафар мекардем. Мо дар хонаҳои якдигар меҳмон шуда будем. Лекин ин пеш аз он чордаҳ моҳи зиндон буд, ки дар он вақт ӯ бо ҷанговарони давлати ба ном исломӣ, ки дар Судон дастгир шуда буданд дар ҳабс қарор дошт. Кӣ медонист, ки Пётре, ки мо дар Прага вохӯрданием аз Пётри пештара то кадом дараҷа фарқ мекунад? Мо бо мутахассисон сӯҳбат кардем, то донем, ки чиро интизор бошем ва чӣ тавр ба Пётр дар мубориза бо даҳшат ва ранҷу азобҳое, ки ӯ аз сар гузаронида буд, кӯмак расонем. Раваду вай ба шиканҷа гирифтор шуда бошад? Ё ҷисму равонаш осеб дида бошад? Мо чӣ гуна ба ӯ кӯмак карда метавонистем? Захмҳои шабҳои зиндониаш кай шифо меёфта бошанд?

Тайёраи ман нисфирӯзӣ ба Прага фуруд омад ва мо бояд бо Пётр ва оилааш барои хӯроки шом вомехӯрдем. Ман тез шустушӯ карда, дар вақти муайянкардашуда ба даромадгоҳи меҳмонхона фаромадам, ки Пётр он ҷо алакай интизор буд. Ӯ хеле лоғар шуда буд, лекин табассум мекард. Чӣ шарафест, ки ӯро сиҳату саломат ба оғӯш мегирам ва мегӯям, ки «хуш омадӣ, мо барои ту дуо мекардем».

Дар давоми чор рӯзи минбаъда Пётр қиссаашро аз аввал то охир нақл кард. Ӯ қиссаашро бо он сар кард, ки чӣ гуна дар Судон дар фурудгоҳ ду корманди амният ӯро пеш аз он, ки билети савориашро гирад дастгир карданд. Ва баъд ҳикояашро бо он

рӯзе тамом кард, ки вақте дар берун аз Забур мехонд, посбони зиндони Кобер омада ба ӯ гуфт: «Пётр, туро ҷавоб медиҳанд».

Ҳикояи Пётр аз бисёр чизҳои аҷоиб иборат буд: маҳбусони давлати исломӣ хостанд ӯро ғарқ кунанд, вале Худо ӯро наҷот дод; вақте ки ӯро дар камераи якнафара шинонданд, инро барояш баракат ҳисобид, ӯ имконият дошт, ки аз дохили зиндон бо оилааш зуд-зуд дар тамос бошад.

Қисми аз ҳама бароям аҷоиби ҳикояаш он буд, ки Худо ӯро барои ин воқеа тайёр карда будааст. Дар асл ҳаёти Пётр ӯро барои ин тайёр карда буд. Азбаски аз кӯдакӣ дар оилаи масеҳие калон шуда буд, ки дар давлати коммунистӣ таъқиб мешуд ва тамоми ҷаҳонро гашта бо масеҳиёни таъқибшуда мусоҳибаҳо мегузаронд, ӯ дар бораи таъқибот таҷриба ва маълумоти хеле хуб дошта буд. Бо вуҷуди ҳамаи ин Худо ӯро боз бо як тарзи дигар тайёр карда буд: ба воситаи хоб.

Шабе, ду сол пеш аз сафари Пётр ба Судон, ӯ дар хоб аниқу равшан дид, ки дар зиндон аст. Ӯ дид, ки чӣ хел дари ҳуҷраи зиндон маҳкам мешаваду садои қулфро шунид ва дар хобаш фаҳмид, ки ин ҳабси муваққатӣ нахоҳад буд. Хоб чунон воқеӣ буд, ки рӯзи дигар вақте ба ҷамоати парастиш омад, безобита менамуд. Чунон безобита, ки дӯсти масеҳияш пурсид: «Пётр, бо ту чӣ шуд?»

Ду сол пас, дар шабе ки Пётр дар Судон ҳабс шуд, ӯро бисту чор соат бозпурсӣ карда сипас ба маҳбаси маркази фармондиҳии Хадамоти Амнияти Миллӣ (ХАМ) бурданд. Он ҳуҷраи панҷарадор барои як нафар буд, лекин дар он ҷо аллакай шаш нафар буданд: як нафар рӯйи кати хоб ва панҷтои дигар дар рӯйи фарш. Онҳое ки дар рӯйи фарш буданд, ба якдигар ҷафс шуданд, то ки ба Пётр ҷо шавад.

Пётрро корманди амният ба он ҳуҷра даровард ва чун Пётр ба қафо нигариста баста шудани дарро дид, ӯ дарҳол ҳамон хобашро ба ёд овард. Дар ҳамон даре буд, ки ӯ дар хоб дида буд, ҳамон ранг, ҳамон тирезачаи дар ва ҳамон садои баста

шудани дар. Ва Пётр фаҳмид, ки Худо ӯро ду сол боз барои ин пушти панҷара тайёр мекард.

Ин яке аз лаҳзаҳои ҳайратовари ҳаёти Пётр буд. То ҳоло дар тааҷуб аз онам, ки дар давоми чордаҳ моҳи зиндонӣ шуданаш дар Судон ба бемории малярия гирифтор нашудааст дар ҳоле ки ман танҳо пас аз шаш рӯзи ба Судон сафар карданам ба ин бемории даҳшатнок гирифтор шуда будам.

Пётр дар бораи он рӯзҳо нақл, ки чор моҳ пас аз ҳабс шуданаш якчанд маҳбусон ба воситаи башорати ӯ ба Масеҳ имон оварданд. Пеш аз ин ӯ бисёр зиқ ва хавотир буда ва аз Худо мепурсид, ки то ба кай дар ин зиндон истоданаш лозим меояд. Вале пас аз он рӯз, чун дид ки Худо ба воситаи ӯ дар зиндон кор карда истодааст, фикру рафтори ӯ тамоман тағйир ёфт. Дуои ӯ дигар на «то ба кай?», балки «Ман ин ҷо ҳар қадаре ки хоҳӣ меистам ва хизмат мекунам».

Ӯ нақл кард, ки чӣ қадар ташнаи Каломи Худо буд вақте, ки ба ӯ Китоби Муқаддасро оварданд. Ягона роҳе ки ӯ дар он зиндон китоб хонад метавонист ин назди тирезачаи ҳуҷраи зиндонаш аз саҳар то нисфи рӯзӣ бо гуруснагии Калом истода буд. Ӯ тамоми Китоби Муқаддасро дар давоми се ҳафта хонд.

Хизмате ки Худо ба Пётр дод, калон шудан гирифт. Ӯро ба дигар маҳбас гузаронданд, ки калисои худро дошт ва ӯ имкон пайдо кард, ки ба садҳо маҳбусон башорат диҳад. Ва ӯ барои ин тайёр буд, чун аз соатҳои зиёди мутолиаи Каломи Худо ӯ мавзӯҳои зиёдеро барои мавъиза пайдо карда буд.

То охири вақти якҷояамон дар Прага, ман аз он дар ҳайрат будам, ки чӣ гуна Худо Пётр ва зану фарзандонашро барои ин озмоиш тайёр кард ва ҳангоми аз он гузаштан, устувор гардонду нигоҳубин кард.

Вақте ки ба хона расида омадам, Шарлотта аз ман пурсид, ки Пётр чӣ ҳол дорад. Мо чандин моҳҳо барои Пётр якҷоя дуо мекардем ва ҳар ду хавотир будем, ки азобҳои аз сар гузарондааш чӣ гуна ба ӯ таъсир карда бошанд.

Ман ба ӯ гуфтам: «Аҷоиб. Ӯ ҳамон Пётр аст. Лекин ҳоло ӯ Худоро бисёртар дӯст медорад».

## БАРОИ МУЛОҲИЗА

Боз яке аз чизҳои беназире, ки Пётр нақл кард, он буд, ки чӣ гуна дуои халқи Худо ба ӯ дар зиндон ёрӣ доданд. Ӯ ҳамеша дар ҳайрат аз он буд, ҳар шаб соати нӯҳ ҳамин ки чароғҳоро дар зиндон хомӯш мекарданд ӯро дарҳол хоб мебурд. Вақте ба хона баргашт, ӯ фаҳмид, ки масеҳиёни калисои ӯ барои худ ваъда дода буданд, ки ҳар шаб соати ҳашт ҳама корашонро яктарафа монда барои бехатарӣ, оромӣ ва саломатии Пётр дуо мекунанд. Он гоҳ Пётр сабаби нағз хоб рафтанашро фаҳмид: вақте ки дар Ҷумҳурии Чехия соат нӯҳ аст, дар Судон ҳашт аст. Сабаби ҳар шаб зуд хоб бурданаш натиҷаи дар ҳамон вақт дуо кардани имондорон буд. Ба худ ваъда диҳед, ки ҳар рӯз барои масеҳиёни ҳабсшудаи мисли Пётр, барои имонашон ба Масеҳ дуо мекунед. Шумо номҳо ва шаҳодатҳои онҳоро дар сайти www.PrisonerAlert.com ёфта (ва ба онҳо мактуб навишта) метавонед. Шояд дар телефонатон функсияи хотиррасониро ҷур мекунед ё расмашонро назди Китоби Муқаддас мегузоред ё дар дари яхдон мечаспонед. Лекин ҳар рӯз барои онҳо дуо кунед ва бигзор шаҳодати Пётр ба шумо намуна шавад, ки дуо чӣ гуна таъсир расонида метавонад.

### Дуо

«Худовандо ба ман ёрӣ деҳ, то қувваи дуоро дар ҳаёти худ ва ҳаёти онҳое, ки барояшон дуо мекунам кам нашуморам. Ташаккур ки моро барои он чи, ки аз сарамон мегузарад тайёр кардаӣ ё тайёр мекунӣ. Ёрӣ деҳ, ки далерона ба Ту таваккал карда, пеш равам. Ва ёрӣ деҳ бар асари он душвориҳое, ки ба сарам меоянд, Туро монанди Пётр бештар дӯст дорам. Омин».

## *Барои қайди дафтари шахсии шумо*

## *Аз дафтари шахсии ман*

Ман пеш аз озод шудани Пётр дар бораи ҳолати ӯ пас аз чордаҳ моҳи зиндон бо бисёриҳо сӯҳбат кардам. Чӣ гуна он метавонист ба ӯ таъсир кунад? Шароити зишти зиндон ба бадан ва ақидаҳои ӯ чӣ осебе расонида метавонистанд? Акнун ман бо хурсандии калон гуфта метавонам, ки ба Пётр ягон осебе нарасидааст. Ӯ ҳамон Пётр аст... фақат Худоро аз пештар дида бисёртар дӯст медорад. Аз сӯҳбат бо ӯ бисёр шод шудам.

## *Гӯш кунед*

Шумо метавонед ба сӯҳбати ман бо Пётр, ки дар Прага сабт шуда буд дар www.VOMRadio.net/Petr гӯш кунед.

## БАРОИ МАСЕҲИЁНИ ТАЪҚИБШУДА ДУО КУНЕД

Ман дӯст медорам дар бораи он дуо кунам, ки Худо ба воситаи Рӯҳулқудсаш ба бародарону хоҳарони таъқибшавандаи мо бирасонад, ки касе дар ҳаққи онҳо дуо карда истодааст. Пётр ҳангоми аз Судон ба хона баргаштанаш фаҳмид, ки ҳар шаб ҳангоми хоб рафтанаш барои ӯ дуо мекардаанд.

Ман як қиссаи дигаре шунидам, ки чӣ тавр Худо ба ин гуна дуоҳо ҷавоб медиҳад. Боре ман аз Грасия Бернҳам, мубаллиғ дар Филиппин, ки аз тарафаи собиқ як гурӯҳи ифротгарои мусалмонон рабуда шуда буд, пурсидам ки оё ӯ медонист, ки барои ӯ ва шавҳараш Мартин ҳангоми ба гарав гирифта шуданашон дуо мекарданд?

Грасия нақл кард, ки дар моҳҳои тӯлонии асорат шавҳараш зуд-зуд ба ӯ нигоҳ карда мегуфт: «Ҳоло касе барои мо дуо мекунад!». Дар мавридҳои дигар вай ба ӯ ҳамин чизро мегуфт. Онҳо инро ба таври мӯъҷизавӣ медонистанд!

**ИМРӮЗ ДУО КУНЕД** барои масеҳиёне, ки таъқиботро аз сар гузаронда истодаанд, то онҳо бидонанд, ки фаромӯш нашудаанд ва барояшон худи ҳамин лаҳза дуо карда истодаанд.



# РӮЗИ 18-УМ



# ШОДМОНӢ АЗ НАҚШАИ ХУДО

«Аз ҷониби Худованд ба Юнуси писари Амиттай пайғоме омад, ки "Бархезу ба шаҳри бузурги Нинве рафта, ҳукми Маро бар зидди онҳо эълон бикун, чунки бадкориашон то ба пеши Ман омада расидааст". Юнус бошад, бархесту аз ҳузури Худованд гурехтанӣ шуда, ба тарафи муқобили Нинве равона шуд. Ӯ ба шаҳри Ёфо расиду киштие ёфт, ки сӯйи Таршиш мерафт. Юнус роҳкирояшро дода, ба киштӣ савор шуд, то ки ҳамроҳи онҳо ба Таршиш рафта, ҳамин тавр аз ҳузури Худованд гурезад».

**ЮНУС 1:1–3**

.................................................

*Урдун, соли 2016*

Шубон Оқил роҳбари як калисои инҷилӣ дар Урдун аст. Аҳолии ин давлат мисли дигар давлатҳои Шарқи Наздик сад фоиз мусулмон аст. Калисои Оқил ғайридавлатӣ нест, лекин машҳур ҳам нест. Таҳдид ва фишор бар зидди кори онҳо, махсусан башорат додан ба мусулмонҳо ғайримаъмулӣ нест.

Пас аз ҷанги граждани̅ дар Сурия, ки кишварро аз дохил вайрон кард, ҳазорҳо нафар ба ватани Оқил гуреза шуда омаданд. Оқил аз омадани онҳо, он даҳшате, ки паси сар карданд ва шарту шароитҳое, ки онҳо доштанд дарак дошт. Лекин ӯ аллакай дар ҷамоат хизмат дошт. Ӯ аллакай таҳти фишор ва таъқиботи кор бо мулмонон қарор дошт.

Рӯзе як сарпарасте ба калисо занг зада ба Оқил кӯмаки молли̅ пешниҳод кард, ки ба гурезаҳои сурияги̅ ёри̅ диҳад. Оқил боодобона пешниҳоди ӯро рад кард. Ӯ хеле банд буд. Ӯ дар ҷустуҷӯйи хизмати нав ё имконияти нав набуд.

Лекин ӯ ҳис кард, Худо ба ӯ мегӯяд, ки дилашро нисбати гурезаҳо ва ин фурсати хизмат маҳкам накунад. Пас аз як шаби бехоби̅ бо Худо баҳс карда ба Ӯ фаҳмонд, ки хизматаш хеле бисёр аст. Аммо Оқил саҳари̅ бархоста қарор карда ба он кас занг зада гуфт, ки тайёр аст кӯмакро ба гурезаҳо расонад. Пастор ба ӯ гуфт, ман барои ташкил кардани кӯмак омода ҳастам, агар пешниҳоди шумо то ҳол қувва дошта бошад.

Бо ҳамин хизмати Оқил ба гурезаҳо сар шуд. Ӯ ва дигар аъзоёни калисояш ба минтақае сафар мекарданд, ки он ҷо ҳазорҳо гурезаҳо дар паноҳҷӯёни муваққати̅, хаймаҳо ё ҳар чи ки меёфтанд, зиндаги̅ мекарданд. Онҳо ягон роҳи даромад надоштанд ва фарзандонашонро ба мактабҳои маҳалли̅ қабул намекарданд.

Гурезаҳо аз динҳои гуногун буданд: баъзеҳо масеҳии номи̅, баъзеҳо язиди̅, баҳзеҳо шиамазҳаб ва баъзеҳо суннимазҳаб. Лекин ҳамаашон дар як ҳоли вазнин қарор доштанд. Онҳо афсурдахотир ва дур аз ватан ва хонаву дар буданд.

Илова ба кӯмаки башардӯстона Оқил ва масеҳиёни ҷамоаташ ба одамон пешниҳод мекарданд, ки барояшон дуо кунанд. Ва ҳар бор онҳо рӯйрост мегуфтанд, ки онҳо на ба номи Оллоҳ ё Муҳаммад, балки ба номи Исо-ал-Масеҳ дуо мекунанд. Кам одамон буданд, ки пешниҳоди дуои онҳоро рад мекарданд,

чунки гурезаҳо ба ҳар гуна кӯмак сахт ниёз доштанд. Магар аз Исо кӯмак пурсидан ягон зарар дорад?

Рӯзе Оқил бо ёрдамчиҳояш дар хонаи як зан ва фарзандонаш буданд ва шубон пешниҳод кард, ки барояшон дуо кунад. Модар розӣ шуд ва маҳз хоҳиш кард, ки барои писараш, ки аз кӯдакӣ бемории сактаи дил дорад, дуо кунанд. Шубон ва дигар масеҳиён барои ин оила ба номи Исо-ал_Масеҳ дуо карданд ва сипас ба тақсимоти кӯмакашон давом доданд. Бегоҳӣ онҳо ба шаҳри худ баргаштанд.

Якчанд рӯз пас, телефони шубон занг зад. Ин ҳамон модаре буд, ки кӯмак гирифта буд ва барои писараш он гурӯҳ дуо карда буданд.

Зан ба шубон гуфт: «Мехостам ҳамон дуоеро, ки барои писарам кардед, нависта диҳед, ба гӯшак нидо карда зан».

Шубон каме ҳайрон шуд. «Майла, менависам. Лекин гӯед, барои чӣ ин шакли хаттии дуо ба шумо лозим аст»?

«Ҳамон садое, ки дили писарам аз кӯдакиаш дошт гум шудааст. Духтурон мегӯянд, ки дилаш ягон нишонаи беморӣ надорад. Мехоҳам, ки дуоятонро нависта диҳед, чунки мехоҳам барои ҳамаи фарзандонам низ бо он дуо кунам».

Мусулмонҳо дуоҳояшонро аз рӯйи тартиби ба онҳо муайянкардашуда дуо мекунанд. Ин зан шоҳиди он шуд, ки Исо писарашро шифо дод ва чун ӯ дид, ки Исо дар ҳақиқатан ҳам ба дуоҳо ҷавоб медиҳад, минбаъд мехоҳад танҳо ба Исо дуо кунад. Лекин ӯ мехост боварӣ ҳосил кунад, ки суханони дурустро ба Ӯ мегӯяд.

Оқил бо шодмонӣ табассум кард ва Худоро барои шифо додани писарак шукр гуфт. Баъд ӯ ба он модар фаҳмонд, ки сабаби шифои писараш ягон суханони аниқ набуданд. На суханон, балки Ҳамоне, ки суханонро шуниду, шифо дод. Ӯ аз номи писараш ба Исои Масеҳ дуо карда буд ва Ӯ дуоҳои онҳоро шунида ҷавоб дод ва ба дили писараш шифо бахшид.

Ба ин модар вақти зиёде лозим нашуд, ки пайрави Исо шавад. Ӯ мехост пайрави Оне шавад, ки дуоро мешунавад ва ба он ҷавоб медиҳад.

Вақте ки Оқил ҳикояро ба ман нақл мекард, каме ба хиҷолат афтода буд, чунки ӯ бо Худо баҳс карда буд, ки барои хизмати гурезаҳо банд аст. Илова ба ин дар ватани худаш низ нафароне буданд, ки мӯҳтоҷи Худо буданд. Оё Худо наметавонист ягон нафари дигарро барои кор бо суриягиҳо фиристад?

Бо вуҷуди ин пас аз розӣ шуданаш, ӯ дид, ки чӣ хел Худо ба таври аҷоиб кор мекунад. Гурезаҳои мусулмон ҳайрон мешуданд, ки мусулмонони худашон ба онҳо ёрӣ намедиҳанд, лекин масеҳиён ёрӣ медиҳанд. Оқил дасти Худоро дар амал дид. Ӯ шоҳиди он буд, ки чӣ гуна Худо бо мӯъҷиза мӯҳтоҷиҳоро қонеъ мегардонад. Ӯ дид, ки беморон шифо меёфтанд. Ӯ ҳатто дид, чӣ гуна мусулмонон — ҳатто роҳбарони исломӣ — исломро тарк карда пайрави Масеҳ мешуданд. Ин ҳодисаҳо на дар як сол як бор, балки ҳар рӯз такрор ба такрор ҳамчун як падидаи муқаррарӣ рӯй медоданд.

Вақти кор бо гурезаҳо вақти дӯстдоштаи Оқил буд. Ӯ дар ин ҷо аз кори кардааш худро қонеъ ҳис мекард. Дар ин ҷо ӯ кори Худоро пайваста ва ба таври равшан медид. Акнун ӯ аз он хизмате, ки дурӣ меҷуст дар ҳаяҷон ва хурсанд буд.

## БАРОИ МУЛОҲИЗА

Вақте ки бори аввал ба Оқил имконият ва дастгирии молиявӣ барои хизмат бо гурезаҳои сурияӣ пешниҳод шуд, ӯ онро рад кард. «Раҳмат, лекин наметавонам» зеро ин имконият ба нақшаҳои ӯ рост намеомад. Лекин Худо ба ҳар ҳол бо меҳрубонӣ ӯро розӣ кунонд, ки ба даъвати Ӯ розӣ шавад: «Албатта, Худовандо» ва бо гузашти вақт, маҳз ҳамин хиз-

мат барои Оқил хизмати аз ҳама самараноктарин ва қаноатбахштарин гардид.

Албатта Оқил аввалин нафаре набуд, ки бо даъвати Худо чунин рафтор кард. Юнус аз хизмате, ки Худо барояш дод гурехт. Мусо дуо кард: «Худовандо, ягон каси дигарро бифирист» (Хуруҷ 4:13). Мо ба ҳама имконияте, ки одамон дар зиндагиамон пешниҳод мекунанд, розӣ шуда наметавонем. Лекин агар Худо ҳидоят кунад, мо бояд ба овоз ва даъвати Ӯ пайравӣ кунем.

Шояд Худо дареро барои шумо кушодааст, ки намехоҳед ба он дароед. Шояд Ӯ шуморо барои ягон кор даъват кардааст ва шумо «не» гуфтед. Вақт ҷудо карда, фикр кунед, ки барои чӣ не гуфтед. Нависед, ки чӣ шуморо аз розӣ шудан бозмедорад? Андеша кунед, шояд Худо ба шумо роҳеро пешниҳод дорад, ки дар он корҳои бузургашро ба шумо нишон доданӣ аст, роҳи шодмонӣ, ки аз он чӣ шумо интизор будед болотар аст.

## Дуо

«Падари Осмонӣ, роҳеро, ки бароям тайёр кардаӣ нишон деҳ ва ёрӣ деҳ, ки овозатро шунавам, иродаатро шиносам ва ҳама вақт тайёр бошам, ки ба даъватат розӣ шавам. Иҷозат деҳ, ки қуввататро дар ҳар коре, ки мекунам бинам ва дар ҳар ҳолат барои наздиконам Туро намояндагӣ карда тавонам. Омин».

## *Барои қайди дафтари шахсии шумо*

## *Аз мактубе, ки пас аз сафарам навиштам*

Ана якчанд лаҳзаҳои махсус муҳим барои ман дар сафар:

- Омода будани гурезаҳо барои қабули Хушхабар. Масеҳиёне, ки кӯмаки башардӯстона мерасонанд, ба гурезагон мегӯянд, ки мехоҳанд барои онҳо ба номи Исо дуо гӯянд. Шумораи хеле ками онҳо рад мекунад. Чӣ хурсандист шунидан дар бораи шифоҳо, мӯъҷизаҳо ва ба Масеҳ имон овардани бисёриҳо!
- Хизматрасонӣ ба гурезагон, ки дастгирии фаъолияти беморхона ва клиникаи дандонпизишкӣ, мактаб ва курсҳои такмили ихтисосро дар бар мегирад. Ин ягона хизматест дар минтақа, ки дар он «Садои Укубаткашон» ширкат мекунад ва ҳар ҳафта ҷони садҳо нафарро наҷот медиҳад.
- Боздид аз манзили як гурезаи суриязан ва ду фарзандаш. Ин сафар моро хеле ба ҳаяҷон овард, зеро ин зани мусулмон, ба назар мерасад, ки умед надошт. Шавҳараш ӯро тарк кард, фарзандонаш аз он чизе, ки дар Сурия дида буданд, осеб дидаанд. Аммо вай хурсанд буд, ки одамонро аз калисо, ки ба ӯ мушоракат ва кӯмак пешниҳод карданд, пазироӣ кунад. Мо пеш аз он ҷо рафтанамон дуо кардем, ки вай бидонад, ки Худо ӯро дӯст медорад ва ба ӯ ва фарзандонаш ғамхорӣ мекунад.





# РӮЗИ 19-УМ

# КИТОБИ МУҚАДДАСИ ЗИНДОНӢ

> «Ин чунин маъно дорад, ки ҳар касе, ки ба Масеҳ тааллуқ дорад, аз нав офарида шудааст. Он чи ки куҳна буд, даргузашт ва акнун ҳама чиз нав шудааст».
>
> **2 ҚУРИНТИЁН 5:17**

.................................................

## Туркия, соли 2016

«Падари ман ба он дараҷае башоратчӣ аст, ки агар ба ҳамин намакдон башорат диҳад, он имон меорад».

Мо дар як тарабхонае, ки болои боми яке аз биноҳои осмонбӯси қисмати аврупоии Истанбул буд нишаста будем ва манзараи хеле зебое аз ҳар тарафи он ҷо кушода мешуд. Аз он ҷо ҳам Маъбади Софияи Муқаддас, ҳам Масҷиди Кабуд ва ҳам дарёи Босфорро бо киштиҳояш, ки ба ҳар тараф мерафтанд, дидан мумкин буд.

Оилае, ки вохӯрдем — падар, модар, писари калонӣ бо занаш ва духтари наврасашон — якчанд моҳ пеш аз Эрон гурехта омада буданд.

Падарашон Ҳумойюн дар Эрон мисли аксари одамон дар ин кишвар ба нашъмандӣ гирифтор буд. Шумораи нашъамандон дар Эрон баландтарин дар ҷаҳон аст. Рӯзе ӯ Исоро дар хобаш дид ва чун аз хоб хест, аз ин вобастагии марговар халос шуд. Ӯ дигар тамоман майл ба ин мавод надошт. Ин мӯъҷиза барояш исботе буд, ки Исо на танҳо пайғамбар аст, балки ҳақиқатан ҳам Писари Худост. Писари Худо, ки бо мо гап мезанад ва моро шифо медиҳад! Кӣ намехоҳад, ки ба чунин Худоро пайрави накунад?

Аз ҳамон рӯз сар карда Ҳумоюн бори дигар маводи мухаддирро истифода накард ва саломатии ӯ бо тезӣ беҳтар шуд. Лекин дигаргунии рӯҳаш аз он ҳам беҳтартар буд.

Гумон кардан мумкин буд, ки занаш ҳоли беҳтари шавҳаршро дида, акнун бо ӯ аз пештара дида беҳтар муносибат мекард, вай дар ҳаяҷон мешавад. Лекин занаш баръакс сахт ба ғазаб омад. Чӣ гуна ӯ тавонист аз ислом рӯ гардонда, пайрави Исо шаваду чунин шармандагиро ба сари тамоми оила биёрад?

Хешу табори зан ба ӯ маслиҳат доданд, ки аз шавҳараш ҷудо шавад, лекин ӯ ҳанӯз тайёр набуд, ки аз оила ва шавҳараш даст кашад. Ӯ аз Ҳумоюн муваққаттан ҷудо шуд, лекин дигаргуниҳои назаррас дар ҳаёт ва дили шавҳараш дили ӯро ёфтанд. Бо мурури вақт ӯ низ пайрави Исо шуд ва хонаи онҳо маркази нури инҷилии он шаҳр гашта буд. Ҳумоюн сахт хоҳиш дошт, ки бо нашъамандон кор кунад. Ӯ ба онҳо дасти ёрӣ дароз карданро сар кард ва дид ки чӣ гуна дигар нашъамандон Масеҳро қабул мекунанду аз нашъа даст мекашанд.

Ҳумоюн башоратчии моҳир буд. Ӯ дар ҳар сухани худ мавзӯйи сӯҳбатро ба муҳокимаи имон ва Худо будани Исо, ки ба дуоҳо ҷавоб мегӯяд, мебурд. (Ба ҳар ҳол фикр намекунам, ки ӯ ягон бор ба намакдон башорат дода бошад).

Пешхизмат боз чой оварда ва чун ӯ ба пиёлаҳои мо чой мерехт ва шакарро ба якдигар дароз мекардем, сӯҳбат каме боздошта шуд. Болои боми дигар бино паррандаи моҳихӯрак меистод.

Шояд фикр кунед, ки ҳукумати маҳаллӣ чунин ташаббус ба мисли ёрӣ ба нашъамандонро пазироянд, лекин на дар Эрон, на дар он ҳоле, ки ба Исо рабте дошта бошад. Дар чашми пулис ва фаъолони дин Ҳумоюн на ба нашъамандон ёрӣ медиҳад, балки одамонро аз дини ислом мегардонад, ки ин ҷиноят ҳисоб шуда ба ҳабс мегиранд ё ҳукми қатл эълон мекунанд. Бинобар ин ӯро ҳабс карданд.

Дар зиндон Ҳумоюн Китоби Муқаддас надошт, лекин ӯ дар он ҷо бо дигар масеҳиёне вохӯрд, ки ин масъаларо зуд ҳал карданд. Як дафтари холӣ аз даст ба дасти масеҳиён дар дохили зиндон мегашт ва ҳар кас дар он оятҳоеро, ки пеш аз дастгир шуданашон аз ёд медонистанд, менавистанд. Дар давоми се соле, ки Ҳумоюн дар зиндон буд, он дафтар Китоби Муқаддаси ӯ ва дигарон буд.

Ҳумоюн аз оилааш ягона нафаре набуд, ки барои имонаш азоб мекашид. Пас аз дастгир шудани худаш, занашро низ ҳабс карданд, чунки ӯ низ дар пеш бурдани калисои хонагӣ ва ба Масеҳ имон овардани занон иштирок дошт. Писари онҳо, Ҳайдар ҳаждаҳ солагиашро дар зиндон гузаронда буд, чунки ӯ низ ба дигар эрониҳо дар бораи Исое, ки падарашонро пурра аз нашъамандӣ шифо дод, шаҳодат медод.

Вақте ки Ҳумоюн озод шуд, ӯ хизматеро, ки Худо барояш дода буд, давом дод. Лекин иҷрои он душвор шуд, чунки мақомотҳои давлатӣ ӯро дар ҳама ҷо назорат мекарданд ва давом додани кор дигар масеҳиёнро дар хатар мегузошт.

Бо дили нохоҳам оилаашон қарор карданд, ки Эронро тарк кунанд. Онҳо ба Туркия рафтанд ва пеш аз он ки иҷозати корӣ дар он ҷо гиранд, бояд аз раванди тӯлонии муҳоҷиратӣ мегузаштанд.

Гарчанде ӯ ҷисман дар он ҷо набуд, кори башоратии ӯ манъ нашуд. Ҳар бегоҳ ӯ рӯ ба рӯи компютер нишаста ба воситаи

занги видеоӣ бо дигар масеҳиён дар Эрон гап мезад ва роҳбарони калисоҳоро таълим дода рӯҳбаланд мекард, ки кори муҳимашонро давом диҳанд.

Башоратчӣ танҳо аз сабабе, ки ватанашро тарк кардааст, башоратдиҳиро бас намекунад. Ҳумоюн фонди луғавии худро аз калимаҳои туркӣ бой гардонд ва ба туркҳо дар мағозаҳо, тарабхонаҳо ё ҳар ҷо ки одамони ба Масеҳ мӯҳтоҷро вомехӯрд башорат медод. Маҳз ҳангоми нақл кардани ҳамин ҳикояҳо Ҳайдар, ки барои волидонаш тарҷума мекард, хандида бо фахр гуфт, ки падараш ҳатто ба намакдон ҳам башорат медиҳад.

«Хуб дар оянда шумо чӣ нақша доред?» — аз онҳо пурсидем мо ва интизор будем, ки онҳо мегӯянд, ки ҳуҷҷатҳояшонро барои муҳоҷират ба давлатҳои Ғарб супоридаанд. Ҷавоби онҳо моро дар ҳайрат гузошт: онҳо умед доштанд, ки баргашта ба Эрон раванд. Бале онҳо мехостанд ба он давлате, ки онҳоро ҳабс кард ва озор дод, баргарданд. Лекин онҳо ватанашонро бад намедиданд. Онҳо баръакс дилашон ба миллионҳо эрониҳое месӯхт, ки аз тарафи исломистҳо ҳабс шуда буданд ва мӯҳтоҷи бо Наҷоткор шинос шудан буданд, ки тайёр аст онҳоро озод карда, шифо диҳад ва ба мушоракат бо Ӯ биёрад.

Чӣ гуна шахсе, ки дар дилаш башоратчӣ аст, ҳамаро партофта ба хориҷа равад, модоме ки дар ватанаш корҳо зиёд ҳастанд?

## БАРОИ МУЛОҲИЗА

Исо чӣ гуна шуморо иваз кард? Кадом қисмҳои табиати кӯҳнаи шумо, ки пеш аз шинохтани Масеҳ доштед, нест шуданд? Чӣ гуна шумо «офаридаи нав» шудед? Чӣ гуна Исо шуморо дар дувоздаҳ моҳ ё шаст рӯзи охир иваз кард? Ӯ ҳоло дар кадом соҳаҳои ҳаёти шумо кор карда истодааст, то шуморо ташаккул дода ба Худо монанд гардонад? Дар дафтари худ

нависед, ки чӣ гуна Худо шуморо иваз кард (ҳамсар ё дӯсти наздикатон дар шумо дигаргуниҳоро дида метавонанд.

Оё шумо ба ягон кас дар бораи ин дигаргуниҳо нақл кардед? Одамон шояд бо мантиқи шумо, бо иқтидори Китоби Муқаддас ё дигар далелҳои илмӣ, ки шумо ҳангоми онҳоро назди Масеҳ даъват кардан истифода мебаред, розӣ нашаванд. Лекин бо таҷриба ва шаҳодати шахсии шумо баҳс кардан душвор аст. Ҳумоюн дар бораи он нақл мекунад, ки чӣ гуна ӯ солҳои дароз нашъаманд буд ва баъд чӣ гуна вақте бо Масеҳ вохӯрд, ҳамаи хоҳиши нашъамандӣ аз ӯ дар як лаҳза дур шуд. Кӣ метавонад бо он баҳс кунад? Ва кӣ намехоҳад бо он Масеҳ вохӯрад?

Аз Худо хоҳиш кунед, ки ин ҳафта ба шумо имкон диҳад, ки ба ягон кас дар бораи он чӣ, ки Ӯ дар ҳаёти шумо кард, нақл кунед.

## Дуо

«Худоё шукр барои чунин башоратдиҳандагони ҷасур ба мисли Ҳумоюн. Илтимос, ёрӣ деҳ, то он дигаргуниҳои аҷиберо, ки Ту дар ҳаётам кардӣ, дарк карда тавонам ва ёрӣ деҳ, ки ин ҳафта ба ягон кас дар бораи он нақл кунам, ки чӣ гуна Ту маро иваз кардӣ ва то ҳол карда истодаӣ, то ки бисёртар ба Ту монанд шавам.

Бародарон ва хоҳарони маро дар Эрон нигоҳубин ва муҳофизат кун ва бигзор бисёр эрониҳо ба Ту имон оваранд. Омин».

## *Барои қайди дафтари шахсии шумо*

## *Аз мактуби дуое, ки пас аз сафар навиштам*

Сафарам хеле аҷиб буд! Имкон доштам, ки бо бародарону хоҳароне, ки ба Масеҳ дар сафи пеш дар ҷойҳои душвор кор мекунанд, вохӯрам ва ҷойҳои зебо ва таърихии дар ҷаҳон машҳурро тамошо кунам.

Яке аз лаҳзаҳои ҷолибтарини сафарам вохӯрӣ бо оилае аз Эрон буд: падар зиёда аз се сол ва модар тақрибан як солро дар зиндон гузарондаанд ва ҳатто писар барои имонаш ба Масеҳ ҳабс шуд ва барои ҷазо додани падару модараш ҳаждаҳ солагии ӯ дар маҳбас гузашт. Исо падарро аз вобастагие, ки сӣ сол дошт халос кард ва дар зиндон ӯ ба дигар нашъамандон ва онҳое, ки ҳукми қатлро гирифта буданд, башорат медод. Ӯ гуфт, ки дар зиндон ӯ фаҳмид, ки чӣ гуна Худо азобро барои баракат додани одам истифода мебарад.



## РӮЗИ 20-УМ




# «МО ҲАМА МЕДОНЕМ»

«Зеро ба шумо ато шудааст, ки на танҳо ба Масеҳ имон дошта бошед, балки ба хотири Ӯ азоб низ кашед».

**НОМА БА ФИЛИППИЁН 1:29**

..............................................

### Хитой, соли 2010

Боре дар Хитой бароям бо яке аз шарикони «Садои Уқубаткашон», ки дар ин кишвар Китобҳои Муқаддасро тақсим мекард, вохӯрӣ ташкил карданд. Ёд надорам, ки барои чӣ номи ӯро дар ёд надорам: ё ӯ номашро ба ман нагуфт, ё қасдан дар қайдҳоям онро нанавистам, то дар ҳолати мусодира шудани қайдҳоям ягон кас онро наёбад. Ман ӯро ҷаноби Сӣ мегузорам, лекин бовар кунед, ки ӯ президенти Хитой набуд.

Яке аз хизматҳои «Садои Уқубаткашон» ба масеҳиёни таъқибшуда дар бисёр ҷойҳо ин таъмин кардани онҳо бо Китобҳои Муқаддас аст. Пас аз дуо, Китоби Муқаддас

мӯҳтоҷии дуюми онҳост. Нависандаи китоби Ибриён мегӯяд, ки Каломи Худо «зинда ва таъсирбахш аст» (4:12), ва бародарону хоҳароне, ки барои Масеҳ азоб мекашанд, ташнаи он ҳастанд. Дар Хитой «Садои Уқубаткашон» бародарону хоҳаронро дар ҳама минтақаҳои ин кишвар, ҳамаи имконҳоро истифода бурда бо Китобҳои Муқаддас таъмин карда дастгирӣ мекунад.

Ҷаноб Сӣ шабона наздамон ба меҳмонӣ омад. Агар мо ба наздаш мерафтем, бароямон хеле хатарнок мебуд. Ӯ бисёр ҳалимона ва оромона гап мезад. Ман чунин таасурот гирифтам, ки ӯ аз ҳеҷ чиз наметарсад. Чун ӯ аз ҳаёташ қисса кард, фаҳмидам, ки барои чӣ. Таъқибот дар оилаи ӯ аз насл ба насл мегузарад.

Пас аз инқилоби коммунистӣ дар соли 1949, бобои ӯ шубони ҷамоати хонагӣ ва миссионер ба дигар қисмҳои Хитой буд ва зиёда аз даҳ солро дар зиндонҳои гуногуни Хитой гузаронд. Ҷаноб Сӣ дарҳол ба мо фаҳмонд, ки ҳабси бобои ӯ кӯтоҳтарин буд: бештари роҳбарони калисои он давра зиёда аз ду даҳсоларо паси панҷара сипарӣ мекарданд.

Падари Сӣ дар усқуф шуда хизмат мекард. Пулис ӯро низ чандин бор дастгир карда буд. Дӯсти навам гуфт, ки вақте ӯ кӯдак буд, дар ҷое, ки онҳо зиндагӣ мекарданд, мошинҳо кам буданд. Ва ҳар боре ки дар кӯчаҳои онҳо ягон мошин пайдо мешуд, онҳо дарҳол мефаҳмиданд, ки мақомотҳои давлатӣ барои дастгир кардани падараш омадаанд. Чун падараш мошини омадаистодаро медид, ба модараш мегуфт, ки як ду либоси зиёдати барояш ҷамъ кунад, то мабодо сафараш ба идораи пулис ба якчанд рӯз ё ҳафтаҳои зиндон табдил ёбад.

Дар чунин муҳит калон шуда, аҷиб набуд, ки ҷаноби Сӣ низ бо кори Худо машғул мешавад. Азбаски ӯ аз наздик дар бораи нархи хизмат ба Масеҳ дар Хитойро мефаҳмид, ҷаноб Сӣ аз он ки ба азоб дучор шуд, ба тааҷҷуб наафтод ва мушавваш нагардид. Аз як ҷиҳат ӯ таъқиботро бештар баракат мешуморад.

«Таъқибот монанди оташ аст — гуфт ӯ ба ман, — ки дар атроф ҳама чизро тоза мекунад. Агар мо тиллои тозаро ба даст овардан хоҳем, бояд онро аз таъсири оташ гузаронем». Ӯ гуфт, ки масеҳият дар байни мардуми хитойӣ як намуди муд шудааст, чунки он дини Ғарбӣ аст ва ҳар қисми фарҳанги Ғарбӣ муд ё машҳур ҳисоб мешавад.

«Баракати таъқибот барои калисо дар он аст, вақте ки он бо душвориҳо рӯ ба рӯ мешавад, он тоза мешавад ва дар он имондорони ба Худо ҷиддӣ вафодор мемонанд». Таъқибот боиси он мегардад, ки калисо пур аз имондорони ҳақиқӣ ба Масеҳ гардида ҳабс ё дарди ҷисмонӣ онҳоро аз ҷамъ шудан, барои ибодат ва гирду атроф башорат додан бознамедорад. Вале онҳое, ки барои муд шуда ба ҷамоат мераванд, зуд дур мешаванд.

Пеши роҳи калисое, ки пур аз тиллои холис ва тоза аст, боздошта намешавад.

Ҷаноби Сӣ яке аз чунин имондорон аст. Мисли падару бобояш пулис ӯро низ чандин маротиба дастгир карда, якчанд бор понздаҳ шабонарӯзӣ барои ҷазои маъмурӣ бозмедоштанд. Ман дар бораи бори аввали дастгир шуданаш пурсидам ва якумин ҷавоби калимаи ӯ «шараф» буд.

Ниҳоят ман мисли падарам шудам — гуфт ҷаноби Сӣ. — Чизи шавқовараш он буд, ки ман панҷ сол дар ҳамон зиндоне ҳабс шуда будам, ки падарам ҳабс шуда буд ва он чӣ бо ман рӯй дод, дар ҳамон ноҳияе рӯй дод, ки бобоям зиндон шуда буд. Ҳис кардам, ки Худо ин шарафро дар оилаи ман ба ман насиб гардондааст. Чандин сол пеш, бобоям ин ҷо буд ва барои Худованд азоб кашид ва имрӯз ман ҳам ин ҷо ҳастам. Ман фикр мекунам, ки ин шараф аст ва падарам низ аз шараф хурсанд аст. Ӯ гуфт: «Чандин сол пеш, ман барои пешвози бобоят омада будам ва имрӯз ман барои пешвози ту омадам». Ӯ гуфт: «Ташаккур Худовандо, ташаккур!»

Ба ман андаке вақт лозим буд то он чиро, ки ҷаноби Сӣ гуфт дарк кунам. Кадоме аз мо волидон барои дастгир ва зиндонӣ шудани фарзандонамон миннатдор мешавем? Лекин ҷаноби Сӣ фаҳмонд:

> Фикр мекунам, ки масеҳият дар асл муносибат аст ва Худо воқеист ва мо ин муносибати шахсиро бо Ӯ дорем. Ва ин танҳо чунин гуфтан маъно надорад: «Майлаш Худо, мо ба Ту бовар дорем». Мо ба Худо бовар дорем ва Фармони Бузургеро, ки ба мо додааст, медонем ва бароямон шарафи бузург аст, ки хизматгузорони Ӯ ҳастем. Ягон сабаберо намебинам, ки хушбахт набошем. Ин ҳақиқатан ҳам аз Ӯ як баракати бузург аст. Дар омади гап, шумо метавонед сабаби наҷоти одамон гардед. Дар зиндон одамони ноумед зиёданд, ки ҳукми қатл гирифтаанд ва ба наздикӣ ин дунёро падруд мегӯянд. Шумо имкон доред, ки ба онҳо башорат дода, ҷони онҳоро аз марг наҷот диҳед. Чӣ баракате буд, вақте бори аввал дар он вақти зебо мӯъҷизаеро, ки бо ман рӯй дод, таҷриба кардам.
>
> Аз аввалин ҳабсаш инҷониб, ҷаноби Сӣ тарафдори ҳамин гуна ақида аст. Ва имрӯз ӯ медонад, ки кори паҳн кардани Китоби Муқаддас метавонад барои се сол ё зиёда аз он ҳабс шавад. Вале ӯ аз ин чиз хавотир нест.

«Аз таъқибот ва азоб пинҳон шудан ғайриимкон аст. Агар шумо масеҳии ҳақиқӣ бошед, шуморо таъқиб мекунанд. Агар хоҳед, ки одами худотарс бошед, шуморо ҳатман таъқиб мекунанд» (2 Тим. 3:12).

«Мо ҳама медонем, ки агар қарор кунем барои Худованд хизмат мекунем, як рӯз не як рӯз ҳатман таъқиб мешавем».

Мо сӯҳбатамонро ба анҷом расондем ва хайрухӯш карда, ҷаноби Сиро гуселонидем. Симои ӯ оҳиста-оҳиста дар торикӣ

нопадид шуд ва ӯ назди оила, ба хизмат ва шояд ба таъқиботу ҳабсшавиҳои минбаъда баргашт. Чун рафтани ӯро дидам, орзу кардам, ки ман ҳам мисли ин бародари ҷасур дар Худованд дар бораи таъқиботҳо ва душвориҳои оянда беparво бошам.

## БАРОИ МУЛОҲИЗА

Ҷаноби Сӣ мисли дигар аъзои оилаи мо дар давлатҳои ба Инҷил зид ва давлатҳое, ки онро маҳдуд мекунан медонанд, ки Масеҳ пайравӣ карда чӣ қадар нархи гарон дорад. «Мо ҳама медонем» — мегӯяд ӯ, ки таъқибот ҳатман мешавад. Бинобар ин ҳангоми таъқибот ин масеҳиёни ҷасур ҳайрон намешаванд ё имонашон суст намешавад. Онҳо баръакс барои таъқибот омодаанд ва вақте, ки он ба сарашон меояд бо боварӣ мегӯянд: азоб кашидан барои Масеҳ бароямон шараф аст, чунки Масеҳ низ барои мо азоб кашидааст.

Чӣ гуна шумо дар ҳаёти бароҳати худ зиндагӣ карда, метавонед пешакӣ нархи пайрави Масеҳ буданро ҳисоб кунед? Ба Луқо 14:28 нигоҳ кунед. Чиро аз дастатон додан лозим меояд ё чиро аллакай аз даст додаед? Чиро шумо бо ихтиёри худ ё хурсандӣ тайёред аз даст диҳед, то бо Исо роҳ гаштанро давом диҳед? Барои тартиб додани харҷи худ, дар дафтари шахсиатон рӯйхати худро тартиб диҳед ва баъд фикр кунед, ки чӣ гуна ҳар яке аз ин қурбониҳоро шумо барои худ шараф ё имтиёз ҳисоб карда метавонед.

### Дуо

«Худованд Исо, ман мехоҳам бештар аз ҳама чиз Туро дӯст дорам. Ёри деҳ, ки харҷро ҳисоб карда, қарор кунам, ки танҳо Ту ба ман лозим ҳастӣ ва Ту аз оила, дӯстон, молу амвол, роҳат ва ҳар чӣ ки диққатамро аз Ту канда мекунад арзишмандтар ҳастӣ. Омин».

## *Барои қайди дафтари шахсии шумо*

## *Аз дафтари шахсии ман*

Қаторахои баландсуръат воқеан ҳам олӣ ва бо суръати тез ҳаракат мекунанд. Ҳоҷатхонаҳояшон ба таври замонавӣ насб шудаанд. Дигар он ҳоҷатхонаҳои заминакӣ, ки аз он ҳаммаш ба рӯйи роҳи оҳан меафтанд, нестанд. Онҳо ба ҳоҷатхонаҳои ҳавопаймоҳо монанданд. Онҳо ҳатто курсӣ доранд.

*(Шарҳи муаллиф: ХА, ман воқеан ҳам дар дафтари шахсиам дар бораи сифати ҳоҷатхонаҳо менависам!)*

## *Гӯш кунед*

Шумо метавонед сӯҳбати маро бо «бародар Сӣ» дар www. VOMRadio.net/weknow гӯш кунед.

## ИҚТИБОСҲО БАРОИ МУЛОҲИЗА

«Масеҳият воқеияти ранҷу бадиро рад намекунад. Дар хотир доред, ки пас аз он ки Исо ба кӯҳи Дигаргуншавӣ фуруд омад, Ӯ ба шогирдонаш гуфт, ки ба Ерусалим меравад — ки дар он ҷо маслуб ва бар марг пирӯз хоҳад шуд. Исо боварӣ дошт, ки аз ранҷу азоб раҳо намешавад. Ӯ медонист, ки ранҷу азоб лозим аст. Он чизе ки Ӯ боварӣ дошт, асоснок буд. Умеди мо на ба андешаи он аст, ки аз дарду ранҷ озод мешавем. Баръакс, он ба эътиқоде асос ёфтааст, ки мо ранҷу азобҳоро мағлуб хоҳем кард.

Умеди масеҳӣ чӣ ҳангоми рӯ ба рӯ шудан бо камераи газ, чӣ дар муқобили саратони табобатнашаванда, устувор ва ором аст. Ҳарчанд уқубати Ҷумъа метавонад даҳшатовар бошад, мо итминон дорем, ки якшанбеи Наҷот дар пеш аст. Чӣ мешавад, агар мо бимирем? Исо низ мурд ва агар Исо мурд, мо боварӣ дорем, ки ҳоло Ӯ зинда аст ва мо низ зиндагӣ хоҳем кард».

**— Бренан Маннинг**[1]

«Бародарону хоҳаронам, вақте ки ҳар гуна душвориҳо ба саратон меоянд, онҳоро бо шодию хурсандӣ қабул кунед, зеро медонед, ки ҳангоми аз санҷиш гузаштани имонатон сабру тоқататон обутоб меёбад. Тоқати шумо бояд пурра обутоб ёбад, он вақт шумо шахси комил ва баркамол шуда, бароятон ҳеҷ чиз камӣ намекунад».

**Номаи Яъқуб 1:2–4**

1 Бреннан Мэннинг, «THE RAGAMUFFIN GOSPEL: GOOD NEWS FOR THE BEDRAGGLED, BEAT-UP, AND BURNT OUT», ҳуқуқи муаллиф © 1990, 2000, 2005 Brennan Manning. Истифода мешавад бо иҷозати «WaterBrook Multnomah», чоп — «Random House», воҳиди «Penguin Random House LLC». Ҳамаи ҳуқуқҳо маҳфуз аст.

## РӮЗИ 21-УМ



# ДУ МАРОТИБА ЗИЁДТАР – ҚИСМИ 1

«Чунон ки Худованд шуморо бахшидааст, шумо низ дигаронро бахшед».

**НОМА БА ҚУЛАССИЁН 3:13**

.......................................

### Малатя, Туркия, моҳи майи соли 2007

Баъзе ҳикояҳои таъқибот ба дилам наздик мешаванд. Дигар коргарони «Садои Уқубаткашон» низ чунин ҳис мекунанд, лекин он чӣ ба ман наздик мешавад, шояд аз он чӣ ба онҳо наздик мешавад фарқ кунад. Яке аз чунин ҳикояҳое, ки ба дилам сахт часпид марги пуразоби се масеҳӣ дар идораи нашриёти масеҳӣ дар шаҳри Малатяи Туркия моҳи апрели соли 2007 буд.

Гузоришҳои аввали расонаҳои хабарӣ ҳангомаовар буданд. Гузоришҳои қаблӣ гуфтанд, ки қотилон бадани онҳоро ба қисмҳо буриданд ва ба гуфтаи онҳо ранҷу азоби онҳо пеш аз маргашон тасаввурнашаванда буданд.

Ман гузоришҳоро дар интернет хондам ва ҳатто гумон надоштам Худо имконият медиҳад, ки бо оилаҳои ин мардони вафодор шинос шавам. Пас аз хондани ин гузоришҳои даҳшатовар дар идораи кориам, ҳамон бегоҳ сари дастархон ҳамроҳи оилаам нишаста, за рӯи ҷадвали ҳаррӯза аз Китоби Муқаддас ҳикояи дар бораи Илёс ва Элишоъро мехондам, ки дар он Элишоъ ҷомаи Илёсро мегирифт. Ҳангоми хондани ин ҳодисаи дар Туркия рӯйдода ва азоби тасаввурнашавандаи бародаронам дар он ҷо ба ёдам зад. Ва ҳанӯз дастархонро ҷамъ накарда, ба гиря даромадам. Зану фарзандонам ба ман бо тааҷуб нигаристанд ва нафаҳмиданд, ки барои чӣ гиря мекунам.

Чун пас аз хондани матни Китоби Муқаддас дуо кардем, фикре ба сарам омад ва ман дуо кардам, ки панҷ писари дар натиҷаи ин амали даҳшатовар дар Туркия бе падар монда мисли Элишоъ рӯҳи падаронашонро ду баробар зиёдтар бигиранд, рӯҳе, ки ин мардонро водор кард ҳаёташонро ба Масеҳ диҳанд ва аз пайи ҳаёти бароҳату бехатар набошанд, балки дар мамлакати мусулмонӣ ба Ӯ хизмат кунанд.

Ҳафт ҳафта пас аз он хӯроки шом, ман назди дари он нашриёти Зирве дар Малатя меистодам. Дар беруни бино мошини пулис меистод ва дӯстонам ба ман гуфтанд, ки беҳтараш дар он ҷо зиёд наистам. Фикри он ки пушти он дари чубини торик се бародари маро танҳо барои масеҳӣ буданашон куштанд, ба дилам ханҷар зад. Ду нафари онҳо турк буданд: ҳардуи онҳоро аввалин шаҳидони калисои муосири Туркия номиданд. Марди дигар олмонӣ буд. Ӯ ба Туркия барои хизмат кардан ба ин мардум, нури Хушхабарро пошида дар ин фарҳанг омада буд.

Қотилон худро ҳамчун хоҳиши донистани масеҳият шинос карда буданд, ки гӯё шавқ доштанд дар бораи имони масеҳиён бештар фаҳманд ва ҳатто худашон ҳам пайрави Масеҳ шаванд. Баъзеи онҳо ҳатто барои ибодат ба калисо ташриф меоварданд. Ҳар панҷи онҳоро дар ҷойи ҳодиса дастгир карданд. Дар кис-

саҳояшон онҳо бо худ хат доштанд, ки онҳо давлати худ ва дини худ исломро ҳимоя карда истодаанд.

Сафари ман ба Туркия тез гузашт. Дӯсти дӯстам, маро ба Малатя бурд. Ман бояд бо Сюзанна Геске, бевазани он марди олмонӣ, ки Тилман ном дошт, вомехӯрдам. Лекин чун ба он ҷо расидам якчанд душвориҳо пеши роҳамонро гирифт, ки шояд Сюзанна натавонад бо мо вохӯрад.

Лекин баъд ман занг задам, мо ба хонааш рафтем ва ӯ моро меҳмон кард. Ӯ ва дигар бевазан (марди сеюми шаҳид номзад дошт, лекин ҳанӯз оиладор нашуда буд) дар телевизиони миллӣ гуфтанд, ки онҳо қотилони шавҳаронашонро мебахшанд. Чӣ гуна тавонист чунин кунад? Ман низ ҳамин саволро ба ӯ додам: «Дар бораи он ки шумо ин мардонро бахшидед ва ҳатто дар телевизиони миллӣ инро эълон кардед, бисёр чиз гуфта шуда буд. Ин корро чӣ гуна карда тавонистед?»

Сюзанна ба ман гуфт: «Ҳамон рӯз аз тамоми Туркия одамони зиёде омада буданд, масеҳиёни протестантии туркӣ ва дигар одамон низ. Онҳо гуфтанд, ки телевизиони марказӣ омада истодааст. Онҳо пурсиданд, ки «ту ягон чиз гуфтан мехоҳи?» ва ман ҳайрон будам, ки чӣ гуям. Онҳо маслиҳат доданд, ки ягон чизи хуб гӯям. Дар дилат чи ҳаст? Он гоҳ ман фикр кардам: «Ман чӣ гӯям?»

«Ин рӯзи дигар буд яъне бисту чор соат пас аз он ҳодиса рӯй дод?» — пурсидам ман.

«Ҳатто аз ин ҳам барвақттар» — гуфт Сюзанна. «Ман дар дилам ягон зарра хашму ғазаб ё ягон чизи дигар надоштам. Ба худ фикр кардам, ки набояд ин хел бошад, лекин ҳеҷ чиз дар дилам набуд. Духтари хурдиам гиря карда, доду фарёд зада мегуфт, ки чӣ қадар ин туркон бад ҳастанд ва вай бо тези ба Олмон баргаштан мехоҳад, чиган дар ин ҷо ҳама чиз бад аст. «Вай ба онҳо хеле дар ғазаб буд». Лекин ман бошад дар дилам як зарра ҳам хашм набуд — ҳеҷ чиз набуд. Ба назарам ин ғайриоддӣ менамуд. Баъд ба сарам фикре омад:

«Охир он қотилон намедонистанд чӣ кор мекунанд. Чунин оят дар Китоби Муқаддас ҳам ҳаст. Ва ман ба худ гуфтам: «Ман дар асл метавонам онҳоро бахшам. Худованд гуноҳҳои зиёди маро бахшид ва ман ҳам бояд онҳоро бахшам». Ва ман бар зидди онҳо ҳеҷ бадӣ надорам. Гуфта наметавонам, ки ягон чиз бар зидди онҳо дорам. Шояд вақти мотам мерасад ва ғазабам ояд. Лекин фикр мекунам, ки ба ҳар ҳол он вақт ҳам онҳоро бахшида метавонам, чунки онҳо воқеан ҳам намедонистанд чӣ кор мекунанд. Аз рӯйи он чӣ пулис гуфт ва он чӣ ҳамаи он қотилон гуфтанд, бармеояд, ки онҳо намедонистанд. Онҳо сарфаҳм нарафтанд, ки ин чӣ маъно дошт... Ва ман хушбахтона гуфта метавонам: "Ман онҳоро мебахшам" зеро Худованд маро бахшид...».

«Шумо гуфтаниед, ки ин барои шумо шараф аст?» — пурсидам ман.

«Ин аз тарафи Худованд буд» — бо дилпурӣ гуфт Сюзанна. — Бо қуввати худам ҳеҷ гоҳ инро карда наметавонистам. Ба ҳеҷ ваҷҳ».

## БАРОИ МУЛОҲИЗА

*Бо қуввати худам инро карда наметавонистам.* Таҷрибаи Сюзанна аз рӯйи он чӣ мушоҳида кардаам, ғайримуқаррарӣ аст. Бисёре аз масеҳиёне, ки ман бо онҳо пурсиш гузарондам, бо таъқиботи сахт рӯ ба рӯ шуда, ин қадар тез бахшида натавонистанд. Дар бисёр ҳолатҳо ин барояшон як муборизае аст, ки кӯшиш мекунанд тамоми дарду алами худро ба Худо диҳанд, то ки Ӯ яку якбора ҳамаашро аз онҳо бигирад. Шояд бисёре аз хонандагони ин китоб ҳам аз ягон фоҷеаҳои худро аз сар гузарондаанд. Шояд ягон кас шуморо сахт хафа кард ё нисбати шумо ягон амали зӯроварӣ ё хушунатро раво дид ва ин шуморо ба ҳолате оварда расонд, ки акнун ҳоло бояд бахшед?

Ва «онҳо намедонанд, ки чӣ кор мекунанд» гуфта (Луқо 23:34), касеро аз ҷавобгарии он дарду ҳисороте, ки ба шумо расид, озод кардан душвор аст, хело ҳам душвор аст. Дар асл ин имконнопазир аст. Бо қуввати худ инро карда наметавонед. Новобаста ба он ки он дарҳол рӯй дод, чунон ки бо Сюзанна буд, ё дар давоми ҳафтаҳо, моҳҳо ё ҳатто солҳо, дар асл Худо қувват медиҳад, ки бахшед. Маҳз файзи Ӯст, ки қувват медиҳад.

Дар дафтари шахсии худ, он соҳаҳои ҳаёти худро нависед, ки ба чунин кори Худо мӯҳтоҷед. Чанд вақт боз он мӯҳтоҷӣ вуҷуд дорад?

## Дуо

«Худованди азизам Исо, ташаккур ки гуноҳҳои моро бахшидӣ. Ту Худат дар салиб дарду азоб кашидӣ ва гуноҳи маро ба Худ гирифта, нархи ҳамаи гуноҳҳои моро супоридӣ.

Худоё, чунон ки Ту маро бахшидӣ, ҳоло ман низ қарор мекунам, ки ______________________ -ро бахшам, ки маро чунин ранҷонд ______________________________________.

Худовандо, ман қарор кардам, ки ин одамро бахшам, лекин ба ман ёрии Ту лозим аст. Он хашму кина ва аламеро, ки ҳис мекунам аз ман бигир. Ба ман қувват деҳ, ки бо қуввааи ғайритабиии Ту ин одамеро, ки маро хафа кардааст, дӯст дорам ва ҳамон тавре, ки маро бахшидӣ, ман низ ӯро бо омурзиши бешартеро, ки ба ман тӯҳфа карди, нишон диҳам. Ёрӣ деҳ, ки имрӯз, пагоҳ ва рӯзҳои дигар ба ин хашму кина баргашта начаспам, балки ҳақиқатан ҳам бахшам, чуноне ки Ту ба ман нишон додӣ. Омин».

## *Барои қайди дафтари шахсии шумо*

*Аз дафтари шахсии ман*

Ҳис мекунам, ки ҳар парвози байналмиллалии навбатӣ аз пештарааш дида душвортар шуда истодааст. Имрӯз Шарлотта тахмин кард, ки шояд «бахтам дигар омад карданро бас карда бошад» ва фикр намекунам, ки сабабаш ин аст. Ба фикрам сабабаш он аст, ки ҳар соле, ки мегузарад, ман дарк мекунам зиндагӣ гузашта рафта истодааст ва рӯз то рӯз кам вақт монда истодааст, ки бо фарзандонам Кемерон ва Кедрик гузаронам.

Сафар кардан душвор аст, чунки вақти зиёд бо шиштану фикр кардану хонаро ёд кардан мегузарад. Ҳамин ки ба ҷойи лозимӣ рафта расам ва бо кору вазифаам машғул шавам, бароям душвор намешавад, чунки майнаи сарам боз банд мешавад.




## РӮЗИ 22-УМ

# ДУ МАРОТИБА ЗИЁДТАР — ҚИСМИ 2

«Падари ятимон ва довари бевазанон аст Худо дар маскани қудси Худ».

**ЗАБУР 67:6**

........................................................

*Малатя, Туркия, соли 2007*

Ӯ зебо, ҳалим ва нозук буд.

Ӯ пурра дилшикаста буд.

Дар Туркия зани бешавҳари масеҳӣ будан душвор аст. Ҷамоати масеҳиён дар давлате, ки 75 миллион аҳолӣ дорад чунон хурд аст, ки имконияти ёфтани ҳамсари масеҳӣ ва дӯст доштан хеле кам аст. Илова бар ин хешу табори ва ҳамсояҳои мусулмони ин масеҳиён рӯйирост душманӣ нишон медиҳанд ва шумо мефаҳмед, ки ин чиқадар хеле душвор аст.

Лекин ин духтар пайраҳаи худро паси сар карда, ишқи ҳақиқиашро ёфта буд. Онҳо бояд пас аз якчанд моҳ зану шавҳар мешуданд.

Лекин қабл аз фаро расидани он рӯзи хушбахтӣ, домодшавандаи ӯро куштанд. Ӯ яке аз он се марде буд, ки дар нашриёти масеҳӣ дар Малатяи Туркия ба қатл расонида шуд. Акнун ман сари миз дар рӯ ба рӯяш менишастам. Ҳамон нисфирӯзӣ, ман сари манзили ӯ рафтам ва ба волидони мусулмонаш ҳамсӯҳбат шудам, ки ҳанӯз ҳам хашмгин буданд, ки фарзандашон исломро тарк кардаасту ба таври ваҳшиёна кушта шудааст.

Бегоҳирӯзӣ чун дастаи мо ҳамроҳаш хӯроки шом мехӯрдем, ҷавондухтар ҳиссиётҳои худро базӯр дошта метавонист. Ӯ ба мо навори номзадаш Уғур Юкселро дар телефонаш нишон дод, ки дар курсиаш шӯхӣ ва рақс мекард. Ман забони туркиро намедонам, лекин маълум буд, ки ӯ ҳангоми сабти видео вақти хуб дошт. Ҷавондухтар ҳангоми тамошои он видео табассум мекард ва механдид ва чашмонаш ҳамзамон аз муҳаббат ва ашки ғам медурахшиданд.

«Ӯ чунон некдил буд» — гуфт ӯ ба мо ва ин яке аз хислатҳои фарҳанги онҳост. Уғур ба арӯсшавандааш муомилаи хуб мекард. Ӯ одами дилчасп ва хандонрӯй буд. Ва ӯ Худоро сахт дӯст медошт — ҳатто вақте оилааш ӯро аз худ канда карда буд. Ҳатто вақте ки дӯстони деринаш ҳам аз ӯ рӯй гардонданд. Ӯ Исоро дӯст медошт ва мехост бо боқимондаи умри худ ба Ӯ хизмат кунад. Вай ба арӯсшавандааш ҳам пешниҳод кард, ки дар ин хизмат ба ӯ ҳамроҳ шавад.

Баъд Уғурро куштанд. Вақте ки пулис дари нашриётро зада даромад, Уғур ҳанӯз зинда буд. Мошини ёрии таъҷилӣ ӯро ба беморхона бурданд, лекин захмҳояш чунон зиёд буданд ва хунравии аз ҳад зиёд дошт. Ҳаёти заминии ӯро наҷот додан номумкин буд, лекин ҳаёти абадиаш бо Масеҳ оғоз ёфт. Лекин ин ҷавондухтари арӯсшавандааш дар ин ҷо танҳо монд ва аз кунҷи чашмонаш ашкони дили шикастаи ӯ чакида, аз рухсораҳояш мешориданд.

Дертар масеҳиёни маҳаллӣ ба ман фаҳмонданд, ки ӯ дар давоми ҳафт ҳафтаи пас аз куштор, сахт азоб кашид. Пеш аз

куштор кам одамон хабар доштанд, ки ӯ масеҳӣ аст. Ҳатто баъзе аз аъзои оилаи худаш инро намедонистанд. Акнун ин на танҳо ба ҳама маълум шуд, балки Васоити Ахбори Умуми маҳаллӣ ном ва сурғаи ӯро чоп карданд ва ӯро тахти нишони нафароне қарор доданд, ки мехостанд ӯро «водор» кунанд, ки ба ислом баргардад ё хурсандии худро нисбати марги домодшавандаи кофираш баён намоянд.

Лекин ин духтари нозук ягона шахсе набуд, ин бори вазнин ба гарданаш фаромада набуд. Ба ман фаҳмонданд, ки дар фарҳанги туркӣ духтари шавҳарнакарда наметавонад кушода мотами худро бо гиряву нола нишон диҳад, вагарна обрӯи ахлоқиаш зери шубҳа мемонад. Дигарон фикр карда метавонанд, ки муносибатҳои онҳо таҷассуми ҷисмӣ пайдо карда бошанд.

Бинобар ин ӯ бояд эҳтиёткорона ғами худро берун аз доираи масеҳиён нишон медод. Ҳатто дар байни оилаи худаш, дилшикастагиаш бояд ниҳон бошад.

Ва чун дилаш шифо ёбад ва ашки чашмонаш тамом шавад, оё метавонад дигар ҷавони масеҳиро ёбад?

Барои мо масеҳиёни ҷаҳони Ғарб, (мутаносибан) сарватмандтар, коргарони «Садои Уқубаткашон» ё умуман одамон хос аст, ки чунин ҳолати азобро дида дарҳол дасти ёрӣ дароз кунем. Қисми эҷодкори майнаи сари ман дарҳол якчанд роҳи ёрӣ ва ҳал барои ин духтари азиятдидаро пайдо кард. Шояд ӯро ба шаҳри калонтаре кӯчонем, ки масеҳиён дар он ҷо зиёдтаранд? Чӣ мешуд агар бо ягон амрикоӣ ба шавҳар баромада ба Амрико кӯчад ва дар бехатарӣ ва дуртар аз таъқибкунандагонаш бошад?

Лекин ӯ роҳи «гурез»-ро намекофт ва дар асл на ман ва на ҳамкоронам инро пешниҳод карда наметавонистем. Он чӣ мо пешниҳод карда метавонистем, мушоракат буд. Мо танҳо ба ӯ хӯроки шом, ҳамнишинӣ ва сӯҳбат ҳангоми тамошои видеоҳои Уғурро пешниҳод карда метавонистем. Мо метавонистем ҳангоми ҷорӣ шудани ашконаш рӯймолча дароз кунем. Мо метавонистем қиссаи ӯро дар бораи он чи ки ӯ ҳар рӯз ҳис

мекунад, шунавем: ӯ пас аз он ки ногаҳон тамоми мамлакат дар бораи он фаҳмид, ки ӯ исломро тарк карда, пайрави Исои Насронӣ шудааст фишори сахт ҳис мекард. Ва чун ӯ аз ин тӯфонҳои зиндагӣ мегузашт, мо танҳо бо ӯ ва барои ӯ дуо карда метавонистем.

Ман он ҷавондухтарро аз он вақт инҷониб, ки дар тарабхонае дар Туркияи марказӣ зиёда аз сенздаҳ сол пеш вохӯрда будем, надидам. Шунидам, ки ӯ пас аз чанде оиладор шуд, лекин аз ин зиёд чизе нашунидам. Умед дорам, ки Худо дилшикастагии ӯро ба хурсандии бузурге табдил дод. Умед дорам, ки ӯ ба Худо ҳамчун ҳимоятгар (Забур 67:6) нигоҳ мекунад ва медонад, ки Ӯ ғамхораш аст ва ҳамеша мӯҳтоҷиҳояшро қонеъ мегардонад.

## БАРОИ МУЛОҲИЗА

Хоҳиши нафари дар азоб қарор доштаро наҷот додан ба мо хос аст. Лекин баъзе вақт мо бояд иқрор шавем, ки имкони халос кардан надорем ва баръакс одамро бо мушоракат дастгирӣ кунем. Оё ҳаст нафаре, ки шумо кӯшиш мекунед халос кунед, лекин дар асл ба шумо танҳо лозим аст, ки ба ӯ гӯш кунед, бо вай хандед, гиря кунед ё ҳамроҳаш дуо кунед? Дуоятонро барои он шахс нависед ва ӯро ба Худованд супоред. Баъд нақша кунед, ки барои мушоракат бо ӯ вохӯред.

### Дуо

«Худовандо, ёрӣ деҳ, ки малҳами дардрафъкунандаи Туро ба ҳар муносибате, ки дорам ё инкишоф медиҳам барам. Ба ман хирад деҳ, то донам, ки кадом вақт халос кунам ва кадом вақт аз пайи мушоракат бошам. Маро омӯз то, ки ман бо гӯш кардан, якҷоя хандидан, гиря ва дуо кардан бо онҳое, ки мӯҳтоҷи файз ва хиради Ту ҳастанд, хизмат кунам. Омин».

## *Барои қайди дафтари шахсии шумо*

## *Аз дафтари шахсии ман*

Пас аз он мо ниҳоят ба бинои нашриёт рафтем. Дар берун мошини пулис меистод, лекин мо даромадем ва дари идораро, ки ҳоло ҳам баста буд аксу навор гирифтем. Дар ман ҳиссиётҳои аҷоиб ва ба ҳам муқобил пайдо шуданд — рӯзноманигор дар ман мехост тамоми ҳикояро сабт кунад, Индиана Ҷонс дар ман аз он ки дар ҳузури пулис кор мекунад, тамоми баданашро адреналин фаро мегирад, лекин масеҳӣ дар ман аз фикри он дар даҳшат буд, ки дар он тарафи ҳамин дар се бародари маро то дами марг азоб доданд дар ҳоле, ки онҳо он ба он панҷ ҷавон меҳрубонона пешниҳод мекарданд, ки зулмро бас кунанд, аз гуноҳҳояшон тавба кунанд ва Масеҳро пайравӣ кунанд.





## РӮЗИ 23-УМ

# ДУ МАРОТИБА ЗИЁДТАР – ҚИСМИ 3

«Дар ивази хиҷолати худ дучандон подош хоҳед гирифт, ва дар ивази расвоӣ аз насиби худ шод хоҳанд шуд, чунки дар замини худ насиби дучанд хоҳанд ёфт, ва хурсандии ҷовидонӣ барои онҳо хоҳад буд».

**ИШАЪЁ 61:7**

...................................................

### Истанбул, Туркия, соли 2007

Пас аз сафарам ба Малатя ва Туркияи марказӣ, ман ба шаҳри калонтарини Туркия баргашта омадам. Семсе Айдин, зани дуюме, ки пас аз ҳуҷум ба нашриёти масеҳӣ бевазан шуда буд, ҳамроҳи хешу табораш дар Истанбул зиндагӣ мекард. Нақша буд, ки дӯсти шубонам маро дар фурудгоҳ вомехӯрад ва мо якҷоя рафта бо ӯ мусоҳиба мегузаронем.

Ӯ маро дар вақташ пешвоз гирифт ва мо бо мошин ба роҳ баромадем. Телефони ӯ занг зад ва ӯ ба он ҷавоб дод. Пас аз

бист сонияи сӯҳбат гарчанде ба забони туркӣ ҳамагӣ панҷ калима медонам, фаҳмидам, ки хабар на он қадар хуш аст.

Шубон ба забони англисӣ на он қадар хуб гап мезад, лекин барои фаҳмондани сӯҳбати телефонӣ кофӣ буд. «Вай мегӯяд, не набиёед. Вай хеле хаста аст. Ин рӯз рӯзи мувофиқ нест».

Дилам сахт ба таппиш даромад. «*Ман тақрибан даҳ ҳазор километрро барои аёдати ӯ тай кардам* — фикр кардам ман. *Оё наметавонист имрӯз бо ман вохӯрад ва пагоҳ истироҳат кунад?*»

Лекин ман дарҳол ба шукргузорӣ гузаштам, ки рости гап бароям хос нест. Сафарам аллакай пурсамар буд. Ман бо Сюзанна мусоҳиба доштам, бо волидон ва номзади Уғур вохӯрдам. Ман барои хонандагони маҷаллаи «Садои Уқубаткашон» мавод ва барои шунавандагони радиои «Садои Уқубаткашон» мусоҳибаҳои аудиоӣ ҷамъ оварда будам. Дилам ногаҳон аз парастиш ва миннатдорӣ ба Худо пур шуда буд. Ҳатто бе ин мусоҳибаи охирин ҳам, сафарам мутобиқи ҷавобгариҳое, ки дар «Садои Уқубаткашон» доштам бомуваффақ буд.

Ман хомӯшона дуо кардам: «Ташаккур Худовандо барои вохӯриҳое, ки имкон додӣ дошта бошам. Имрӯз ба Семсе баракат деҳ, ки истироҳати хуб дошта бошаду ба ӯ тасаллӣ бахш. Маро бошад баракат деҳ, ки сиҳату саломат ба хона баргардам ва ин шаҳодатҳои имондоронро ба дигарон нақл кунам».

Чун вақти холии зиёд пайдо кардем ману шубон ба қаҳвахонаи маҳаллӣ дер шуда бошад ҳам барои хӯроки саҳарӣ рафтем. Дар сари хӯрок нишаста, ман бо забони туркии маҳдудам ва ӯ бо забони англисии маҳдудаш сӯҳбат мекардем, ки телефонаш занг зад.

Ӯ ба забони туркӣ гап зад. Ӯ ба ман нигариста табассум кард ва сарашро ҷунбонд. Ӯ телефонро хомӯш кард. «Семсе хонум мегӯяд барои вақти кӯтоҳ биёед. Тақрибан барои як соат».

Ман пештар аз ин мусоҳибаҳо камтар аз як соатро ҳам доштам. «Ҳаллелуё» — гуфтам ман. Аз афташ ба забони туркӣ ин калима ҳам ҳамин хел аст, ки дӯстам низ «Ҳаллелуёҳ» гуфт.

Мо хӯроки сахариро зуд хӯрдем ва ба мошин савор шудем. Пас аз навад дақиқа мо бо як марди амрикоӣ вохӯрдем, ки (чунон ки дертар фаҳмидам) барои тафтиши ман ва ҳам барои ба ман тарҷума кардан омада буд. Шояд ки аз он имтиҳон гузашта бошам, ки дере нагузашта ман дохили хона шудам ва бо Семсе, ду фарзанди ӯ ва хеше, ки онҳоро меҳмон карда буд шинос шудам. Забони англисии Семсе он вақт маҳдуд буд, лекин хешаш озодона гап мезад.

«Ин Эстер аст — моро бо духтари хурдиаш шинос карда гуфт Семсе. Ӯ духтари шармгин буд ва дар тааҷҷуб буд, ки ин хориҷӣ кӣ бошад ва оё ба ӯ бовар кардан мумкин аст ё на. — Ва ин Элишоъ аст».

Барои якчанд сония ман шах шуда мондам. *Элишоъ!*

Қиссаи ин се мард, ки ҳаёти худро барои Масеҳ дар Малатя дода буданд, ҳангоми сари дастархон хондани ҳикояи Элишоъ, дар дилам якумра ҷо шуда монд. Аз он вақт инҷониб ман дуо мекардам, он панҷ фарзанди онҳо аз рӯҳе, ки падаронашон дошта буданд, ду маротиба зиёдтар мегиранд, чунон ки Элишоъ рӯҳи Илёсро ду маротиба зиёдтар гирифта буд. Инак ман яке аз он фарзандонро вохӯрдам ва номи ӯ Элишоъ буд.

Маълум буд, ки соҳибхонаҳо ҳайрон шуданд, ки чаро чашмонам аз оби дида пур шуда истодаанд ва ман ба онҳо гуфтам. Фикр мекунам, ки Худо ин ҳикояро барои моро пайванд кардан истифода бурд, чунки ман на як соат балки ҳашт соат меҳмон шудам. Семсе аз ҳаёти худ қисса кард ва дилашро кушод. Ӯ ҳатто Китоби Муқаддасашро бароварда оятҳоеро ба мо хонд, ки ба ӯ дар давоми ҳафт ҳафтаи охир Худо барои ба ӯ ёрӣ доданд истифода кард. Сӯҳбати мо пур аз ханда, гиря, хӯрок ва мушоракат буд. Дере нагузашта ман худро як узви ин оила ҳис кардам.

Семсе расми шавҳари худ Некатиро кашид, ки шубони калисои навтаъсис дар Малатя буд ва ҳамон саҳари марговар дари идораро ба он панҷ қотил кушод, чун фикр кард, ки онҳо мехоҳанд бисёртар дар бораи Масеҳ донанд.

Фидо кардани ҳаёташ, якумин қурбонии Некатӣ ба Масеҳ набуд. Дар асл, оилаи мусулмонаш пас аз он ки Семсе — зане ки бо ӯ вохӯрдан мехост сабаби пайрави Масеҳ шудани ӯ гардид, аз ӯ рӯ гардонданд. Ҳангоми адои хизмати ҳарбиаш, ҳамхизматон ва қумандононаш хостанд ӯро ба тавре ба танг биёранд, ки аз масеҳият рӯ гардонад ва ба ислом баргардад. Онҳо натавонистанд. Пас аз адои хизмат ӯро барои паҳн кардани китобҳои масеҳӣ дастгир карданд.

Баъзе аз он қотилон нақшаи куштани Некати доштан ба калисо мерафтанд. Онҳо вонамуд мекарданд, ки ба хушхабар шавқ доранд, бисёр саволҳо медоданд ва хоҳиш мекарданд, ки рӯ ба рӯ вохӯранд. Некатӣ пайхас кард, ки шавқи онҳо самимӣ набуд, ӯ сад фоиз ба онҳо боварӣ надошт. Лекин он саҳар ӯ барои бо онҳо вохӯрдан, ба саволҳои онҳо ҷавоб додан ва онҳоро ба «Роҳ, Ростӣ ва Ҳаёт» даъват кардан рафт.

Ӯ ҳамон саҳар хаста шуда буд, чунки навакак аз сафар баргашта буд. Ман аз ӯ пурсидам: «Агар хаста шуда бошед, чаро вақтро сарф карда меравед»?

«Чунки» — гуфт вай ба занаш — «агарчӣ нияташон самимӣ набошад ҳам, онҳо ақаллан хушхабарро мешунаванд».

Шояд онҳо танҳо кӯшиш кунанд, ки ягон душворӣ ё монеа пеш оранд, шояд ҷамоатро банданд, лекин агар чунин ҳам бошад, кӯшиши онҳо ин як имконият аст ва Некатӣ ҳар гуна имкониятро барои Масеҳро мавъиза кардан истифода мебурд.

Дар иди Наҷот (Пессаҳ) пеш аз маргаш Некатӣ дар саҳначае, ки имондорони Малатя дар бораи ҳикояи иди Наҷот ба саҳна гузоштанд, иштирок кард. Ӯ нақши Масеҳро бозид ва дар он саҳнача ба салиб мехкӯб шуд. Ҳеҷ кас он рӯз гумон намекард,

ки дере нагузашта Некатӣ боз Масеҳро намояндагӣ мекунад ва ин дафъа хуни худаш мерезад ва кушта мешавад.

Чун мо дар меҳмонхона нишаста будем, Семсе низ дар бораи бахшидани панҷ қотилоне, ки ӯро аз шавҳараш маҳрум карданд, гап зад. Ӯ мисли Сюзанна гуфт, ки ин корро танҳо бо қуввати Худо карда тавонист. Аниқ ки бо қуввати худаш натавонист инро бикунад. Ва ӯ нақл кард, ки аз сабаби муҳаббати амиқи Масеҳ омода аст қурбонӣ кунад. Масеҳ ӯро наҷот дод ва марди мусулмонеро, ки дар автобус вохӯрд ба шавҳари худотарс ва падари фарзандонаш табдил дод. Ӯ ба ман гуфт, ки барои Масеҳ мурдан ва ҳамсари марде будан, ки Худо барои шаҳид шудан интихоб кардааст шараф аст.

Вақте ки аз меҳмонӣ баромада ба меҳмонхона мерафтем, дилам аз шукргузорӣ пур шуда буд. Худо дарро барои ман кушод то бо се зане, ки бештар аз ҳама аз ҳуҷум дар Малатя зарар диданд вохӯрам ва мусоҳиба дошта бошам. Ӯ иҷозат дод, ки ман бо ҳамроҳи ин бадани Масеҳ дар Туркия хандам, гиря кунам ва дар азоби Масеҳ мушоракат дошта бошам (Фил. 3:10).Маро ҳиссиёти сахт фаро гирифт, ки Худо маро шахсан барои ин сафар даъват кардааст. На ягон каси дигарро ва ҳатто на ягон намояндаи «Садои Уқубаткашон»-ро. Аз рӯзи сари хӯроки шом гиря карданам то шунидани калимаҳои «Ин Элишоъ аст» ман пайи дасти Худоро дар тамоми ин сафарам мебинам. Ман албатта худам ба сафар баромадам, лекин Худо самти сафари маро равона мекард.

Чун шубон мошинро меронд ман боз табассумкунон ба забони туркӣ калимаи туркии «Ҳаллелуё»-ро, ки нав омӯхтам гуфтам.

«Ҳаллелуё!» ҷавоб дод ӯ бо ханда. «Ҳаллелуё!»

Дилам аз хурсандӣ пур шуда буд ва омода будам, ки ба хона равам. Лекин пеш аз парвоз карданам, Худо дар Туркия боз як имконияти дигар бароям тайёр карда буд.

# БАРОИ МУЛОҲИЗА

Оё дар ҳаёти шумо ҳаст ягон соҳае, ки Худо шуморо даъват кардааст, лекин шумо онро сарфи беҳудаи вақт номида, аз он даст кашидед? Ҳамкоратон, ки барои муҳаббати Худо пурра маҳкам аст? Хизмати назарногире, ки ба назар ягон самаре наоварда истодааст? Шахсе ки шумо аллакай бисту панҷ маротиба башорат дода будед ва ягон нишонаи самарро надидед ва фикр мекунед, ки бисту шашум маротиба гап задан бефоида аст. Некатӣ Айдин тайёр буд вақташро сарф кунад агар ин маънои онро медошт, ки ягон кас Инҷилро мешунавад. Ӯ пайхас кард, ки он ҷавононе, ки ҳамчун шавқмандон ба ҷамоаташ омада буданд, дар асл самимӣ набуданд. Бо вуҷуди ин ӯ ба воxӯриашон рафт ва фикр кард, ки ҳатто агар онҳо ягон душвориро пеш оранд ҳам, онҳо ба ҳар ҳол Хушхабари Масеҳро мешунаванд, ва агар ягон кас имкони шунидани Хушхабари Масеҳро дошта бошад, он ҳеҷ гоҳ сарфи беҳудаи вақт буда наметавонад.

Дар дафтари шахсиатон номҳои одамонеро, ки шумо сарфи беҳудаи вақт меномед нависта гиред. Аз ин рӯз иборатан, ҳар боре, ки дар бораи ин одамон фикр мекунед ё бо онҳо сӯҳбат мекунед, самари намунавии Некатӣ Айдинро ба ёд биёред ва дар кору хизмати худ истодагариро нишон диҳед.

## Дуо

«Падар, бигзор ман ҳамеша дар ёд дошта бошам, ки ҳар лаҳзаи ҳаёти ман ва рӯзҳои ман дар дасти Туст. Ту барои ман роҳро тайёр карда истодаӣ. Бигзор ман ҳеҷ гоҳ вазифаҳоеро, ки пешам мегузорӣ ва одамонеро, ки наздам мефиристӣ, сарфи беҳудаи вақт нашуморам, балки бигзор ман ҳама вақт онҳоро ҳамчун имконияте бинам, ки Туро намояндагӣ кунам. Ҳатто агар одамон шавқ ҳам надошта бошанд бигзор ман имконияти ба онҳо дар бораи муҳаббат ва қурбонии Писари Ту башорат доданро аз даст надиҳам. Омин».

## *Барои қайди дафтари шахсии шумо*

## *Аз дафтари шахсии ман*

Семсе гуфт, ки солҳои 2000 вақте ки чор моҳа ҳомиладор буд, Некатӣ як моҳ дар маҳбас ҳабс шуда буд. Семсе гуфт, ки вақте Некатӣ аз зиндон баромад, онҳо якҷоя нишаста, дар бораи он гап заданд, ки хизмати пурра ба Худованд ва башоратдиҳӣ дар Туркия чӣ хатар дорад. Онҳо инчунин дар бораи он гап заданд, ки метавонанд на дар ҷамоат, балки дар дигар ҷо кор кунанду ба ҷамоат раванд ва масеҳӣ монанд. Бо ин восита шояд аз хатари маҳбас ва душворӣ эмин бошанд.

Онҳо қарор карданд, ки якҷоя Масеҳро сад фоиз пайравӣ мекунанд ва ба хатарҳо нигоҳ накарда, ба ҳар чӣ ки даъват шудаанд, иҷро мекунанд.

Аз он вақт иборатан, ба саволашон ҷавоб ёфт шуд ва онҳо худро пурра ба хизмати Худованд бахшиданд.

## БАРОИ МАСЕҲИЁНИ ТАЪҚИБШУДА ДУО КУНЕД

Дар «Садои Уқубаткашон» мо бисёр вақт дар бораи хизматгузорони пешсафе нақл мекунем, ки хушхабари Масеҳро дар мамлакатҳои ба Инҷил зид мерасонанд. Ман одатан ин мардон ва занони шуҷоъро масеҳиёни таъқибмешуда меномам. Онҳо хизмати Инҷилро дар ҷойҳое карда истодаанд, ки масеҳиён зери хатари калон қарор доранд. Онҳо аз хатарҳо огоҳ ҳастанд ва бо вуҷуди ин ба даъвати Худо ҷавоб медиҳанд. Барои бисёре аз онҳо рӯ ба рӯ шудан ба таъқибот масъалаи вақт аст.

**ИМРӮЗ ДУО КУНЕД** барои масеҳиёни пешсаф дар давлатҳои ба Инҷил зид дар тамоми ҷаҳон. Дуо кунед, ки Худо онҳо ва оилаҳояшонро муҳофизат кунад. Дуо кунед, ки ҳангоми оиди хизмат ё хатарҳо дар хизматашон қарор кардан, Худо ба онҳо хирад медиҳад. Дуо кунед, ки бо ҷасорат башорат расонанд ва дар хизмат самарҳои фаровон дошта бошанд.



## РӮЗИ 24-УМ

# ДУ МАРОТИБА ЗИЁДТАР — ҚИСМИ 4

«Шумо киштзори Худо ҳастед, ки ман дар он тухм коридам. Аппулус онро об дод, лекин Худо онро сабзонид. Бинобар ин на корандаву обдиҳанда, балки Худо муҳим аст, ки тухмро месабзонад. Коранда ва обдиҳанда як мақсад доранд ва ҳар якеашон мувофиқи меҳнати худ аз Худо мукофот мегиранд».

**1 ҚУРИНТИЁН 3:6–8**

.............................................

### Истанбул, Туркия, соли 2007

Пас аз он ки бештари рӯзро бо Семсе ва оилаи ӯ гузарондам, дилам аз хурсандӣ пур буд. Ман аз файзу меҳрубонии Худо миннатдор будам, ки ба ман имкон дод дар ин сафар иштирок кунам, ҳар ду бевазан ва волидону номзади Уғурро вохӯрам, сари қабри ду шаҳид равам, сари як дастархон бо онҳо нишинам, бо онҳо мушоракат дошта бошам ва бо ин муқаддасони арҷманд якҷоя хандаму гиря кунам.

Пеш аз парвоз, ман як рӯзи дигар доштам. Ман дар яке аз шаҳрҳои дӯстдоштаам будам ва дар поини теппаи Масҷиди Кабуд ва Ая София, ду иншооти зеботарин ҷаҳон меистодам. Фикр кардам, ки ман рӯзи охиринамро бароҳат мисли турист гузарондам ва акнун тайёрам ба хона равам. Лекин Худо пеш аз Туркияро тарк карданам, як баракати дигарро бароям тайёр карда буд.

Дар он вақт ман якчанд дӯст доштам, ки он вақт дар Истанбул зиндагӣ мекарданд ва ман онҳоро огоҳ карда будам, ки ба ин шаҳри зебои онҳо омаданиам. Хонаи онҳо аллакай сермеҳмон шуда буд: як гурӯҳи донишҷӯён аз Амрико ба меҳмонӣ омада буданд, то ки дар давлати мусулмонӣ таҷрибаи башоратдиҳӣ дошта бошанд.

Бисёр хурсанд шудам, ки ҳамон нисфирӯзӣ ва бегоҳ ба онҳо ҳамроҳ шудам. Барои амрикоӣ вохӯрдани дигар амрикоиҳо дар давлати хориҷа шодиовар аст. Мо таҷриба, забон ва фарҳанги монанд дорем ва аз мушоракату хӯроки бомаззаи туркӣ ҳаловат бурдем.

Бегоҳирӯзӣ дар охир аз ман хоҳиш карданд, ки якчанд дақиқа дар бораи сафарам, корам ва махсусан вақтам дар Малатя ва бевазанон нақл кунам. Ман видеои мусоҳибаамро бо Сюзанна Геске, ки дар бораи талафоташ, дар бораи имонаш, ки ба ӯ қувват мебахшид ва чӣ гуна Масеҳ ба ӯ қувват дод, ки қотилони шавҳарашро бахшад, гап мезад, нишон додам.

Аз сабаби он чи ки хоҳаронам дар Туркия аз сар гузаронданд дилам дар як вақт ҳам аз ваҷд ва ҳам аз ғам пур буд. Ман аз Худо миннатдор будам, ки Ӯ ба ман имкони бо онҳо вохӯрдан ва ҳикояи онҳоро ба дигарон нақл карданро дод. Мисли ҳарвақта дилам аз ғам чунон пур буд, ки аз чашмонам бо оби дида зада мебаромад. Ман наметавонистам дар бораи дили шикастаи номзади Уғур, бе он ки як қисми дили худам аз дарди ӯ шикаста шавад, нақл кунам.

Ин донишҷӯён, ки ман якумин бор вохӯрдам ва аз он вақт инҷониб дигар надидаам бароям хеле меҳрубон буданд. Онҳо низ аз ҳикояи он се марде, ки барои имонашон ба Масеҳ ва башорат додан ба туркони мусулмон кушта шуда буданд муттаасир шуданд.

Бовари дорам, ки яке аз даъватҳои ман тақвият додан ба даъвати Худо барои миссияҳо ва равшанӣ андохтан ба он мебошад, ки фармони «ба тамоми дунё равед»-и Масеҳ на танҳо ба он фиристодагон, балки ба ҳамаи пайравонаш дар ҳар давру замон дахл дошт. Худованд мехоҳад мо ба ҷойҳое равем, ки номи Исоро то ҳол нашунидаанд. Яке аз баракатҳои бузург бароям он аст вақте мешунавам ки Худо он чиро ки ман бо он кор кардам — китоб, барномаи радио, мақолаи ахборотии «Садои Уқубаткашон» — барои он истифода бурдааст, ки касе дарк кунад, ки Худо ӯро даъват мекунад.

Он шаб бо он донишҷӯён хайрухӯш карда, ба меҳмонхона баргаштам ва дарҳол фаҳмидам, ки вақти ман бо онҳо як баракати охирин аз Худо дар ин сафар буд: имконияти коштани тухми миссионерӣ дар дили ин донишҷӯён. Чунин имкониятро ман кӯшиш мекунам ҳеҷ гоҳ аз даст надиҳам.

Намедонам, ки аз он тухм ягон самар омад ё на. Ман ҳеҷ гоҳ он донишҷӯёнро дигар надидам ва намедонам, ки онҳо дар куҷоянд ва чӣ кор мекунанд. Ба ман имконият дода шуда буд бо онҳо гап занам, тухм корам ва ман ҳар қадар ки тавонистам, бо ёрии Худо аз он фурсат бисёртар истифода бурдам.

Саҳари дигар, ман дар ҳавопаймое, ки маро хона мебурд нишаста, дар дарун аз ҳиссиёте медурахшидам, ки Худо маро шахсан ба Туркия овард то бо ин имондорони таъқибшуда вохӯрам, шаҳодатҳои онҳоро шунавам ва ҳатто ба дигарон нақл кунам. Пас аз якчанд рӯзи сафарам, ман боз имкониятҳои зиёде доштам дар бораи Сюзанна, Семсе ва дигарон, ки дар Туркия вохӯрдам ба дигарон нақл кунам. Ман бо

хурсандӣ омада ба кори пахши мусоҳиба бо радио шурӯъ кардам ва барои имконияти навиштани мақола дар «Садои Уқубаткашон» бесаброна интизор будам. Ва дере нагузашта ман имкон доштам, ки бо Семсе мусоҳиба барои барномаи радиоӣ дошта бошам ва ба ӯ ёрӣ диҳам, ки қиссаашро бо суханони худаш нақл кунад.

## БАРОИ МУЛОҲИЗА

Худо бе ягон сабаб моро дар ҷойҳои гуногун намегузорад ва таҷрибаҳои муайян намедиҳад. Сабабаш на танҳо аз санҷиши имон ва сайқал додани хислати шахсии мо иборат аст. Аксар вақт мақсади Худо аз он иборат аст, ки мо дар бораи он таҷриба ба дигарон нақл кунем. Худо ба ҳар яки мо таҷрибаҳое медиҳад, ки тухмҳои имонро ба бор меоранд ва мо метавонем онҳоро дар ҳаёти дигароне, ки моро иҳота мекунанд корем. Баъзан вақт Ӯ на танҳо тухмӣ ба мо медиҳад, балки ҳар вақти муайян одамони гуногунро пеши роҳамон мегузорад, ки мо метавонем он тухмиҳои имонро дар замини омодашуда корем.

Ба мо на ҳама вақт натиҷаҳои меҳнати маълуманд. Шояд мо дар обдиҳии он тухмиҳо ё дар дарави ҳосил иштирок накунем ё ҳатто овозаи вақти дарав ба гӯшамон нарасад. Вале вазифаи мо коштани тухмиҳое аст, ки Худо барои коридан ба мо додааст.

*Ман коридам, Аппулус об дод, лекин Худо сабзонид.*

Барои дафтари шахсии шумо: дар бораи таҷрибаи ҳаёти худ нависед, ки Худо имкон медиҳад онро ҳамчун намунаи файзи Ӯ ба дигарон нақл кунед. Дар ин ҳафта ба кӣ метавонед дар бораи ин шаҳодат дода метавонед то, ки Худоро ҷалол диҳед?

## Дуо

«Падари Осмонӣ ба ман ёрӣ деҳ то бинам, ки чӣ гуна таҷрибаҳои ҳаёти ман метавонад тухмиҳои имонро ба бор оварад, то ки онҳоро дар ҳаёти атрофиёни худ кишт кунам ва ёрӣ деҳ, ки дар ҳар имконе, ки Ту медиҳӣ вафодорона барои ҷалоли Ту кишт карданро давом диҳам. Омин».

## *Барои қайди дафтари шахсии шумо*

## *Аз дафтари шахсии ман*

Фикр мекунам имкон доштам дар ҳаёти он донишҷӯёни амрикоӣ ба об додани тухмҳои миссия ва хизмат ба масеҳиёни таъқибшуда ёрӣ диҳам. Акнун мебинем, ки Худо аз ин чӣ гуна самарро ба бор меорад. Ман ҳис мекунам, ки қисми даъвати ҳаёти ман одамонро ба хизмати миссия рӯҳбаланд кардан аст, барои ҳамин кӯшиш мекунам, барои ин мақсад ҳар гуна имкониятҳоро истифода мебарам.

# РӮЗИ 25-УМ



# ДУ МАРОТИБА ЗИЁДТАР — ҚИСМИ 5

«Оқибатро аз ибтидо, ва он чиро, ки ҳанӯз рӯй нададааст, аз қадим баён менамоям; Ман мегӯям: "Иродаи Ман иҷро хоҳад шуд, ва ҳар он чиро, ки хостаам, ба ҷо хоҳам овард"».

**ИШАЪЁ 46:10**

..........................................

*Колорадо, Рӯзи Иди Мавлуди Масеҳ, соли 2017*

Баъзан вақт танҳо ба ақиб нигариста мо метавонем ба таври равшан корҳои мураккаби Худоро равшан бинем. Нақшаҳои бузурги Худо пас аз чандин соли умри мо кушода мешаванд.

Рӯзи иди Мавлуди Исо буд. Шарлотта ва ман дар хонаи волидони ӯ барои ҷашн гирифтани зодрӯзи Масеҳ бо оила ва дӯстонамон ҷамъ омада будем. Дар рӯ ба рӯйи мо дар сари дастархони пурнозу неъмат Семсе Айдин бо ду фарзандаш Эстер ва Элишоъ нишаста буданд. Ҳамон оилае, ки ман даҳ сол пеш ҳангоме ки захми талафоти онҳо ҳанӯз ҳам тоза буд, вохӯрда будам.

Пас аз якчанд ҳафтаи бозгашт аз Малатяи Туркия дар соли 2007 ман ба таври аён ҳис кардам, ки Худо шахсан маро барои намояндаи «Садои Уқубаткашон» ба ин сафар интихоб карда буд. Вазифаи ман вохӯрдан бо номзад ва занони бевамондаи он се масеҳии шаҳид, шунидани қиссаҳои онҳо ва ба хона баргаштану ба калисои озоди амрикоӣ нақл кардани он қиссаҳо буд.

Акнун гирди дастархони идона нишаста, як сабабе, ки барои чӣ Худо маҳз маро ба он сафар фиристод, аён шуд. Худо аз вақт берун аст. Ӯ даҳ соли ояндаро ба тавре мебинад, ки имрӯз ё даҳ сол пешро мебинад.

Пас аз марги се бародарам дар Туркия, ман дар дур ҳам бошад, аз ҳаёти он ду бевазан пайгирӣ мекардам. Ҳар бор ки ба Туркия меомадам ва бо одамоне, ки онҳоро мешинохтанд, гап мезадам, ман аз ҳолу аҳвол ва ҷойи зисти онҳо пурсон мешудам. Бинобар ин медонистам, ки пас аз марги Некатӣ хешу табораш ҳангома бардоштанд, ки мехоҳанд сарпарастии фарзандонашро ба зиммаи худ гиранд. Онҳо мехостанд, ки барқасди падари бевафояшон онҳоро мусулмони вафодор калон кунанд.

Ҳайратовар намебуд, ки судяи мусулмон дар суди туркӣ тарафи бибию бобои мотамзадаро мегирифт ва Семсе ҳамчун модари хуб ҳатто ба фикре роҳ дода наметавонист, ки фарзандонашро аз ӯ мегиранд. Аз ин рӯ ӯ аз кишвар фирор кард ва пас аз чанде ба Амрико омад. Ва аз ҳама ҷойҳое, ки ӯ дар ватани васеи наваш буда метавонист, ӯ шаҳри Денвери иёлоти Колорадоро интихоб кард.

Ҳамсарам дар Колорадо Спрингс калон шуда буд ва волидонаш то ҳол он ҷо зиндагӣ мекунанд. Як тобистон чун мо нақшаи рухсатии тобистонаро мекашидем, ман бо Семсе ба алоқа баромадам ва мо маслиҳат кардем, ки чун дар Колорадо мешавем бо ӯ дар хӯроки нисфирӯзӣ вохӯрем. Ӯ розӣ шуд.

Мо дар Денвер дигар чорабиниҳоро низ ба нақша гирифта будем — ёд надорам, ки Осорхонаи Илм ва Табиат буд ё лагери

таълимии «Денвер Бронкос» — лекин мо маслиҳат карда будем, ки бо Семсе ва Эстеру Элишоъ хӯроки нисфирӯзӣ мехӯрем. Ин тақрибан соли 2011 буд. Волидони Шарлотта — одамони дасткушод ва худотарсе, ки мислашон ҳанӯз ҳам ҳеҷ касро вонахӯрдаам — ҳамон рӯз дар Денвер бо мо буданд ва дар хӯрок бо мо ҳамроҳ шуданд.

Семсе пешниҳод кард, ки дар тарабхонаи «Денни» вохӯрем. Ӯ дертар гуфт, ки он ҷо ба хонаашон наздик буд, ки метавонистанд пиёда ба он ҷо расанд. Ӯ ҳанӯз ҳам ба рондани мошин дар шаҳри калони сермошин одат накарда буд. Мо якҷоя хӯроки нисфирӯзӣ хӯрдем. Кӯдаконаш зиёд гап намезаданд: онҳо намедонистанд, ки ин амрикоиҳо кистанд ва барои чӣ бо онҳо хӯрок хӯрдан мехоҳанд. Семсе маро ба ёдашон овард, ки онҳоро дар Туркия хабар гирифта будам, лекин пас аз марги Некатӣ одамони зиёд ба хабаргирии онҳо меомаданд.

Дар охири хӯроки нисфирӯзӣ, хусуру хушдоманам ба Семсе гуфтанд: «Мо дар Колорадо Спрингс зиндагӣ мекунем. Агар ба шумо ягон ёрӣ лозим бошад, ба мо занг занед». Онҳо ба якдигар рақамҳои телефон ва почтаи электронии худро доданд ва мо бошем ба истироҳати худ баргаштем. Ман аз дубора дидани Семсе хурсанд будам. Умед дорам, ки мо боиси рӯҳбаландии ӯ гардидем. Ман он гоҳ тасаввур ҳам намекардам, ки ин вохӯрӣ купруке мегардад, ки Семсе ва волидони ҳамсарамро пайванд мегардонад.

Дафъаи дигар вақте ки хусуру хушдоманам дар Денвер буданд, онҳо ба Семсе занг зада, ба хӯроки нисфирӯзӣ даъват карданд. Пас аз он онҳо боз як бори дигар вохӯрданд. Як рӯз ба мошини Семсе таъмир лозим буд ва дар дунё ягон мошине нест, ки хусури ман таъмир карда натавонад, гарчанде худаш инро рад мекунад. Дар моҳҳо ва солҳои минбаъда онҳо борҳо якҷоя хӯрок хӯрданд, сӯҳбатҳо оростанд, хандиданд ва гиря карданд. Ниҳоят Семсе қарор дод, то ки наздиктар ба хонаи волидони ҳамсарам кучида зиндагӣ кунад.

Ҳамон рӯз дар ресторани Дении Денвер дӯстӣ ба вуҷуд омад. Ва ин дӯстӣ то имрӯз давом дорад. Бобою бибии писарам бобою бибии фарзандони Некатӣ шуданд.

Инак мо рӯзи ҷашни Малуди Исо гирди дастархон нишаста будем ва ман даҳ сол пеш дар Туркия буданамро ба ёд овардам. Рӯзе ки дар аввал «Семсе хаста шудааст. Беҳтараш имрӯз наоед» ва баъд «майлаш барои як соат биёед» гуфтанд. Ва инак даҳ сол пас ва дур аз Туркия оилаҳои мо якҷоя хӯроки идонаи шомро мехӯрдем.

Ёд надорам, ки пеш аз хӯрок ё дигар вақти ҳамон рӯз буд, лекин хусурам аз Элишоъ хоҳиш кард, ки дуо ё барои хӯрок шукргузорӣ кунад. Ҳоло ин ҷавон овози мардона дошт ва ба падараш дар ҷавонияш, ки дар расмҳо дида будам, монанд буд. Элишоъ ба дуо кардан сар кард ва маълум буд, ки ин ҷавон Онеро, ки ба Ӯ дуо мекунад, хуб мешиносад. Ин ҳамон марде буд, ки Рӯҳи Худо бар вай буд. Ин ҷавон кори Падари худро давом медод ва падари ӯ Исоро чунон дӯст медошт, ки тайёр буд ҳаёташро барои Ӯ аз даст диҳад.

Ва чун ӯ дуо мекард ман савол мекардам: *«Оё имкон дорад, ки дуоҳои чанд сол пешинаи ман мустаҷоб шуда бошанд? Оё имкон дорад, ки Элишоъ, ин ҷавон, ки падараш барои Масеҳ шаҳид шуда буд, ду маротиба зиёдтар аз рӯҳи падараш гирифта бошад»?*

## БАРОИ МУЛОҲИЗА

Ба ҳаёт ва таърихи имони худ нигариста, шумо дар куҷо амали дастҳои Худоро мебинед? Буданд лаҳзаҳое, ки шояд шумо аз он шикоят мекардед ё дар фикр зада будед, ки барои чӣ он бо шумо рӯй дода истодааст, лекин ҳоло дарк мекунед, ки он сояи кори оияндаи Ӯ дар ҳаёти шумо буд? Дар ёд доред, ки чӣ хел барои ин дуо мекардед ва оё ҳоло мефаҳмед, ки акнун самари он

дуоҳоро гирифта истодаед? Вақт ҷудо карда он дуоҳоро нависед ва Худоро барои ин кораш ва баракатҳое, ки аз роҳ рафтан бо роҳи бароятон муқарраршуда ба вуҷуд омад, шукр кунед.

Вақт ҷудо карда, дар бораи он фикр кунед, ки Худо нисбати ҳолати шумо аз он чизе ки шумо мебинед ё медонед шояд нақшаҳои бузургтареро дошта бошад. Барои худ қарор кунед, ки корҳои мураккаби дастони Ӯро қабул мекунед, агарчӣ барои дарк кардани нақшаи пурраи Ӯ солҳо лозим оянд. Нависед, ки чӣ гуна ин ҳолатҳо шуморо нороҳат мекунанд ва чӣ гуна ҳиссиётҳоро дар шумо бедор мекунанд. Дар солҳои оянда шумо ба қафо нигариста, мебинед, ки чӣ хел Худо кор кард.

## Дуо

«Падари Осмонӣ, раҳмат, ки Ту аз аввал то охирро мебинӣ, ки Ту иродаатро дар ҳаёт ва вазъиятҳои зиндагии ман иҷро карда истодаӣ. Ман ирода ва ҳаёти худро ба Ту таслим мекунам, ки Ту ҳар тавре ки дуруст мешуморӣ, истифода барӣ. Иҷозат деҳ, то корҳоеро, ки Ту дар моҳҳо ва солҳои меомадаи ҳаётам иҷро мекунӣ, бинам ва қабул намоям. Омин».

## *Барои қайди дафтари шахсии шуму*

## *Гӯш кунед*

Шумо метавонед мусоҳибаро бо Семсе дар сайти www.VOMRadio.net/Semse гӯш кунед.

## ИҚТИБОСҲО БАРОИ МУЛОҲИЗА

«Дар маркази назарияи масеҳӣ дар бораи воқеият Одамест, ки барои душманонаш мурд ва барои бахшида шудани онҳо дуо гуфт. Мулоҳиза дар ин бора метавонад танҳо ба тарзи комилан дигар муносибат кардан бо онҳое, ки аз онҳо фарқ мекарданд, оварда расонад».

**— Тимоти Келлер**[1]

«Бештар аз ин, ман ҳама чизро ҳеҷу пуч мешуморам, зеро чизе нест, ки аз шинохтани Худовандам Исои Масеҳ беҳтар бошад. Ба хотири Ӯ ман аз ҳама чиз, гӯё аз партове бошад, даст кашидам, то ки бо Масеҳ бошам ва бо Ӯ як шавам. Ман дигар кӯшиш намекунам, ки бо қуввати худ шариатро иҷро намуда, росткор шавам, балки дар пайи росткорие мебошам, ки аз имон ба Масеҳ бармеояд. Ин росткорӣ ба хотири имон аст ва аз ҷониби Худо дода мешавад. Хоҳиши ман ин аст, ки Исои Масеҳро бештар шиносам ва қувваеро, ки Ӯро аз марг зинда кард, дарк кунам. Мехоҳам, ки дар азобҳои Ӯ шарик шавам ва дар маргаш монанди Ӯ бошам, бо умеди он ки ман низ аз мурдагон зинда шавам».

**Филиппиён 3:8–11**

---

1 Тимоти Келлер, «THE REASON FOR GOD: BELIEF IN AN AGE OF SKEPTICISM», ҳуқуқи муаллиф © 2008 Timothy Keller. Истифода мешавад бо иҷозати «WaterBrook Multnomah», чоп — «Random House», воҳиди «Penguin Random House LLC». Ҳамаи ҳуқуқҳо маҳфуз аст.





# РӮЗИ 26-УМ

## «АГАР ТАМОМИ ҶАҲОН БОВАР МЕКАРД»

«Зеро Худо ҷаҳонро чунон дӯст дошт, ки Писари Ягонаи Худро дод, то ҳар ки ба Ӯ имон оварад, намирад, балки ҳаёти абадӣ дошта бошад. Зеро Худо Писарро на барои ҳукм кардани ҷаҳон фиристод, балки барои он, ки ҷаҳон ба воситаи Ӯ наҷот ёбад. Ҳар кӣ ба Ӯ имон оварад, ҳукм карда намешавад, аммо ҳар кӣ имон наоварад, аллакай ҳукм карда шудааст, чунки ба номи Писари Ягонаи Худо имон наовардааст».

**ЮҲАННО 3:16–18**

.............................................

*Хитойи Шимолу Ғарбӣ, соли 2003*

Мобайни фасли зимистон хеле хунук буд. Хунукиро дар дохили меҳмонхона низ ҳис карда мешуд. Ман бо либосҳои ғафс хоб рафтам, то ки хунук нахӯрам. Дар берун барф меборид.

Мо дар наздикии сарҳади ғарбии Хитой, дар мобайни муҳорибаҳо будем. Чунон ки ҳангоми дар қудрат будани Партияи Коммунистӣ рух медиҳад, ин мубориза барои сарҳадҳои заминӣ набуд, балки мубориза барои сарҳадҳои равонӣ буд. Ҳукумати Хитой мехоҳад мардумашро таҳти идораи пурраи худ қарор диҳад, талаб дорад, ки ҳар як одам пеш аз ҳама ба партия ва давлат вафодор бошад.

Дар ин қисмати Хитой, мардум ба таври анъанавӣ мусулмонанд. Забони модариашон на забони хитоӣ, ки забони расмии партия аст, балки забони туркии уйғурӣ аст. Бо мақсади таҳти назорати худ нигоҳ доштани минтақа, ҳукумати Хитой ҳазорон хитоиҳои таҳҷоии ханиро ба ин ҷо кӯчонд, то таъсири фарҳанги уйғуриро пахш ё ҳадди ақал суст кунад.

Уйғур будан ба назари ҳукумати Хитой аллакай зери таъқибот аст. Лекин уйғур ва ҳамзамон масеҳӣ будан чӣ маъно дорад? Ин маънои онро дорад, ки мушкилот шуморо аз ҳар тараф интизор аст.

Мо рӯзона мисли сайёҳон рафтор мекардем. Дар кӯчаҳо сайру гашт мекардем, аз бозорҳо тухфаҳои хотиравӣ мехаридем ва ҳама чизро акс мегирифтем. Танҳо пас аз торик шудан мо имкон доштем бо масеҳиён вохӯрем, вале мо ба хонаҳои онҳо рафта натавонистем — ин диққати зиёдро ҷалб мекард. Барои ҳамин онҳо ба назди мо меомаданд.

Марди ҷавоне, ки номашро Алӣ мемонам, аллакай дар айёми донишҷӯии худ дар бораи муносибатҳои муташшаниҷи мардуми уйғураш ва чиниҳои ханӣ фикр мекард. Вай фикр мекард, ки чӣ гуна метавонад ба халқаш ёрӣ диҳад, ки аз зулми сахти мардум ва ҳукумати Хитой халос шавад. Вай умед дошт, ки шояд дини ислом ягон роҳи ҳали ин мушкилиро пешниҳод мекунад.

Ҳангоме ки ин фикрҳо дар сари Алӣ чарх мезаданд, ӯ бо як марди масеҳӣ шинос шуд. Гарчанде он мард чандон ба назари

Алӣ писанд наафтода бошад ҳам, вале таълимоти ӯ диққати Алиро ҷалб кард. Алӣ ба омӯзиши масеҳият шурӯъ кард ва фикр мекард, ки шояд он тавонад ба халқаш сулҳ оварад.

«Ман дар ислом бисёр чизҳои бадро барои худ пайдо кардам», — гуфт Алӣ ба мо. — Бисёр чизҳоеро, ки қабул карда наметавонистам. Дар ислом адолат ва ростқорӣ нест. Ҳамин тавр ман ба омӯхтани Китоби Муқаддас сар кардам».

Падари Алӣ роҳбари масҷиди маҳаллӣ буд. Бародараш барои омӯзиши ислом бо толибон ба Афғонистон рафта буд. Хешу табори ӯ аз он нафароне набуданд, ки аз шавқ доштани яке аз наздиконашон ба масеҳият шод шаванд ва онҳо ин чизро қабул карда натавонистанд. Вақте фаҳмиданд, ки Алӣ Китоби Муқаддасро мехонад, онҳо китобро сӯзонданд.

Онҳо ба ӯ гуфтанд: «Ин китобро дигар ҳеҷ гоҳ нахон. Ҳамааш дурӯғ аст. Тамоми ин китоб иваз шудааст».

Рӯзи дигар вақте ки аҳли оилаи Алӣ барои масҷид рафтан ҷамъ шуданд, Алӣ гуфт, ки ҳамроҳи онҳо намеравад. Аз он вақт инҷониб оилааш ӯро аз ҳар ҷиҳат озор медод. Дере нагузашта, ӯро аз хона пеш карданд.

Падараш ба ӯ гуфт: «Ман дигар падари ту нестам ва ҳеҷ гоҳ қадаматро ба ин хона намон». Аммо наздикон бо бехона монданӣ Алӣ қаноат накарданд. Падар ба омӯзишгоҳе, ки Алӣ таҳсил мекард, рафт ва дар он ҷо бо муаллимон ҷанҷол кард, ки онҳо донишҷӯёнро хуб назорат намекунанд, чунки агар онҳо вазифаашонро хуб иҷро мекарданд, писари вай масеҳӣ намешуд.

Алӣ аз тарси боздошт шуданаш, омӯзишгоҳро партофт ва он минтақаро тарк кард. Ӯ назди хешонаш рафт, лекин падари Алӣ онҳоро огоҳ карда буд, ки писараш дигар мусулмон нест ва онҳо низ Алиро рад карданд. Ҳатто рафиқонаш ӯро напазируфтанд ва ба ӯ дасти ёрӣ дароз намекарданд.

Алӣ чанд вақт дар кӯчаҳо зиндагӣ карда, бемор шуд ва дар беморхона бистарӣ шуд. Одатан дар Хитой аъзоёни оила ба

шахси бемор ба беморхона хӯрок меоранд, лекин оилаи Алӣ аз ӯ рӯ гардонда буданд. Алӣ ҳайрон шуд, ки Худо ба ӯ ғамхорӣ мекунад. Як ҳамшираи дилсӯз ба ӯ хӯрок меовард. Алӣ ба мо гуфт, бе он хӯрок, шояд ӯ мемурд.

Вақте нишаста қиссаи Алиро гӯш мекардам, тасаввур мекардам, ки чӣ гуна ба имони ҷавони писарак зарба аз паси зарба расонда мешавад. Лекин ӯ ба ҳамаи ин зарбаҳо тоб овард ва аз имони худ ба Масеҳ даст накашид. Ӯ ақиб нагашт. Ва аз он вақт инҷониб, Худо ӯро аз ҳар ҷиҳат дастгирӣ мекунад.

Чун вақти пардохти ҳаққи хизматрасонии беморхона расид, Худо онро ҳам барои Алӣ таъмин кард. Акнун ки Алӣ таҳсил намекард ва бехонаву дар буд, ба ёфтани кор мӯҳтоҷ буд. Аммо кадом одам ҷавонеро, ки маълумоти олӣ надораду илова ба ин масеҳӣ аст ба кор мегирад? Аммо Худованд дар лаҳзаи ғайричашмдошт ба Алӣ кор ёфт. Дар ин лаҳзаҳои умри худ, Алӣ дасти Худоро, ки ӯро муҳофизат ва таъмин мекард, медид.

Дар солҳои донишҷӯйӣ Алӣ фикр мекард, ки чӣ гуна метавон ба халқи уйғури ӯ сулҳ овард. Акнун ӯ бо Мири Осоиштагӣ ҳамарӯза роҳ мерафт ва бисёр мехост, ки ба ҳамватанони худ дар бораи Исо нақл кунад.

Ман одатан аз ҳамаи масеҳиёни таъқибшудае, ки вомехӯрам як савол мепурсам: «Ояти дӯстдоштаатон аз Китоби Муқаддас кадом аст?»

Ояти дӯстдоштаи Алӣ Юҳанно 3:16 аст, ки шояд ҳар масеҳӣ аз ёд медонад.

«Худо мегӯяд, ки ҳамаи одамонро дӯст медорад — фаҳмонд Алӣ. — Ман ин оятро дӯст медорам, чунки ман низ халқи худро дӯст медорам».

«Агар тамоми дунё ба Масеҳ бовар мекард, дар тамоми ҷаҳон сулҳу осоиш мебуд» — гуфт ӯ».

# БАРОИ МУЛОҲИЗА

Худованд Исо моро огоҳ карда буд, ки ҳақиқати Ӯ оилаҳоро ҷудо карда, моро ҳатто дар хонаводаи худ душман мегардонад:

> «Ман омадаам, ки писарро аз падар, духтарро аз модар, келинро аз хушдоманаш ҷудо кунам. Худи аъзои хонадони одам душманони ӯ хоҳанд буд. Касе ки падар ё модари худро аз Ман бештар дӯст медорад, сазовори Ман нест. Инчунин, касе ки писар ё духтари худро аз Ман бештар дӯст медорад, сазовори Ман нест. Касе ки салиби азобу маргашро бо худ набардораду аз паси Ман наояд, сазовори Ман нест». (Матто 10:35–38).

Шояд ба шумо лозим наомада бошад, ки он чи Исо дар порча гуфтааст, таҷриба кунед. Шояд аъзои оилаи шумо имони шуморо рӯҳбаланд ва дастгирӣ мекарданд ва ҳатто имрӯз шуморо водор мекунанд, ки ба Масеҳ монанд бошед. Агар чунин бошад, вақт ҷудо карда дуои шукргузорӣ барои чунин баракат нависед. Ва вақт ҷудо карда барои нафароне мисли Алӣ дуо кунед, ки барои Масеҳро пайравӣ кардан маҷбуранд оилаи заминии худро аз даст диҳанд.

Ва агар шумо яке аз он нафароне бошед, ки маҷбур будед байни оила ва Исо интихоб кунед, донед, ки шумо танҳо намондаед ва фаромӯш нашудаед. Исо мехоҳад ва метавонад бо шумо роҳ равад ва шуморо ғамхорӣ кунад, чунон ки Ӯ ба Алӣ ва дигарон, ки дар давлатҳои дарҳояш баста интихобашон Масеҳ буд, ғамхорӣ мекунад.

## Дуо

«Худованд Исо ба ман ёрӣ деҳ, ки Туро аз ҳама чӣ, ҳатто оилаи худам болотар донам ва зиёдтар қадр кунам. Омин».

## *Барои қайди дафтари шахсии шумо*

## *Аз дафтари шахсии ман*

Шавқовараш он буд, ки хунукиву сармо сади роҳи тиҷорат намешавад. Мағозаҳо, ҳатто дӯконҳои кӯчагӣ пур аз одам буданд. Чунин ба назар мерасад, ки онҳо ба хунукӣ ва сармои тоқатфарсои ин ҷо одат кардаанд.

Тамоми Хитой дар як минтақаи вақт қарор дорад. Ва дар ин ҷо дар Ғарб офтоб қарибии соати 9-и саҳар мебарояд. Ин бароям беақлист, лекин ба назари Партияи Коммунистӣ ин назорат, идора ва ҳукмронии аҳолии зиёда аз як миллиардро осон мегардонад.

# РӮЗИ 27-УМ



# МАВЪИЗАИ РӮЗИ ҶАНОЗА

«Ба ҷойи ин Масеҳро ҳамчун Худованди ҳаёти худ бо ҷону дил ҳурмату эҳтиром кунед. Агар касе аз шумо дар бораи умеде, ки доред, савол пурсад, ҳама вақт барои ҷавоб додан тайёр бошед. Вале бо эҳтирому хоксорӣ ҷавоб диҳед».

**1 ПЕТРУС 3:15**

..........................................

## Осиёи Марказӣ, соли 2002

Бори аввал дидам, ки марде шиканҷаашро ба ёд оварда, гиря мекунад. Ашк дар чашмони шубон Рагимов ҷори шуда, аз рухсораҳояш мечакид. Мо рӯзи гарми тобистон дар назди хонааш нишаста будем ва аз баҳри Каспий шамоли сабуки форам мевазид.

«Маро латукӯб карданд — гуфт ӯ ба мо бо овози паст ва пур аз ҳиссиёт. — Онҳо чандин борҳо маро заданд».

Бо вуҷуди ин шубон дар нафаси навбатӣ илова кард, ки барои таъқибкунандагонаш дуо мекунад. «Ман дигар ҳеҷ чиз карда наметавонам — гуфт ӯ, — танҳо дуо».

Пас аз даҳ соли барҳам хӯрдани Иттифоқи Шӯравӣ ва мустақил шудани кишвараш, бисёр чизҳо дар кишвараш иваз шуданд. Лекин як чиз иваз нашуд: масеҳӣ будан ва ба дигарон дар бораи Исо нақл кардан касро ба таъқибот гирифтор мекунад. Мардуми Осиёи Миёна аз ҳукмронии ҳафтодсолаи идеологияи коммунистӣ, ки тарбияи атеистӣ, муносибати душманона ба ҳар дин ва тамасхури ҳар гуна зуҳури эътиқодро дар бар мегирифт, озод шуданд.

Лекин чун коммунизм аз байн мерафт, худшиносии исломӣ ба миён омад ва исломиҳо масеҳиёнро аз коммунистҳо дида бештар бад мебинанд. Коммунистҳо масеҳиёнро носозгорони ҷомеа мешумориданд, мусулмонҳои ифтротгаро фикр мекарданд, ки онҳо динфурӯшони сазовори марг ҳастанд.

Шубон Рагимов яке аз аввалин нафароне дар байни ҳамватанонаш буд, ки Исоро пайравӣ мекард. Ӯ на танҳо зулми реҷаи коммунистиро дидааст, балки мавҷи ҳамлаи исломи ифротгороро низ аз сар гузарондааст. Ҳар дуи он боиси ранҷу азобаш гардидааст.

Бо вуҷуди ин таъқибот ва зулм ӯро аз башорат додан дар бораи Исои Масеҳ бознадоштааст. Агар ӯ дар ягон деҳа мебуд, новобаста ба кадом як сабабе, ӯ фикр мекард, ки он ҷо будани ӯ хости Худо аст ва бояд ба сокинони он деҳа башорат диҳад. Агар пулис ӯро бозмедошт, ӯ фикр мекард, ки Худо мехоҳад, ки ӯ ба он пулис башорат диҳад. Агар гурӯҳи мусулмонони ифротгаро бо ӯ рӯ ба рӯ мешуданд, ӯ медонист, ки Худо онҳоро низ барои башорат додан фиристодааст.

Ӯ ба мо нақл кард, ки чӣ гуна муҳаббати ӯ ба Масеҳ ва имони оташинаш дар ҳолатҳои воқеӣ зоҳир шуд:

Боре вақте ки ӯ дар як деҳа буд дар он ҷо маросими дафни яке аз роҳбарони деҳа мегузашт. Рагимов аз фурсат истифода бурда, бо ду мулло (мутахассисони Куръон ва расму оинҳои дини ислом), ки бояд маросими дафнро сардорӣ мекарданд, сӯҳбатро оғоз кард. Ӯ пурсид, ки ба фикрашон пас аз нафаси охиринаш бо марҳум чӣ рӯй дод?

Муллоҳо ҷавоби дуруст дода натавонистанд.

Рагимов аз онҳо пурсид: «Наход ки шумо ба ин саволҳои муҳим ҷавоб надошта бошед»?

«Агар ин қадар доно бошӣ — гуфт яке аз муллоҳо — шояд худат дар ҷаноза гап мезанӣ»?

Ин имконияте буд, ки ягон шубон аз даст дода наметавонад! Ӯ пеш омада назди тобуте, ки дар он ҷасади он мусулмон буд, истод. Ӯ дар бораи умеди абадият дар ҳузури Худо, ки ба воситаи имон ба Исои Масеҳ ба даст оварда мешавад гап зад. Яксаду панҷоҳ шунавандагони ӯ ки дар байнашон он ду мулло ва пулиси деҳа буданд бодиққат ба ӯ гӯш мекарданд.

Пас аз анҷоми ҷаноза, бисёри одамони деҳа назди Рагимов омаданд, ки бо ӯ гап зананд. Онҳо ӯро аз ду рухсораш бӯсиданд, ки нишонаи пазирои ва ҳурмат дар фарҳанги онҳост.

«Ин мулло аз дигар муллҳое, ки мо пештар шунида будем беҳтар аст — гуфтанд онҳо ба муллоҳои мусулмон. — Мо мехоҳем, ки ӯ ба деҳаи мо баргардад».

Рагимов бо камоли майл хоҳиши онҳоро иҷро кард. Ӯ пас аз чанде ба он ҷо баргашт ва филми Исоро нишон дод.

Ин яке аз қиссаҳои хотирмони ҳаёти ӯ буд: хушпазирои ва дарҳои кушода барои башорати Инҷил.

Лекин қиссаҳои дигар низ буданд, ки чунин фарҷом надоштанд. Дар як деҳа, якчанд моҳ пеш аз сӯҳбати мо, ӯро хуш напазируфтанд. Рагимов ба деҳаи дурдасте барои аёдати як оила рафт. Вақте ки ӯ аз он деҳа рафт, коргарони амният назди он оила омада, шиносномаҳои ҳама аъзои оиларо нусхабардорӣ карданд ва ба онҳо гуфтанд, ки дафъи дигар вақти ки Рагимов ин ҷо меояд, беҳтараш дарҳол пулисро ҷеғ зананд. Инчунин пешниҳод карданд, ки беҳтараш бо ягон масеҳӣ муоширати ё ҳамкорӣ накунанд.

На он оила на шубон Рагимов ба тарс наафтоданд. Ӯ ба ман гуфт, ки нақша дорад ба деҳа баргардад.

Ӯ латукӯбҳо, дард ва азоберо, ки аз сар гузаронд дар ёд дорад. Лекин ҳамзамон он умедеро низ дар ёд дорад, ки ҳангоми дарк кардани ҳақиқати Инҷил ҳис карда буд, ки Худо Писари Худро барои бахшида шудани гуноҳҳои мардуми Осиёи Марказӣ ва ҳама ҷо фиристодааст.

Шодие, ки Рагимов аз дидани он ки ҳамватанонаш якумин бор хушхабарро мешунаванд ва дидани хурсандӣ дар чашмони онҳо ҳамгоми дарк кардани ваъдаи муҳаббати Худо ва абадият бо Масеҳ, назар ба он азобҳои муқаррарӣ, гиряҳо ё латукӯби ҷисмонӣ арзишмандтар аст.

## БАРОИ МУЛОҲИЗА

Чӣ гуна мо метавонем ҳама вақт барои ҳисобот додан аз имони худ тайёр бошем (1 Петрус 3:15) ва ҳар ҳолатро ҳамчун имконияти башорат додан истифода барем? Рагимов якумин имондоре нест, ки ман дар давлати ба Инҷил зид вохӯрдаам, ки ҷанозаҳоро ҳамчун имконияти башорат додан истифода мебарад. Ёд дорам шубоне дар Хитой ба ман гуфта буд, ки ӯ дар ҷанозаҳо башорат доданро дӯст медорад, чунки одаман хоҳед нахоҳед дар ин вақт дар бораи абадият фикр мекунанд ва пулис ҳеҷ гоҳ ҷанозаро халалдор намекунад.

Оё шумо мисли шубон Рагимов бовар доред, ки ҳар одамеро, ки вомехӯред дар асл Худо ба шумо фиристодааст, то ки ба ӯ башорат диҳед? Чӣ гуна чунин фикррони метавонад ба амалҳо ва сӯҳбатҳои шумо таъсир расонад? Телефонатонро тавре насб кунед, то ба шумо ёдрас кунад, ки ҳар рӯз муҳаббати Худоро барои нафаре дуо кунед, ки Худо барои башорат додан ба шумо мефиристад.

### Дуо

«Худовандо, ёрӣ деҳ ҳар одамро, ки Ту назди ман мефиристӣ бо чашмони Ту бинам ва ҳар вохӯрӣ ва сӯҳбатро ҳамчун имконияти ба-

шорат додан ба одаме, ки Ту дӯст доштаӣ ва ҷонатро қурбон кардаӣ, истифода барам. Омин».

## *Барои қайди дафтари шахсии шумо*

## *Аз дафтари шахсии ман*

Сафар дар ҳавопаймо як саргузашти аҷиб буд.

Ман назди баромадгоҳи таъҷилӣ менишастам ва чун ҳавопаймо ба хати парвоз баромад, аз дар қувваси шамол садо медод, гӯё ки ба дохили ҳавопаймо ҳаво медаромада бошад. Ҳамкорам пурсид, ки оё дарро маҳкам пӯшида бошанд ё на, лекин стюардесса моро бовар кунонд, ки он маҳкам пӯшида аст. Баъд вақте ки мо ба парвоз баромадем панеле, ки қулфро мепӯшонд, ғалтид ва маро сахт тарсонд. Ҳавопаймо бо ранги сабз ва зарди хира оро дода шуда буд ва ҷойҳои нишасти кабуди рангпаридаи тақрибан бист сола дошт.

Ҷойҳои нишаст ба пеш ҳам хам мешуданд ва агар ягон кас дар он нишаста набошад ва ҳавонаворд ба тормоз зер кунад, он ба пеш хам мешавад. Аҷоиб! Инчунин ман бӯйи газро низ ҳис кардам.

Танҳо пас аз он ки ба шарофати дуоҳои беисти ман ҳавопаймо парвоз кард, ман тавонистам ором шавам у каме хоб равам.



# РӮЗИ 28-УМ

# «ОНРО БАРОИ ҚОҒАЗИ ТАШНОБ ИСТИФОДА БАР»

«Агрипос ба Павлус гуфт: “Оё дар як лаҳзаи кӯтоҳ маро масеҳӣ кардан мехоҳӣ?!” Павлус гуфт: “Аз Худо хоҳиш дорам, ки дар лаҳзаи кӯтоҳ ё дароз, на танҳо шумо, балки ҳамаи шунавандагони имрӯза мисли ман шаванд, лекин бе ин занҷирҳо”».

**КОРНОМАИ ФИРИСТОДАГОН (26:28–29)**

.....................................................

*Осиёи Миёна, соли 2002*

Бисёр масеҳиёне, ки вохӯрдам, ҳикояҳои аҷиби то имондоршудан доранд. Вақте ки Телманро вохӯрдам, ӯро ҳамчун миссионер ба ҷойи дурдасти кишвараш фиристода буданд, ҷое, ки дар он ягон ҷамоат набуд. Лекин шаҳодати ӯ маро ба ҳайрат овардааст.

Телман пеш аз масеҳӣ шуданаш, ҷинояткор буд ва дар оилаи ҷинояткорон ба воя расид. Ӯ барои ҷиноятҳои содир кардааш

зиндонӣ шуда буд. Ба гуфти худаш сазовор буд. Бародаронаш низ ҷинояткор буданд.

Ман аз Телман пурсидам, ки чӣ гуна мусулмон аз оилаи ҷинояткорон пайравӣ Масеҳ мешудааст.

«Рӯҳулқудс ба онҳо таъсир кардааст» — гуфт ӯ. «Дигар роҳ нест».

Рӯзи гарм буд ва ҳамроҳи Телман дар берун менишастем ва ӯ ба ман қиссаашро нақл кард. Дар наздикӣ дар майдони шаҳр фаввора буд. Шояд сабаб дар ҳамин муҳити гуворо буд, ки Телманро аз нақл кардани қисмҳои ногувори ба Масеҳ имон оварданаш боздошт. Ӯ ба ман аз ҳаёти ҷиноятолудаш нақл кард. Ӯ дар бораи хизмате, ки пеш мебурд ва душвориҳои хизматаш нақл кард, лекин дар бораи имон овардан ва душвориҳои ба он алоқамандро нақл накард. Дар бораи ин қисмати ҳаёташ ман аз дӯсти Телман шунидам.

Вақте ки Телман, мусулмони ҷинояткор, пайрави Масеҳ шуд, оилааш аз ин «хиёнат»-и ӯ ба хашм омад. Ӯ тамоми оиларо шарманда кард ва ягон кас бояд барои ин, ҷазо гирад. Телман бо фикри худаш дини исломро тарк намекард, касе шояд ӯро аз роҳ задааст. Оилаи Телман ба ҳамааш зани ӯро гунаҳкор донистанд ва ду бародари Телман зани ӯро латукӯб карданд.

Ҳамчун шавҳар, ман тасаввур мекунам, ки чӣ қадар ин барои Телман аламовар буд ва чӣ қадар ӯ худро гунаҳкор ҳис мекард. Мард бояд занашро муҳофизат кунад ва агар дар оила ягон нофаҳмӣ бошад, онҳо бояд бо худи ӯ ҳал мекарданд ба ҷойи он ки занашро зананд. Ман фаҳмидам, ки барои чӣ ин қисми шаҳодаташро ман на аз худи Телман, балки аз дигар кас шунидам. Зеро барои шавҳар ин қиссаро нақл кардан душвор буд.

Таъқиботе, ки бо онҳо дучор шуданд, Телман занашро аз имон дур накард. Баръакс ин танҳо имон ва қарори пайравӣ кардан ба он роҳе, ки Худо онҳоро даъват кардааст, онҳоро мустаҳкамтар гардонд. Ӯ дар калисои худ курсҳои омӯзишии Китоби Муқаддасро хатм карда, аз тарафи калисои худ ҳамчун

миссионер ба дигар қисмати кишвараш фиристода шуд. Ӯ ва занаш чизу чораашонро ҷамъ карда кӯчида, аввал дар хонаи хешу таборонашон истода, барои коштани хушхабари Инҷил дар он ҷамъияти нав сар карданд.

Аммо мақомотҳои он минтақа намехостанд, ки дар шаҳри онҳо калисо бошад. Телманро ба идораи пулис даъват карданд, бозпурсӣ гузаронда, озор доданд. Ба ӯ гуфтанд, ки ӯ барои ҳамчун калисо фаъолият кардан иҷозати давлатӣ надорад. Пас аз чанде аз онҳо иҷозатномаи истиқоматиашонро кашида гирифтанд ва фармуданд ба пойтахт, ки пештар дар он ҷо зиндагӣ мекарданд, баргарданд.

Ҳатто Телман ва занаш чун қарор карданд, ки пайрави Масеҳ шаванд, бо таъқибот рӯ ба рӯ шуданд, лекин таслим нашуданд. Ӯ бо сабаби мувофиқ набудани ҳуҷҷатҳо, аз мақсади бунёд кардани калисо даст накашиданд. Ба пойтахт баргашта, Телман бо шубонаш маслиҳат кард, калисо дар пойтахт қайди давлатӣ дошт ва шубон хизмати миссионерии Телманро ҳамчун як қисми калисо ба расмият даровард.

Телман ба он шаҳр баргашт ва хизмати башоратиашро дар он ҷо давом дод. Бори дигар ӯро ба идораи пулис бурданд. Рӯ ба рӯйи сардори пулис нишаста, Телман ҳуҷҷатҳои расмиеро баровард, ки ҳукумати давлат дар он иҷозати кори расмиро додааст.

Пулис писханд зада гуфт: «Ту метавонӣ он қағазҳоро гирифта ҳамчун қоғази ташноб истифода барӣ. Дар ин ҷо қонун ман ҳастам».

Телманро боз аз шаҳр ронданд. Бори дигар аз он коре, ки Худо ӯро даъват карда буд, даст накашид. Агар ӯ иҷозати дар он шаҳр зиндагӣ карданро надошта бошад, ӯ метавонад он ҷоро зуд-зуд хабар гирад.

Ӯ ҳар ҳафта ба он ҷо сафар мекардагӣ шуд — якчанд соат дар мошин ва давоми зиёдтарашро бо автобус. Аз боиси башорати Телман гурӯҳи масеҳиён дар он ҷо калон шудан гирифт. Бисёр одамоне, ки дар бораи миссионери ҷасур шунида буданд,

шавқовар шуданд бо ӯ шинос шаванд. *Ӯ девона шудааст магар? Чаро ӯ гаштаю баргашта ба ин ҷо меояд, дар ҳоле ки пулис ба ӯ гуфта буд, ки дигар барнагардад? Чаро пештар пулис ӯро барои ҷиноятҳояш дастгир мекард ва ҳоло барои калисо кушоданаш? Кадом ҷиҳати таълимоти ӯ ҳукуматдоронро асабонӣ мегардонад?*

Ӯ хоҳиш кард, ки барои хизмати ӯ ва мусулмонҳои зиёди он шаҳр дуо кунем, то ки онҳо Масеҳро ҳамчун Наҷотдиҳанда ва Худованди худ қабул кунанд. Ӯ боз дуо мекард, ки иҷозатномаи истиқоматиашро гирифта тавонад, то ки ӯ ва занаш ба он ҷо пурра кӯчида тавонанд ва ба он хизмат наздик бошанд, ки Худо онҳоро даъват кардааст ва аниқ баракат медиҳад.

## БАРОИ МУЛОҲИЗА

Вақте Худо шуморо барои иҷрои ягон кор даъват мекунад, то чи андоза душвориҳо шуморо бо осонӣ метарсонанд? Агар аз лаҳзаҳои аввалин корҳо хуб пеш нараванд, шумо чӣ қадар зуд таслим мешавед?

Ба Телман манъ карда гуфтанд, ки ӯ дар шаҳри нав фаъолият карда наметавонад, лекин ӯ барои ин фаъолияташро ба расмият даровард. Баъд ба ӯ гуфтанд, ки ҳуҷҷатҳои ӯ бефоидаанд. Лекин ӯ корашро давом дод. Ӯ ба он ҷо кӯчид. Аммо ба ӯ гуфтанд, ӯ дар он ҷо зиндагӣ карда наметавонанд. Гарчанде ӯ аз он ҷо рафт, вале зуд-зуд хабар гирифта меомад. Ягон монеае, ки пеш мебарамад, пеши роҳи даъвати хизмати Худоро гирифта наметавонист.

Оё шумо низ дорои чунин қарорҳои ҷиддӣ ҳастед? Оё шумо барои пеш рафтани коратон омодаед, дуо ва меҳнат карда нақшаҳои нав ба нави заруририро барои бурида гузаштани ҳар монеаеҳо, ки байни шумо ва иҷро кардани хости Худо дар ҳаёти шумо пайдо мешавад, гузашта равед ё бартараф намоед? Дар

дафтари шахсиатон дар бораи монеае нависед, ки ҳоло бо он дар ҳаёти рӯҳониятон рӯ ба рӯ шудаед. Ҳамчунин ҳали роҳи ин монеаро номбар кунед.

## Дуо

«Худованд Исо, ёрӣ деҳ, ки ба фишор, нороҳатӣ ва душвориҳо нигоҳ накарда, ҷасурона хости Туро читавре, ки медонам Ту маро ба он даъвт кардаи, иҷро карданро давом диҳам. Ба ман дар ёфтани роҳи ҳалли мушкилиҳо зиракӣ ва ҳушёрӣ деҳ. Омин».

## *Барои қайди дафтари шахсии шумо*

## *Аз дафтари шахсии ман*

Якум рӯзи сафар: Ман тақрибан бисту ҳашт соат дар парвоз ба ин ҷо будам бо назардошти интизории шашсоата дар шаҳри Лондон. Дирӯз нисфи шаб ба ин ҷо расидам ва тақрибан соати ду ба ҷойгаҳ рафтам. Баъд албатта хуб хоб накардам, тақрибан се соат ҳамагӣ хоб рафтам.

Мо аз меҳмонхона пас аз соати ҳашт баромадем ва то соати якуними шаб баргаштем — тақрибан ҳабдаҳуним соат. Бо вуҷуди ин Худоро шукр худамро хуб ҳис кардам. Дар он вақт ҳазору сад километр мошин рондем. Нафаре, ки моро сафарбар буд, маро қаҳрамон номид. Ӯ гуфт, ки агар ягон хориҷии дигар мебуд, пас аз сад километр нолиш мекард!

## ИҚТИБОСҲО БАРОИ МУЛОҲИЗА

«Ҳар боре, ки Калисо пурра аз ҷаҳон ҷудо мешуд, он ҳамеша рушд мекард. Дар давоми се асри аввал, ҷаҳон аз Ҷамоати Калисо нафрат дошт. Зиндон, занҷирбандӣ, наъли аспи ваҳшӣ барои масеҳиён ҷазои хуб ҳисобида мешуданд. Вақте ки одам масеҳӣ мешуд ӯ падару модарашро тарк мекард, аз хонаву дару замин ва ҳатто ҳаёташ маҳрум мешуд. Лекин он давраи қаҳрамонон, замони бузургҷуссагон буд. Ҳеҷ гоҳ Калисо ин қадар обод ва нашъунамо наёфтааст, ба ғайр аз он вақте, ки вай бо хун таъмид гирифта буд. Ҳеҷ гоҳ киштии Калисо ин қадар зебо шино накардааст, ба ғайр аз он вақте ки дар саҳни он хуни шаҳидон мерехт. Мо бояд азоб кашем ва бимирем, агар мо хоҳем ин ҷаҳонро барои Масеҳ забт кунем».

**— Чарлз Сперҷен**[1]

«Писарам — Тимотиюс, ту ба воситаи қуввате, ки Исои Масеҳ ба мо медиҳад, устувор бош. Таълимотеро, ки ту дар ҳузури шоҳидони бисёр аз ман шунидӣ, ба одамони вафодор расон, ки онҳо низ дигаронро таълим дода метавонанд. Ҳамчун сарбози вафодори Исои Масеҳ ҳамроҳи ман дар сахтиҳо тоқат бикун».

**2 Тимотиюс 2:1–3**

1 Чарльз Г. Сперджен, «Гаронбаҳоро аз зишт ҷудо кардан», мавъиза, ки 25 март соли 1860 гуфта буд, «The New Park Street Pulpit», ҷилд. 6 (Гранд-Рапидс, Мичиган: «Zondervan», 1964), 154.



## РӮЗИ 29-УМ




# «МАВЪИЗАИ ИНҶИЛРО ҲЕҶ КАС МАНЪ КАРДА НАМЕТАВОНАД»

«Вақте ки Исои Масеҳ боз меояд, Ӯ ҳамчун шоҳ ҳукмронӣ мекунад ва ҳамаро, яъне зиндагону мурдагонро доварӣ менамояд. Аз ин сабаб ман дар ҳузури Худо ва Исои Масеҳ ба ту супориш медиҳам, ки каломи Худоро эълон намо. Вақту бевақт омодаи кор бош. Босаброна ва бо таълимоти дуруст одамонро ислоҳу сарзаниш намо ва онҳоро рӯҳбаланд кун».

**2 ТИМОТИЮС 4:1–2**

.....................................................

Озарбойҷон, соли 2002

Пеш аз он ки шубон Ялов масеҳии оташин ва башоратдиҳандаи ҷасур гардад, ӯ мусулмони сахт буд — дар пайравӣ намудан ба Муҳаммад дар байни халқи худ ҳамто надошт.

Ӯ одами маълумотдор ва аз ҷиҳати молиявӣ сарватманд буд, лекин ҳеҷ гоҳ оромии ҳақиқӣ надошт.

Пеш аз он ки пастор Ялов масеҳии оташин ва башоратгари далер гардад, вай мусулмони дилчасп буд.

Ҳамчун мусулмони худотарс буда, ӯ бо умед барои ёфтани ҷавобҳо ба саволҳояш, вай Қуръон мехонд. Ӯ яке аз вазифаҳои исломии худро иҷро карда, ба зиёрати Макка рафт. Ӯ ҳар чи ки динаш ёд медод, мекард, лекин ба ҳар ҳол дилаш ноором буд. Ба ҳолати ноумедӣ афтода ӯ дар бораи худкушӣ фикр кард.

«Ман кӯшиш кардам бо Қонуни Шариат зиндагӣ кунам» — гуфт ӯ ба ман ва ҳамкорам ҳангоми дар пойтахти Озарбойҷон буданамон. — Ҳис кардам, ки дар ҳаётам чизе намерасад. Дар Қуръон ман саволҳоям ҷавобҳо намеёфтам. Фикр кардам, ки нодон ҳастам ё дар сарам дониши пурра надорам. Бинобар ин ман бисёртар хондам, лекин ҳар қадар ки мехондам, ҳамон қадар саволҳои зиёд пайдо мешуданд».

Шубоне Яловро ба як ҷамъомади масеҳиён, ки дар он шаш имондори озарӣ буд, даъват кард. Ялов дар он гурӯҳ ҳафтум мард буд, ягона нафаре, ки ҳаёташро ҳанӯз ба пайравӣ намудан ба Масеҳ набахшида буд. Барои шаш моҳ Ялов дар маҷлисҳои он ҷамоат иштирок мекард ва Инҷил мехонд. Шубон ба ӯ дар бораи Исо накл кард ва гуфт, ки ӯ имконият дорад аниқ донад, ки бо ӯ пас аз марг чӣ рӯй медиҳад. Ялов хондани Қуръонро низ давом медод ва суханони Муҳаммад ва Исоро муқоиса мекард.

Рӯзе чун ӯ Китоби Муқаддасашро кушод, чашмонаш ба ояте аз китоби Забур 90:14 афтоданд: «Азбаски ба Ман ихлос бастааст, ӯро раҳоӣ хоҳам дод; ӯро тақвият хоҳам кард, *чунки номи Маро шинохтааст*».

«Ман бояд ба Худо муроҷиат кунам — фикр кард Ялов дар дуояш. — Лекин ман номи Ӯро намедонам». Худо дуои ӯро шунид ва пас аз шаш моҳи омӯзиши Китоби Муқаддас дар гурӯҳе, ки ӯ ягона ғайримасеҳӣ буд, оятҳое, ки ӯ мехонд ва чизҳое, ки

шубон ба ӯ мегуфт чизеро дар дил ва ақли ӯ бедор карданд. Ялов ҳаёташро ба Масеҳ бахшид. Акнун гурӯҳ на аз шаш, балки аз ҳафт масеҳие иборат буд, ки Китоби Муқаддас мехонданд.

Дигаргунӣ дар Ялов зуд ва драммавӣ буд. Чун зани Ялов дигаргуниҳоеро, ки Исо дар ҳаёти шавҳараш кардааст, дид, ӯ низ пайрави Масеҳ шуд. Лекин на ҳама дар оила аз интихоби Ялов хурсанд буданд. Модари худаш ӯро аз хонаи падараш берун карда гуфт, ки исломро тарк карда ӯ ҳам худаш ва хешу таборашро шарманда кард.

Зиёда аз ду сол Ялов дар идорааш зиндагӣ мекард. Ӯ ду мизро якҷоя карда, онҳоро ҳамчун рахти хоб истифода мебурд. Ӯ кӯшиш мекард омӯзиши Инҷил ва пайравӣ намудан ба Масеҳро гузарад. Ӯ мехост на танҳо оилаи худ, балки ҳамватанони худро ба Масеҳ биёрад. Ӯ аз омӯзиш гузашта барои башоратдиҳӣ фиристода шуд.

Чунин хизмат дар байни халқи мусулмон ба душвориҳо гирифтор мекунад. Дере нагузашта Ялов ва дигар масеҳиеро, ки ба ӯ ҳамроҳ шуда буд, дастгир карданд. Онҳоро понздаҳ шабонарӯз нигоҳ доштанд, бозпурсӣ гузаронданд ва маҷбур мекарданд, ки ба ислом баргардандy кори башоратдиҳиро бас кунанд.

Пас аз як сол ӯро ҳамроҳи дигар шубон ҳангоми гузарондани ҷамъомад боз дастгир карданд. Онҳоро ҳашт рӯз дар камераҳои якнафара нигоҳ доштанд. Камераҳо як ба якуним метр буданд ва барои озодона дароз кардан пой, қади одам намерасид.

Дари он камераҳо тирезачаи майда доштанд, то ки ба воситаи он посбонон маҳбусонро назорат намоянд. Ялов шояд дастури Павлус ба Тимотиюсро ба ёд овард, ки «вақту бевақт омодаи кор бош» гуфтааст, тахмин кард, ки он тиреза барои он дар он ҷо буд, ки ӯ ва ҳамкораш ба посбонон башорат диҳанд. Ялов ва дигар шубон ин корро бо навбат карданд.

Яке аз посбонон аз дарди сахти шикам шикоят кард. Ялов аз тирезачаи дари камераи маҳбас ба Исо дуо кард, ки ишками

ӯро шифо диҳад. Исо ба дуои Ялов ҷавоб дод ва посбон дарҳол худро хуб ҳис кард.

«Посбонон медонистанд, ки мо ҷинояткор набудем» — гуфт Ялов ба ман. Ӯ ва дигар шубон аз посбонон пурсиданд, ки нусхаи филми «Исо»-ро биёранд. Посбонон на танҳо розӣ шуданд, ки нусхаи филмро биёранд, балки иҷозат доданд, ки шубонон ба ҳамаи маҳбусон он филмро нишон диҳанд.

«Мо филми «Исо»-ро дар он ҷо дар маҳбас нишон додем» — гуфт Ялов. — Бисёре аз посбонон Исоро ҳамчун Худованди худ эътироф карданд».

Калисои зиндонии онҳо калон шудан гирифт. Даҳ нафар маҳбусиён пайрави Масеҳ шуданд ва омурзиши Ӯро қабул карданд. Вақте ки Яловро пас аз озод шуданаш вохӯрдам, се маҳбуси дигар низ озод шуда буданд. Акнун онҳо аъзои калисо Ялов гаштанд.

Чун вақти сӯҳбати мо ба охир мерасид, ман аз дӯсти навам пурсидам, ки ба фикраш вай боз дастгир мешавад ё не. Бароям аҷиб буд, ки ӯ ба саволи ман табассумкунон ҷавоб дод.

«Ман бисёр мехостам, ки боз дастгир шавам — гуфт ӯ. — Ҳар кӣ маро дастгир мекунад Каломи Худоро мешунавад. Ин бароям як имконият мешавад, ки Инҷилро башорат диҳам. Ҳар чӣ бо ман рӯй диҳад, миллионҳо одамон башорат ва мавъизаи Инҷилро давом медиҳанд. Башорат ва мавъизаи Инҷилро ҳеҷ кас манъ карда наметавонад».

## БАРОИ МУЛОҲИЗА

Оё дар зиндагии шумо «тирезачаҳое» ҳастанд, ки ба воситаи он дигарон метавонанд шуморо тамошо кунанд? Шояд чунин тирезаҳо дар ҷойи кор, маҳалли зист, ё байни дигар падару модарон дар мактаби фарзандонатон ҳастанд. Дар дафтари шахсии

худ ҳар яки ин тирезаҳоро, ки ба шумо имкони башорат додани Инҷил ва муҳаббати Масеҳ ба дигаронро медиҳанд, нависед. Шумо тайёред ба нороҳатӣ ё ҳатто душворӣ тоб оваред, то ки имконияти башорат доданро пайдо карда тавонед?

## Дуо

«Худовандо ташаккур барои ҷасорати бародарам Ялов, ки мегӯяд: «Ҳар кӣ маро дастгир кунад, Каломи Худоро мешунавад». Ба ман низ ҷасорат деҳ то бигӯям: «Ҳар кӣ бо ман кор мекунад, ҳар кӣ фарзандонаш дар синфи фарзанди ман ҳаст ва ҳар киро ки Худо наздам мефиристад... Каломи Худоро аз ман мешунавад». Омин».

## *Барои қайди дафтари шахсии шумо*

## *Аз дафтари шахсии ман*

Хабари хуш ин аст, ки дар ин шаҳре, ки бояд бо масеҳии маҳаллӣ вохӯрем, меҳмонхонаи нав пайдо шуданд.

Хабари нохушаш дар он аст, ки мо дар он ҷойгир нашудем.

Меҳмонхонаи нав берун аз шаҳр аст ва ҳамкорам гуфт, ки барои мақсадҳои мо он мувофиқ нест. Дар он ҷо барои доштани ягон таксӣ тақрибан як соат интизор шудан лозим меояд.

Бинобар ин ҳоло мо дар меҳмонхонае дар маркази шаҳр истодем, ки назар ба он меҳмонхонаи пешинаамон боҳашаматтар буд.

Ҳоҷатхона қоғази ташноб ва ҷойи нишаст надошт. Кӯрпа ва ҷойи хоб болопӯш надоштанд. Об дар як рӯз ҳафт соат медоданд ва бӯйи аҷиби сулфур мекард.

Агар мо имшаб вохӯриҳои банақшагирифтаамонро гузаронда тавонем, пагоҳ ман хоҳиш мекунам, ки ба меҳмонхонаи нав гузарем. Дар ҳоли ҳозир, танҳо фикри он, ки ман дар ин ҷо бояд ду шабро гузаронам, барои ман ин дигар тоқатнопазир аст.

Ҳоло моро ба ҳуҷраи «люкс», ки кондисионер дорад кӯчонданд... лекин он аз ҳуҷраи пештара беҳтар нест. Сахт пазмони хонаам шудам.



# РӮЗИ 30-ЮМ



# «БО ҚАДАМҲОИ ФИРИСТОДАГОН»

«Худо шуморо барои корҳои нек даъват намудааст. Азобҳое, ки Худи Масеҳ кашидааст, барои шумо намунаи ибрат шудааст, то ки шумо Ӯро пайравӣ кунед».

**1 ПЕТРУС 2:21**

..............................................

### Хитой, Аввали соли 2000

Вақте ки ба аёдати масеҳиён ба Хитой меравед, дарҳол мушоҳида кардан мумкин аст, ки тасвири озодии динӣ, ки ҳукумат вонамуд мекунад дар асл ба ҳақиқат мувофиқ нест. Дар як сафар, ба ман як нусхаи бепули маҷаллаи «Назари Пекин»-ро доданд. Дар муқоваи маҷалла расми зан бо либоси сарояндаи хор ва салибе дар пешаш буд. Дар сарлавҳаи маҷалла бо ҳарфҳои калон «КАФОЛАТИ ОЗОДӢ» ва дар сарлавҳаи хурд «Ҳамаи корҳои диннӣ мустақилона аз тарафи гурӯҳҳои диннӣ идора карда мешаванд» навишта шуда буд.

«Дониёл» (номи бофташуда), ки бо роҳҳои пурпечутоб барои боварӣ ҳосил кардан, ки аз пайяш касе нест ба вохӯрии мо омад, ба мо ҳолати дигари «корҳои динӣ»-ро нақл кард».

Дониёл яке аз роҳбарони ҷамоати калоне буд, ки қайди давлатӣ надорад ва ҳамчун дасти рости шубон, марде, ки чанд сол барои хизмати динниаш дар зиндон буд, хизмат мекард. Ва албатта коргарони Бюрои бехатарии ҷамъиятӣ Дониёлро хуб мешинохтанд.

«Хати телефонии ҳамсоям тоза аст ва ҳама вақт кор мекунад, — гуфт ӯ ба мо. Хати телефонии ман доим канда мешавад ва овоз дорад». Дарки он ки моро вақт назорат мекунанд ва ба ҳар сӯҳбати мо гӯш медиҳанд шояд бисёре аз моро асабонӣ кунад. Дониёл инро дигар хел қабул мекунад: агар он ҷо ягон кас гӯш кунад, пас ӯ имконият дорад, дар бораи Масеҳ шаҳодат диҳад.

«Моро на танҳо ҳукумат назорат мекунад — гуфт ӯ — балки ҳамватаноне, ки ҳанӯз имон наовардаанд». Аз ин рӯ ӯ тасмим гирифтааст, ки бо тамоми ҳастияш муҳаббат ва дили бахшандаи Масеҳро нишон диҳад.

Дониёл оромии бепоён ва имони устувор ба Худовандро нишон медиҳад. Ӯ ҳар як суханашро бодиккат бармекашад ва кас чунин таассурот пайдо мекунад, ки ягонтоашро беҳуда гуфтан намехоҳад. Вай аз танаффусҳои суҳбати мо хиҷолат намекашид. Вай ба назари ман одаме менамояд, ки набзаш ҳатто хангоми бозпурсии пулис баланд намешавад. Мо нав вохӯрдем, аммо ман аллакай аз ин марди Худо ба ваҷд омадам.

Мо аз ӯ пурсидем, ки мисол агар ӯро ҳангоми вохӯрӣ бо ҳамроҳи хориҷиёни масеҳӣ ба мисли мо дастгир кунанд, чӣ рӯй медиҳад?

— Шуморо ҳамчун хориҷӣ аз Хитой берун карда, ба рӯйхати сиёҳ медароранд, то ки ҳеҷ гоҳ ба ин ҷо баргашта натавонед.

— Дуруст, лекин бо шумо чӣ рӯй медиҳад?

— Ҳоло чунин рӯй надодааст, лекин чунон ки Павлус мегӯяд [дар Аъмол 21:12-13] ман пурра тайёрам, ки ба Ерусалим равам ва ҳатто ҷон супорам.

Барои шахсе, ки имондор нест шояд ин фоҷиаовар садо диҳад, аммо Дониёл нисбати он дигар назар дорад. «Душворӣ ва таъқибот як намуди баракат аст — гуфт ӯ ба мо. — Таъқибот ва душвориҳо боиси он мегарданд, ки масеҳӣ боқувват ва бакамол расида гардад. Калисои аввалин дар асри якум ба ҷамоати имрӯзаи Амрико ва Аврупо монанд набуд. Он бисёртар ба ҷамоати масеҳиёни Покистон, Афғонистон, Хитой ва Кореяи Шимолӣ монанд буд.

«Мо ҳамеша мегӯем «Бо қадамҳои фиристодагон равед». Ба куҷо? Ба душвориҳо. Ба таъқибот.

Як сол пеш аз сӯҳбати мо, калисои Дониёл чорсаду панҷоҳ имондори навро таъмид дод. Калисоеро, ки чунин тез калон мешавад нодида мондан душвор аст. Сабаби тез калон шудани онҳо оддист: масеҳиёни вафодоре, ки Хушхабаро аз як шахс ба шахси дигар мерасонанд. Онҳо башоратро вазифаи шубон ё роҳбари ҷамоат намешуморанд. Онҳо ҳар нафареро, ки ба Масеҳ имон овардааст, башоратдиҳанда мешуморанд ва кори Башоратдиҳиро вазифаи шубон ё хизматгузори таъиншуда намешуморанд.

Вақте,ки мо бо Дониёл ба охир расида истодааст. Ӯ мебоист якум мебарояд ва гирду атрофашро бодиққат аз назар гузаронда, ба роҳи пурпечутобаш ба хона бармегардад. Мо пеш аз рафтанамон каме интизор мешавем, як пиёла чойи дигар менӯшем, мабодо ягон кас моро назорат карда истода бошад.

Ҳолон ки Дониёл бо мо буд, ман аз ӯ пурсидам:

Туро барои хизмати Баҳоратдиҳӣ дастгир кунанд, барои ҳабс чӣ гуна тайёрӣ мебинӣ?

«Аз ҳама муҳимаш — ин омодагии рӯҳонист, гуфт ӯ. Масалан ҳар рӯз бисёртар хондани Китоби Муқаддас ва аз ёд кар-

дани оятҳо ва порчаҳои нав ба нав. Ба ин восита агар Китоби Муқаддасро аз ман гиранд, онгоҳ ман омодаам».

«Ба фикратон он рӯз фаро мерасад? — ман аз ӯ пурсидам. — Ба фикратон шуморо дастгир мекунанд?»

«Агар ин иродаи Худо бошад — оромона ҷавоб дод ӯ, — ман иродаи Ӯро пайравӣ мекунам. Тамоми қудрат дар дасти Худованд аст ва Ӯ ба мо фармудааст, ки шогирд созем. Лекин фикр намекунам, ки мо танҳо ё партофташуда ҳастем. Чуноне ки Наҳемё гуфтааст [дар Наҳемё 4:20] ин ҷанг аз мо нест. Ин ҷанг ба Худованд таалуқ дорад. На мо барои худ, балки Худо барои мо ҷанг мекунад».

Ӯ палтояшро мепӯшад ва мо хайрухӯш мекунем. Ӯ ба шаби торику хунук равона мешавад ва ба он роҳе, ки Худо ӯро даъват кардааст, «бо қадамҳои фиристодагон» меравад.

## БАРОИ МУЛОҲИЗА

Вақте ки бисёре аз мо дар бораи «бо қадамҳои фиристодагон» рафтанро фикр мекунем, мо тасаввур мекунем, ки гирди оташи гулхан бо Исо нишастаем ё шоҳиди онем, ки ҳазорҳо одамон ҳангоми рӯзи Пантикост ба Масеҳ имон меоранд ё мебинем, ки ба номи Исо бемор шифо ёфтаасту ланг роҳ мегардад. Лекин чун тасаввур мекунем, ки моро дар зиндони хунуку торик бастаанд, мезананд, киштиамон ғарқ шудааст ё моро чаппа ба салиб мехкӯб кардаанд, парешонхотир мешавем. Лекин қадамҳои фиристодагон аз ин таҷрибаҳо низ мегузаранд. Пайраҳаи онҳо ҳам аз қуллаҳои имон ва шодӣ ва ҳам аз водиҳои зулмот, дард ва шубҳа мегузарад.

Оё шумо имрӯз бо қадамҳои фиристодагон рафта истодаед? Оё пайраҳаи имрӯза шуморо ба қуллаи кӯҳ бурда истодааст ё аз водӣ мегузаронад? Аз ҳама муҳимаш, новобаста аз роҳе, ки дар он қарор доред, шумо вафодорона аз он гузашта истодаед?

## Дуо

«Худовандо, ба ман ёрӣ деҳ, ки барои хизмат ба Ту тайёр бошам, новобаста аз он ки роҳи Ту аз бароҳатӣ ва осонӣ ё аз дарду азоб иборат бошад. Ёрӣ деҳ, ки «бо қадамҳои фиристодагон» дар ҳар вақт бовафо ва амин монам. Иҷозат деҳ то онҳое, ки тарзи ҳаёти маро мебинанд, Туро дар ман бинанд. Омин».

## *Барои қайди дафтари шахсии шумо*

## *Аз дафтари шахсии ман*

Дониёл гуфт, ки ӯ тайёр аст барои имонаш азоб кашад. Ӯ тасмим гирифтааст, ки худро барои он рӯз омода мекунад. Мо дар ин сафари худ чандин бор дар бораи ин намуди тасмим шунидем. Ин имондорон омодагӣ мебинанд, ки барои азоб тайёр бошанд. Онҳо медонистанд, ки он рӯз мерасад ва тайёрӣ диданд. Шояд Худованд «тайёр бош» гуфтан мехоҳад!

# РӮЗИ 31-УМ



# «МАН БА ШУМО ОРОМӢ МЕБАХШАМ»

## АФРӮЗ, ҚИСМИ 1

«Эй ҳамаи касоне, ки аз бори вазнин монда шудаед, ба назди Ман биёед ва Ман ба шумо оромӣ мебахшам».

**МАТТО 11:28**

.................................................................

Туркия, соли 2003

Ману ҳамкорам бо Афрӯз дар калисо дар Туркия вохӯрдем, ки ӯ аз зодгоҳаш Эрон ба он ҷо ҳамчун гуреза фирор карда буд. Баъд аз он ки ба Масеҳ имон овард, ӯ ва шавҳараш ба одамони гирду атроф далерона башорат доданро оғоз карданд. Вақте ки мақомот ба онҳо таҳдид кард, ки духтарашонро мегиранд, онҳо аз пайи бехатарӣ ва паноҳгоҳ шуда, маҷбур шуданд кишварро тарк кунанд.

Афрӯз дар ҷустуҷӯйи Исо набуд, ки Ӯро ёфт ва аз он вақт инҷониб ҳаёташ пурра иваз шуд. Бо вуҷуди он, ки ин зан аз зодгоҳаш фирор кардааст, бо вуҷуди он ки намедонист бо хонаводааш дар куҷо хоҳад монд ва кай ҷои иқомат пайдо мекунанд, Афрӯз аз оромӣ ва эътимод медурахшид, аз ин рӯ дарҳол дилбастагӣ ба ӯ пайдо шуд. Вай дар Исо дар байни тӯфонҳо оромӣ ёфт.

Мо дар утоқи паси калисо, ки маркази гурезаҳо буд, нишаста будем. Мардум дар гирду атроф ғавғо мекарданд, ғизо омода мекарданд ва дигар ниёзҳои гурезаҳоро қонеъ мегардонданд. Мо бошад чой нӯшида, саргузашти Афрӯзро гӯш мекардем.

*«Ман дар донишгоҳ таҳсил доштам ва ҳам кор мекардам. Ҳама вақт зери фишор будам, он рӯзҳо падару модарам ҳамроҳам набуданд ва ман ҳама вақт худро танҳо ҳис мекардам. Барои ҳамин ба Оллоҳ дуо кардам, ки ба ман ёрӣ диҳад то ором шавaму ин фишор аз байн равад.*

*Ман бо тамоми қувватам кӯшиш мекардам, ки мусулмони ҳақиқӣ бошам. Ман тамоми аҳкоми динии исломро риоя намуда, кӯшиш мекардам, ки таълимоти онро чуқуртар дарк кунам, то ба ҳадди имкон ба Оллоҳ наздик шавам. Аммо шиддат бештар мешуд ва фишори равонӣ маро хаста карда, тамоми қувватамро кашида мегирифт. Дар ҷойи кориам маро ба муддати як моҳ ба дигар ширкат фиристода буданд ва дар баробари таҳсилу душвориҳо ва кор боз ҳам зиёдтар шуд.*

*Як шаб дар ҳуҷраам ба Оллоҳ шикоят кардам: «Чи қадар мушкил аст бароям! Ин тоқатнопазир аст! Ман дигар ин хел наметавонам! Ман кор мекунам ва мехонам. Чаро ба ман кумак намекунӣ? Чаро маро тасаллӣ намедиҳӣ?!»*

*Ман ҳатто таҳдид кардам: «Агар ту ба ман кӯмак кардани бошӣ, бояд имшаб Худро ба ман ошкор кунӣ. Агар ин шаб ба ман аломат нишон надиҳӣ, ман ба ҷаҳон меравам*

*ва мисли гунаҳкор зиндагӣ мекунам!». Ва баъд илова кардам: «Ман тамоми шаб хоб намеравам! Ман аз Ту исбот ё аломат интизор мешавам, то боварӣ ҳосил кунам, ки Ту бо ман ҳастӣ!»*

*Ман бо худои Муҳаммад гап мезадам ва интизор будам, ки Оллоҳро мебинам. Ман тақрибан як соат арзу дод карда нишастам. Баъд хаста шудам, сарамро рӯйи ҷойнамоз гузоштам. Аллакай нисфи шаб буд. Ногаҳон нуреро дидам, ки ба ҳуҷраам даромада ҳама ҷоро пур кард. Ман тарсидаму аз ҳуҷра давида баромадам. Баъд ба худам гуфтам: «Магар ман ҳаминро худам талаб накарда будам?» Пас худамро бовар кунонидам, ки бояд баргардам, дар ҷойнамоз нишинам ва бинам, ки баъд чӣ мешавад.*

*Ҳуҷра пур аз нур гардид. Фикр кардам, ки рӯз аст, лекин фаҳмидам, ки ҳанӯз ҳам шаб будааст. Ман сарамро бардошта, Исои Масеҳро дидам. Ӯ дар тан либоси сафед дошт. Гарчанде ман пештар ягонбор тасвири Масеҳро надида бошам ҳам, чихеле шуд, ки ман фаҳмидам, ин Исо аст.*

*Ман шеърнависиро дӯст медорам ва ҳар гоҳ дафтару қаламро омода нигоҳ медоштам, то ки дар ҳолати пайдо шудани илҳом фикрҳоямро навишта гирам. Ҳамон лаҳза ман дарҳол ба қайднависӣ шурӯъ кардам.*

*Ман навиштам: «Эй ҳамаи касоне, ки аз бори вазнин монда шудаед, ба назди Ман биёед ва Ман ба шумо оромӣ мебахшам».*

*Ман рости гап аз ин каме хашмгин шудам. Ман худои Муҳаммадро ҷустуҷӯ мекардам, лекин назди ман Исои Масеҳ омад? Ин чӣ маъно дорад? Баъд ҷойнамозамро ҷамъ карда гуфтам: «Бас аст! Хоб меравам!»*

*Шаби дигар, ман дар хобам Масеҳро дидам. Ӯ гуфт: «Оё Ман ба ту нагуфта будам, ки зери сояи Ман истода, назди Ман биё ва дар амну амон бош?» Ман бошад ба худ гуфтам: «Ин Исои Масеҳ аст, ки наздам омадаст.*

*Магар Ӯ Худои ҳақиқист? О ман бояд Оллоҳ ё Муҳаммадро медидам.*

*Яке аз ҳамкорони ман дар ҷойи корам пай бурд, ки табъам хира аст ва пурсид: «Ҳамааш хуб аст?»*

*Ман гуфтам: «Модарам дар Амрико аст ва ман ӯро кайҳо боз надидаам. Намедонам, ки оё ӯро боз мебинам ё не. Ҳамин чиз маро ором намегузорад.*

*Ӯ ба ором кардани ман шурӯъ карда, гуфт: «Худо ҳамеша бо туст. Худо муҳаббат аст. Ҳамаи ғамҳои худро пеши Ӯ биёр. Одатан дар Эрон, одамон дар ҷойи кор озодона наздат омада намегӯянд, ки „ман масеҳӣ ҳастам». Пас аз се ҳафта дар он ҷо буданам, ӯ наздам омада гуфт, ки масеҳӣ аст. Аз ин рӯ вақте ки ба ман дар бораи муҳаббати Худо гап мезад, ман шикоят сар кардам: «Ӯ чӣ хел Худое будаст, ки маро ба ин ҳол ва ин фишор гирифтор кардааст»?*

Афрӯз дафтареро, ки ҳама вақт бо худ дошт, гирифта, ба дӯсти нав он суханонеро, ки дар шаби рӯъё дар ҳуҷрааш навишта буд, нишон дод: «Эй ҳамаи касоне, ки аз бори вазнин монда шудаед, ба назди Ман биёед ва Ман ба шумо оромӣ мебахшам».

Хамкораш китоби худро баровард ва саҳифаҳои онро бодиққат то ёфтани ҷойи даркорӣ варақ зад. Китобро ба дасти Афрӯз дода, ба ҷои муайяни саҳифа ишора кард.

Афрӯз нигоҳ карда дид, ки суханони ин китоб (Матто 11:28) ҳамон суханоне буданд, ки ӯ дар дафтараш навишта буд.

«Ин чӣ китоб аст?» — Ҳайрон шуд Афрӯз. Ӯ ҳеҷ вақт Китоби Муқаддасро надида буд. Дӯсташ ба ӯ гуфт, ки ин чӣ аст ва ҳатто пешниҳод кард, ки якто ба ӯ ёфта медиҳад.

«Он лаҳза — гуфт Афрӯз — оғози имони ман буд».

Ин қадами аввалин дар роҳи нави тӯлониаш буд. Роҳе, ки пур аз душвориҳо буд.

# БАРОИ МУЛОҲИЗА

Шояд дар қиссаи Афрӯз, ки ба Худо нидо мекард: «Худро ба ман нишон деҳ! Ман ноумедам!» шумо худатонро мебинед. Дар ин сурат далер бош, дӯстам. Худо ба дуоҳо ҷавоб медиҳад ва дар ҳаёти мо Худро дар ҳақиқат ба таври қавӣ ва назаррас аён мекунад.

Аммо шояд шумо ҳоло ноумед нестед ва ба назари шумо чунин менамояд, ки ин дуо ба шумо дахл надорад. Агар ин тавр бошад, пас шояд шумо он ҳамкори масеҳӣ аз ин ҳикоя бошед. Агар Худо ба шумо имкон медиҳад, ки эҳтиёҷоти дигаронро бубинед, оё шумо тайёред, ки Каломи Худоро кушода ба он одами ноумед дар бораи осоиш ва умеди Худо гап занед? Оё шумо омодаед, ки ҳамкор, дӯст ё ҳамсоятонро ба он Шахсе, ки воқеан сулҳу осоиштагӣ оварда метавонад равона кунед? Дар дафтари шахсиатон нависед, ки ҳоло шумо дар кадом тараф ҳастед: оё шумо мисли Афрӯз дар ҳолати ҷустуҷӯйӣ ҳастед ё мисли он ҳамкор ба касе, ки ноумед аст кӯмак карда метавонед? Шумо суханони Исоро чӣ гуна мефаҳмед вақте Ӯ мегӯяд, ки новобаста ба душвориҳоятон, дар ҳар ҳолат, ки бошед «ба шумо оромӣ мебахшад»?

## Дуо

«Худованд Исо, мехоҳам, ки ин ҳафта кори дасти Туро дар ҳаёти худам бубинам. Маро аз нав пур кун: ба ҷойи хастагӣ ва мубориза, ба ман истироҳат ва оромӣ бахш. Иҷозат деҳ, ки ба одамони гирду атроф дар бораи осоиштагии Ту нақл кунам. Омин».

## *Барои қайди дафтари шахсии шумо*

## *Аз дафтари шахсии ман*

Вақте Афрӯз ба ҳамкораш суханони навиштаашро нишон дод, ҳамкораш онҳоро аз Китоби Муқаддас нишон дод. Пас аз ин ӯ наҷот ёфт!

Магар ин Аҷоиб нест! Он ҷо ки миссионерҳо рафта наметавонанд ва ворид кардани Китоби Муқаддас бисёр душвор аст, Худо худро дар хобҳо ва рӯъёҳо аён мекунад.

## БАРОИ МАСЕҲИЁНИ ТАЪҚИБШУДА ДУО КУНЕД

Қиссаи бо Исо шахсан вохӯрдани Афрӯз дар байни мусулмонони таъқибкунанда аҷиб нест. Дар асл, ман якчанд башоратдиҳандаҳоро вохӯрдам, ки ҳангоми якумин бор вохӯрдан бо мусулмон аз ӯ мепурсанд: «Ба наздикӣ ягон хоби аҷиб надида будӣ»?

Мусулмонон аллакай бовар доранд, ки як Худо вуҷуд дорад. Онҳо аллакай бовар доранд, ки Худоро итоат кардан лозим аст. Аз ин рӯ вақте ки бо Исо вомехӯранд ва Ӯ худро ба онҳо нишон медиҳад, онҳо тайёранд, ки Ӯро пайравӣ кунанд.

**ИМРӮЗ ДУО КУНЕД**, ки Рӯҳи Худо дар байни мамлакатҳои мусулмонии тамоми ҷаҳон бо тамоми қудрат кор кунад. Дуо кунед, ки мусулмонҳо, ҳиндуҳо, атеистҳо, буддистҳо ва дигарон бо Исои Масеҳ вохӯрии ғайриоддӣ дошта бошанд, қудрати бузурги Ӯро донанд, ба Каломи Ӯ ҷалб шаванд ва эҳтиёҷоти худро ба Наҷотдиҳанда дарк кунанд.





# РӮЗИ 32-ЮМ

# ИСБОТ КУНЕД, КИ МАСЕҲӢ ҲАСТЕД

## АФРӮЗ, ҚИСМИ 2

«Пас он чиро, ки Худо бо ҳам пайвастааст, одам набояд ҷудо кунад».

**МАРҚУС 10:9**

.............................................

Туркия, соли 2003

Имони Афрӯз дар ҳоле ба дунё омад, ки як бегоҳ Исо дар хонаи ӯ дар зодгоҳаш Эрон ба ӯ аён шуд ва гуфт ки метавонад ба ӯ ва ҳама «заҳмату бори гарон»-аш оромӣ диҳад. Пас, Афрӯз дар Наҷотдиҳанда оромии рӯҳонӣ ёфт. Аммо зиндагии заминии ӯ дар Ҷумҳурии Исломии Эрон пас аз тарки ислом ва пайрави Исо шуданаш хеле мушкилтар шуд.

Вақте Афрӯз талош кард ҷои кори нав пайдо кунад, фаҳмид, ки агар бидонанд, ки аз ислом ба масеҳият гузаштааст, ҳеҷ корфармо ӯро ба кор намегирад, зеро ҳукумати Эрон барои

ширкатҳое, ки «муртад»-ро ба кор мегиранд, мушкилот эҷод мекунад. Ҳатто агар ба ӯ кор пешниҳод кунанд ҳам, ин кори камихтисос бо маоши пасттарин ва беимтиёзе мебуд. Аммо талоши дарёфти кор танҳо оғози таъқибот барои Афрӯз буд.

Дар калисо Афрӯз бо марди масеҳӣ шинос шуд ва онҳо тасмим гирифтанд, ки издивоҷ кунанд. Онҳо дар калисо ақди никоҳ бастанд, аммо ин ба сари онҳо хашми мақомотро овард.

Дар шаби арӯсии онҳо пулис ба утоқи меҳмонхонаи онҳо даромада, навхонадоронро боздошт кард. «Мо аз куҷо медонем, ки шумо зану шавҳаред?» — гуфтанд ва талаб карданд, ки ҳуҷҷатхои тасдиққунандаи ақди никоҳро, ки масҷиди маҳаллӣ додааст, нишон диҳанд.

— Ман дар танам либосҳои арӯсӣ дорам — эрод гирифт Афрӯз. «Ва шавҳарам низ дар либоси домодӣ дорад!» Аммо пулис аз посухи вай қаноат накарда, маълумот дар бораи дар куҷо баргузор шудани тӯй ва номи пасторе, ки маросими ақди никоҳро анҷом додааст, талаб кард. Пас аз муайян кардани шахсияти пастор, полис таҳдид кард, ки ӯро низ ҳабс мекунад.

Ниҳоят, ҳамсаронро озод карданд ва онҳо тасмим гирифтанд, ки ба дигар минтақаҳои Эрон кӯчанд, ки дар он ҷо касе будани онҳоро надонад. Умед доштанд, ки фишор болои онҳо камтар мешавад. Бо вуҷуди ин, ҳатто дар ин макони «бехатар» онҳо аз ҷониби мусулмонони ифротгаро, ки бо кадом роҳе фаҳмиданд, ки онҳо исломро тарк карда, пайравӣ Исои Масеҳ шудаанд, ба онҳо таҳдид мекарданд.

Баъди таваллуди духтарашон Афрӯз ва шавҳараш таҳти таъқибу таҳдидҳои нав қарор гирифтанд. Онҳо ба духтарашон Иммонуил номи масеҳӣ гузоштанд ва ҳангоме ки барои гирифтани шаҳодатномаи таваллуд рафтанд, мансабдорон «далел» талаб карданд, ки ин ном воқеан месеҳӣ аст ва гуфтанд: «Исбот кунед, ки худи шумо масеҳӣ ҳастед!»

Дар Эрон муртад метавонад ба марг маҳкум шавад. Ҳуҷҷате, ки тарки ислом кардани онҳоро «исбот» мекард, ҳам «далели»

«ҷиноят»-и онҳо ва ба марг маҳкум шудани онҳо буда метавонист. Аммо агар мехостанд чунин ҳуҷҷатҳоро гиранд, кадом масҷид онҳоро медиҳад? Гирифтани ҳуҷҷати тасдиқкунандае, ки шахсе аз ягон дини дигар ба ислом пазируфта шудааст, осон аст, аммо дарёфти ҳама гуна ҳуҷҷати тасдиқкунандаи тарки ислом қариб ғайриимкон аст.

Афрӯз ва шавҳараш дуо карданд, ки Худо вазъияташонро дигар кунад, то ки онҳо хизматашонро дар калисои худ давом дода тавонанд. Афрӯз масъулияти гурӯҳи занонро бар ӯҳда гирифт ва ҳатто ба манотиқи дигари Эрон сафар мекард. Аммо ҳукуматдорон муртад будани онҳоро фаромӯш накардаанд.

Чун вақти ба кӯдакистон фиристодани Иммонуил расид, кӯдакистон аз қабули ӯ ё додани ҳуҷҷатҳое, ки барои дохил шудан ба мактаби ибтидоӣ заруранд, худдорӣ карданд. Афрӯз медонист, ки баъд чӣ мешавад: мақомот ӯву шавҳарашро муттаҳам мекунад, ки ба таҳсили духтарашон дуруст ғамхорӣ намекунанд. Ва он гоҳ онҳо аз ҳуқуқи падару модарӣ маҳрум мешаванд ва Иммонуилро мегиранд.

Афрӯз ва шавҳараш бо ин воқеъият тан фуроварда буданд, ки пайравӣ ба Масеҳ дар Эрон метавонад онҳоро ба зиндон барад. Аммо фикри аз даст додани духтарашон, ки ӯро аз дасти онҳо гирифта, ҳамчун мусулмон ба воя мерасонанд, барояшон хеле вазнин буд.

Пас аз дуо кардан ва ҷустуҷӯи роҳи ҳал, ҳамсарон якдилона ба хулоса омаданд, ки онҳо тоқати аз даст додани Иммонуилро надоранд. Аз ин рӯ, ин хонавода аз кишвар фирор карда, аввал ба Туркия (дар он ҷо барои мусоҳиба бо Афрӯз вохӯрдам) ва сипас ба яке аз кишварҳои Ғарб фирор карданд.

Чанд сол пас аз мулоқот бо Афрӯз дар Туркия аз ӯ мактуби электронӣ гирифтам. Вай мусоҳибаи радиои маро дар яке аз шабакаҳои масеҳии шаҳре, ки ҳоло хонаи худ медонад, шунид. Наход ман ҳамон Тодде бошам, ки бо вай дар калисои Истамбул сӯҳбат доштам? Донистани он ки Худо то ҳол тавассути оилаи

онҳо кор карда истодааст ва ҳоло онҳо дар бехатарӣ ҳастанд, бароям хурсандиовар буд!

Афрӯз дар ватани нави худ хидмати Масеҳро идома медиҳад ва аксар вақт саргузашти худро дар гурӯҳҳои занон нақл мекунад ва имондоронро даъват мекунад, ки худро аз таҳти дил ба Масеҳ бисупоранд.

## БАРОИ МУЛОҲИЗА

Баъзан Худо моро даъват мекунад, ки дар таъқибот, мусибат ё ранҷу азоб, ҳатто дар зери хатари ҳукми қатл Ӯро эътироф кунем. Баъзан ба мо мегӯяд, ки аз хатар гурезем ва онро канорагири намоем, то фишор сабук шавад. Павлуси фиристода ба қайсар муроҷиат кард ва талаб кард, ки имони худро дар назди ҳокимияти олӣ ҳимоя кунад. Ҳамон Павлусро дар сабаде аз девори шаҳр фуровdefinitely фуроварданд, то аз Димишқ гурезад ва аз онҳое, ки мехостанд ҷони ӯро бигиранд, раҳо шавад. Худо ӯро дар марҳилаҳои гуногуни ҳаёт ва хидматаш бо роҳҳои гуногун роҳнамоӣ кард.

Шумо чӣ? Оё шумо далерона бо мухолифин рӯ ба рӯ мешавед ё роҳи пешгирӣ аз бархӯрдро меҷӯед? Оё замоне буд, ки Худо ба шумо гуфта буд, ки назди мухолифини паёми Инҷил ва ҳатто таъқибкунандагон далерона имони худро ҳимоя кунед? Оё лаҳзаҳое низ буд, ки шумо ҳис мекардед, ки Ӯ ба шумо мегӯяд, ки ақиб қадам занед, хомӯш бошед ва аз муқовимати мустақим канорагирӣ кунед? Ба қафо нигоҳ карда, оё шумо хирадмандии роҳбарии Ӯро мебинед? Итоати шумо ба Худо чӣ натиҷа дод? Дар ин бора дар дафтари шахсии худ нависед.

### Дуо

«Худовандо Исо, ба ман кӯмак кун, ки овози Туро ба таври равшан бишнавам ва хости Туро нисбати худам бубинам. Дар замоне,

ки моро ба устуворӣ дар имон даъват мекунӣ, ба ман далерӣ ва ҷасорат деҳ; Дар замоне, ки моро ба хомӯш истодан ё ақибнишинӣ даъват мекунӣ ба ман ҳикмат ва файз ато кун. Дар ҳар яке аз ин ҳолатҳо, бигзор ман барои атрофиёнам баракат бошам. Ба номи Ту дуо мекунам. Омин».

## *Барои қайди дафтари шахсии шумо*

## *Аз дафтари шахсии ман*

Пас аз он мо бо як масеҳии эронӣ вохӯрдем, ки дар борааш ба мо [ном баён намешавад] нақл карда буд ва ба ӯ даҳ китоби Инҷилро ба форсӣ фиристода буданд. Вақте ки ӯ ба меҳмонхонаи мо омад, мо чанд дақиқа сӯҳбат кардем ва сипас ӯ шитобон гӯселонидем, зеро кормандони меҳмонхона боиси нобоварии мо шуданд — онҳо бо омаду рафт ва бо кӣ сӯҳбат кардани мо аз ҳад зиёд таваҷҷӯҳ зоҳир мекарданд...

Кормандони меҳмонхона ба мо аҷоиб нигоҳ мекарданд, хусусан вақте ки мо масеҳиёнеро, ки мо вохӯрем, ба ҳуҷраи худ даъват мекардем. Ман намедонам, ки онҳо чӣ фикр доранд, аммо онҳо моро нороҳат мекунанд - онҳо ҳар як ҳаракати моро бодиққат тамошо мекунанд. Ман ҳайронам, ки оё онҳо сӯҳбатҳои телефонии моро гӯш мекарда бошанд? Меҳмонхона сигнали моҳворавӣ надошт, ки намегузошт ягон кас ба алоқаи мо гӯш кунад.



# РӮЗИ 33-ЮМ

# «ҲАТТО ҚУРЪОН МЕГӮЯД, КИ ИСО МЕОЯД»

«Ҳар касе, ки ба Таъйиншудаи Худо будани Исо бовар мекунад, таваллуди нав аз Худо гирифтааст ва ҳар кӣ падарро дӯст дорад, фарзандашро низ дӯст медорад. Агар мо Худоро дӯст дорем ва фармонҳои Ӯро иҷро кунем, бо ҳамин мефаҳмем, ки фарзандони Худоро дӯст медорем. Зеро Худоро дӯст доштан ин фармонҳои Ӯро иҷро кардан аст. Фармонҳои Ӯ бошанд, вазнин нестанд».

**1 ЮҲАННО 5:1–3**

.................................................

*Бангладеш, соли 2005*

Вақте ки ман бо Ҳосем Шаркарро шинос шудам, ӯ чилу панҷ сола буд ва ҳамагӣ шаш моҳ масеҳӣ буд. Дар он шаш моҳ, ӯ аллакай ба хотири имонаш ҷойи кор ва хонаашро аз даст дода буд. Лекин бо вуҷуди ин, ӯ аз имонаш гаштан намехост.

Шаркар марди бесавод буд, ки дар деҳааш мардикор шуда кор мекард. Ӯ дар оилаи мусулмон таваллуд шуда, тамоми умраш ба таълимоти падару модар ва дигарон гӯш мекард.

Баъд башоратгаре ба деҳаи Шаркар омада, филми «Исо»-ро нишон дод. Шаркар филмро бодиққат тамошо кард. Ӯ аз таълимотҳои исломӣ мефаҳмид, ки Исо пайғамбар буд, лекин он Исоеро, ки ӯ дар филм дид, аз пайғамбар ҳам бештар буд. Шаркар барои башоратгар саволҳои зиёде пайдо кард. Пас аз сӯҳбат ва он чи онҳо дар филм тамошо карданд, Шаркар боварӣ ҳосил кард, ки Исо Писари Худо буд, чунки Ӯ ба саволҳое ҷавоб дода метавонист, ки Муҳаммад наметавонист.

«Ман Ӯро дӯст медорам — фаҳмонд Шаркар — чунки Исо ягона Наҷоткор аст. Ман инро мефаҳмам ва барои ҳамин Исоро чун Худованди худ қабул кардам. Ман аз ин ато хурсандам».

Ҳамчун мардикор, Шаркар ҳар рӯз ба маркази деҳа меомад, то бинад, ки кадоме аз заминдорон ҳамон рӯз ба коргар эҳтиёҷ доранд. Лекин вақте овоза паҳн шуд, ки Шаркар дигар мусулмон нест, ба ӯ дигар кор пешниҳод намекарданд. Ӯ аз даромад монд.

Бо вуҷуди ин, имони Шаркар суст ё хомӯш нашуд. Ӯ дар бораи Исо хомӯш истода наметавонист. Ҳамагӣ чанд ҳафта пас аз он ки Шаркар ба Масеҳ имон овард, ӯ якчанд ҷавони ҳамдеҳаро даъват кард, ки ҳамроҳи ӯ ба хидмати масеҳӣ дар деҳаи ҳамсоя бираванд. Мардон рафта, хушхабарро шунида, имон оварданд ва пайрави Масеҳ шуданд.

Акнун Шаркар на танҳо муртад буд, балки миссионере шуда буд, ки дигар мусулмонҳоро аз динашон мегардонд. Акнун ӯро аз худ ҷудо кардан кифоя набуд, ӯро бояд ҷазо дода шавад.

Сокинони ба хашмомадаи деҳа Шаркарро иҳота карданд ва доду войи онҳо ба муштзанӣ мубаддал гардид. Шаркарро латукӯб карданд ва тамоми чеҳрааш варамида, кабуд ва хуншор шуда буд.

Аммо шахсе, ки хонда наметавонист, таъқиботро озмоиш аз боло медонист. Ӯ ба ман гуфт: «Ман ҳаёти худро ба Исо бах-

шидам, бинобар ин, ин як навъ имтиҳонест, то маълум гардад, ки ман масеҳии ҳақиқӣ ҳастам ё не».

Ва Шаркар аз имтихон гузашт. Дар шаш моҳи пайравияш 30 нафар мусулмонон ба воситаи ӯ имон оварданд. Як қисми паёми ӯ ба онҳо аз ислом сарчашма мегирад, ки аз хурдсолӣ омӯхта буд. Ӯ бо ҳаяҷон гуфт, ки «Ҳатто Қуръон мегӯяд, ки Исо меояд ва ҷумъанамозро пеш мебарад. Онҳо медонанд! Ин таълимоти ислом аст».

Вақте ки ман ӯро вохӯрдам, ӯ дар паноҳгоҳ барои масеҳиёни аз хона ё деҳа берун шудае буд, ки «Садои Уқубаткашон» сарпарастӣ мекард. Онҳо ҳар саҳар соати 5:30 ҷамоати парастиш мегузаронданд ва Шаркар аз омӯзиши шогирдсозӣ ва башоратдиҳӣ мегузашт. Ӯ ки хонда наметавонист, Китоби Муқаддасро дар шакли аудиоӣ гӯш мекард: ӯ чор хушхабарро дар кассетаҳо дошт ва онҳоро дар магнитафони дастӣ гӯш мекард.

Пас аз он ки аз Бангладеш ба хона омадам, ман як порчаеро аз китоби Освалд Чемберс хонда, Шаркарро ба хотир овардам:

> «Мо одатан фикр мекунем шахсе, ки табиатан боистеъдод аст бояд масеҳии хуб бошад. Дарвоқеъ, аслан гап дар сари қобилиятҳои мо нест, балки баръакс дар нодориву ночории мо аст, на дар сари он ки мо бо худ чӣ меорем, балки дар он аст, ки Худованд дар мо чӣ мегузорад. Ягона чизе муҳим он аст, ки мо қисми нақшаи бузурги Худо гардидем ва дӯстони Ӯ шудем. Худо бо он одамон дӯст аст, ки аз ночории худ огоҳанд. Ҳамчун масеҳиён, мо аз пайи мақсадҳои шахсии худ намеравем, балки барои ноил шудан ба мақсадҳои Худо кӯшиш мекунем».[1]

1 Освальд Чемберс, «Ҳар чизе ки метавонам — барои ҷалоли Ӯ» таҳрир кардааст Джеймс Рейман, © 1992, Oswald Chambers Publications Assn., Ltd., Истифода мешавад бо иҷозати «Discovery House Publishers», Гранд-Рапидс, штати Мичиган, 49501. Ҳамаи ҳуқуқҳо маҳфуз аст.

Вақте ки ман ин иқтибосро хонда, онҳоеро, ки дар Бангладеш вохӯрдам, ба ёд овардам, фаҳмидам, ки саргузашти Шаркар дар дилам то чӣ андоза ҷо шудааст. Агар мо руйхати одамони лаёкатманди дорои кобилиятхои гуногунро тартиб дихем, Шаркар шояд ба нимаи аввали ин руйхат ҳам наафтад. Вай хонда наметавонад ва ҳамагӣ шаш моҳ пеш имон овард. Аммо вақте сухан дар бораи иҷрои «мақсадҳои Худо» меравад, Худо дар даври аввал Шаркарро интихоб мекунад! Дар давоми шаш моҳи пайравӣ ба Масеҳ, ӯ на як бор ба мушкилӣ дучор шуд ва ҳатто латукӯб шуд, зеро ӯ ба дигарон дар бораи Исо шаҳодат доданро бас намекард! Вай аллакай сӣ мусулмонро ба сӯи Масеҳ овардааст!

Дар муқоиса ба далерӣ, майл ба Масеҳ ва рӯҳи башоратдиҳандаи ин имондори ҷасур Шаркар, баҳонаҳое, ки баъзан дорам ё танбалии худам ғамгинкунандаанд.

## БАРОИ МУЛОҲИЗА

Аз қиссаи Шаркар чиро омӯхтед? Оё барои хизмат ба Масеҳ шумо ба истеъдоди табиии худ такя мекунед ё мегузоред, ки Худо Худаш шуморо қавӣ гардонда, ҳар тавре, ки барои иҷро шудани мақсадҳояш дуруст мешуморад, фиристад? Аз Худо пурсед, ки ба шумо он соҳаҳои ҳаётатонро нишон диҳад, ки шумо ба ҷойи он ки ба он чӣ Худо ба шумо мегузорад, ба қобилиятҳои худ такя мекунед.

### Дуо

«Исои Худованд, ташаккур барои нишон додани намунаи Шаркар. Ба ман низ ёрӣ деҳ, ки бо ҳар истеъдод, малака ва фаҳмише, ки дорам, хоҳиши сахти ба Ту хизмат кардан ва ба дигарон дар бораи Ту нақл карданро дошта бошам. Ман худро боз ба мақсади Ту, ки аз мақсади ман бузургтар ва баландтар аст, месупорам. Омин».

## Барои қайди дафтари шахсии шумо

## Аз дафтари шахсии ман

Ҳоло ман дар зери тӯр дар ҷойгаҳи худ дароз кашида кӯшиши хоб рафтанро дорам.

Мо имрӯз панҷ соат аз шаҳри Дакка дар сафар будем ва инчунин аз дарёи хеле васеъ бо киштӣ гузаштем. Ва ҳоло фасли хушкӣ аст. Баъд таваққуф кардем, дигар дарёро бо қаиқ гузаштем ва сипас ним километр пиёда рафта, ба ҷойи лозимӣ расидем.

Чӣ қадар дур аз Оклаҳома ҳастам ва ман на танҳо масофа, балки фарҳанг ва технологияро низ дар назар дорам.

## ИҚТИБОСҲО БАРОИ МУЛОҲИЗА

«Гарчанде ки инро дар ин асри динҳои бесутун чандон зиёд намебинем, бо вуҷуди ин Китоби Муқаддас дар бораи мавқеи муайяни ахлоқӣ дар хидмати Худованд бисёр чизҳоро мегӯяд. Дар Аҳди Қадим гуфта мешавад, ки «Яъқуб назр кард» ва Дониёл «дар дилаш мақсад гузошт». Павлус «қарор дод, ки дар миёни шумо бошам, ва ҷуз Исои Масеҳ чизеро намедонам, ба ғайр аз он ки Ӯ маслуб шудааст». Пеш аз ҳама, мо мисоли Исои Худовандро дорем, ки «чеҳраи Худро мисли санги чақмоқ нигоҳ медорад» ва рост ба салиб меравад. Инҳо ва бисёр дигарон ба мо намунаи бузургии рӯҳоние гузоштаанд, ки аз иродаи қавии иҷрои хости Худо ба вуҷуд омадааст! Онҳо кӯшиш накарданд, ки дар болои абри хушбӯй ба осмон парвоз кунанд, балки бо камоли майл ин ҳақиқатро қабул карданд, ки бояд «ба Худованд часпида, бо тамоми дил ба Ӯ хизмат кунанд». Мо бояд таслим шавем - ва дар ин лаҳзаи даҳшатовар ва аҷиб шояд ба назари мо чунин менамояд, ки иродаи абадан шикаста шудааст, аммо ин тавр нест. Худо ҳангоми ба даст овардани ҷони одамон иродаро пок мекунад ва онро бо иродаи Худ муттаҳид мегардонад, вале ҳеҷ гоҳ онро намешиканад».

**— А. В. Тозер**[2]

«Онҳо фиристодагонро дароварда, қамчинкорӣ карданд. Сипас амр намуданд, ки дигар ба номи Исо гап назананд, ва баъд озод карданд. Фиристодагон аз ҳузури шӯрои пирон берун рафтанд ва хурсанд шуданд, ки ба хотири номи Исо сазовори беҳурматӣ гардиданд».

**Корномаи Фиристодагон 5:40–41**

---

2 Э. У. Тозер, «Moral Determination», SermonIndex.net, мувофиқи 27 октябр 2020 с., http://www.sermonindex.net/modules/articles/index.php?view=article&aid=4693.



# РӮЗИ 34-УМ

# ДАСТОНИ АЗИЯТДИДА – ҚИСМИ 1

«Аммо чӣ тавр одамон, дар ҳоле ки ба Худованд имон наовардаанд, номи Ӯро ба забон гиранд? Чӣ тавр дар бораи Ӯ нашунида имон биёранд? Инчунин, агар касе ба онҳо хушхабарро эълон накунад, чӣ тавр мешунаванд? Ҳамчунин чӣ тавр касе, ки барои эълон кардани хушхабар фиристода нашуда бошад, хушхабарро эълон кунад? Чунон ки навишта шудааст: «Чӣ хел зебоянд пойҳои одамоне, ки хабари хушро эълон мекунанд!»

**РУМИЁН 10:14–15**

...................................

Сеул, Корея, соли 2008

Ман ҳеҷ гоҳ хонум Чой ва гиряҳои ӯро фаромӯш намекунам. Мо бо Чой Ёнг Ҷинро дар Сеули Кореяи Ҷанубӣ шинос шудем. Лекин ӯ дар қисмати шимолии Минтақаи Ғайринизомии

Корея дар Ҷумҳурии Халқӣ Демократии Корея дар Шоҳигарии Ҳермит, ки худро алоҳида канорагирӣ карда буданд.

Барои фаҳмидани моҳияти таъқиби масеҳиён дар Кореяи Шимолӣ бояд каме дар бораи *Ҷуче*, идеологияи режими Кореяи Шимолӣ, ки аслан динест, ки ба ҳар як шаҳрванди кишвар таҳмил шудааст, тасаввурот пайдо кард. Ҷуче («такя ба худ») таълим медиҳад, ки аъзои оилаи Ким, ки давлатро идора мекунад, дар асл мавҷудоти илоҳӣ мебошанд.

Ба кӯдакон таълим медиҳанд, ки пеш аз хӯрок дуои шукрона гӯянд: «Ташаккур Падар Ким Ил Сунг барои хӯроки мо». Ҳар як шаҳрванди кореягӣ вазифадор аст аз сурудномаи миллӣ, ки аз шашсад сурудҳои мадҳи сулолаи Ким иборат аст, сурудҳо аз ёд донад.

Барои ҳамин вақте, ки шахс Исоро пайравӣ мекунад, ӯ на танҳо пайрави дигар дин ё ягон ғояи ғарбӣ мегардад. Бовар кардан ба илоҳияти Масеҳ рад кардани илоҳияти Ким Ил Сунг аст, ки хиёнат ба ватан аст. Ва ҳукумати Кореяи Шимолӣ бо камоли май аз пайи сайди хиёнаткорон аст, махсусан онҳое, ки ҷуръат доранд идеяҳои худро дар байни ҳамватанони худ паҳн кунанд.

Хонум Чой ҳамсари яке аз мансабдорони қудратманди давлатӣ дар Кореяи Шимолӣ буд. Ӯ салоҳияти кофӣ дошт, ки бо як суханаш ягон касро аз зиндон озод кунад. Ӯ дӯсти оилавиашонро аз зиндон озод кард ва ӯ ба ивази некиашон ба хонаашон омада ба онҳо як тӯҳфа дод: китоби намноки мағорбастае, ки дар зери хок пинҳон буд.

«Ин ҳикояи нафарест, ки аз осмон омада ба бечорагон ёрӣ медиҳад — гуфт мард ба ҷаноб ва хонум Чой. — Мехоҳед онро хонед?».

Оилаи Чой ҳеҷ гоҳ дар бораи Китоби Муқаддас ё Исо нашунида буданд, аммо ин ҳикоя барояшон ҷолиб намуд ва барои ҳамин онҳо тӯҳфаро қабул карданд. Ҳар шаб, хонум Чой

пардаҳои тирезаҳои хонаашонро эҳтиёткорона пӯшида, боварӣ ҳосил мекард, ки ягон рӯшноӣ аз хонааш намебарояду ҳеҷ кас ӯро намебинад. Дар Кореяи Шимолӣ, агар ҳамсояҳо шоҳиди ягон воқеаҳои аҷиб гарданд, бояд дарҳол ба мақомотҳои давлатӣ хабар диҳанд. Хонум Чой хост боварӣ ҳосил кунад, ки ҳеҷ кас аз ӯ хабар намедиҳад.

Сипас ӯ ба як кунҷи хона рафта, кӯрпаеро болои сараш мепӯшонд, ки ба хайма монанд мешуд ва шамъеро эҳтиёткорона даргиронда ба хондани китоб шурӯъ мекард.

Марде ки китобро ба онҳо тӯҳфа кард, маслиҳат дод, ки пеш аз тамоми китобро хондан аввал панҷ қисмашро хонанд: якум қисм, ки китоби «Ҳастӣ» ном дошт ва баъд чор қисми дигарро, ки як мард бо номи Юҳанно навиштааст. Ӯ маслиҳат дод, ки ин қисмҳоро се маротиба хонанду баъд ба тамоми китоб гузаранд.

Хонум Чой ҳар шаб соатҳо мутолиа мекард ва баъд шамъро хомӯш карда, аз зери кӯрпа берун меомад ва китобро эҳтиёткорона дар ҷои бехатар пинҳон мекард. Пас аз мутолиа биниаш пур аз дуди сиёҳ аз шамъ, хаёлаш пур аз саволхо буд. Хаёли ӯро Марде бо номи Исо ҷалб карда буд, ки дар Инҷили Юҳанно тасвир шудааст. Ӯ дар Юҳанно 1:4 «Дар Ӯ ҳаёт буд...»-ро хонд. Дар Юҳанно 1:29 гуфта шуда буд: «...Инак Барраи Худо, ки гуноҳи ҷаҳонро мебардорад». Вай аз ҳамон Инҷил (Юҳанно 7:7) фаҳмид, ки ҷаҳон аз Ӯ нафрат дорад ва аз Номаи 1 Юҳанно 3:13, ки пайравони Ӯро ҷаҳон низ нафрат хоҳад кард.

Лекин ваъдахои хуб, ваъдахои ғалаба ва баракатҳо низ буданд. «...Ва ин ғалабае, ки ба ҷаҳон ғолиб мебарояд, имони мост» 1 Юҳанно 5:4.

Китоб он қадар ҷолиб буд, ки хонум Чой пайваста саволҳои наве пайдо мекард, лекин касе набуд, ки ба онҳо ҷавоб диҳад. Пас аз чанд моҳ вай имкон пайдо кард, ки ба баъзеи онҳо ҷавоб ёбад. Амакаш, ки аз Кореяи Шимолӣ кӯчида, дар Хитой зиндагӣ мекард, ба хабаргирии ӯ омад. Рузе дар сари дастархон

Чой пай бурд, ки амакаш пеш аз хурдан сарашро хам мекунад. Вақте ки ӯ дуогӯии ӯро тамошо мекард, Рӯҳулқудс дар дилаш кор мекард ва ӯ қиссаҳои хондаашро ба ёд меовард. Ҳамин тавр, саволҳо аз байн рафтанд ва имони ӯ таваллуд шуд.

Пагоҳии дигар амакаш ба хонум Чой ин сурудро ёд дод: «Эй файзи аҷиб, чӣ хуш аст садоят, ки маро аз вартаи мусибат наҷот додӣ». Пас аз чанде вай тавонист ба Хитой назди амакаш ба меҳмонӣ равад. Ҳангоми он ҷо буданаш ӯ бори аввал дар ҷамъомади масеҳиён иштирок кард ва пеш аз бозгашт ба Кореяи Шимолӣ шубон бо ӯ дуо кард.

Дар давлате, ки ҳама аз пушти ҳама мепойид, имони ӯ вақти зиёд ниҳон наистод. Дере нагузашта хонум Чойро ба «ҷосусии диннӣ» ва «паҳн кардани ғояҳои зиддикоммунистӣ» дастгир карданд.

Вақте ки хонум Чой аз шаҳодати худ қисса мекард, фазои хона тағйир меёфт. Мо хомӯшона Худоро ҷалол мегуфтем вақте шунидем, ки чӣ гуна Худо паёми Инҷилро ба ӯ кушода ӯро наҷот дод. Лекин чун шунидем, ки ба хотири пайравӣ намудан ба Масеҳ аз чӣ гуна азиятҳо гузаштааст, дилҳои мо ва баъдтар чашмони мо гирён шуданд.

«Пулис маро дастгир кард — гуфт ӯ ба мо — ва маро хеле сахт азият доданд. Маро маҷбур карданд, ки болои курсӣ истам ва онҳо ба зонуҳоям мезаданд. Онҳо ба рӯй ва тамоми баданам мезаданд. Рӯям аз задан кабуду сиёҳ гашта буд. Онҳо ба ман гуфтанд, ки ба ҷинояти ҷосусӣ иқрор шавам ва гуфтанд: «Номи нафареро, ки ба ту Китобҳои Муқаддасро овардааст, ба мо бигӯ». Ман гуфтам, ки ҷосус нестам ва бар зидди ҳукумати Кореяи Шимолӣ ягон ҷинояте содир накардаам. Ман номи он мардро фош накардам ва гуфтам, ки ман ягона нафаре ҳастам, ки Китоби Муқаддасро мехонад.

Чун пулис дид, ки азият ягон натиҷаи барояшон дилхоҳро наовард, тактикаашро иваз кард.

# БАРОИ МУЛОҲИЗА

Хонум Чой ва ҳамсараш ҳеҷ гоҳ Китоби Муқаддасро надида буданд ва ягон тасаввуроте надоштанд, ки Исо кӣ буд. Фикр кардан осон аст, ки дар Кореяи Шимолӣ, албатта, одамоне ҳастанд, ки дар бораи Исо тасаввурот надоранд, аммо дар Ғарб ин тавр нест. Бо вуҷуди ин, дар Ғарб низ ҳастанд нафароне, ки дар бораи Исо тасаввурот надоранд. Оё шумо касеро мешиносед, ки шояд дар бораи Исо тасаввуроте надошта бошад ё ҳеҷ гоҳ Китоби Муқаддасро надида бошад? Шояд ин муҳоҷир ё гуреза аз кишвари дигар бошад. Ё шахсе, ки ҳеҷ гоҳ бо масеҳиён муомила накардааст. Якчанд номҳоро нависед ва дар пеши худ мақсад гузоред, ки бо ин одамон дар бораи Исо сӯҳбат кунед.

## Дуо

«Худованд Исо, бигзор ман дар ҳолати ғафлат набошам, ки одамони гирду атрофам дар бораи Ту ва Каломи Ту аллакай медонанд. Ба ман имкониятҳое фароҳам овар, ки ман ба одамоне, ки дар бораат ҳанӯз ҳам нашунидаанд, ном ва ҳақиқати Туро расонам. Омин».

## *Барои қайди дафтари шахсии шумо*

## *Аз дафтари шахсии ман*

Имрӯз ман ба хиҷолат афтодам! Маъмулан, аксарияти кореягиҳо мисли ман вазн надоранд, чунки ҳангоми мусоҳибаам бо як нафар аз Кореяи Шимолӣ, ки имрӯз вохӯрдем, курсии пластикии ман шикаст ва ман рӯйи фарш афтидам.

Чунин набуд, ки ман ба курсии худ такя мекардам ё мечунбидам... курсӣ худ аз худ шикаст. Онҳо узр пурсиданд ва дарҳол бароям курсии нав оварданд... лекин ман бисёр шарм доштам.

Фикр мекунам, вақти сар кардани парҳез фаро расид...



# РӮЗИ 35-УМ

# ДАСТОНИ АЗИЯТДИДА – ҚИСМИ 2

«Чунки ҳар кӣ аз Худо таваллуди нав гирифтааст, ҷаҳонро ғалаба мекунад ва ин ғалабае, ки бар ҷаҳон ғолиб мебарояд, имони мост».

**1 ЮҲАННО 5:4**

.........................................................

## Сеул, Корея, соли 2008

Вақте ки шиканҷаи ҷисмонии хонум Чой ӯро маҷбур накард, ки номи шахсеро, ки ба ӯ Китоби Муқаддас додааст, ошкор кунад, пулиси Кореяи Шимолӣ тактикаро тағйир дод. Онҳо тасмим гирифтанд, ки ба ӯ ҳам азоби маънавӣ расонанд.

Ҷаноби Чойро ба пулис даъват карданд ва гуфтанд, ки агар ӯ бар зидди ҳамсараш шаҳодат диҳад ва ба «ҷиноят»-и ӯ дар

нигоҳдорӣ ва хондани Китоби Муқаддас иқрор шавад, вай ба зудӣ метавонад ба хона баргардад.

Сипас онҳо назди хонум Чой баргаштанд: «Шавҳаратон бар зидди шумо шаҳодат дод. Пас, беҳтар мебуд, ки ҳама чизро ошкоро эътироф кунед.»

Хонум Чой бо гузашти ин қадар сол ҳам хиёнати шавҳарашро ба ёд оварда, базӯр идома дод. Вай зуд-зуд нафас гирифта, ашкашро пок мекард.

«Баъд аз ин пойҳоямро баста, чаппа овехта, латукӯб карданд. Дар зиндон маро ҳар рӯз, тамоми рӯз латукӯб мекарданд.

Пулис маро маҷбур кард, ки аз ҷоям хеста, дастонамро аз тирезаи хурди дар берун кунам ва онҳо бо қубурча ба дастонам заданд. Ҳама ҷоям хуншор шуд. Дастонам чунон шикаста буданд, ки онҳоро дар давоми бист рӯз ҷунбонда натавонистам».

Вақте ки ӯ ба нақл кардани саргузашти худ идома дод, хонум Чой дастҳояшро дароз кард, то нишонаҳои шиканҷаашро нишон диҳад. Якчанд ангуштон ба таври ғайритабиӣ қат шуда буданд. Ман тасаввур карда наметавонам, ки одам ҳангоми бо қубурча задани ангуштонаш чӣ гуна дардро эҳсос мекунад.

Вақте мурофиаи хонум Чой оғоз шуд, шавҳар фаҳмид, ки ӯро фиреб додаанд ва ба ҷои маҳкум кардани занаш, боҷуръатона ба ҳимояти ӯ сар кард. Хушбахтона дар поёни мурофиаи панҷсоата вай бегуноҳ дониста шуд.

Аммо «бегуноҳ» дониста шудани хонум Чой барои мақомот ғайри қобили қабул буд ва қарори суд қатъ карда шуду мурофиаи нав таъин шуд. Мурофиаи дуюм ҳамагӣ як соат давом дод. Хонум Чой натавонист аз худ дифоъ кунад, зеро қабл аз мурофиа ӯро хеле сахт латукӯб кардаанд ва чеҳрааш варам карда буд, ки ҳарфе аз забонаш намебаромад. Ин дафъа вай гунаҳкор дониста шуд ва ба понздаҳ соли зиндон маҳкум шуд.

«Ман дар зиндон ҳама вақт дуо мекардам — гуфт ӯ ба мо — ҳатто вақте, ки посбонон маро мезаданд».

Вай инчунин баъзе оятҳоеро, ки дар саҳифаҳои Китоби Муқаддаси мағорзада хонда буд, ба хотир овард. Вай суханони Исоро ба хотир овард ва онҳоро бо ибораи дигар гуфт: «агар касе ба тарафи рости рӯятон занад, тарафи чапи рӯятонро ҳам ба ӯ гардонед».

Ӯ ба ваъда дар 1 Юҳанно такя кард, ки имонаш метавонад ҷаҳонро ғолиб оянд ва боварӣ дошт, ки ин ҳатто барои ҷаҳоне, ки режими Ким офаридааст, дуруст меояд.

Пас аз ҳамагӣ як соли зиндон, хонум Чой чунон лоғар шуд, ки тақрибан сӣ кило вазн дошт. Вақте ки ба шавҳараш иҷозат доданд, ки ӯро бубинад, хонум аз ӯ илтиҷо кард, ки ӯро наҷот диҳад. Ҷаноби Чой хонаро фурӯхт ва аз ҳама хешу табор ва дӯстоне, ки тавонистанд кӯмак кунанд, пул ҷамъоварӣ кард. Ӯ ба посбонҳо пул ва телевизор дод ва занашро озод карданд.

«Пеш аз ин саргузаштам — гуфт ӯ ба мо — ман бовар доштам, ки давлати ман давлати беҳтарини ҷаҳон аст. Лекин дар зиндон дидам, ки дар асл Кореяи Шимолӣ чӣ гуна давлат будааст. Ман ба шавҳарам гуфта: Агар раваду саломатиам барқарор шавад, дигар намехоҳам дар ин кишвар зиндагӣ кунам, чунки акнун медонам, ки ин давлат чӣ гуна давлат аст».

Бо мурури вақт ба ӯ муяссар шуд, ки ба Хитой гурехт сипас ба Кореяи Ҷанубӣ фирор кунад.

Баъзан вақте ки бо масеҳиёни таъқибшуда вомехӯрем, мебинем, ки ҷароҳатҳои онҳо шифо ёфтаанд ва онҳо тавонистанд таъқибкунандагони худро комилан бахшанд. Бо хонум Чой то ҳол ин ҳодиса рӯй надодааст. Вай ба мо ба таври муфассал шарҳ дод, ки ба ақидаи ӯ, Ким Чен Ир (он вақта раҳбари Кореяи Шимолӣ) барои даҳшатҳое, ки ба ҳамватанонаш карда буд, бояд ҷазо дода шавад. Ашк ва ангуштони ба таври ғайритабиӣ қатъшудаи ӯро дида, мо албатта ғазаби ӯро мефаҳмем.

Вакте ки мо бо хонум Чой вохурдем, вай ба мукобили режими бадкирдор, ки ватанашро ғулом мегардонад, мубориза мебурд, вале ин ҷанг на бо яроқи ҷангӣ, балки бо яроқи маъ-

навӣ бурда мешуд. Вай дар як стансияи радиои масеҳӣ дар Сеул кор мекард, ки Навиштаҳо ва дигар барномаҳои масеҳиро дар минтақаи ғайринизомӣ ва Кореяи Шимолӣ пахш мекунад. Яке аз хизматҳои ин шабака он аст, ки ба фирориён аз Кореяи Шимолӣ ба мисли хонум Чой имкони нақл кардани саргузаштҳои худро дар эфир диҳад, то ҳамватанони онҳо ҳақиқатро дар бораи «пешвоёни азиз»-и худ бидонанд ва ба дӯстону наздиконашон хабар диҳад, ки зинда ва сиҳату саломат дар Кореяи Ҷанубӣ паноҳ ёфтааст.

Ангуштони хонум Чой латукӯб ва каҷ шудаанд; дастонаш дигар ҳеҷ гоҳ он чусту чолокӣ ва қувваеро, ки пеш аз бо қубур задан дошт, аз нав ба даст намеорад. Аммо овози вай пурқувват аст, зеро он Худоро ҷалол медиҳад ва имонеро эълон мекунад, ки метавонад ҷаҳонро забт кунад - ҳатто ҷаҳони Шоҳигарии каноранишинҳоро, ки ҳоло аз ҷониби Ким Чен Ин бераҳмона идора карда мешавад.

## БАРОИ МУЛОҲИЗА

Калимаи юнонӣ, ки дар 1 Юҳанно 5:4 ҳамчун «ғолиб омадан» тарҷума шудааст маънои «ғалаба» ва «ғолибият»-ро дорад. Мо ҳамчун масеҳиён вақте ҷаҳонро ғолиб меоем, ки то дами марг дар имон устувор истода, васвасаҳо ва таъқиботро мағлуб мекунем.

Сӯҳбат бо хонум Чой ба ман хотиррасон кард, ки озордиҳандагони худро бахшида чӣ қадар душвор аст. Хуб мебуд агар «ғалаба кардан» ё «ғолиб омадан» маънои онро медошт, ки Исо оқибати гуноҳҳои дигаронро аз ҳаёти мо ба таври мӯъҷизавӣ дур карда, дард, кина ва ғазаберо, ки нисбати онҳо дорем яку якбора аз мо мегирад. Гарчанде баъзеҳо чунин карда метавонанд, хонум Чой ҳанӯз ҳам кӯшиш мекунад онҳоеро, ки боиси дарди зиёди ӯ шудаанд, бубахшад. Эҳтимол шумо низ дар чу-

нин вазъият қарор доред. Агар ин тавр бошад, ба худ ва ба Худо ростқавл бошед. Аз Ӯ хоҳиш кунед, ки дилатонро нарм кунад. Ҷӯёи қудрати илоҳии Ӯ бошед, то ба шумо қудрат диҳад, ки ғолиб оед, пурра бахшед ва дарду алам ва хашму кинаеро, ки ҳис мекунед як сӯ гузошта тавонед.

## Дуо

«Худовандо Исо, ба Ту шукр мегӯям, ки гуноҳҳои маро бахшидаӣ. Ташаккур, ки барои пардохти нархи корҳои нодурусте, ки ман кардам, Ту дар салиб мурдӣ. Илтимос, диламро нарм кун ва ба ман қувват деҳ то «ҷаҳонро ғолиб оям» ва чунон ки маро бо меҳрубонии зиёд бахшидӣ, онҳоеро, ки маро хафа кардаанд, ҳамон тавре, ки Ту ба ман пешниҳод мекунӣ бубахшам. Омин».

## *Барои қайди дафтари шахсии шумо*

## *Аз дафтари шахсии ман*

Ҷомадонҳои мо дар конвейери фурудгоҳи Сеул меомаданд. Онҳоро бо симҳои пулодӣ баста, дар қуттии хурде, ки дар паҳлӯяш чароғчаи дурахшандаи огоҳкунанда дошт, ба ҳам пайваст карда буданд. Дар давлатҳои қаблӣ, ки мо он ҷо истода будем, барои писаронамон кордҳои зебое харида будем; аммо маълум шуд, вақте ки ба Сеул расидем, ҳангоми азназаргузарониии рентгении бағоҷамон кордҳо намоён шуданд. Тегҳои кордҳо аз меъёре, ки барои воридот ба Кореяи Ҷанубӣ иҷозат дода шудааст, понздаҳ

сантиметр дарозтар буд. Чароғи милт-милткунанда эҳтимол ба кормандони гумрук хабар медод, ки дар бағоҷи мо чизе нодуруст аст... ин моро хеле ба ташвиш овард!

Мо маҷбур шудем, ки кордҳоро ба идораи гумруки фурудгоҳ супорем ва сипас (пас аз пардохти ҳаққи нигаҳдорӣ!) ҳангоми ба фурудгоҳ барои парвоз ба хона ба ИМА баргаштан, онҳоро баргашта гирем. Аммо ҳангоми ба фурудгоҳ баргаштан мо, ин раванд як санҷиши воқеъӣ буд. Корманди гумрук ду корди дар халтаи полиэтилен печонидашударо гирифта, моро ба назди дарвозаи савор бурд. Пас кордҳоро ба ҳавопаймо даровард, то аз капитан иҷозат бигирад, ки онҳоро ба худ бибарад. Баъд аз ин, ниҳоят кордҳо ҳамчун бағоҷи тафтишшуда қайд карда шуданд ва дар қисмати нигаҳдории бағоҷ ҷойгир карда шуданд.

Ин қадар ташвиш барои ду корде, ки дар Осиё аз бист доллар камтар арзиш дорад!

*(Қайди муаллиф: Ин охирин сафарам буд, ки дар он барои писаронам корд харида будам.)*



# РӮЗИ 36-УМ

# ЯК МАВЪИЗА ДАР ЛАОС

«Худро фиреб дода, гумон накунед, ки фақат шунидани каломи Худо басанда аст, балки гуфтаҳои онро ба ҷо оваред. Агар каломро фақат гӯш кунеду иҷро накунед, монанди шахсе ҳастед, ки рӯйи худро дар оина мебинаду аз пеши он дур рафтан замон аз ёдаш мебарорад, ки чеҳрааш чӣ гуна буд. Лекин шахсе, ки ба қонуни комил ва озодибахшанда бодиққат нигоҳ карданро давом медиҳаду суханони шунидаашро фаромӯш накарда, иҷро мекунад, дар ҳар кораш баракат меёбад».

**ЯЪҚУБ 1:22–25**

..............................................

*Лаос, соли 2011*

Мо дар як бинои хурди калисо дар шимоли Лаос вохӯрдем. Бинои Калисо як иншооти оддӣ ва таҳкурсиаш аз семент буд. Курсиҳои пластикӣ, ки ҳангоми ибодат истифода мешуданд, дар як кунҷи девор болои ҳам чинда шуда

буданд ва 4-5-тои онро барои мусоҳибаи мо гирифтанд. Ҳаво гарм буд. Қувваи шамолтияк ба салқин кардани ҳаво намерасид ва он ҳавои гармро танҳо ин тарафу он тараф мевазонд.

Мо он рӯз бо чанд масеҳӣ аз Лаос мусоҳиба гузарондем, аммо аз байни онҳо бародар Фан ва мавъизаи аввалине, ки ӯ шунида буд, ҳамеша дар ёди ман нақш бастааст.

Фан дар як деҳаи дурдасти қисмати шимолии Лаос таваллуд шудааст. Пас аз калон шуданаш, ӯ мехост дунёро бинад, ӯ мехост имкониятҳои зиёдтаре аз он чӣ деҳаи дурдасташ пешниҳод карда метавонад, дошта бошад. Бинобар ин дар ҷавониаш ӯ ба пойтахти Лаос шаҳри Вентиян сафар кард.

Барои бачаи деҳотӣ шаҳри Вентиян хеле калон менамуд. Овози баланди нақлиёт, талотуми ҳазорҳо мотороллерҳо, тӯдаи одамон ва чароғҳои равшан ӯро дар як вақт ҳам метарсондан ва ҳам ба ҳаяҷон меоварданд. Бо вуҷуди ин, шаҳр ба дараҷае, ки Фан интизор буд, он қадар ҳам меҳмоннавоз набуд ва имкониятҳое, ки дар бораашон шунида буд, ба назар намоён набуданд. Пас аз чанде ӯ дар кӯча монд ва намедонист, ки хӯроки навбатиашро аз куҷо ёфта хӯрад.

Фан шунида буд, ки дар шаҳрҳо ҷое ҳаст, ки бепул биринҷ гирифтан мумкин аст. Ҷавон намедонист, ки ин ҷой воқеан вуҷуд дорад ё ин афсона аст, лекин ӯ чунон гурусна буд, ки қарор дод тафтиш кунад. Дар деҳааш ба Фан гуфта буданд, ки агар бинои салибдорро пайдо кунад, дар дохили чунин биноҳо бепул биринҷ медиҳанд. Ба вай фаҳмонда буданд, ки салиб чӣ гуна аст, зеро вай ҳеҷ гоҳ салибро надида буд.

Ва Фан мӯҳтоҷи як коса биринҷ буд.

Ҷавон бинои калисоро ёфт ва ноумедона ба дарун даромад. Вақте ки ӯ ба ман дар бораи ташрифи аввалини

худ ба калисо нақл кард, ӯ аз биринҷ, ки бепул буд ё не дигар ёдовар нашуд. Ӯ бо тааҷҷуб аз мавъизаи аҷибе, ки дар ин калисо шунида буд, нақл кард: дар бораи Худои Офаридгор, ки Писари Худро барои супоридани нархи гуноҳҳои мо бо марги худ дар салиб фиристод, зеро Ӯ ҳар яки моро хеле дӯст медорад! Ин ҳикоя ба Фан чунон таъсир кард, ки ӯ дарҳол фаҳмид, ки гунаҳкор аст ва ба Исо барои бахшида шудани гуноҳҳояш эҳтиёҷ дошт. Ӯ бо шубон сӯҳбат кард, дуои тавба кард ва ҳаёти худро ба пайравӣ ба Исо бахшид, ки барои ӯ ба ин ҷаҳон омада дар салиб мурд.

Ман то ҳол намедонам, ки он шубон ҳамон рӯз ба Фан хӯрок овард ё не — ӯ дар ин бора чизе нагуфт. Ӯ танҳо дар бораи реаксияи худ ба хушхабаре, ки шунид сухан гуфт.

Фан ба он фикре тоб оварда натавонист, ки ҳеҷ кас дар деҳаи ӯ дар бораи ин ҳикояи аҷиб намедонист ва осоишу шодиеро, ки ҳоло ӯ дорад ҳанӯз ҳам пайдо накардаанд, чунки дар деҳаашон ягон хонаи салибдор набуд. Он гоҳ Фан дар дилаш қарор дод, ки ин вазъиятро ӯ бояд иваз кунад.

Ҳамин тавр, Фан ба автобус савор шуд ва сарфи назар аз тамоми имкониятҳои иқтисодие, ки ин шаҳр ба ӯ пешниҳод карда метавонист, Вентиянро тарк кард. Вай соатҳои зиёде ба самти шимол, ба деҳаи хурдакаки худ, ки навакак тарк карда буд, сафар кард. Фан дар он ҷо одамонро ҷамъ оварда гуфт, ки вай дар Вентиян чизеро омӯхтааст, ки муҳим аст, онҳо бояд шунаванд.

Ба шарофати имони Фан, шонздаҳ оила аз деҳаи ӯ тасмим гирифтанд, ки дини буддоӣ ва парастиши рӯҳҳои аҷдодиро тарк кунанд ва пайрави Исои Масеҳ шаванд. Фан пас аз шунидани танҳо як мавъиза беш аз сад нафарро ба сӯи Худованд овард!

Фан дар имони нави худ калон ва устувор шуданро идома дод ва чун ҷавон дониши нав мегирифт, ӯ низ дар навбати худ ба дигар одамони нав аз деҳааш таълим медод.

Бо вуҷуди ин, имон ва хидмат ба Худо ба Фан ва дигар имондорон хеле гарон омад.

Фан ва дигар масеҳиёнеро, ки нахостанд аз «дини бегона» даст кашанд ва тариқҳои пештараи худ баргарданд, аз деҳа ронда шуданд. Ба онҳо гуфтанд: «Шумо ё масеҳӣ мешавед ё сокини деҳаи мо. Интихоб кунед!» Фан ва рамаи ӯ Масеҳро интихоб карданд.

Мақомоти давлатӣ мошинҳои боркаши пулисро фиристода, эълон карданд, ки агар касе масеҳӣ аст бояд деҳаро тарк кунад. Онҳое, ки пайрави Исо буданд, ҳар чӣ ки доштанд бо худ гирифтанд ва ба мошин савор шуда аз деҳа рафтанд. Ба онҳо гуфтанд, ки дигар барнагарданд.

Фан ва рамаи ӯ дар деҳаи дигар сокин шуданд, лекин вақте ӯро вохӯрдам, ба ӯ ва дигар имондорон аллакай таҳдид мекарданд, ки аз он деҳа хориҷ карда мешаванд. Фан парвои таҳдидҳоро надошт. Ӯ ҳангоми берун шудан аз як деҳа аллакай дид, ки чӣ гуна Худо онҳоро нигоҳубин карда метавонад. Агар боз чунин ҳолат рӯй диҳад, наход Худо онҳоро ғамхорӣ накунад?

Дар он вақте ки мо бо Фан шинос шудем, ӯ аллакай чандин мавъизаҳоро ҳам дар калисо ва ҳам дар радио, ки Инҷилро ба халқаш паҳн мекард, шунида буд. Аммо ман ҳеҷ гоҳ фаромӯш намекунам, ки Худо тавассути он мавъизаи аввалини шунидааш дар ҳаёти Фанг ва ҳамдеҳагонаш чӣ қадар самаре овард. Як мавъиза воқеъан ҳаёти беш аз сад нафар одамонро абадан тағйир дод!

Чанд сол пас аз шиносоӣ бо Фан, ман бо як ҳамкасбам аз Осиёи Ҷанубӣ вохӯрдам ва аз ҳолу аҳволи Фан пурсон шудам. Ҳамкорам низ Фан ва саргузашти ӯро ба ёд овард.

Вай ба ман хабар дод, ки Фан ногаҳон аз олам гузашт. Ҳоло дӯсти мо мукофотҳои ҷовидонаеро, ки дар он мавъизаи аввал шунида буд, қабул мекунад — мукофотҳое, ки аз як коса биринҷ хеле бузургтар аст!

## БАРОИ МУЛОҲИЗА

Ман писари шубон ва миссионер, ки дар калисои гарми Лаос арақ карда менишастам, дарҳол аз саргузашти бародар Фан хеле ба хиҷолат афтодам. Ман зиёда аз як мавъиза шунидаам. Воқеан, ман шояд дар тӯли панҷоҳ соли охир ҳазорон мавъиза шунидаам.

Лекин чанд бор ман пас аз шунидани паёми Худо, пас аз берун шудан аз ҷамоати коллеҷ ё лагери худ, тавре ҳаёти худро идома медиҳам, ки гӯё ҳеҷ чиз рӯй надода бошад? Гӯё ки ман паёмеро, ки барои ман ва ҳар нафаре, ки вомехӯрам маънои абадӣ дорад, нашунидам? Мутаасифона ин бисёр вақт рӯй медиҳад.

Бародар Фан пас аз шунидани як мавъиза, аз он ҷамоат баромада, соатҳои зиёд ба деҳааш сафар карда, шонздаҳ оиларо ба наҷот ҳидоят кард. Самари мавъизаҳо бояд ҳамин гуна бошад.

Шумо чӣ? Охирин бор кай шумо аз дари калисои худ шитобкунон давида, ба касе мавъизаи навакак шунидаатонро нақл кардаед? Аксарияти мо ин корро хеле кам мекунем.

Ин рӯзи якшанбе вақте, ки шумо аз калисо мебароед, бародар Фанро ба ёд оред. Дар дафтари шахсии худ як ҳақиқати рӯҳонӣ, порчаи Навиштаҷот ё мисолеро, ки шуморо ба ҳайрат овардааст, нависед. Акнун номи шахсеро нависед, ки шумо онро ба ӯ нақл мекунед.

## Дуо

«Худовандо, Ту ба мо бисёр чизҳоро додаӣ. Ту ба мо баракатҳои маишӣ, дастрасии озод ба Каломи Худ ва фиристодагони ҳақиқати Худро додаӣ. Ба мо кӯмак кун, ки озодии худро дуруст истифода барем. Ёрӣ деҳ, то дар хотир дошта бошем, ки Каломи Ту калиди ҳаёти ҷовидонист ва ихтиёран, озодона ва пайваста дар бораи ин ҳаёт ба одамони гирду атрофамон нақл кунем. Омин».

## *Барои қайди дафтари шахсии шумо*

## *Аз дафтари шахсии ман*

Инак ман назди баромадгоҳ, ки дар қисмати пеши ҳавопаймои «Авиахати Бангкок» ҷойгир аст, нишастаам. Стюардесса навакак ба ман фаҳмонд, ки чӣ тавр ва кай дари баромади фавқулоддаро кушодан лозим аст (танҳо вақте ки капитан фармони эвакуатсияро медиҳад!)

Пас аз ба итмом расонидани шарҳаш, вай бо табассум хушдор дод: «Лутфан, бе фармон машқ накунед».

## БАРОИ МАСЕҲИЁНИ ТАЪҚИБШУДА ДУО КУНЕД

Аввалин дархосте, ки мо аз бародарону хоҳарони таъқибшавандаамон мешунавем, ин аст: «Барои мо дуо кунед!»

Дархости дуюми онҳо: «Ба мо бештар Китоби Муқаддас фиристед!»

Бародарону хоҳарони таъқибшавандаи мо қудрати Каломи Худоро хуб дарк мекунанд, яъне қудрати ҷалби одамонро ба сӯи Исои Масеҳ ва қудрати омода кардани имондорон барои тоб овардан ба таъқибот.

**ИМРӮЗ ДУО КУНЕД** барои паҳн шудани Каломи Худо дар тамоми ҷаҳон, махсусан дар кишварҳое, ки ба Инҷил душманӣ доранд ва мавъизаи онро маҳдуд мекунанд, гӯед. Дуо кунед, ки ҳар як имондор ба Масеҳ, ки дар он ҷойҳо зиндагӣ мекунад, имконият дошта бошад, ки нусхаи Каломи Худоро дошта бошад.

# РӮЗИ 37-УМ



# «МО ӮРО САХТ ПАЗМОН ШУДЕМ»

«Ва агар як узв дард кунад, бо он ҳамаи узвҳо дард мекунад; ва агар як узв сазовори таҳсин гардад, бо он ҳамаи узвҳо хурсанд мешаванд. Шумо бадани Масеҳ ҳастед, вале ҷуду-ҷудо узвҳои Ӯ мебошед».

**1 ҚУРИНТИЁН 12:26–27**

Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, соли 2019

Шавҳараш ду сол боз бедарак аст. Ӯ дар соли 2017 дар як амалиёти низомии муташаккил, дар давоми чил сония, ки ҳафт мошин ва понздаҳ нафарро дар бар гирифт, аз кӯчае дар Малайзия рабуда шуд. Шубон Реймонд Коҳро аз он рӯз то ҳол касе надидааст ва мошинаш ҳанӯз ҳам ёфт нашудааст. Агар аъзоёни оилаи шубон хона ба хона намегаштанд ва наворҳои видеоии

одамрабоиро пайдо намекарданд, ба назар чунин менамуд, ки Раймонд нопадид шудааст.

Ман бо овозсабткунаки рақамӣ дар даст назди ҳамсари гирёни Раймонд — Сюзанна микрофонамро дошта истода будам.

«Мо ӯро сахт пазмон шудем! — гуфт Сюзанна ва ҳатто аз сабти садои сӯҳбати мо маълум буд, ки ашк ба рӯяш равон буд. — Аз ҳама мушкилаш он аст, ки мо намедонем ӯ дар куҷост, бо ӯ чӣ воқеа рӯй дод ва ҳоло чӣ ҳол дорад». Вай фаҳмонд, ки дар тӯли ду соли охири интизорӣ чӣ қадар барои ӯ ва кӯдаконаш душвор буд, ки аз ҳукумати худ дар бораи макони эҳтимолии будубоши Реймонд ягон маълумот гирад. Ду сол ӯ мубориза мебурд ва аз мақомоти Малайзия зорӣ ва талаб мекард, ки масъулони «нопадидшавӣ»-и шавҳараш ба ҷавобгарӣ кашида шаванд.

Сюзанна лаҳзае бозистод, то фикрҳояшро ҷамъ ва худро ором кунад. Суханони навбатии ӯро ман интизор набудам: «Лекин мо Худоро шукр мегӯем».

Дар идомаи суханаш вай Худоро барои муҳаббате, ки масеҳиён дар саросари ҷаҳон тавассути дуоҳо, кортҳо, мактубҳо ва почтаи электронӣ изҳор доштанд, шукр гуфт. Ин дастгирӣ ӯ ва фарзандонашро дар рӯзҳои сиёҳ ва шабҳои ташвишовар рӯҳбаланд мекард. Онҳоро на танҳо оилаи Худо, балки худи Худо — «Падари раҳмдил ва Худои ҳама гуна тасаллӣ аст» дастгирӣ мекард (2 Қӯр. 1:3).

«Худо ба мо хеле наздик ва воқеъи буд — гуфт ӯ. — Ман се ҳафтаи аввалро дар ёд дорам, ки худро хеле парешон ҳис мекардам ва ҳатто ваҳм маро зер мекард. Лекин мо қарор додем, ки ба ягон ҷойи танҳо равем ва ин ба ман кӯмак кард, ки диққатамро ба Худо ҷалб кунам ва танҳо ба Исо нигоҳ кунам.

Яке аз оятҳои дӯстдоштаам Забур 45:11 аст: «Бозистед ва бидонед, ки ман Худо ҳастам». Ба ман лозим нест, ки мубориза

барам ва азоб кашам, чунки метавонам ором бошам ва боварӣ дошта бошам, ки Ӯ ҳамроҳи ман аст ва ҳеҷ гоҳ маро танҳо намегузорад ва Ӯ барои онҳое, ки Ӯро дӯст медоранд, оқибати ҳама чизро ба хайр мегардонад. Бо вуҷуди душвориҳо, ман мебинам, ки файзи Ӯ бароям басанда аст.

Сюзанна ба ман гуфт ӯ боварӣ дошт, ки Худо шубон Реймондро барои озмоише, ки ӯ ҳоло гузашта истодааст, тайёр кардааст. Чанд моҳ пеш аз рабуда шудан, вай дар ҳаёти рӯҳонии шавҳараш як амиқиро пай бурд. Ӯ дар дуо бештар вақт мегузаронд ва аз ҳарвақта дида бештар оят аз ёд мекард.

«Реймонд субҳи барвақт тақрибан барои се соат ба сайру гашти дуо мебаромад, — гуфт ӯ, — ва инчунин порчаҳоро аз Китоби Муқаддас, ки баъдан ба ман иқтибос меовард, аз ёд мекард. Ӯ мегуфт: “Ман навакак 1 Қӯринтиён 15-ро аз ёд кардам”. Ӯ ин корро пайваста мекард ва ман фикр мекардам, ки ӯ намунаи ибрати хуб аст».

Сюзанна фикр намекунад, ки шавҳараш ягон ҳолати нохушро ҳис мекарда бошад. Аммо маълум буд, ки дар моҳҳои пеш аз рабудани Реймонд, Худо имони ӯро мустаҳкам кард. Сюзанна Худоро барои баракатҳое, ки Реймондро барои дар асирӣ зиндагӣ кардан омода карда буданд, шукр гуфт. Вай гуфт, ки шавҳараш як одами хеле хоксор аст. Ӯ аз се шиму се куртае, ки дошт пурра қаноатманд буд. Вай ҳамчунин гуфт, ки Худо ба шавҳараш саломатӣ ато кардааст, ӯ ҳатто дар лигаи футбол бо наврасони чанд сол аз худаш хурдтар бозӣ кардааст. Вай аз Худованд миннатдор буд, ки Раймонд ба истеъмоли доруҳои ҳаррӯза ниёз надошт, ки одамрабоён ӯро аз он маҳрум карда метавонистанд.

Реймонд чанд вақт пеш аз рабуда шуданаш пештар медонист, ки дар хатар аст. Чанд сол пеш аз одамрабоӣ дар почта як қуттии хурде гирифт. Вақте ки онро кушод, дар дохили он ду тир буд. Сюзанна инчунин мактуби аҷибе гирифт: лифофае, ки

бо хокаи сафед пур карда шудааст, ки метавонист заҳр бошад. Паём аниқӯ возеҳ аст: хизмататро бас кун, вагарна...

Бо вуҷуди ин Реймонд ва Сюзанна хизмати Худоро бас накарданд. Онҳо ғамхорӣ кардан ба камбағалон ва мискинонро идома дода, ба онҳо кӯмак ва умедро ба номи Исои Масеҳ пешниҳод мекарданд. Онҳо аз хатари давом додани хизмати худ огоҳ буданд, вале кори худро давом медоданд.

«Бале, Реймонд хизматро давом дод, гарчанде каме тарс ва изтироб дошт. Аммо ӯ ҳис кард, ки Худованд ӯро ба иҷрои Супориши Бузург, ки ба ҳар қабила, қавм ва забон даъват мекунад. Худованд байни мардум рӯйбинӣ намекунад, барои ҳамин мо танҳо кори худро бо камбағалон ва ниёзмандон идома додем ва бо кӯмаки Худо ин корро анҷом медодем. Тақрибан панҷ-шаш сол инҷониб ягон таҳдиди дигаре нагирифта будем, аз ин рӯ фикр мекардем, ки ҳамааш хуб аст.»

Ва ҳама чиз воқеан дар тартиб буд, то рӯзе, ки Раймонд ба хона барнагашт.

Вақте ки Сюзанна ба шӯъбаи полис рафт, то ки аризаи бедарак шудани шавҳарашро пур кунад, ба ҷои он ки аз ӯ пурсанд, ки он рӯз Реймонд дар куҷо буд, бо кӣ вохӯрд ва кадом мошинро идора мекард, вайро дар бораи ӯ ва хизмати Реймонд бозпурсӣ карданд. Кормандони полис ба пайдо кардани Реймонд таваҷҷӯҳ зоҳир накарданд, аммо хостанд боварӣ ҳосил кунанд, ки халқи мусулмони Малайзия масеҳӣ намешаванд. Ниҳоят Сюзанна аз ҷо хеста, аз идораи пулис баромада рафт. Навори одамрабоиро на кормандони амният, балки хонаводаи ӯ пайдо кардаанд.

Ман аз Сюзанна пурсидам, ки ӯ дар бораи одамоне, ки шубон Реймондро дар он рӯз соли 2017 рабудаанд, чӣ ҳис мекунад. Ҷавоби ӯ камолоти аҷиби рӯҳонии ӯ ва мубориза барои ба даст овардани ин камолотро нишон дод.

«Аз аввал ман қарор додам, ки онҳоро бубахшам, зеро онҳо намедонанд, ки чӣ кор мекунанд. Ман ба намунаи Худованди

мо Исо пайравӣ мекунам, аз ин рӯ дар дили ман ҳеҷ чизи торик нест, зеро ман мехоҳам, ки Худо ба воситаи ман кор кунад».

Вале ин осон набуд. Дар ин ду сол, вақте бо кормандони пулис, ки дар рафти тафтишоти оммавии Комиссияи ҳуқуқи инсон мавриди бозпурсӣ қарор гирифта буданд, вохӯрдам, ман борҳо хостам онҳоро буғӣ кунам, зеро ошкоро дурӯғ мегуфтанд. Онҳо тамоман ҳамкорӣ намекарданд. Ёдам ҳаст, ки рӯзе дар мошин савор мешудам, Худованд маро барои муносибати бад доштан нисбати пулис сарзаниш кард ва ман пеши Худованд бо гиря тавба кардам ва маро водор кард, ки дар ҳаққи пулис дуо кунам. Тамоми системаи амният дар фасод ғӯтида, бо ҷанҷолҳо ва бадӣ печида аст, аммо ман фикр мекунам, ки ман бояд ба он васеътар назар кунам. Худо Малайзияро пок карда истодааст ва Ӯ бояд тамоми торикӣ ва бадиро бардорад, то нури Худро дар он ҷо резад. Мо масеҳиён, намак ва нури ҷаҳон, вазифадорем, ки дуо кунем, ки иродаи Худо дар Малайзия иҷро шавад.

Аз ин рӯ, Худо бояд аввал бо ман муносибат мекард, то ман гуноҳкоронро бубахшам ва барои онҳо дуо гӯям, зеро онҳо бояд Худовандро бишносанд. Барои он, ки дар Малайзия тағйирот ба амал ояд, тағйирот бояд дар ҳаёти шахсони алоҳида ба амал ояд».

## Барои мулоҳиза

Баъд аз рабудани шавҳараш дуоҳо ва муҳаббати Бадани Масеҳ Сюзанна Коҳро рӯҳбаланд мекарданд, ки аз ин рӯзҳои сахт гузаранд. Дар дафтари шахсиатон нависед, ки чӣ тавр Бадани Масеҳ шуморо дар миёни озмоишҳо қувват бахшид. Оё шумо ягон бародар ё хоҳар Масеҳиро мешиносед, ки дар айни замон ниёз дорад, ки барои ӯ шумо Бадани Масеҳ бошед, дастгирӣ, кӯмак ва умедро пешниҳод кунед?

## Дуо

«Худованд Исо дар дили ман ҳамон тавре кор кун, ки бо Сюзанна кор кардаӣ. Ба ман ёрӣ деҳ, ки бахшида тавонам. Ба ман қувват бахш, ки бо муҳаббат дигаронро ба Подшоҳият биёрам, ҳатто онҳоеро, ки маро озор дода, хафа кардаанд. Омин».

## *Барои қайди дафтари шахсии шумо*

## *Аз дафтари шахсии ман*

Сюзанна мегӯяд, ки онҳо кӯшиш мекунанд, ки саргузашти Реймондро дар маркази таваҷҷӯҳи мардум қарор диҳанд ва инчунин ба ҳукумат фишор меоранд, то ҳодисаро шарҳ диҳад. Ҳамин тавр, вай аз он истиқбол кард, ки зиёда аз нӯҳсад радиостансияҳо дар бораи парвандаи шавҳараш сӯҳбат мекунанд.

## *Гӯш кунед*

Шумо метавонед мусоҳиба бо Сюзанна Коҳро, ки ҳамон рӯз сабт шуда буд, дар www.VOMRadio.net/Koh гӯш кунед.

# РӮЗИ 38-УМ



# ШАБГУЗАРОНӢ ДАР ҚАБРИСТОН

«Бори дилатро ба Худованд парто, ва Ӯ ба ту ғамхорӣ мекунад. Ӯ ҳаргиз намегузорад, ки росткор фурӯ ғалтад».

**ЗАБУР 54:23**

........................................

*Сулаймония, Ироқ, соли 2008*

Вай ба замин хобид. Рост дар мобайни қабристон. Ӯ худро ба сангҳои мазор, ки сарҳади қабрро муайян мекарданд, пахш карда мехобид. «Ман кӯшиш кардам, ки ҳар чи наздиктар ба сангҳо хобам, — гуфт ӯ, — то ки аз шамол панаҳ ёбам, чунки шабона хеле хунук аст».

Мо ба ин қабристон махсус барои он сафар кардем, то Заргус ба мо нишон диҳад, ки дар давоми шаш моҳи пас аз тарки ислом ва пайрави Исои Масеҳ бехонаи истиқоматӣ монданаш дар куҷо мехобид ва чӣ гуна зинда монд.

Бори аввал Заргус Исоро дар хоб дид. Ӯ санаи аниқашро дар хотир дорад, чунки он як шаб пеш аз марги модараш

буд. Дар хоб, Исо дар як нури бениҳоят дурахшон аён шуд, он қадар дурахшон буд, ки Заргус маҷбур шуд чашмонашро аз шиддати рӯшноӣ пӯшад. Паёми Исо пур аз муҳаббат буд: «Натарс! Наздам биё».

Пас аз он хоб, Заргус аввал ба калисои анъанавии масеҳӣ рафт, лекин ӯро дар он ҷо қабул накарданд: «Ба мусулмонҳо ин ҷо омадан мумкин нест» — гуфт коҳини он ҷо. Ӯ барои худ як радио харид ва шабакаҳои масеҳиро ёфт. Шабакаи радиоӣ суроға дод ва Заргус ба онҳо мактуб фиристода гуфт, ки ӯ Исоро дар хоб дидааст ва мехоҳад дар бораи Исо ва таълимоти Ӯ бисёртар фаҳмад. Дар ҷавоб ба ӯ номи одамон ва рақамҳои телефони масеҳиёни дар наздикӣ бударо фиристоданд. Вай ба онҳо занг зада вохӯрд ва бо он масеҳиён якҷоя дуо карда, тавба кард ва ҳаёташро ба Масеҳ бахшид.

«Аз ҳамон лаҳзае, ки имон овардам, таъқибот сар шуд» — гуфт Заргус вақте, ки мо дар яке аз ҳуҷраҳои хонаи иҷорааш нишаста будем. Аввал ӯ ба занаш Чимин гуфт. Занаш аввалин нафаре буд, ки аз ин кори шавҳараш ба ғазаб омад. Ӯ худаш, ки духтар ва хоҳари имом буд, тасаввур ҳам карда наметавонист, ки шавҳари худаш муртад мешавад. *Акнун онҳо ба хешу таборашон чӣ мегӯянд?*

Хонаводаи зани Заргус аввал оромона илтиҷо мекарданд, ки ба ислом баргардад. Аммо вақте ки ба ягон созиш омада натавонистанд, вазъият тезу тунд шудан гирифт — аввал доду фарёд ва таҳдид ва баъд тирпарронӣ. Ду дӯсте, ки Заргус барои сулҳ бастан бо хешовандааш ҳамроҳаш гирифта буд, тир хӯрданд. Се нафараш гурехтанд.

Хонаводаи Чимин ба Заргус иҷозат надоданд, ки зан ва ду духтарашро ба хона барад. Падари Чимин гуфт, ки издивоҷ бо насронӣ хилофи қонунҳои ислом аст, аз ин рӯ, азбаски Заргус масеҳӣ аст, духтару наберахояш дар хонаи ӯ меистанд.

Заргус ба хона танҳо баргашт. Пас аз ду ҳафта, ӯ дар меҳмонхонаи хонааш нишаста буд, ки касе аз тиреза граната пар-

тофт. Он таркид, аммо Заргус ба таври мӯъҷизавӣ бе осеб зинда монд. Зану фарзандонашро аз дасти ӯ гирифта буданд ва акнун ҳаёти ӯ дар хатар буд. Ӯ аз хонаи худ гурехт ва шаш моҳ дар кӯчаҳо зиндагӣ кард. Аз як дӯсташ чанд динор қарз гирифт, то барои аз гуруснагӣ намурдан барои худ ғизое бихарад ва шабона ба қабристони шаҳр рафта, хоб мекард.

Ман аз Заргус пурсидам, ки вақте аз зану духтаронаш ҷудо шабҳоро дар қабристон мегузаронд аз кадом оятҳои Навиштаҳо қувват мегирифт. Ӯ Таронаи Забур 54-и ояти 23-ро иқтибос овард: «Бори дилатро ба Худованд парто ва Ӯ ба ту ғамхорӣ хоҳад кард. Ӯ ҳаргиз намегузорад, ки росткор фурӯ ғалтад».

Ман ҳайрон шуда, пурсидам:

— Заргус, оё воқеан эҳсос кардӣ, ки Худо туро нигоҳубин мекунад, вақте дар замини қабристон аз зану фарзандонат ҷудо мехобидӣ?

— Ман ҳама вақт ҳис мекардам, ки Худо бо ман аст — ҷавоб дод Заргус. — Ин як вақти оличаноб, вақти дуо ва рушди рӯҳонӣ, беҳтарин вақт дар ҳаёти ман дар мушоракат бо Худо буд.

Вақте ки Заргус ин воқеаро ба ман нақл мекард, Чимин дар диван дар паҳлӯи шавҳараш нишаста буд. Хешу табораш ӯро шаш моҳ аз шавҳар ҷудо дар хонаи худ нигоҳ доштанд. Аммо вай шарми издивоҷ бо масеҳиро аз шарми зани талоқшуда авлотар донист ва ба назди шавҳараш баргашт.

Вақте ки баргашт, ӯ ҳанӯз ҳам аз Заргус сахт хафа буд. Чӣ гуна ӯ тавонист чунин коре бикунад? Ва барои чӣ? Вай ба назди шавҳараш баргашт, лекин аз ин хурсанд набуд.

Дар тӯли ду соли оянда, Чимин бодиққат мушоҳида кард, ки чӣ гуна шавҳараш, бо вуҷуди қурбониҳое, ки ба хотири имонаш кард, аз он даст накашид ва вафодор монд. Вай корашро аз даст дод, аммо имонашро ба Масеҳ нигоҳ дошт. Вай аз рафтуомад бо хешу табораш маҳрум шуд, вале имонашро аз даст надод. Чимин ба шавҳараш беҳурматӣ зоҳир менамуд ва хашму ғаза-

башро ба ӯ холӣ мекард. Вале шавҳараш ғазаби ӯро пазируфт ва дар ҷавоб ба ӯ муҳаббат нишон медод. Ниҳоят, зан фаҳмид, ки дигар муқобилият карда наметавонад.

«Чӣ фикри шуморо тағйир дод, — пурсидам ман аз Чимин — чӣ гуна фаҳмидед, ки Исо ҳақиқат аст?»

«Имони Заргус чунон қавӣ буд, ки ман натавонистам онро қабул накунам ва ҳамин тавр пайрави Масеҳ шудам. Худоро барои имони шавҳарам шукр мегӯям».

Чимин медонист, ки агар имони шавҳараашро қабул кунад, хешу табораш ӯро пурра рад мекунанд. Ӯ медонист, ки чиро бояд қурбон кунад. Лекин он чӣ дар шавҳараш дид, чунон ба ӯ таъсир кард, ки ӯ ба хотири доштани он чи ки ӯ дошт, тайёр буд азоб кашад.

Ман аз ҳамсарон пурсидам, ки дар имон ва ҳоло дар мавъиза ва хизмат муттаҳид будан чӣ маъно дорад. «Ҳоло хеле беҳтар аст» — ҷавоб дод Чимин. Вай гуфт, ки то ҳол барои хешу табораш дуо гуфтанро идома медиҳад, то ки онҳо ба Масеҳ имон биёранд, гарчанде, ки ба ақидаи ӯ, ин амри хаёл аст. «Аммо», — гуфт вай, — барои Худо ҳеҷ чиз ғайриимкон нест».

Дар анҷоми сӯҳбат пурсидам, ки чӣ гуна мардуми кишварҳои озод дар ҳаққи онҳо дуо карда метавонанд? Онҳо хоҳиш карданд, ки барои соҳиби хонаи шахсӣ шудан дуо гӯянд, чунки барои як оилаи масеҳӣ манзили иҷора ёфтан душвор аст. Ва онҳо низ хостаанд, ки барои мӯҳтоҷии яке аз фарзандонашон дуо гӯянд.

«Мо низ ба калисои озод паёме дорем» — гуфт Заргус рост ба чашмони ман нигариста. «Ба Китоби Муқаддас сахт часпед ва онро маҳкам нигоҳ доред!»

Ман ҷавоб додам, ки ин паёми хеле хуб аст.

«Аз таҷрибаи худамон мегӯям, ки сабаби то ҳол якҷоя зиндагӣ кардани мо файзи Китоби Муқаддас аст» — гуфт Заргус.

Роҳи бозгашт ба меҳмонхона ду соат давом кард, ки дар он ҷо одамони яроқу аслиҳадор истода буданд. Дар роҳ ман дар

бораи марде фикр кардам, ки шабро дар қабристон дур аз оилааш гузаронд, лекин аз имонаш ба Масеҳ даст накашид. Ӯ ин вақтро беҳтарин вақте дар ҳаёти худ номид, ки дар мушоракат бо Худо гузаронидааст.

## БАРОИ МУЛОҲИЗА

Чун Чимин дид, ки чӣ гуна муносибати занаш ғазабноку бад бошад ҳам, шавҳараш мувофиқи имони худ зиндагӣ мекард, ки ин амал ба он оварда расонд, ки худаш ҳам имон овард. Вай он чизҳоеро, ки мехост шавҳараш дошт! Оё шумо чунин имонро дар касе дар атрофи худ дидаед? Эътиқоди ин шахс кай ба шумо бештар таъсир кард: вақте ки ӯ дар фаровонӣ ва роҳат зиндагӣ мекард, ё вақте ки душвориҳо ва нокомиҳоро аз сар мегузаронд? Оё шумо ба ӯ барои намунае, ки барои шумо гузоштааст, ташаккур гуфтед?

Муҳимтар аз ҳама, оё шумо тавре аз рӯйи имони худ зиндагӣ мекунед, ки барои дигарон намунаи ибрат шуда тавонед ва онҳоро ба Масеҳ ҷалб кунед? Дар дафтари шахсии худ чунин ҳаёт ва имонро тасвир кунед.

### Дуо

«Худованд Исо, ташаккур, ки «ҳеҷ гоҳ намегузорӣ, ки росткор фурӯ ғалтад». Ташаккур, ки мо ва ҳатто дарду душвориҳои моро истифода мебарӣ, то ки дигаронро ба Худ ҷалб кунӣ. Ба ман ёрӣ деҳ, ки чунон аз рӯйи имонам зиндагӣ кунам, то одамони гирду атрофам низ хоҳиши сахти шинохтани Исоро пайдо кунанд. Омин».

### *Барои қайди дафтари шахсии шумо*

## *Аз дафтари шахсии ман*

Мо дар як микроавтобус бо чанд масеҳии ироқӣ, ки дар ин сафар ба мо кӯмак мекунанд, сафар мекардем. Дар роҳ ба Киркук моро дар як ҷой боздоштанд. Ба назди мо ду мард бо либоси ҳарбӣ дар тан ва бо автоматҳои АК-47 дар даст омаданд ва яке аз онҳо шиносномаҳои моро пурсид. Вақте ки ӯ ду шиносномаи амрикоиро дид, гӯё чашмонаш дурахшиданд ва ману ҳамкорамро фармуд, ки аз микроавтобус фуромада, аз паси ӯ равем.

Ҷудо кардани амрикоиҳо аз боқимондаи мусофирони нақлиёт бо хубӣ намешавад. Вақте ки марди мусаллаҳ моро пушти теппае дуртар аз роҳ бурд ва мо дигар микроавтобусро дида натавонистем, дилам сахт ба таппиш даромад. Ман боварӣ доштам, ки моро рабуданд.

Ӯ моро ба даруни бинои хурде, ки боми тунукагӣ дошт, бурд. Фармондеҳи ӯ мехост шахсан бо мо салом гӯяд ва бигӯяд, ки ӯ Амрикоро чӣ қадар дӯст медорад ва амрикоиҳоро дар Курдистон то чӣ андоза истиқбол мекунанд! Пас аз он ки нафаскашиам мӯътадил шуд, ман мехостам ба ӯ бигӯям, ки агар ӯ шахсан ба микроавтобус омада, дар ин бора ба мо мегуфт, чӣ қадар беҳтар мебуд! Қариб буд, ки шимамро иваз кардан лозим меомад!

Тавре маълум шуд, онҳо пешмергаҳои курд буданд (нерӯҳои низомӣ дар Курдистони Ироқ) ва Амрикоро воқеан ҳам дӯст медоранд!



## РӮЗИ 39-УМ



# ДУО ДАР ҲАҚҚИ ОЗОРДИҲАНДАИ ХУД

«Ҳамчунин шумо, эй занон, ба шавҳарони худ итоат кунед. Он гоҳ ҳатто шавҳароне, ки хушхабарро рад мекунанд, рафтори хуб ва ҳаёти поку худотарсонаи шуморо дида, бе ягон сухан ба Худо имон меоранд».

**1 ПЕТРУС 3:1–2**

. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .

*Эфиопия, соли 2005*

Негашӣ дар он ҳақ буд, ки издивоҷаш иттифоқи ду миссионер мешавад, аммо ӯ хато кард, ки кадом ҳамсараш миссионери муваффақтар мегардад!

Ман бо Негаши дар калисое дар ҷануби Эфиопия вохӯрдам, минтақае, ки аксарияти аҳолияш мусулмон аст. Дар калисо мактаби ибтидоӣ низ мавҷуд буд — то синфи чорум — ва хан-

гоме, ки мо бо масеҳиёни таъқибшуда мусоҳиба доштем, садои кӯдаконро шунидем ва аз тиреза дидем, ки онҳо футбол ва дигар бозиҳо мекунанд.

Негаши яке аз шубононе буд, ки барои иштирок дар семинари калисо ва инчунин барои мулоқот бо хориҷиён омада буд.

Ман аз Негаши пурсидам, ки оё ӯ пештар мусулмон буд? — Ӯ ҷавоби мусбат дод.

Ман аз ӯ пурсидам, ки чаро тасмим гирифт, ки исломро тарк карда, ба Исо пайравӣ кунад.

«Ман Исоро интихоб накардаам, — зуд ҷавоб дод ӯ. — Исо маро интихоб кард!»

Баъд Негаши ба ман қиссаи издивоҷашро нақл кард.

Ба Негаши ҷавонзане, ки номашро Ифе мегузорем маъқул буд. Рӯзе онҳо якҷоя шӯхӣ карда сӯҳбат мекарданд, ки Ифе ногаҳон «ба номи Исои Масеҳ» гуфт.

Негаши медонист, ки Ифе дар оилаи мусулмон таваллуд шудааст, бинобар ин ӯ гумон мекард, ки вай низ мисли ӯ мусулмон аст. Аммо ӯ фаҳмид, ки суханони ҷавонзан чӣ маъно доранд: ин зан масеҳист. Чун фаҳмид, ки ӯ масеҳӣ аст, Негаши ӯро ба хонааш овард ва маҷбур кард, ки бо ӯ издивоҷ кунад. «Вай бар хилофи хоҳиши зан издивоҷ кард», шарҳ дод тарҷумон. Рости гап, ман намехостам аз ин зиёд савол диҳам, зеро ин аллакай ба назарам даҳшатнок намуд. Марде ки бо зан маҷбуран издивоҷ кардааст, чӣ тавр метавонад шубон шавад? Ва чӣ гуна издивоҷ метавонад дар чунин шароит рӯй диҳад? Чунон ки маълум гардид, издивоҷи ду миссионер!

Ифе барои шавҳараш беист дуо мекард. Бо вуҷуди хушунати шавҳараш, ӯ барояш дуо мекард. Ҳадафи Негашӣ ба ҳар роҳе ки набошад бозгардонидани ҳамсараш ба ислом буд.

«Се сол ӯро лату кӯб ва шиканҷа додам, аммо вай ба имони худ чунон собит буд, ки аз он даст накашид», — гуфт Негаши. Ҳатто пас аз солҳо, ӯ аз далерӣ ва файзи ӯ дар ҳайрат буд.

Пас аз се соли издивоҷи пуршиканҷаи онҳо, Худо ба дуоҳои Ифе ҷавоб дод.

Як шаб Негашӣ пушти дарҳои баста намоз мехонд. Нисфи шаб буд, аммо ногаҳон ҳуҷра аз нур пур шуд ва Исо пайдо шуд. Негаши гуфт, ки дастони захмдорашро дидааст.

«Ту ба кӣ дуо мекунӣ? — пурсид аз ӯ Исо ва баъд гуфт, ки Ӯ аз Муҳаммад хеле бузургтар аст ва Исо Негаширо ҳатто дар батни модар медонист. — Ман Ҳамоне ҳастам, ки то ин муддат туро ғамхорӣ мекардам».

Вақте ки офтоб тулӯъ кард, Негаши аз соҳили дарё гузашта, ба калисои наздиктарин рафт. Рӯзи якшанбе буд ва аъзоёни калисо барои ибодат ҷамъ омада буданд. Онҳо аз ҷумла зани худаш аз дидани Негаши, ки ҳамчун як мусулмони ифротгар маъруф буд ва масеҳиёнро таъқиб мекард, хушҳол набуданд.

— Ту дар ин ҷо чӣ кор мекунӣ? — пурсиданд аз ӯ масеҳиён. «Ту аз Исо нафрат дорӣ-ку!

«Исо маро ба ин ҷо овард — гуфт Негаши. Яке аз ходимони калисо ӯро саволу ҷавоб карда, боварӣ ҳосил намуд, ки Негаши воқеан мехоҳад, ки Масеҳро пайравӣ кунад. Пеш аз он ки бо ӯ дуо кунанд, ба ӯ гуфтаанд, ки тарк кардани ислом ва пайравӣ ба Исо чӣ маъно дорад: ин маънои худро зери таъқибот қарор додан аст.

«Одамон туро барои масеҳӣ буданат азоб медиҳанд, — илова карданд онҳо. — Шояд ту зарар ё осеб мебинӣ. Ту ба ин чӣ мегӯӣ?

Ҷавоби Негаши оддӣ буд: «Исо, ки маро ба ин ҷо овард, ҳама чизро ҳал мекунад. Ӯ маро тарк намекунад!»

Вақте ки Негаши аз калисо ба хона баргашт, вақти намоз буд. Аз рӯйи одат мард ба зону афтод. Аммо ба ҷои хондани намози фарз аз Исо хоҳиш кард, ки ақли ӯро боз кунад, даҳон ва дилашро кушояд, то Ӯро беҳтар шиносад.

Вақте ки Негаши ба занаш гуфт, ки Исо ба аёдати ӯ омадааст, Ифе бо овози чунон баланд «Ҳалелуёҳ! Ҳалелуё!» фарёд зад, ки ҳамсояҳо шуниданд ва ҳайрон шуданд, ки чӣ гап бошад.

Аъзоёни калисо ба Негаши ваъда дода буданд, ки ӯро таъқибот интизор аст ва суханони онҳо зуд иҷро шуданд. Пас аз чанд рӯз гурӯҳе аз мусулмонони маҳаллӣ Негаширо дастгир карда, аз ӯ талаб карданд, ки намоз бихонад. Азбаски ӯ забони арабиро омӯхта буд, кӯшиш мекард, ки бо оятҳои Қуръон худро дифоъ кунад: «Дар худи Қуръон навишта шудааст, ки Исо писари Худост ва Муҳаммад танҳо паёмбар аст». Аммо мусулмонон бовар накарданд. Онҳо ба Негаши як ҳафта вақт доданд, то ақидаашро дигар кунад ва ба ислом баргардад. Гуфтанд, ки агар ин корро накунад, ваъда доданд, ки боз омада, бар зидди ӯ ҷиҳод мекунанд.

Пас аз як ҳафта мусулмонон дубора пайдо шуданд ва яке аз онҳо шамшер ба гардани Негаши гузошт. Марде ки занашро се сол латукӯб мекард, дар муддати камтар аз се ҳафта башоратгари далер шуд. «Агар ман бимирам, писари ман воиз мешавад», — гуфт ӯ ба тӯдаи мардум. «Ҳар кӣ бадани Маро чок карда, ба он даст расонад, масеҳӣ мешавад». Ва дар он ҷое ки ман мемирам, калисо сохта мешавад». Ба таври мӯъҷиза тӯдаи мардум пароканда шуданд.

Аммо таҳдидҳо идома доштанд. Як дафъаи дигар мусулмонони ифротгаро вақте, ба хонаи Негаши омаданд, ки ӯ дар он ҷо набуд. Онҳо Ифе ва писари онҳоро дар дохили хона маҳкам карда, онро оташ заданд. Зане ки се сол ба лату кӯб тоб оварда, барои наҷоти шавҳар монда нашуда дуо мекард, ҳангоми сӯхтани хонааш низ ҳамон гуна оташи имони қавиро нишон дод. «Худои Шадрак, Мешак ва Абднаҷу Худои ман аст!» фарьёд зад ӯ. Ӯ бо писараш аз хонаи сӯхтаистода сиҳату саломат баромаданд.

Вақте ки ман ва Негаши вохӯрдем, ӯ гуфт, ки ӯ ва Ифе ҳарду хизмати башоратдиҳиро пеш мебаранд. Ӯ бо мардон кор мекунад ва ҳамсараш бо занон. Онҳо маҷбур буданд, ки зодгоҳашонро тарк кунанд, аммо онҳо ба ҳар ҷое, ки бираванд ва бо ҳар касе, ки вомехӯранд, башорат доданро идома медиҳанд. Издивоҷи

онҳо воқеан иттиҳоди ду миссионер аст, гарчанде албатта он тавре нест, ки Негаши тасаввур мекард.

## БАРОИ МУЛОҲИЗА

Ман ҳеҷ гоҳ ба ягон зан маслиҳат намедиҳам, ки мисли Ифе ба зӯроварӣ тоқат карда истад. Бо вуҷуди ин, Худо аз омодагии ӯ барои баргардонидани некӣ ба бадӣ ва истодагарӣ дар дуо истифода бурда, дили шавҳарашро дигар кард ва хидмати аҷиберо шурӯъ кард. Оё дар ҳаёти шумо чизе ҳаст, ки аз шумо талаб мекунад, ки дар дуо ва файз бештар истодагарӣ кунед? Дар дафтари шахсии худ ё ҳангоми сӯҳбат бо дӯсти масеҳӣ, соҳаеро аз ҳаётатон дида бароед, ки дар он шумо бояд истодагарӣ кунед, ҳатто агар шумо мехоҳед, ки аз меҳнати кардаатон даст кашеду онро тарк кунед.

## Дуо

«Худованд Исо, ба Ту шукр мегӯям, ки ҳатто одами бадтарин ҳам марҳамати Туро қабул карда метавонад. Ба ман ёрӣ деҳ, ки дар ҳаққи касоне, ки дар роҳи ман мефиристӣ, ки ҳанӯз Туро намешиносанд, ҳатто агар бар ман хашмгин ва бераҳм бошанд ҳам, дуо карданро бас накунам. Омин».

## *Барои қайди дафтари шахсии шумо*

## *Аз дафтари шахсии ман*

Охирин нафаре, ки мо имрӯз бо ӯ сӯҳбат кардем, мусулмоне буд, ки бо духтари масеҳӣ бар хилофи хоҳишаш издивоҷ кард. Дар давоми се сол вай занашро мезад ва кӯшиш мекард, ки ӯро маҷбуран мусулмон кунад то он даме, ки Исо дар рӯъё ба ӯ аён шуда гуфт: «Аз паси Ман биё». Оё худро дар ҷои ин зан тасаввур карда метавонед — солҳои тӯлонӣ ба латукӯб тоб оваред, то ки шавҳаратонро ба назди Масеҳ биёред? Вой! Аз он вақте ки шавҳар аз паси Худованд рафт, ӯро на як бору ду бор лату кӯб карданд ва қариб куштанд, аммо бо вуҷуди ин ӯ то ҳол хидматашро барои Худованд идома медиҳад.

### ИҚТИБОС БАРОИ МУШОҲИДА

«Марг хушбахттарин рӯзи ҳаёти мост. Мо бояд бештар аз ҳама ба он шод бошем, чунки он рӯз, рӯзи бозгашт ба ватани ҳақиқии мо аст».

**Морис Торней** (1910–1949)[1]

1 Джон Фокс ва «Садои укубаткашон», «Фокс: Овозҳои азияткашон» (Вашингтон, округи Колумбия: «Salem Books», 2019).





# РӮЗИ 40-УМ

# МЕРОСИ РӮҲОНӢ

«Офарин, хизматгори неку вафодорам, — гуфт хоҷааш. — Ту дар иҷрои вазифаи хурд вафодор будӣ, пас ба ту вазифаи калонро бовар мекунам. Биё, ба хурсандии ман шарик шав!»

**МАТТО 25:21**

..............................................

*Халмахера, Индонезия, соли 2003*

Беҳтарин қисми аксари сафарҳои кории ман дар тӯли бисту се соли охир анҷоми онҳост. Чӣ қадар дӯст медорам, ки ба хона назди зану писаронам баргардам! Роҳи бозгашт ҳамеша чунон тӯлонӣ аст, ки ба назар чунин менамояд, ки ҳеҷ гоҳ тамом намешавад. Ё шояд ман бесаброна интизори ба оғӯш гирифтани занам, бозӣ кардан бо писаронам, хоб рафтан дар ҷойгаҳи худам, кушодани ҷомадон ва кор бо ҳикояҳои аз сафар овардаам ҳастам.

Сафари якҷояи чилрӯзаи мо бо шумо, хонандаи азиз, аллакай ба охир мерасад. Умедворам, ки шумо низ барои кушодани

ҳикояҳои шунидаатон ва муҳимтар аз ҳама дарсҳое, ки Худо мехоҳад ба шумо дар бораи масеҳиёни таъқибшуда дар саросари ҷаҳон омӯзад, вақт ҷудо мекунед.

Ба ҷои қиссаи охирин мехоҳам ба шумо як аксро мегузорам.



Ҳар дафъа ба ин акс нигоҳ кардан бароям хеле душвор аст. Ман ин аксро дар Индонезия соли 2003 гирифта будам. Ин қабр аст. Қабри холӣ.

Ман ва ҳамкасбонам дар ҷазираи Халмахера дар шарқи Индонезия, дар минтақае бо номи Молукка будем, ки чанд сол пеш аз сафари мо масеҳиён таҳти таъқиби шадид қарор доштанд. Аввалин одамоне ки масеҳиятро ба ҷазира оварданд, оилаи миссионерҳо аз Ҳолланд буданд, ки дар солҳои 1860 ба Ҳалмахера омада буданд.

Ман дар бораи ин оила қариб чизе намедонам, ба ғайр аз он, ки онҳо барои овардани Инҷил ба ин ҷазира омадаанд, мурданд ва дар он ҷо дафн шуданд, дар паҳлӯи хонае, ки онҳо дар теппае, ки ба кӯли зебои оби муссафо менигарад, сохтанд. Ман намедонам, ки онҳо ба кадом мазҳаби масеҳиён тааллуқ доштанд, чанд фарзанд доштанд ва то ба абадият гузаштанашон чанд вақт дар он ҷо зиндагӣ карданд. Ман намедонам, ки оё онҳо шоҳиди он буданд, ки аҳли ҷазира ба таври оммавӣ ба Масеҳ имон оварданд ё онҳо танҳо барои имон овардани як ё ду нафар солҳо заҳмат кашиданд; ё шояд онҳо ҳеҷ гоҳ як нафареро ҳам надиданд, ки ба Масеҳ имон оварда бошад.

Ман танҳо медонам, ки ин ҷуфт дар ин ҷазира зиндагӣ мекарданд, ба Худо хизмат мекарданд ва мурданд. Ва онҳо дар ин қабр ба хок супурда шуданд.

Шояд дар ин акс дидан душвор бошад, аммо қабри онҳо ҳоло холӣ аст. Дар гӯре, ки ин мубаллиғонро дафн кардаанд, устухоне нест.

Чанд сол пеш аз омадани мо ба ин ҷо, ифротгароёни исломӣ ба Ҳалмаҳера ҳуҷум карданд. Дастаи мо якчанд калисоҳои сӯхтаро дид. Мо бо масеҳиёне вохӯрдем, ки мавриди ҳамла қарор гирифтанд, маҷрӯҳ шуданд ва шоҳиди куштори ваҳшиёнаи оилаҳои худ гардиданд. Аммо ифротгароёни исломӣ на танҳо ба калисоҳо, хонаҳои масеҳиён ва худи масеҳиён ҳамла карданд. Бо хашму ғазаби оташинашон онҳо бо ҳамла ба калисои имрӯза қаноат накарданд.

Тӯдаи одамони хашмгин аз ин қабри беш аз садсола чунон ба ғазаб омад, ки устухонҳои ҷуфти миссионери ҳолландиро кофта, сӯзонданд. Онҳо гулхан афрӯхтанд, то устухонҳои онҳоро сӯзонанд ва аз ин сарзамини «мусулмонӣ» ҳама осори дини масеҳӣ, ҳатто «пайдоиши он» ва аввалин далели масеҳиятро, ки дар ҷазира вуҷуд дош, несту нобуд кунанд.

Ман дар бораи ин оила қариб чизе намедонам. Аммо ман як чизро медонам, ки ин ҷуфти ҳолландӣ мероси аҷиби рӯҳониро боқӣ гузоштанд.

Мероси рӯҳонии ин муболлиғон чунон бузург буд, ки бо гузашти беш аз як асри маргашон, хидмати онҳо ҳанӯз ҳам душманро ба ғазаб андохта буд. Душман ба хашм омада буд, ки онҳо ҷуръат карданд, ки ба қаламрави ӯ ворид шаванд ва дар он ҷо парчами Инҷилро шинонанд. Ӯ то ҳол барои ҳар як метри гумшудаи замин, ҳар рӯҳи гумшудае, ки ҳоло дар осмон абадӣ хоҳад монд, хашмгин аст. Чӣ тавр онҳо ҷуръат мекунанд! Зиёда аз сад сол пас аз марги онҳо мардум ба мо ҷойеро, ки замоне устухонҳои ин фарзандони шуҷои Худо дафн шуда буданд, нишон дода гуфтанд: «Онҳо масеҳӣ буданд!»

Хонандаи азиз, агар бо гузашти сад сол аз марги шумо шайтон ҳанӯз ҳам аз тарзи зиндагии шумо ва шоҳиди оташини Масеҳ буданатон хашмгин бошад, ин нишонаи шарафи баланд ва мероси аҷиби рӯҳонӣ аст! Дар давоми сафари якҷояи чилрӯзаи мо, ману шумо бо чунин одамон бисёр вохӯрдем — одамоне, ки ҳаёт ва шаҳодати масеҳии онҳо барои муддати тӯлонӣ шайтонро хашмгин хоҳад кард.

Ва акнун, рӯз ба рӯз, моҳ ба моҳ, то ҷое, ки Худованд иҷозат медиҳад, мо бояд қарор диҳем, ки ҳамон гуна одамон бошем ва ҳамон гуна тарзи ҳаётро барои Ӯ бо имони дилпурона дар хизмати Подшоҳии Ӯ ба сар барем.

## БАРОИ МУЛОҲИЗА

Шумо мероси рӯҳонии худро чӣ гуна дидан мехоҳед? Оё шумо мехоҳед, ки он пас аз марг ва дар осмон бо Худо пайваст шуданатон муддати тӯлоние шайтонро ба хашм орад? Дар дафтари шахсии худ дар бораи меросе, ки мехоҳед дар ин ҷо дар

рӯи замин бимонед, нависед. Имрӯз шумо чӣ кор хоҳед кард, то мероси рӯҳониеро, ки пас аз худ гузоштаниед, афзун кунед?

## Дуо

«Худованд Исо, ба ман қувват деҳ, то барои Ту чунон далерона зиндагӣ кунам, ки ҳаёти ман дар тӯли солҳои зиёд дар ин ҷо дар рӯи замин ва инчунин дар абадият ба воситаи одамоне, ки Ту ба воситаи ман ламс мекунӣ, нишони муҳиме гузорад. Ёрӣ деҳ, ки ман ҳар рӯз, дар ҳар амалу рафтори худ ва дар ҳар сухани худ мероси худро ҳангоми нишон додани Ту ва муҳаббати Ту ба атрофиёнам таъсис диҳам. Омин».

## *Барои қайди дафтари шахсии шумо*

## *Аз дафтари шахсии ман*

Ҳамлагарон аз Лашкар Ҷиҳод (тарҷума аз индонезӣ «Ҷанговарони Ҷиҳод» ҳамлагарони исломии зиддимасеҳии индонезиягӣ бо роҳбарии Ҷафар Умар Толиб, ки айни ҳол вайрону пароканда ҳисобида мешавад) — ҳам аз баҳр ва ҳам аз ҷангал омадаанд, то ки сокинони деҳа ҷои гурехтан надошта бошанд. Дар яке аз аксҳое, ки мо гирифтем, ҳудуди бист нафаре ҳаст, ки хешовандони наздикашон бар асари ин ҳамлаи ваҳшиёна ба ҳалокат расидаанд.

Ман дар ин сафар китоби Румиёнро мехонам ва яке аз оятҳое, ки имрӯз хондам ин буд:

«Аввалан Худоро ба воситаи Исои Масеҳ барои ҳамаи шумо шукргузорӣ менамоям, чунки иматон дар тамоми ҷаҳон машҳур гардидааст» (Рум. 1:8).

Ин як ояти аҷибест, ки моҳияти хизмати «Садои Уқубаткашон»-ро ба таври комил ҷамъбаст мекунад: мо имони фарзандони таъқибшудаи Худоро дар тамоми ҷаҳон эълон мекунем.

# ҚАДРДОНИҲО

Он ки шумо ин китобро дар даст доред, амалӣ шудани орзуи деринаи ман аст. Ва ман хуб медонам, ки орзуҳо бе кӯмаки беруна амалӣ намегарданд!

Пеш аз ҳама, ман ба масеҳиёни таъқибшуда, ки дар давоми бисту се соли охир вохӯрдам ва мусоҳиба кардаам, миннатдории худро баён менамоям. Аксар вақт он чизе, ки ман кӯшиш мекунам бо онҳо сӯҳбат кунам, яке аз таҷрибаҳои дардноктарин ва душвортарини ҳаёти онҳост. Бо вуҷуди ин, онҳо бо камоли майл аз саргузашти худ нақл карданд, иҷозат доданд, ки савол диҳам ва шаҳодатҳои гаронбаҳояшонро ба ман бовар карданд. Барои ман чунин сӯҳбатҳо бо онҳо шарафи бузург аст. Ташаккур ба бародарону хоҳарон. Умедворам, ки ман шаҳодатҳои шуморо ба таври кофӣ расонидам.

Ҳамсарам Шарлотта ҳар дафъа маро ба Худо супорида, ба сафар ба тамоми гӯшаву канори ҷаҳон мефиристод ва гоҳе худаш ҳам ҳамроҳи ман ба вохӯрӣ бо қаҳрамонони имон, ки «Садои Уқубаткашон» ба онҳо хизмат мекунад, мерафт. Вай шарики ҳаёт ва хидмати ман ва дӯсти беҳтарини ман аст. Дигар касе нест, ки ҳамроҳаш бо камоли майл ба сафар равам ё наздаш ба хона баргардам!

Писарони мо Камерон ва Кедрик барои ман дуо мекарданд, модарашонро дар набудани ман ғамхорӣ мекарданд ва пас аз бозгашт аз ҳар сафар (баъзан ҳатто бо хоҳиши худ!) қиссаҳоеро, ки ман мегуфтам, босаброна гӯш мекарданд. Ҳоло онҳо ҷавонмардон, сарвари оилаҳои худ ҳастанд ва вазифаву ма-

съулиятҳои худро доранд. Ман миннатдорам, ки ҳаёти онҳо шаҳодат медиҳад, ки онҳо Исоро дӯст медоранд! Даниела ва Лаура, келинҳои мо, духтарони мо шуданд. Мо ниҳоят пас аз чандин солҳо соҳиби ду духтар шудем! Писарони мо интихоби хеле хуб карданд ва мо ҳарду духтарамонро дӯст медорем!

Волидони ман Фил ва Люсил Неттлтон ба ман ҳаёти ба Масеҳ ва Бадани Ӯ бахшидашударо нишон доданд. Ман қадами аввалини худро дар самти хизмат дар «Садои Уқубаткашон» он рӯз дар соли 1982-юм мешуморам вақте, ки оилаи мо Иёлоти Муттаҳидаи Америкоро тарк карданд, то ки дар Папуа Гвинеяи Нав хизмат кунанд. Аз он вақт инҷониб падару модарам дар ҷойҳои гуногун, дар нақшҳои гуногун хизмат кардаанд ва дар ҳавопаймоҳои зиёд парвоз кардаанд! Муҳаббати онҳо ба Худо ва садоқати онҳо дар хизмат ба Ӯ ва дигарон маро дар ҳар марҳилаи ҳаётам рӯҳбаланд мекунанд.

Солҳои зиёд мехостам ин китобро нависам, аммо муддати хеле дароз аслан натавонистам худро ҷамъ карда, қалам ба даст гирам. Вақте ки ман аз дӯсти худ ва ҳамкори собиқи худ доктор Сид Уэбб хоҳиш кардам, ки дар ин масъала ёрдамчии ман шавад, вазъият дигар шуд. Ӯ меҳрубонона маро маҷбур кард, ки ин корро ба ӯҳда гирам; бе кӯмаки ӯ ин китоб дар хаёли ман мебуд, на дар дасти шумо. Ташаккур ба шумо доктор Сид!

Ман аз меҳру муҳаббат ва дастгирии дӯстону ҳамкоронам дар «Садои Уқубаткашон» миннатдорам:

Коул Ричардс — раҳбари ман, президенти кунунии «Садои Уқубаткашон» — ҳамеша аз ин китоб ва Радиои «Садои Уқубаткашон» ҳимоят ва маро дастгирӣ мекард. Ман барои роҳнамоии ӯ миннатдорам.

Ман аз Ҷим Доу, собиқ президенти «Садои Уқубаткашон», ки ба лоиҳаи Радиои «Садои Уқубаткашон» иҷозат дод, самимона миннатдорам. Ҷим аз аввалин пахши барнома ба барнома бовар кард ва онро (ва маро) ҳам бо сухан ва ҳам бо маблағҳои буҷавӣ дастгирӣ кард. Ташаккур Ҷим.

Крис Робинетт дар робита бо нашриёти Moody Publishers кӯмак кард ва инчунин нашри китобро зери назорат нигоҳ дошт ва ба ман имкон дод, ки тамоми диққатро ба беҳтар кардани тарзи баёни шаҳодатҳои масеҳиёни таъқибшуда равона кунам.

Шерил Одден чандин сол пеш маро даъват карда буд, ки ба қатори ходими масеҳиёни таъқибшуда ҳамроҳ шавам ва маро ба «Садои Уқубаткашон» ба кор қабул кард ва ҳамин тавр ҷараёни зиндагии маро тағйир дод. Вай ва Дэвид Роббинс дар ғанӣ гардонидани матн бо иқтибосҳои Навиштаҷот, навиштани порчаҳо барои мулоҳиза ва такмил додани матни ин китоб кӯмаки калон расониданд. Ман барои саҳми онҳо хеле миннатдорам.

Кормандони Хадамоти Байналмиллалии «Садои Уқубаткашон» — боварӣ дорам, ки агар номи онҳоро ошкор кунам, онҳо эътироз хоҳанд кард — шарикони хуби хидматӣ ва ходимони оличаноб мебошанд, ки ба аъзоёни таъқибшавандаи оилаи масеҳии мо кӯмак мекунанд. Қариб дар ҳар як сафаре, ки шумо дар ин китоб мехонед, аъзоёни ин шӯъба ҳамсафари ман буданд. Онҳо ҷузъиёти сафарро кор карда баромада, маслиҳат медоданд, ки бо кӣ сӯҳбат кардан лозим аст, тарҷумонҳоро ҷустуҷӯй мекарданд, дар бораи вазъият маълумоти иловагӣ медоданд, маро (қариб ҳамеша!) аз душворӣ наҷот медоданд ва ҳамеша ба осон шудани корам ёрӣ мерасонданд. Ман аз фурсати саёҳат бо онҳо баҳра гирифтам ва хурсанд шудам, ки онҳоро ҳамчун ҳамкорон, бародарон, хоҳарон ва дӯстонам мешиносам.

Тим, Оливия ва Хю дар раванди истеҳсоли Радиои «Садои Уқубаткашон» нақшҳои калидӣ мебозанд. Ҷереми Бертон бо садои карнаю сурнай дар бораи ман ва китоби нави ман ба ҳама эълон мекард. Ҷон Уилк публисисти ман буд ва дарҳоро барои ман боз кард, то ки тавассути расонаҳои гуногун, бо даҳҳо ҳазор нафар алоқа кунам. Роҷер Кемп ва дастаи ӯ дар RK Media (ман онҳоро Идораи Соҳили Ғарбии «Садои Уқубаткашон» меномам) дастрасии Радиои «Садои Уқубаткашон»-ро

васеътар гардониданд ва аз ин рӯ, шаҳодоти аъзои таъқибшудаи оилаи масеҳии моро ба доираи васеи одамон дастрас карданд.

Ман аз ҳар як узви хонаводаи «Садои Уқубаткашон» миннатдорам ва мехостам ҳар якеро номбар кунам, аммо мутаассифона ин имкон надорад. Онҳо барои ҳар як барномаи ҳарҳафтаинаи радио мавод пешниҳод мекунанд, шаҳодати масеҳиёни таъқибшударо дар бюллетени ҳармоҳаи «Садои Уқубаткашон» ҷойгир мекунанд (маколаҳо менависанд, аксҳоро таҳрир мекунанд, тарҳҳо месозанд), онҳоро дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва конфронсҳои «Садои Уқубаткашон» мегузоранд, кӯмакҳои башардӯстона ба тамоми ҷаҳон мефиристанд, чиптаҳои ҳавопаймо пайдо мекунанд, барои раванди хайрияҳо ҷавобгаранд, компютерҳои моро дар бехатарӣ нигоҳ медоранд, барои пардохти ҳисобҳои мо ва дар ҳолати хуб нигоҳ доштани бинои миссияамон масъуланд. Ман фахр мекунам, ки бо ин бародарону хоҳарон, ки Исоро дӯст медоранд ва ба Бадани таъқибшудаи Ӯ содиқона хизмат мекунанд, хизмат мекунам.

Бо дастаи Moody Publishers низ кор кардан хушнудӣ буд. Эми Симпсон ба зудӣ диди маро дар бораи ин китоб фаҳмид; Маҳз вай кори душвори интиқоли ин китобро аз компютери ман ба дасти шумо иҷро кард. Доктор Кевин Эммерт дастнависи маро таҳрир ва сайқал дода, ҳар як ҳикояро равшантар ва равшантар мегардонад. Ва дастаи таррохӣ як муқоваи аҷиберо офаридааст, ки мавзӯи саёҳатро хеле зебо баён мекунад ва тарҳи дохилии саҳифаҳо аз ҳама интизориҳои ман беҳтар буд. Ташаккур ба ҳар як аъзои дастаи Moody Publishers!

Ниҳоят, хонандаи азизам ташаккур ба шумо! Умед дорам, ки пас аз чил рӯзи мулоқот бо аъзоёни оилаи таъқибшавандаи мо, имони шумо дар рӯзи 41 дигар шуд. Новобаста аз нарх ва қурбоние, ки аз мо талаб карда мешавад, Исо сазовор аст!

Маҳз барои бародарону хоҳарони масеҳии таъқибшавандаи шумо, Дастури ройгони ҷаҳонии дуоро имрӯз дар сайти persecution.com/prayer дархост намоед.

# МУНДАРИЧА


РӮЗИ САФАР: Тафтиши рӯйхати чизҳои лозимӣ пеш аз парвоз...... 9
РӮЗИ 1-УМ: Берун аз идораи мо........ 17
РӮЗИ 2-ЮМ: «Ман пештар ӯро латукӯб мекардам»........ 23
РӮЗИ 3-ЮМ: «Мо ба ҳеҷ чиз мӯҳтоҷ нестем»........ 29
РӮЗИ 4-УМ: «Ҳатто дар ҳамом ғарқ шуда метавонам»........ 35
РӮЗИ 5-УМ: «Кадомаш бадтар аст?»........ 41
РӮЗИ 6-УМ: «Он умед ба ман қувват мебахшид»........ 49
РӮЗИ 7-УМ: Оташи рақобатпазирӣ — қисми 1........ 55
РӮЗИ 8-УМ: «Вақти ширинтарини ҳаётам»........ 61
РӮЗИ 9-УМ: Таъқибот — як қисми ҷудонашавандаи ҳаёти масеҳӣ аст........ 69
РӮЗИ 10-УМ: «Мо бисёр дуо кардем...»........ 75
РӮЗИ 11-УМ: Тарс дар Эритрея........ 83
РӮЗИ 12-УМ: «Агар Худо моро истифода бурда тавонад»........ 89
РӮЗИ 13-УМ: Нишонаҳои муқаддасият........ 95
РӮЗИ 14-УМ: Сӯрохиҳои тир дар палто........ 103
РӮЗИ 15-УМ: Шаҳодатҳо дар замин........ 109
РӮЗИ 16-УМ: «Он вақти олидараҷа буд»........ 115
РӮЗИ 17-УМ: «Акнун Ӯ Худоро бисёртар дӯст медорад»........ 121
РӮЗИ 18-УМ: Шодмонӣ аз нақшаи Худо........ 129
РӮЗИ 19-УМ: Китоби Муқаддаси зиндонӣ........ 135
РӮЗИ 20-УМ: «Мо ҳама медонем»........ 141

РӮЗИ 21-УМ: Ду маротиба зиёдтар — қисми 1 . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 149
РӮЗИ 22-УМ: Ду маротиба зиёдтар — қисми 2 . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 155
РӮЗИ 23-УМ: Ду маротиба зиёдтар — қисми 3 . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 161
РӮЗИ 24-УМ: Ду маротиба зиёдтар — қисми 4 . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 169
РӮЗИ 25-УМ: Ду маротиба зиёдтар — қисми 5 . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 175
РӮЗИ 26-УМ: «Агар тамоми ҷаҳон бовар мекард» . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 181
РӮЗИ 27-УМ: Мавъизаи рӯзи ҷаноза . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 187
РӮЗИ 28-УМ: «Онро барои қоғази ташноб истифода бар» . . . . . . . . . . . 193
РӮЗИ 29-УМ: «Мавъизаи Инҷилро ҳеҷ кас манъ карда наметавонад» . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 199
РӮЗИ 30-ЮМ: «Бо қадамҳои фиристодагон» . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 205
РӮЗИ 31-УМ: «Ман ба шумо оромӣ мебахшам» . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 211
РӮЗИ 32-ЮМ: Исбот кунед, ки масеҳӣ ҳастед . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 217
РӮЗИ 33-ЮМ: «Ҳатто Қуръон мегӯяд, ки Исо меояд» . . . . . . . . . . . . . . . 223
РӮЗИ 34-УМ: Дастони азиятдида — қисми 1 . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 229
РӮЗИ 35-УМ: Дастони азиятдида — қисми 2 . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 235
РӮЗИ 36-УМ: Як мавъиза дар Лаос . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 241
РӮЗИ 37-УМ: «Мо ӯро сахт пазмон шудем» . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 249
РӮЗИ 38-УМ: Шабгузаронӣ дар қабристон . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 255
РӮЗИ 39-УМ: Дуо дар ҳаққи озордиҳандаи худ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 261
РӮЗИ 40-УМ: Мероси рӯҳонӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 267
ҚАДРДОНИҲО . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 273

# САФАР БА ВОХӮРӢ БО МАСЕҲИЁНИ ТАЪҚИБШАВАНДА

Дар давоми 20 сол Тодд Неттлтон (баррондаи «Радиои “Садои уқубаткашон”», VOMradio.net) ба дуньё сафар карда аз садҳо масеҳиён мусоҳиба мегирад, ки барои номи Исо таъқиб мешаванд. Акнун ӯ шуморо даъват мекунад якҷоя бо ӯ имондорони далер вохӯред, ки имонашон шуморо рӯҳбаланд мекунад то ки Шумо боз ҳам бисъёртар ба Масеҳ бахшида шавед.

Онҳо номи Наҷотдиҳандаи худро ҳимоя мекарданд новобаста ба нарх. Ҳикояҳои онҳо метавонад моро дилгарм кунад ки мо ҳам хамин тавр рафтор кунем.